9(584)
Н58
ЦЕНА:

# Низомулмулк



# Сиёсатнома

9(584)
Н58

НИЗОМУЛМУЛК

# Сиёсатнома

476258

КИТОБХОНАИ
Академияи Фанҳои РСС Тоҷикистон
БИБЛИОТЕКА
Академии Наук
Таджикской ССР

ДУШАНБЕ
«АДИБ»
1989

ББК 84(0)9
Н 58

Ба чоп тайёркунанда *А. Девонақулов*
Муҳаррир *А. Султонова*

**Низомулмулк**

Н 58 Сиёсатнома (Ба чоп тайёркунанда А. Девонақулов). Муҳ. Султонова.— Душанбе: Адиб, 1989 — 200 с.

«Сиёсатнома»-и Низомулмулки Тӯсӣ яке аз асарҳои намоёни насрии асри XI-и форс-тоҷик буда, аҳамияти таърихӣ-этнографӣ дорад ва дар омӯхтани баъзе хусусиятҳои забони адабӣ ва фольклори асри муаллиф кӯмак мерасонад.

**Низомулмулк**

Сиёсатнаме

«Сиёсатнаме» Низомулмулка является одним из крупных прозаических произведений таджикского и персидского фольклора XI века, имеет историко-этнографическое значение и помогает изучению некоторых особенностей литературного языка и народного творчества века, в котором жил автор.

Н $\frac{4702540101-321}{М 503(12)-89}$ 87—89 **ББК 84(0)9**

© Нашриёти «Адиб», 1989

## НИЗОМУЛМУЛКИ ТӮСӢ ВА «СИЁСАТНОМА»-и Ӯ

Абӯалӣ Ҳасан ибни Алии Тӯсӣ машҳур ба Низомулмулк шахсест, ки дар ҳаёти сиёсӣ, адабӣ ва маданиии халқҳои тоҷику форс бо эҷод намудани «Сиёсатнома» мавқеи босазое ишғол намудааст.

Бобои Низомулмулк деҳқони бонуфузи деҳаи Байҳақ буда, чор нафар фарзанд доштааст. Пас аз марги падар писари калонӣ, Абулҳасан Алӣ, ба хидмати Абулфазл, ки яке аз гумоштаҳои Ғазнавиён дар Хуросон буд, дохил мешавад. Дар хонаводаи ӯ соли 408 ҳ. (1018 м.) дар деҳаи Навғони вилояти Родкони Тӯс Абӯалӣ Ҳасан таваллуд ёфт. Давраи кӯдакӣ ва айёми таҳсили ибтидоиро Абӯалӣ дар зодгоҳаш гузаронида, баъдтар дар Нишопуру Марв таҳсили илм менамояд ва пас ба Балх омада ба хидмати Алӣ ибни Шодон дохил мешавад. Дертар Низомулмулк дабири Довуд ибни Микоил шуда, хидмат мекунад. Довуд аз заковату идроки вай бохабар шуда, дар васиятномаи ба фарзандаш навишта тавсия мекунад, ки ӯ Абӯалӣ Ҳасанро ба вазорат наздик кунад. Низомулмулк дар навбати аввал ба вазифаи дабирӣ ва баъдтар ҳамчун вазири кордону бомаҳорат соҳиби ҳурмату эътибори шоҳи сулолаи Салҷуқиён (1037—1193) Алпарслон мешавад, ки дар натиҷа корҳои асосии идора кардани давлат қариб пурра ба зиммаи ӯ меафтад. Вале тири ҳасудону ҷоҳталабони дарбор бедарак намерафт. Алпарслон гоҳ-гоҳ бо баҳонае норозигии худро зоҳир менамуд. Аз чунин ҳол Низомулмулк хуб бохабар буда, ҳамеша дар биму ҳарос ҳаёт ба сар мебурд. Ин бими ӯро воқеаи дигаре боз ҳам шиддатноктар менамуд, ки Алпарслони ҳанафимазҳаб баъзан афсӯс мехӯрд: « — Эй дареғо, агар вазири ман шофеимазҳаб набудӣ?» Аз чунин ҳиссиёти шоҳ дар биму ҳарос афтодани худро Низомулмулк дар «Сиёсатнома» ба тарзи зайл меоварад:

«...Ва сахт бо сиёсат ва ҳайбат буд ва ман бад-он сабаб, ки ӯ (Алпарслон—*А. Д.*) дар мазҳаби хеш чунин ба ҷидду мӯътақид буд ва мазҳаби шофеӣ ба айб медошт, ҳамвора аз ӯ андешанок ва тарсон будаме».

Муаллиф дар ҳикояе бо расули ҳокими Самарқанд вохӯрданашро тасвир намуда менависад; «Ӯро (Алпарслон — А. Д.) аз

мазҳаби ман наиг меоянд ва ба ҳар вақт маро сарзаниш мекунад. Агар ҳечгуна бишнавад, ки бар банда рақами рофизӣ кашидаанд ва пеши хоқони Самарқанд (Шамсулмулк — А. Д.) чунин гуфтаанд, маро ба ҷон зинҳор надиҳад».

Чунин ба назар мерасад аҳволи вазире, ки ба таъбири А. Крымский дар назди хонадони Салҷуқиён чунин хидмат дошт:

«Бо шарофати Низомулмулк, аз як тараф, давлати дар натиҷаи задухӯрди байниҳамдигарӣ ва тохтутози зиёди сулолаи Салҷуқиён хароб ва бесарусомон гашта каму беш ба тартиб оварда шуда бошад, аз тарафи дигар, иктисодиёти давлат ба по гузошта мешавад»[1].

Пас аз нӯҳ соли ҳукмронӣ, яъне дар соли 1072 Алпарслон ба қатл расонда мешавад. Ҳокимият ба ихтиёри фарзандаш — Маликшоҳ (1072—1092) мегузарад. Низомулмулк дар тарбияи ин шоҳи салҷуқӣ ва равнақи сиёсату давлатдории ӯ хизмати зиёде кардааст. Вале дар ҳаёти ин давраи Низомулмулк воқеае рӯй дод, ки он минбаъд барои тағйири ҷараёни зиндагии донишманд сабаб гардид. Ба дарбори Маликшоҳ яке аз шахсони донишманду бомаърифати замон Ҳасани Саббоҳ, ки гӯё дӯсти давраи бачагии Низомулмулк будааст, ҷалб карда мешавад. Вале дере нагузашта дар байни Низомулмулку Ҳасани Саббоҳ зиддияте ба вуқӯъ меояд. Он гоҳ Низомулмулк ӯро бо баҳонае аз дарбор дур мекунад. Ҳасани Саббоҳ баъди ин воқеа роҳи Мисрро пеш гирифта, пас аз чанд соли таҳсил бармегардад ва қалъаи Аламутро, ки дар наздикии шаҳри Қазвин аст, ишғол намуда, ба тарғиби мазҳаби исмоилия мепардозад. Албатта, Ҳасани Саббоҳ воқеаи ранҷонда шудани худро ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекард. Бинобар ин фурсати мувофиқеро интизор буд, ки аз шоҳу Низомулмулк ниқор ситонад. Ғайр аз ин масъалаи вароисати шоҳӣ ва бар тахт шинондани яке аз авлодони Маликшоҳ ба миён меояд. Низомулмулк барои ба тахт шинондани писари калонии Маликшоҳ — Барқаёриқ майл дошт, ки ин ба табъи зани Маликшоҳ — Турконхотун намефорид.

Турконхотун аслан зани бадахлоқе буда, дар нобуд сохтани беҳтарин арбобони давлатӣ ва одамони пешқадами давр таҷрибаи зиёде дошт:

«Ва аҷаб дар он аст,— мегӯяд Забеҳулло Сафо,— ки ин пири зол (Турконхотун — А. Д.) барои худ маҷолиси ишрату нишот дошт ва дар он маҷлис ба фасод саргарм буд ва бар дасти ҳамин зан бедодгариҳои аҷиб мерафт»[2].

---

[1] А. Крымский. История персии, её лит... Москва, 1909, стр. 180.

[2] Забеҳулло Зебо. Таърихи адабиёт дар Эрон, ҷ. II, Теҳрон, 1339 х. саҳ. 122.

Нуфузи ин зан дар идора кардани давлати салҷуқӣ камтар аз шоҳ набуд. Бинобар ин Низомулмулк ғайри Ҳасани Саббоҳ душмани ашаддии дигар, яъне Турконхотунро пайдо намуд, ки ин ҳаёти ӯро дар хатар нагузошта намемонд. Турконхотун аз паи он мешавад, ки байни Маликшоҳ ва Низомулмулк низоъ хезонда, ӯро аз вазирӣ барканор кунад. Ба амалӣ шудани чунин мақсади Турконхотун бештар Тоҷулмулк Абулғаноими Қумӣ (соли 1093 ба қатл расонда шудааст) ёрдам мерасонад. Дар натиҷа «вазири кордону лоиқе чун Низомулмулк, ки умури мамлакати васеи салҷуқиро идора мекард ва созмоне, ки ӯ барои ҳукумати салҷуқӣ тартиб дода, салтанати ононро аз ҳоли силтаи як қавми ваҳшии биёбонгард берун овард ва ташкилоти муназзам бад-он бахшид»[1],— аз дасти зани бадахлоқи шоҳ ба воситаи истифодаи кинаи деринаи Ҳасани Саббоҳ 14 октябри соли 1092 дар вақти сафари Бағдод дар наздикии шаҳри Наҳованд бо теғи қотил — Абӯтоҳир кушта мешавад.

* * *

Маликшоҳ дар солҳои охири ҳукмрониаш ба фозилону донишмандони дарбор мефармояд, ки дар бораи тартиб, тарз, қоида ва қонунҳои асосии давлатдорӣ рисолае тартиб диҳанд, то ки дар он таърихи мулуки гузашта ва ходисаҳои гуногуни рӯзгор нақл ёбанд. Гузашта аз ин, ҳамчун дастуруламали муайяни идора кардани давлат қобили истифода бошад. Низомулмулки Тӯсӣ низ ба ҳамин муносибат ба кор шурӯъ менамояду дар соли 484 ҳ. (1091—92 м.) асаре дар ҳаҷми 39 фасл навишта ба ҳузури шоҳ меоварад. Ин таълифот яке аз асарҳои беҳтарин дониста шуда, мақбули Маликшоҳ мегардад. Пас, муаллиф якчанд бобҳои[2] дигар ҳамроҳ намуда, асарро такмил медиҳад. Мувофиқи баъзе маълумотҳо гӯё муаллиф понздаҳ боби нав илова карда бошад, вале миқдори фаслҳои то ба мо расидаи китоб нишон медиҳад, ки танҳо ёздаҳ боб илова шудааст. Вай соли 485 ҳ. (1092 м.) барои тозанавис кардан, нусхаи комили «Сиёсатнома»-ро ба котиби махсуси дарбор—Муҳаммади Мағрибӣ супорида, худ роҳи Бағдодро пеш мегирад. Вале баъди воқеаи ба қатл расонда шудани Низомулмулк ва ногаҳон нобуд шудани Маликшоҳ та-

---

[1] Забеҳулло Сафо. Ҳамон асар, саҳ. 11.

[2] Доир ба мансубияти бобҳои иловашуда дар адабиётшиносӣ фикру ақидаҳои мухталифе изҳор карда шудаанд. Профессор Б. Заходер дуруст қайд мекунад, ки вазифаи равшан кардани масъалаи бобҳои иловашуда ва бархам додани шубҳаҳои мавҷуда ба зиммаи шахсе, ки матни интиқодии «Сиёсатнома»-ро тайёр мекунад, меафтад.

лоши тоҷу тахт дар байни авлодони сулолаи салҷӯқӣ авҷ гирифта, дар кори давлатдорӣ бетартибии зиёд ба амал меояд. Бинобар ин, Муҳаммади Мағрибӣ танҳо дар соли 489 ҳ. (1105 м.), яъне дар давраи ҳукмронии Ғиёсиддини Муҳаммад (489—511 ҳ./ 1105—1118 м.) имконияти тозанавис кардани китобро пайдо менамояд.

Муҳаққиқони «Сиёсатнома» чунин мешуморанд, ки ин асар дастуруламали сиёсии хонадони Салҷуқиён мебошад. Дарвоқеъ, Низомулмулки зираку ботадбир мефаҳмид, ки худсарӣ, беадолатӣ ва зулму ситами ҳокимони азхудрафтаи Салҷуқиён пояи ҳукмронии онҳоро суст менамуд. Бинобар ҳамин ҳам вай чунин дастуруламалеро пешниҳод мекунад, ки ғояи асосии он иборат аз барқарор намудани адлу адолат, ҷорӣ кардани тарзи оқилонаи давлатдорӣ, поквиҷдону порсо будани арбобони давлатӣ, аз паи ободонии кишвару осоиштагии раият шудани шахсони масъул мебошад. Муаллиф барои водор кардани арбобони давлатӣ бар андешаҳои олии инсондӯстиаш ду омилро бомуваффақият истифода мебарад:

Пеш аз ҳама донишмандию ботаҷрибагии худро ба кор андохта, ҳар як мутолиакунандаи асарашро асири афкори талқин намудааш менамояд. Дигар, аз осори илмӣ, тарбиявӣ-ахлоқӣ ва эҷодиёти даҳонии халқ мукаммал баҳраманд мегардад. Масалан, Низомулмулк тавсия мекунад, ки ба тариқи зерин бояд ҳукуматдорӣ намуд:

«Омили шаҳри Ҳамс ба Умари Абдулазиз набишт, ки девори шаҳри Ҳамс хароб шудааст, онро иморат бояд кардан. Ҷавоб набишт, ки баҳри шаҳри Ҳамс аз адл девор бояд кард. Роҳҳо аз зулму хавф пок кун, ки ҳоҷат нест ба гилу хишт ва сангу гаҷ».

Чунин фикри Низомулмулк ҷолиби диққат аст, ки адолат натанҳо дар доду диҳиш, гӯш ба нолишу фарьёди бечорагон ниҳодан, мададгори заифон будан, ҳуқуқи инсонро поймол накардан ва ғайра зоҳир мегардад, балки пеш аз ҳама ҳар як амалдор кори бомашварат бикунад: «Ва машварат накардан дар корҳо аз заифии раъй бошад ва чунин касеро худком хонанд ва чунон ки ҳеҷ кор бе мардум натавон кард, ҳамчунин ҳеҷ шуғле бемашварат некӯ наёяд».

Ё худ ба моҳияти амалии машварат ишора намуда менависад: «Ва доноён гуфтаанд, ки тадбири яктана чун зӯри якмарда бошад ва тадбири дутана чун зӯри думарда аз тадбири даҳтана чун зӯри даҳмарда ва ҳар чӣ бештар — қавитар».

Дар «Сиёсатнома» чунин афкори муаллиф сабт мегардад, ки бештар кору кирдори вазири оқил ва хислатҳои наҷиби он мавриди тасвир гардад, то ки майлу рағбати шоҳонро ба вазирон

ҷалб намояд. Дар ҳар мавриД шоҳ бо салоҳу маслиҳати вазир кор кунад. Баробари ин Низомулмулк дар бисьёр масъалаҳои идора кардани давлат фаъолияти шахсӣ доштану истиқлолияти фикрӣ варзидани шоҳро дархост менамояд. Вай ҳамчун шахси бомаърифату донишманди давр мушоҳида мекард, ки вазирону амалдорони ин ё он дарбор бо толону тороҷ кардани халқ, бо фисқу фуҷури дилбеҳузуркунанда овора буда, зулму ситамро сарвари амалиёти худ қарор дода буданд. Пас, Низомулмулк дар чунин мавриД маҷбур мешавад, ки бо фаъолияти шахсии шоҳ, бо тадбирҳои оқилонаи ӯ мардумро аз гирифторӣ наҷот диҳад. Масалан, чунин меоварад: «Чора набошад подшоҳро аз он ки дар ҳафтае ду рӯз ба мазолим бинишинаду дод аз бедодгар биситонаду инсоф бидиҳад ва сухани раият бишунавад бевосита ва чанд қисса, ки муҳимтар бувад, бояд ки арза кунад ва дар ҳар як мисоле диҳад. Чун ин хабар дар мамлакат пароканда шавад, ки худованд мутазаллимону додхоҳонро пеш мехонаду дар ҳафтае ду рӯз сухани эшон мешунавад ва золимонро шикаста медорад, дастҳои эшон кӯтоҳ шавад ва кас наёрад бедодӣ кардан аз бими уқубати он».

Дар корҳои идораи давлат Низомулмулк асосан тарафдори тарзи давлатдории сулолаи Сомониён (875—999) ва то дараҷае Ғазнавиён (962—1186 м.) буд, зеро ба ақидаи ӯ он тартибот аз санҷиши рӯзгор гузаштааст. Бинобар ҳамин ҳам як силсила ҳикоёти Низомулмулк ба фаъолияти шоҳони ин ду сулола бахшида шудааст. Дар ин гуна ҳикояҳо он шоҳон ҳамчун шахсони одилу ботадбир, кордону донишманд тасвир мееёбанд. Албатта, ин тавр хислатҳои олии инсонӣ, ки ба онҳо нисбат дода мешаванд, фақат маҳсули хаёлот ва орзуи муаллиф асту халос. Аз ин рӯ, аксарияти ҳикояҳои дар бораи шахсони таърихӣ овардаи муаллиф ба ҳақиқати таърихӣ ва хислатҳои асосии тасвиршудагон мувофиқат надошта, хислат ва образҳои дилхоҳи Низомулмулк мебошанд. Аз чунин тарзи баёноти муаллиф пай бурда мешавад, ки вай амчрон, ҳокимон ва шоҳони даврро ба адлу инсоф сафарбар кардании ст.

Шоҳони сулолаи Салҷуқиён (Алпарслону Маликшоҳ) баъзан ба андешаю тадбирҳои Низомулмулк аҳамият намедоданд ва ин гуна муносибати онҳо вазирро ноумед мекард. Илова бар ин, дар пеши назари ӯ аллакай пояи ҳукмронии хонадони салҷуқӣ меларзид. Бинобар ин дар «Сиёсатнома» ба ишораҳое дучор меоем, ки аз бетартибиҳои амирону лошахӯрони онҳо шикваҳо мекунад:

«Ҳоли амирони ин замон ба чӣ монад, ки аз динори ҳаром бок надоранд ва ҳақро ботил гардонанд ва оқибати корро нанигаранд».

Дар ҷои дигар Низомулмулк ба ташвиш монда менависад: «Ин замон рӯзгоре пайдо шудааст, ки агар хуни сад мусулмон бирезанду адо хоҳанд, аз касе ба як ҷав барнадоранд, то зар дарнаёранд. Чун зар бигиранд, низ кор барнаёранд. Аҷабо, баъд аз ин чӣ гуна хоҳад будан?!»

Низомулмулк борҳо хотиррасон менамояд, ки дар кори идораи давлат мавқеи одамони донишманд, кордону бомаҳорат ва содиқу вафодор бузург аст. Бахри амалӣ кардани чунин таълимоти худ Низомулмулк чораи зиёде мебинад. Маҳз бо саъйи шахсии ӯ дар Бағдод, Нишопур, Исфаҳон ва ғайра мадрасаҳо кушода, кори таълиму тарбия намудани одамони зарурӣ ба роҳ монда мешавад. Дигар, ин ки вай исроркорона тавсия мекунад, ки сарварони давлат бо одамони дар асоси таълиму тарбия ва бо мурури замон бавояррасида бо мулоҳизаву эҳтиёткорӣ рафтор кунанд: «Бандагоне, ки парварда бошанд ва бузург карда, нигоҳ бояд дошт, ки умре дигар ва рӯзгори мусоид бояд, то бандаи шоиста ва озмуда ба даст ояд».

Яке аз мавзӯъҳои дӯстдоштаи Низомулмулк масъалаи муносибати шоҳ бо хидматгорони дарбор мебошад, зеро ки чӣ гуна ранг гирифтани тақдири минбаъдаи шоҳ вобастаи онҳост. Вай баноҳақ озурдани ин ё он хидматгорро гуноҳи азим мешуморад. Ишора мекунад, ки дар дарбор шахсони ҳасадбару бадтинат ҳамеша вуҷуд дошта метавонанд, ки онҳо аз рӯи ҳасаду тинати бад дар ҳаққи шахсони поку соф бадгӯӣ мекунанд. Вазифаи бошарафи шоҳ иборат аз он аст,— мегӯяд Низомулмулк,— ки вай ҳақиқати ҳолро фаҳмида, аниқ карда, пас амал намояд: «Андар корҳо шитобзадагӣ набояд кардан. Ва чун хабаре шунавад, ё сирате бандад, андар он оҳистагӣ кор бояд фармуд, то ҳақиқати он падид ояду дурӯғ аз рост пайдо гардад, ки шитобзадагӣ кори заифон аст, на кори қодирон».

Дар қисме аз ҳикояҳои асар мавзӯи мудофиаи ҳаққи бекасону ятимон, камбағалону бечорагон ҷои асосиро ишғол менамояд. Баробари ин ҳикояҳоеро дучор меоем, ки дар онҳо ҳисси ватандӯстӣ ва қаҳрамонии намояндагони халқ тараннум меёбад. Агарчанде Низомулмулк бо халифа муносибати хуб дошт, вале баъзан дар ҳикояҳо майли ҳақиқию ботинии ӯ акс ёфтааст. Ин гуна ҳикояҳо нишон медиҳанд, ки вай қаҳрамонони халқ ва сарварони ҳаракати зиддихилофатро (гарчи дар ин бобат ақидаҳои ӯ пурихтилофанд) то як дараҷа бо таваҷҷӯҳи махсусе қайд менамояд. Барои намуна чунин ифодаи муаллифро аз назар мегузаронем:

Ҳангоме ки Яъқуби Лайс бар зидди халифа мебарояд, халифа ба ӯ номае навишта изҳор мекунад, ки вай аз ин амалиёти

пешгирифтааш даст кашад, вале Яъқуби Лайс чунин ҷавоб медиҳад:

«—Бирав ва халифаро бигӯй, ман марде рӯйгарзодаам ва аз падар рӯйгарӣ омӯхтаам ва хӯрдании ман нони ҷавину моҳӣ ва пиёзу тара будааст. Ва ин подшоҳӣ ва ганҷу хостаро аз сари айёрӣ (зиракӣ — А. Д.) гирифтаам ва аз роҳи мардӣ ба даст овардаам, на аз падар мерос ёфта ва на аз ту дорам. Аз пой нанишинам, то сари туро ба ҳадья нафиристам ва хонаводаи туро вайрон накунам».

Махсусан тасвири қаҳрамонии Бобак (соли қиём 838) ҷолиби диққат аст. Вақте ки мувофиқи ҳукми халифа ба буридани дастони Бобак шурӯъ менамоянд, вай бо хуни худ гунаҳояшро сурх мекунад. Ҳангоме ки халифа аз Бобак сабаб ва чӣ ҳикмат доштани чунин кирдорро мепурсад, вай ин навъ маънидод менамояд:

«—Шумо ҳар ду дасту пои ман бихоҳед бурид ва гунаи рӯи мардум аз хун сурх бошад, хун аз рӯй биравад, зард бошад. Ман рӯи хеш аз хуни худ сурх кардам, то чун хун аз танам берун шавад, нагӯянд, ки рӯяш аз бим зард шуд».

Ғайр аз ин, Низомулмулк як қатор фикрҳои ахлоқӣ-тарбиявиро дар «Сиёсатнома» гирд овардааст, ки онҳо имрӯз ҳам қобили қабуланд.

Вале қайд кардан зарур аст, ки тамоми тадбиру чорабиниҳои Низомулмулк маҳз барои мустаҳкам намудани пояи ҳукмронии сулолаи Салҷуқиён буд. Баъзе муаррихон ин чорабиниҳои сиёсӣ-иқтисодии ба амал баровардаи Низомулмулкро таҳлил карда, ба фаъолияти сиёсии ӯ ниҳоят баҳои баланд медоданд. Тамоман ҳақ ба ҷониби Б. Ғафуров мебошад, ҳангоме ки ӯ ба ин муносибат менависад:

«Гурӯҳе аз муаррихон Низомулмулкро қариб мубориз фаъоли манфиати беҳбудии аҳволи халқ тасвир мекунанд. Албатта, вай ҳеҷ гоҳ ин хел шахс набуд. Гарчанде баъзе чорабиниҳои ӯ худсарии сипаҳсолорону феодалонро то дараҷае маҳдуд карда ва баробари ин дар бораи таъсиси мадрасаҳо ғамхорие зоҳир намуда бошад ҳам, вале ҳамаи инро маҳз барои мустаҳкам намудани пояи салтанати Салҷуқиён ва пур кардани хазинаи давлатӣ кардааст» [1].

«Сиёсатнома» ё «Сияр-ул-Мулук» ғайри моҳияти таърихию этнографӣ, чуноне ки И. С. Брагинский баён мекунад, дар омӯхтани баъзе хусусиятҳои забони адабӣ ва фольклори асри муал-

---

[1] Б. Г. Гафуров. История тадж. народа, издание второе, Москва, 1952. стр. 241.

лиф кӯмак мерасонад. И. С. Брагинский осори насрии боқимондаи ин даврро (асри XI—XII) аз ҷиҳати сохт ва мавзӯъ асосан ба се гурӯҳ тақсим намуда, қайд мекунад: «Асарҳои насрие, ки агарчанде ҳамчун насри бадеӣ ба шумор нарафта, бештар хусусияти таърихӣ, ҷуғрофӣ ва адабиётшиносӣ дошта бошанд ҳам, вале онҳо пур аз новелла мебошанд. Ба қатори ин гуна асарҳо пеш аз ҳама «Чаҳор мақола» ва «Сиёсатнома» дохил мешаванд»[1].

Дарвоқеъ, муҳокимаронҳои худи муаллиф (ин ё он таълимоту ақидаи хориҷ аз ҳикоёт) аз ибораҳои душворфаҳм пур буда, аз ҷиҳати сохти ҷумлабандӣ низ то андозае бароямон душвориҳо оварда, услуби махсусе доранд. Вале тамоми ҳикояҳои асар ба тариқи нақлу ривоят оварда шуда, соддаву оммафаҳм мебошанд. Услуби хоси «Сиёсатнома» пеш аз ҳама дар он аст, ки аксарияти бобҳои ӯ бо ҳикояҳои равону дилчасп ҷамъбаст карда шуда, муҳокимаронҳои шахсии муаллиф ҳаҷман хеле кам мебошанд. То ҳатто бобҳоеро (7, 37, 42) дучор омадан мумкин аст, ки қариб аз аввал то ба охир аз ҳикоёт иборатанд. Қисме аз ҳикоёти «Сиёсатнома» пеш аз ҳама шакли новелларо дошта, баъзеи онҳо аз чорчӯбаи талаботи ҳикоясозӣ берун баромада, қариб аст, ки шаклу намуди повестьро ба худ гирад. Ин қабл ҳикоёт на танҳо аз ҷиҳати ҳаҷм васеъ, балки қаҳрамонони он ниҳоят зиёд буда, ҳар яки он соҳиби хулқу хӯй ва хислатҳои хоси барҷаста аст ва як қисмати воқеияти ҳаёти даврро мукаммал ифода мекунанд. Масалан, дар фасли ҳафтум (Андар пурсидан аз аҳволи омилу қозӣ ва раис ва шарти сиёсат) ҳикояте оварда шудааст, ки персонажҳои асосии он — савдогар ва дӯсти он, амир бо вакилаш, қозиёни шаҳр, дарвеши масҷид, марди пир бо наберааш, амири золими турк ва зани покизаи ҷавон, халифа ва алалхусус мӯҳташамони дарбор мебошанд. Низомулмулк дар ин ҳикоя образи барҷастаи савдогари даврро, ки бо меҳнати поку дили соф заҳмат кашида, барои беҳбудии зиндагӣ каму беш имконияте пайдо намудааст, тасвир мекунад. Нишон медиҳад, ки чӣ навъ дӯсти маккораш-вакили амир ӯро фиреб дода, ба гирдоби бадбахтӣ мепартояд. Савдогари дилсоф қурбони софию покиаш мешавад. Вай фаҳмида наметавонад, ки замона дунпарвару пастфитрат шудааст. Фиребу макри амир ва дарбориёни ӯро дарк карда наметавонад. Агар он дарвеши масҷид намебуду пири дарзӣ мадад намекард, он гоҳ савдогар аз он шаҳру мамлакат ба дод омада, баҳри ҷустуҷӯи диёру олами шоҳи одил баромада мерафт.

Образи амир ва дарбориёни ӯ, ки барои ба ком овардани чи-

---

[1] **И. С. Брагинский. Очерки из истории Таджикской литературы, 1956, стр. 284—285.**

зу чораи халқ роҳҳои зиёди макру фиребро аз худ намудаанду зулму ситамро пешаи худ қарор додаанд, хеле боварибахш тасвир ёфтаанд. Амир фиребгар, золим, бадахлоқ буда, бо фаъолияти ғайриинсонӣ ба сари синаи мардуми заҳматкаш доғ мегузорад. Амали разилонаи ӯ ба дараҷае мерасад, ки зани мардумро зӯран таҷовуз намуда, пардаи нангу номуси касро даронида, шахсияти одамиро зери по мегузорад.

Низомулмулк баробари чунин образи манҳусро офаридан воситаи хуби таълим додану тарбия кардани ин қабил амиронро ба миён мегузорад: «Ҳамин дам чуволе биёред ва ӯро дар чувол кунед ва сари чувол маҳкам бубандед. Ҳамчунин карданд. Пас, бифармуд, то чӯби гаҷкӯби гарон биёварданд. Гуфт: «Акнун яке аз ин сӯй биистед ва яке аз он сӯй ва чандон бикӯбед, то хурд шавад». Ва аз ҳар сӯй гаҷкӯб дарниҳоданд ва чандон бизадандаш, ҳамчу хок пасташ карданд. Гуфтанд: «Ё амир, ҳама устухонҳои ӯ чун хок паст гашт, чӣ фармоӣ?» Гуфт: «Ҳамчунин мезананд». Ҳамин ҳикояро метавон, ба ду қисм тақсим намуд. Қисми аввали онро тасвири воқеаи фиреб хӯрдани савдогар, шикояти ӯ, беадолатию порагирии қозиён, ноумедии савдогар, ба масҷид рафтани ӯ, маслиҳати дарвеш, вохӯрӣ бо пири дарзӣ, мадади пири дарзӣ ва баргардондани пул аз ҷониби амир ташкил додааст. Хонанда гумон мебарад, ки тамоми масъалаҳои мавриди тасвир қарордодаи муаллиф ҳал шуда, хулосаи нависанда низ маълум гардид. Дарвоқеъ, фикр кардан мумкин аст, ки тасвири воқеа ба охир расид, вале Низомулмулк роҳи дигареро пеш мегирад, ки қисмати дуюми ҳикоя шурӯъ мегардад. Чунончӣ: «Шайхро гуфтам: «Маро низ ҳоҷатест, агар фармон диҳӣ, бигӯям». Гуфт: «Бигӯй».

Бо ҳамин тарзи ифодаи гузариш қисми дуюми ҳикоя шурӯъ мегардад. Дар ин қисмат нақли пурраи пири дарзӣ оварда мешавад, ки ин дар навбати худ як ҳикояи мустақилро ташкил медиҳад. Бояд гуфт, ки қисмати дуюми ҳикоя давоми мантиқии қисмати аввал буда, бо он тобеъ мебошад. Ин қабил ҳикоёте, ки ба талаботи ҳикоянависӣ то андозае риоя карда намешаванд, дар «Сиёсатнома» зиёд аст. Хусусияти дигари ҳикоёти «Сиёсатнома» дар он аст, ки тасвири воқеа як навъ шакли драматизмро ба худ қабул менамояд. Муколама ва гуфтугӯи байни қаҳрамонон бештар истифода шуда, дахолати муаллиф заруряте пайдо намекунад.

Хотирнишон намудан ҷоиз аст, ки ҳамин гуна хосияти эҷодиёти муаллиф адиби маъруфи Эрон — Маликушшуаро Баҳорро ба ваҷд меоварад, ки вай менависад:

«Насри хоҷа Низомулмулк, ки дар насри қадим ду сутур

назири онро натавон ёфт аз равонию зебой ва муҷассама доштани маънӣ»[1].

Аз ин ҷост, ки ин ёдгории ниёгонамон ба забонҳои франсавӣ, русӣ гардонда шуда, дар маркази диққати ховаршиносон мавқеъ ишғол намудааст.

Мунтахаби «Сиёсатнома»-е, ки ҳоло хонандагони гиромӣ дар даст доред, дар асоси чопи соли 1932 матншиноси бузурги Эрон, Абдураҳмони Халхолӣ, тайёр карда шудааст. Дар вақти ба табъ ҳозир намудани матн зарур омад, ки бештар порчаҳои ифодакунандаи тарзи одилонаи давлатдорӣ, васфи адолату накӯкорӣ, тараннуми покию вафодорӣ ва қисман афкори панду андарзогине, ки барои тарбияи хулқу хӯй ва хислатҳои наҷиби инсонӣ хидмат менамоянд, интихоб карда шаванд.

Ғайр аз ин, бобҳое, ки то андозае воқеаҳои таърихии даври муаллиф ва пеш аз онро дарбар кардаанд, интихоб карда шуд, зеро ин гуна бобҳо бештар оид ба қаҳрамонони халқӣ ва пайдоишу шакл гирифтани мазҳабҳои гуногун маълумоти муфид медиҳанд.

Дар вақти интихоб аз он қавсҳое, ки Абдураҳмони Халхолӣ аз нусхаҳои дигари дастхатҳо барои такмили фикр ва саҳеҳ намудани матн истифода бурдааст, сарфи назар карда шуд. Мунтахабот аз панҷоҳ боби «Сиёсатнома» сию се боби онро дарбар кардааст. Дар навбати худ аз бобҳои интихобшуда порчаҳои бештар оҳанги динӣ ва алфози кабеҳдошта партофта шуд. Қисмҳои партофта бо аломати сенуқта (...) ишора гардидааст.

Луғот ва тавзеҳот дар охири китоб ҷо дода шуд. Дар болои калима ва ё ибораи тавзеҳьёфта аломати ситорачае (*) гузоштан раво дониста шуд.

Дар охир ба доктори илмҳои филологӣ И. С. Брагинский, ки сарсуханро аз назар гузаронида, қайду маслиҳатҳои муфид додаанд ва инчунин ба номзади илмҳои филологӣ Аҳмадов Мирзо, муҳаррири нашриёт Султонова Барно, ки матни ҳозиршударо пурра аз назар гузаронида, барои беҳтар шудани сифати он кӯмак расонданд, аз таҳти дил миннатдорӣ изҳор менамоям.

*А. Девонақулов.*

---

[1] Муҳаммад Тақии Баҳор, Сабкшиносӣ, ҷ. II, Теҳрон, саҳ. 106.

**ФАСЛИ АВВАЛ**

## АНДАР АҲВОЛИ МАРДУМИ РӮЗГОР...

Эзиди субҳонаҳу ва таоло дар ҳар асрею рӯзгоре якеро аз миёни халқ баргузинад ва ӯро ба ҳунарҳои подшоҳона ва сиратҳои сутуда ороста гардонад ва масолеҳи ҷаҳону ороми бандагонро бад-ӯ бозбандад ва дари фасоду ошӯб бар ӯ баста гардонад ва имзову ҳашмати ӯ дар қулубу уюни халоиқ бигустаронад, то мардумон дар сояи адлу паноҳи риояти ӯ рӯзгор мегузаронанд ва эмин ҳамебошанд ва бақои давлати ӯ ҳамехоҳанд. Ва чун, алиёзубиллаҳ аз бандагон исьёнею истихфоф бар шариат равад ва ё тақсире андар тоату фармонҳои ҳақ падид ояд, хоҳад, ки эшонро уқубате расонад ва подоши кори эшон бичашонад.

Моро чунин рӯзгор манамоёд ва аз чунин мудбарӣ дур дорад. Ҳароина аз шумии исьён хашму хазлон дар он мардумон даррасад, подшоҳи нек аз миёни эшон барад ва суюфи мухталиф кашида шаваду хунҳои ноҳақ рехта ояд ва ҳар киро даст қавитар, ҳар чӣ хоҳад, кунад, то он гунаҳкорон андар миёни он фитнаҳои хунрез ҳалок шаванд ва ҷаҳон аз эшон холию софӣ монад ва аз ҷиҳати шумии ин гунаҳкорон бегуноҳон низ дар фитнаҳо ҳалок шаванд. Ва мисоли ин чунон аст, ки оташ андар найистоне афтад ва ҳар чӣ хушк бошад, бисӯзад ва аз ҷиҳати муҷовираи хушк бисьёр тар низ бисӯзад.

Ва бас аз бандагон якеро ба қудрати эздӣ мусоадат кунад давлатеву иқболе ва аз ҳақтаоло донишеву ақле ёбад, ки бад-он дониш зердастонро ҳар як бар андозаи хеш бидорад ва ҳар якеро бар қадр мартабаеву маҳалле ниҳад ва хидматгорону касони эшонро аз миёни халқу мардумон баргузинад. Ва ба ҳар як аз эшон пойгаҳеву манзалате ниҳад ва бар кифояти муҳиммоти динию дуньёвӣ бар эшон эътимод кунад ва раоёро нигоҳ дорад ва он гаҳ роҳи итоат сипарад ва ба кори хеш машғул бошад, аз ранҷҳо осуда дорад, то дар сояи адли

ӯ ба роҳат рӯзгор мегузаронанд. Ва боз агар касе аз хидматгорон ва гумоштагон ношоистагиву дароздастӣ падид ояд, агар ба тундӣ ва боздоштӣ адаб гирад, ӯро бад-он кор бидорад ва агар бедорӣ наёбад, ҳеҷ ибқо накунад ӯро ба касе дигар, ки шоиста бошад, бадал кунад ва аз раоё касоне, ки ҳаққи неъмат нашиносанд ва қадри амну роҳат надонанду ба дил хиёнате андешанд ва тамарруде намоянду пой аз андозаи хеш берун ниҳанд, бар андозаи гуноҳ бо эшон хитобе кунад ва ба миқдори ҷурми эшон молиш фармоянд ва боз домани афв бар гуноҳи эшон бипӯшаду аз сари он даргузарад. Ва дигар он чи ба имороти ҷаҳон пайвандад, аз берун овардани корезҳо ва кандани ҷӯйҳо ва пулҳо бар гузари оби азим ва ободон кардани деҳаҳою мазореъ ва баровардани ҳисорҳо ва сохтани шаҳрҳо ва баровардани биноҳои рафеъ ва бар шореъроҳҳо работҳо фармояд ва мадорис аз ҷиҳати толибилмон, то он ном ӯро ҳамеша бимонад ва савоби он масолеҳ бад-он ҷаҳон ӯро ҳосил шавад.

Ва чун ба қудрати эздӣ чунон бувад, ки ин рӯзгор таърихи мозӣ шавад ва тирози мулуки пешин шавад ва халоиқро саодате арзонӣ дорад, ки пеш аз эшон дигареро надода бошад. Худованди олам, шаҳаншоҳи аъзам, аз ду асл бузургвор, ки подшоҳию пешвоӣ дар хонадони эшон ҷад ба ҷад ҳамчунин то Афросиёби * бузург падид оварл ва ба кароматҳою бузургиҳо, ки мулуки ҷаҳон аз он орӣ будаанд, бад-он ороста гардонид, ки он чӣ ҳоҷат бошад, мулукро аз дидори хубу хӯи сутуда ва далериву доду мардонагӣ ва саворию дониш ва кор бастани анвои силоҳ ва роҳ бурдан ба ҳунарҳо ва шафқату раҳмат бар халқи худои аззаваҷалла ва вафо кардан ба назру аҳд ва дини дуруст ва эътиқоди некӯ ва дӯст доштану тоати эздтаоло ба ҷой овардан ва намози шаб ва рӯза ва ҳурмат доштани уламои дин ва зоҳидону порсоён ва садақоти мутавотир додану бо дарвешон некӯӣ кардан ва бо хидматгорону зердастон ба хулқи хуш зистан ва ситами ситамгорон аз раият бардоштан ӯро арзонӣ дошт. Лоҷарам, эздтаоло бар андозаи шоистагӣ ва эътиқоди некӯ давлату мамлакат дод ӯро ва ҷаҳонро мусаххари ӯ гардонид ва сиёсат ба ҳама бирасонид. Ва ҷаҳониён хироҷгузори ӯянд ва ба тақаррубӣ, ки бо ӯ мекунанд, аз шамшери ӯ эминанд ва агар ба рӯзгори баъзе аз хулафо андар мулк бастатею вусъате будааст, ба ҳеҷ вақт аз дилмашғулӣ ва хурӯҷи хориҷиён

холӣ набудаст ва андар ин рӯзгори муборак... андар ҷаҳон кас нест, кӣ ба дил хилофе андешад, ё сар аз ҷанбари тоат берун барад. Эзидтаоло ин давлатро то қиёмат пайваста гардонад ва чашми бад аз камоли давлат дур дорад, то халоиқ андар адлу сиёсати ин подшоҳ рӯзгор мегузаронанд ва ба дуои хайр машғул мебошанд. Ва чун ҳоли давлат чунин аст, ки гуфта омад, андозаи давлат ва донишу русуми некӯ бар қиёси давлату **дониши ӯ ҳамчу шамъ бошад, ки бисьёр рӯшноӣ диҳад ва мардумон бад-он рӯшноӣ роҳ ёбанд ва аз торикӣ берун оянд.** Ва ӯро ба ҳеҷ мушир ва раҳнамое ҳоҷат набошад ва агар худовандонро андешаҳо бошаду хоҳанд, ки бандагонро биёзмоянд ва андозаи ҳол ва ақлу дониши эшон бидонанд. Он аст бандаро фармуд, ки баъзе аз сирати некӯ, аз он чи подшоҳонро аз он чора набошад ва чизе, ки подшоҳон ба кор доштаанд, акнун баҷо намеоранд ва чи писандида ва чи нописандида бар он чи бандаро аз дидаву диниста ва шунидаву хонда фароз омад, ёд карда шуд. Ва бар ҳукми фармони олӣ ин чанд фасл бар сабили ихтисор набишта омад ва он чи лоиқи ҳар фасле буд, дар он фасл ёд карда шуд, ба иборати равшану наздикфаҳм ва аз маънии ғарибу душвор парҳез карда шуд, то хонандаро тафҳим савоб бошад, ба тавфиқи эзидтаоло тамомат пазирад.

### ФАСЛИ ДУВВУМ

## АНДАР ШИНОХТАНИ ҚАДРИ НЕЪМАТИ ЭЗИДТАОЛО МАР ПОДШОҲОНРО

Шинохтани қадри неъмати эзидтаоло подшоҳонро дошти ризои ӯст, иззи исмат ва ризои ҳақ субҳонаҳу андар эҳсоне бошад, ки бо халқ карда шавад ва адле, ки миёни эшон густурдаояд. Чун дуои халқ ба некӯӣ пайваста гардад, он мулк пойдор бувад ва ҳар рӯз зиёдат бошад, он малик аз давлату рӯзгори худ бархурдор бувад. Бад-ин ҷаҳон номи некӯ ва бад-он ҷаҳон растагорӣ ёбад ва ҳисобаш осонтар бувад, ки бузургон гуфтаанд:

**«Мулк бо куфр бипояду бо зулм напояд».**

### ҲИКОЯТ

Чунин омадааст андар ахбор, ки чун Юсуф * аз дуньё берун мерафт, ӯро меоварданд, то ба наздики Иб-

роҳим *, ки наздики обову аҷдоди бузургвораш дафн кунанд, Ҷабраил... биёмаду гуфт:

— Ӯро ҳамин ҷой бидоред, ки он ҷои ӯ нест, кч ӯро ҷавоби мулке бояд додан ба қиёмат.

Чун ҳоли Юсуф пайғамбар чунин бувад, бингар, ки ҳоли дигарон чун хоҳад буд?

* * *

Дар хабар аст, ... ки ҳар киро рӯзи қиёмат ҳозир кунанд аз касоне, ки эшонро бар халқ дастеву фармоне буда бошад, дастҳояш баста бошанд. Агар одил бошад, адлаш дастҳои ӯ кушода кунад ва ба биҳишт расонад ва агар лозим бошад, ҳамчунон баста бо ғулҳо ба дӯзах афгананд.

Ва ҳам дар хабар аст, ки рӯзи қиёмат ҳар касеро, ки бар касе фармон буда бошад дар ин ҷаҳон, то бар муқимони сарой ва зердастони хеш, ӯро аз он суол кунанд ва **шӯбоне, ки гӯсфандон нигаҳ дошта бошад, ҷавоб аз ӯ бихоҳанд.**

## ҲИКОЯТ

Андар ин маънӣ Абдуллоҳ ибни Умар-ул-Хаттоб * падарро гуфт, ки «эй падар, чун аз дунъё биравӣ, хоҳам, ки туро зуд ба хоб бубинам шаби дуввуму саввум». Дувоздаҳ сол баромад. Ӯро ба хоб надид. Баъд аз дувоздаҳ сол ба хобаш омад. Гуфт: — Ё падар, нагуфта будӣ, ки баъд аз се шаб маро ба хоб бинӣ? Гуфт: — Машғул будам, ки дар саводи Наҳарвон пуле вайрон шуда буд. Гумоштагон ба таъмири он напардохта буданд. Гӯсфандон бад-он пул мегузаштанд. Гӯсфандеро пой ба сӯрох фурӯ рафту бишикаст, то акнун ҷавоби он медодам.

Ва бар ҳақиқат, худованди олам бидонад, ки андар он рӯзи бузург ҷавоби ин халоиқ, ки зери фармони ӯянд, аз ӯ бихоҳанд пурсид ва агар ба касе ҳаволат кунад, нахоҳанд шунид. Чун чунин аст, бояд ки муҳимми ин мулк ба ҳеҷ кас бознагузорад ва аз кори халоиқ ғофил набошад. Ва чандон ки тавонад, пинҳону аён аҳволи эшон мепурсад ва дастҳои кӯтоҳ дароз накунад ва зулми золимон аз эшон боздорад, то баракоти он дар рӯзгори давлати ӯ расад ва дуои давлати ӯ мегӯянд ва дуои хайр то қиёмат ба рӯзгори ӯ мерасонанд ва савоби бузург дар девони ӯ мадхал мешавад.

## АНДАР МАЗОЛИМ НИШАСТАНИ ПОДШОҲ ВА АДЛУ СИРАТИ НЕКӮ ВАРЗИДАН

Чора набошад подшоҳро аз он ки дар ҳафтае ду рӯз ба мазолим бинишинад ва дод аз бедодгар биситонаду инсоф бидиҳад ва сухани раият бишнавад бевосита. Ва чанд қисса, ки муҳимтар бувад, бояд ки арза кунад ва дар ҳар як мисоле диҳад. Чун ин хабар дар мамлакат пароканда шавад, ки худованд мутазаллимону додхоҳонро пеш мехонад ва дар ҳафтае ду рӯз сухани эшон мешунаваду золимонро шикаста медорад. Ва дастҳои эшон кӯтоҳ шавад ва кас наёрад бедодӣ кардан аз бими уқубати ӯ.

### ҲИКОЯТ

Чунин хондаам аз курросаи пешинагон, ки пешин аз мулуки аҷам дӯконе бисохтандӣ ва бар асб бар он ҷо рафтӣ, то мутазаллимонро, ки дар он саҳро гирд буданд, ҳамаро бидидандӣ ва доди ҳар як бидодандӣ. Ва сабаби он ин буд, ки чун подшоҳ ҷое бинишинад ва он ҷо бо даҳлез ва дарбанду пардадор бувад, соҳибғаразону ситамгорон мазлумонро боздоранд ва пеши подшоҳ нагузоранд.

### ҲИКОЯТ

Шунидам, ки яке аз мулук ба гӯш гарон будааст. Чунон андешид, ки онон ки тарҷумонӣ мекунанд, сухани мутазаллимонро бо ӯ рост нагӯянд ва чун ҳоли ӯ надонад, чизе фармояд, ки мувофиқи кори ӯ набошад. Фармуд, ки мутазаллим бояд, ки ҷомаи сурх пӯшад ва дигар ҳеҷ кас ҷомаи сурх напӯшад, то ман ӯро бишиносам.

Ва он малик бар пил нишастию дар саҳро биистодӣ ва бифармудӣ, то эшонро пеш овардандӣ, то ба овози баланд ҳоли хеш мегуфтанд ва ӯ ҷавоби эшон медодӣ. Ин ҳама эҳтиёт аз баҳри ҷавоби он ҷаҳон кардаанд, то чизе бар эшон пӯшида нагардад.

### ҲИКОЯТ

Амири одил, аз ҷумлаи Сомониён *, яке будааст, ки ӯро Исмоил ибни Аҳмад* гуфтандӣ, сахт одил будааст

ва ӯро сиратҳои некӯ бисьёр будааст, бо худои таоло эътиқоди софе дошт ва дарвешбахшое буд ва аз сияри ӯ бознамудаанд. Ва ин Исмоил он аст, ки ба Бухоро нишастӣ ва Хуросон ва Ироқу Мовароуннаҳр ҷумлӣ падарони ӯ дошта буда. Ва Яъқуби Лайс* аз шаҳри Систон хуруҷ кард ва аз ҷумлаи Систон ба Хуросон пайваст ва Хуросонро дар тоат овард.

Аз Хуросон Ироқро бигирифт ва доиён ӯро бифирефтанд ва дар сияр дар байъати Исмоилиён * шуду дил дар халифа баст. Пас, лашкари Хуросону Ироқро ҷамъ карду рӯй ба Бағдод овард, то халифаро ҳалок кунад ва хонаи Аббосиён* барандозад. Ва халифа хабар ёфт, ки Яъқуб оҳанги Бағдод кардааст. Расул фиристод, ки ту ба Бағдод ҳеҷ кор надорӣ, ҳамон беҳтар, ки Қӯҳистон ва Ироқу Хуросонро мутолибат мекунӣ ва нигоҳ медорӣ, то халале ва дилмашғулӣ таваллуд накунад, бозгард. Фармон набурд ва гуфт: — Лобуд, маро орзӯ чунон аст, ки ба даргоҳ оям ва расми хидмат ба ҷой орам ва аҳд тоза гардонам, то он накунам, бознагардам.

Ҳарчанд ки халифа гуфт ва расул фиристод, ҷавоб ҳамон бозмедод. Халифа бар ӯ бадгумон шуд, бузургони ҳазратро бихонду гуфт: — Чунон гумон мебарам, ки Яъқуб ибни Лайс* сар аз чанбари тоати мо берун бурдаасту ба хиёнат ин ҷо меояд, ки ӯро нафармудаем, ки ба даргоҳи мо ояд ва мефармоям, ки бозгардад, бознамегардад. Ва ба ҳама ҳол дар дил хиёнате дорад ва чунон пиндорам, ки дар байъати ботиниён* шудааст ва то бад-ин ҷо нарасад, изҳор накунад, моро аз эҳтиёт ғофил набояд буд. Тадбири ин кор чист?

Сухан бар ин хатм шуд, ки халифа дар шаҳр набошад ва ба саҳро нузул кунаду лашкаргоҳ бизанад бо хавоссу бузургони Бағдод, то чун Яъқуб даррасад, халифаро дар саҳро бинад ва лашкаргоҳ зада. Андешаи ӯ хато афтаду исьёни ӯ амиралмӯъмининро ба зудӣ маълум гардад ва мардум дар лашкаргоҳ ба якдигар омадшуд кунанд. Агар исьён дорад, ҳама сарони Хуросону Ироқ бо ӯ ёр бошанд ва ризо диҳанд бад-он чи дар дил дорад, ки чун исьён кунанд, ошкоро кунанд. Мо лашкари ӯро сар баргардонем ба тадбир ва агар бас наёем ва бо ӯ ҷанг натавонем кард, боре роҳ бар мо кушода бувад ва чун асирон дар чаҳордевор дарнамонем, ба ҷои дигар равем.

Амиралмӯъмининро ин сухану тадбир хуш омад.

Ҳамчунон карданд ва ин амиралмўъминин-Ал-Мўътамид* буд. Ва Яъқуби Лайс* даррасид, баробари лашкаргоҳи халифа фуруд омад. Ва ҳар ду лашкар дарҳам омехтанд ва ҳам дар-рўз исьён зоҳир кард. Ва кас ба халифа фиристод, ки Бағдодро бипардоз ва ҳар куҷо хоҳӣ, рав! Халифа ду моҳ замон хост. Замон намедод. Ва чун шаб даромад, ба амирони сипоҳи ӯ дар сир кас фиристод, ки ӯ исьён ошкоро кард ва бо шеиён яке шуд ва бад-он омадааст, то хонадони мо бардорад ва мухолифи мо ба ҷои мо бинишонад. Шумо ҳам бад-ин достоне мекунед, ё на? Гурўҳе гуфтанд: — Мо ин ҷоҳу ҳашмат аз давлати ӯ дорем. Ҳар чӣ ӯ кард, мо кардем. Ва бештар гуфтанд:— Аз ин ҳол, ки амиралмўъминин гўяд, хабар надорем ва пиндорем, ки ҳаргиз бо амиралмўъминин хилоф накунад ва агар ин мухолифат зоҳир кард, ба ҳеҷ ҳол ризо надиҳем, рўзи мулоқот бо ту бошем, на бо ӯ. Ва ба вақти масоф сўи ту оем ва туро нусрат кунем.

Ва ин гурўҳ умарои Хуросон буданд. Пас, чун халифа сухани сарони лашкари Яъқуб бар ин гуна шунид, хуррам шуд ва дигар рўз ба дили қавӣ ба Яъқуби Лайс пайғом фиристод, ки акнун куфрони неъмат падид кардӣ ва мухолифи моро мувофиқ шудӣ, миёни ману ту шамшер аст ва ҳеҷ бок нест маро аз он ки лашкари ман андак аст ва азони ту бисьёр. Ҳақтаоло нусраткунандаи ҳақ ва ҳақ бо ман аст. Ва он лашкар, ки ту дорӣ, маро ст.

Ва бифармуд, то лашкар дар силоҳ шуданду кўси ҳарб бизаданд ва бўқ медамиданд ва аз лашкаргоҳ берун шуданду дар саҳро саф кашиданд.

Чун Яъқуби Лайс пайғоми халифа бар он гуна шунид, гуфт: — Ба мурод расидам.

Ва ӯ низ бифармуд, то кўс бизаданд ва лашкар барнишасту бо таъбияи тамом ба саҳро шуд ва дар баробар саф баркашид ва аз он ҷониб халифа дар қалб бистод ва аз ин ҷониб Яъқуб. Пас, халифа бифармуд, то марде баландовоз дар миёни саф раваду ба овози баланд бигўяд: ...«Бидонед, ки Яъқуб осӣ шуд ва бад-он омад, то хонадони аббосиён * барканад ва мухолифи ўро аз Ҷамиддия* биёрад ва ба ҷои ӯ бинишонад ва бидъат ошкоро кунад. Ҳар он кас, ки дар халифаи расули худой хилоф кард, расули худойро хилоф карда бошад ва ҳар кӣ сар аз чанбари тоати расул берун барад, ҳамчунон бошад, ки сар аз тоати худои таоло бикашид ва

аз доираи мусулмонӣ берун рафт ... Акнун аз шумо кӣ биҳишт ба дӯзах гузинад ва ҳақро нусрат кунаду рӯй аз ботил бигардонад, бо мо бошад, на бо мухолифи мо?!»

Чун лашкари Яъқуб ин нидо бишиниданд, аз умарои Хуросон ба як бор баргаштанд ва сӯи халифа омаданду гуфтанд: — Мо пиндоштем, ки ба ҳукми фармону тоат ба хидмат меояд. Акнун ки исьён падид, баргаштем, бо туем, то ҷон дар тан дорем ва аз баҳри ту шамшер занем.

Чун халифа қувват ёфт, лашкарро бифармуд, ҳамла бурданд ва Яъқуби Лайсро ба ҳамлаи нахустин шикастанд. Ва ба ҳазимат сӯи Хӯзистон шуд ва хизонаву бунгоҳи ӯ ҳама ба ғорат бибурданд ва он лашкар аз хостаи ӯ тавонгар шуданд. Ва ӯ чун ба Хӯзистон расид, ба ҳар ҷониб кас фиристод ва гумоштагонро хондан гирифт ва дираму динор бифармуд, то аз хизонаҳои Хуросону Ироқ биёваранд. Чун халифа хабар ёфт, ки ба Хӯзистон мақом кардааст, дарвақт қосид ва нома фиристод, ки «моро маълум гашт, ки ту марди соддадилӣ ва ба сухани мухолифон ғарра шудӣ ва оқибати корро нигоҳ накардӣ. Дидӣ, ки эзидтаоло сунъи хеш ба ту чи гуна намуд ва туро ҳам ба лашкари ту зоеъ карду хонадони моро нигоҳ дошт. Ва ин саҳве буд, ки бар ту рафт. Акнун донам, ки бедор гаштӣ ва бар он карда пушаймонӣ, иморати Хуросону Ироқро ҳеҷ кас аз ту шоистатар нест ва бар ӯ мазиде ва ихтиёре нахоҳам фармуд ва туро ҳаққи неъмат бисьёр аст наздики мо. Ин хатои туро нокарда ангоштем ва туро дар кори хидматҳои писандидаи ту кардем. Ва чун мо аз сари ин ваҳшат даргузаштем ва кардаи туро нокарда ангоштем, бояд ки ту низ аз сари он ҳадис даргузарӣ ва бархезӣ, ба зудӣ ба Хуросону Ироқ равӣ ва ба мутолиаи вилоят машғул шавӣ».

Чун Яъқуб номаи халифа бархонд, ҳеҷ гуна дилаш нарм нашуд ва бар он карда пушаймонӣ нахӯрд ва бифармуд, то тараву пиёзу моҳӣ чанд бар табақи чӯбин ниҳода, пеши вай оварданд. Он гоҳ бифармуд, то расулро дароваранду бинишонданд. Пас, рӯй ба расул карду гуфт: — **Бирав ва халифаро бигӯй, ман марде рӯйгарзодаам ва аз падар рӯйгарӣ омӯхтаам ва хӯрдании ман нони ҷавину моҳӣ ва пиёзу тара будааст. Ва ин подшоҳию ганҷу хостаро аз сари айёрӣ гирифтаам ва аз роҳи мардӣ ба даст овардаам, на аз падар мерос ёфта**

**ва на аз ту дорам. Аз пой нанишинам, то сари туро ба ҳадья нафиристам ва хонаводаи туро вайрон накунам!** Ё он чӣ гуфтам ба ҷой оварам, ё бар сари нони ҷавину моҳӣ ва пиёзу тара шавам.

Ва расули халифаро гусел кард. Ҳарчанд халифа қосиду нома фиристод, албатта, аз сари ин ҳадис дарнагузашт. Ва ӯ лашкарҳо гирд карду рӯ сӯи Бағдод ниҳод. Чун се манзил бирафт, қулунҷаш бигирифт ва ҳолаш ба ҷое расид, ки донист, ки аз он дард нараҳад. Бо бародари худ Амри Лайс* аз он ҷо бозгашту ба Хуросон шуд ва подшоҳӣ мекарду халифаро итоат медошт. Ва лашкару раият Амрро дӯсттар аз Яъқуб доштандӣ, ки ин Амр бас бузургҳиммат буд бар ато ва бедору босиёсат ва муруввату ҳиммати ӯ то бад-он ҷой будааст, ки матбахи ӯро чаҳорсад шутур мекашиданд. Дигар чизҳо аз ин қиёс бояд кард.

Валекин халифаро истишъоре мебуд, ки шояд ки ӯ низ ба тариқи бародар равад. Ҳарчанд, ки Амр ин эътиқод надошт, валекин халифа аз ин мутафаккир мебуд ва пайваста кас ба Бухоро мефиристод ба наздики Амир Исмоил ибни Аҳмад*, ки хурӯҷ кун ва бар Амр лашкар каш ва мулк аз дасти ӯ берун кун, ки ту ҳақтарӣ иморати Хуросону Ироқро, ки ин солҳо дар дасти падарони ту будааст ва эшон ба тағаллуб доранд; яке он ки худованди ҳақ туӣ, дуввум он ки сиратҳои ту писандида аст, саввум он ки ризои ман дар қафои туст. Бад-ин маонӣ шак накунам, ки эзидтаоло туро бар ӯ нусрат диҳад ва бад-он манигар, ки туро иддату лашкар камтар аст, бад-он нигар, ки эзид мегӯяд: «Қам мин фиатин қалилатин ғалабат фиатан касиратан биизниллоҳи вааллоҳу маассобирина»*.

Пас, суханони халифа дар дили ӯ кор кард ва азм дуруст гардонид, ки бо Амри Лайс мухолифат кунад ва лашкар, ки дошт, ҳамаро гирд карду аз Ҷайҳун бигузашт ва ба сар тозиёна бишумурд, даҳ ҳазор барсмад, чунон ки бештар аз лашкари ӯ рикобҳои чӯбин доштанд ва аз ҳар даҳ тан яке сипар дошту аз ҳар бист тан яке ҷавшан ва аз ҳар панҷоҳ якеро найза буд ва мард буд, ки аз бесутурӣ ҷавшан бар фитрок баста. Ва чунин лашкаре аз Омӯй бардошт ва ба Марв омад ва хабар ба Амри Лайс бурданд, ки Исмоил ибни Аҳмад аз Ҷайҳун бигузашт ва ба шаҳри Марв омад ва шаҳнаи Марв бигурехт ва талаби мамлакат мекунад. Амри Лайс (дар) Нишопур буд. Ҳафтод ҳазор савор арз дод,

ҳама баргустувондор ба силоҳ ва иддати тамом рӯ ба Балх ниҳод. Ва чун ба якдигар расиданд, масоф карданд. Иттифоқ чунон афтод, ки Амри Лайс шикаста шуду ҳафтод ҳазор савор ҳама ҳазимат рафтанд, чунон ки як танро ҷароҳате нарасид ва на кас асир гашт, илло аз миёни ҳама Амри Лайс гирифтор шуд ва чун ӯро пеши Исмоил * бурданд, бифармуд, то ӯро ба рӯзбонон супурданд.

Ва ин аҷоиб аз аҷоибҳои дуньёст. Чун намози диг р бигузориданд, фарроше, ки азони Амри Лайс буд ва дар лашкаргоҳ мегашт, чашмаш бар Амри Лайс афтод, дилаш бисӯхт. Пеши ӯ рафт. Амр ӯро гуфт: — Имшабе бо ман бош, ки бас танҳо мондаам. Пас, гуфт: — То мардум зинда бошад, аз қут чора нест. Тадбири чизе хӯрданӣ кун, ки гуруснаам.

Фаррош як мане гӯшт ба даст овард ва тобаи оҳанин аз лашкариён орият хост. Лахте пасу пеш бидавид, қадре саргин барчид ва кулӯхе чанд бар ҳам ниҳод, то қалияе хушк бикунад. Чун гӯшт дар тоба кард, ба талаби порае намак шуд. Рӯз ба охир омада буд. Саге биёмаду сар дар тоба кард ва устухоне бардошт, даҳанаш бисӯхт. Сабук сар барзад, ҳалқаи тоба дар гарданаш афтод ва аз сӯзиши тобаю оташ ба таг хост ва тобаро бибурд. Ва Амри Лайс чӯн чунон бидид, рӯй ба нигаҳбонон карду гуфт: — Ибрат гиред, ки ман он мардам, ки бомдод матбахи маро чаҳорсад шутур мекашиданд ва шабонгоҳ саге бардоштааст ва ҳамебарад ва гуфт... ки бомдод амир будаму шабонгоҳ асирам.

Ва ин ҳол ҳам яке аз аҷоибҳои ҷаҳон аст. Ва аз ин ду ҳол аҷабтар ҳам дар маънии Амир Исмоил ва Амри Лайс он аст, ки чун Амри Лайс гирифтор шуд ва Амир Исмоил рӯй сӯи бузургону сарони лашкари хеш карду гуфт: — Ин нусрат худои таоло маро дод ва ҳеҷ касро бар ин неъмат бар ман даст нест ҷуз худойро азза ва ҷалла. Пас, гуфт: — Бидонед, ки ин Амри Лайс марде бузургҳиммату бузургато ва бо олату иддат ва раъю тадбир ва бедор дар корҳо ва фаррохнону намак. Раъйи ман чунон аст, ки бикӯшам, то ӯро ҳеҷ газанде нарасаду аз ин банд халосӣ ёбад. Бузургон гуфтанд: — Раъйи амир савобтар, ҳар чӣ маслиҳат бошад, фармояд.

Пас, кас фиристод ба Амри Лайс, ки ҳеҷ дил машғул мадор, ки дар он тадбирам, ҷони туро аз халифа бихоҳам. Ва агар ҳама хизона бадал шавад, раво до-

рам, ки туро ба ҷон газанде нарасад ва боқии умр ба саломат бигузаронӣ.

Амри Лайс чун ин бишунид, гуфт: — Донам, ки маро ҳаргиз аз ин банд халосӣ нахоҳад буд, валекин ту, ки Исмоилӣ, мӯътамадеро пеш ман фирист, ки сухане дорам гуфтанӣ, чунон ки аз ман бишунавад, ба ту расонад. Он кас бозомад ва он чӣ гуфта буд, маълуми Амир Исмоил кард. Дарвақт мӯътамадеро пеш фиристод. Амри Лайс мӯътамадро гуфт: — Ту Исмоилро бигӯй, маро на ту шикастӣ, балки диёнату сирати некӯ ва эътиқоди софӣ ва нохушнудии амиралмӯъминин шикаст ва ин мамлакатро худои таоло аз ман биситад ва ба ту дод ва ту бад-ин некӣ арзонию сазоворӣ. Ва ман мувофиқати худои таоло кардам ва туро ҷуз нек нахоҳам ва ту дар ин ҳол мулк нав гирифтаӣ, валекин хизона ва истизҳоре надорӣ. Маро ва бародари маро ганҷҳо ва дафинаҳост бисьёр ва нусхати ҷумла бо ман аст. Ман он ҳамаро ба ту арзонӣ доштам, то ту бад-он мустазҳар ва қавиҳол шавӣ ва олати иддат созӣ.

Ва калиди хизоин ба Амир Исмоил фиристод. Ва чун мӯътамад омад ва он чӣ шунида буд, бозгуфт, ганҷнома пеши Амир Исмоил бениҳод. Рӯй ба наздикон карду гуфт: — Ин Амри Лайс аз бас зиракӣ, ки дорад, мехоҳад, ки зиракондро дар дом андозад. Ганҷномаро бардошт ва пеши он мӯътамад андохту гуфт: — Инро бад-ӯ боздеҳ ва бигӯй, ки азбаски ҷалдӣ, мехоҳӣ, ки аз сари ҳамае берун ҷаҳӣ. Туро ва бародари туро ганҷ аз куҷо омад, ки падари шумо марди рӯйгар буд ва шуморо рӯйгарӣ омӯхт. Аз иттифоқи осмонӣ мулк ба тағаллуб фурӯ гирифтед ва ба таҳаввур кори шумо баромад ва ин ганҷҳо ва дираму динор, ҳама он аст, ки аз мардум ба тазаллум ва ноҳақ ситадаед, баҳои ресмони гандапирон ва моли ғарибону ятимон ва заифон аст.

Ва ҷавоби ҳама фардо пеши худои таоло шуморо мебояд дод ва ба ҷуз ӯ подош чашидан. Ту ҷалдӣ, мехоҳӣ, ки ин мазламаро дар гардани ман кунӣ, то чун фардо ба қиёмат хасмон шуморо бигиранд, ки моли мо ба ноҳақ аз мо ситадаед, боздиҳед ва гӯед: «Ҳар чӣ ситадаем, ба Исмоил додаем. Аз ӯ талаб кунед», ки ман тоқати ҷавоби хасмон надорам.

Аз худотарсӣ ва диёнате, ки дар ӯ буд, он ганҷҳоро напазируфт ва бад-ӯ боздоду ба дуньё ғарра нашуд.

Ҳоли амирони ин замон ба чӣ монад, ки аз динори

ҳаром бок надоранд ва ҳақро ботил гардонанду оқибати корро нанигаранд.

Ва ҳамин Исмоилро одат чунон будааст, ки рӯзе, ки сармои сахт будию барф бештар омадӣ, танҳо барнишастӣ ва ба майдон омадию то намози пешин бар пушти асб будӣ. Гуфтӣ, ки мутазаллиме ба даргоҳ ояд ва ҳоҷате дошта бошад ва ӯро маскане набошад, чун ба узри сармою барф моро дар хона бинад ва ба мо расидани вай душвор бошад ва чун бубинад, ки мо истодаем, биёяд ва кори худ бигузораду ба саломат бозгардад.

Ва монанди ин ҳикоят бисьёр аст...

### ФАСЛИ ЧАҲОРУМ

## АНДАР УММОЛ ВА ПУРСИДИ АҲВОЛИ ВАЗИРОНУ ДАБИРОН

Уммолро амале диҳанд ва эшонро васият бояд кард, то бо халқ некӯ зиянду аз эшон ҷуз мол наситонанд ва онро низ ба мадоро талабанд ва то эшонро даст ба иртифое нарасад, он молро нахоҳанд, ки чун пеш аз вақт хоҳанд, раоёро ранҷ расад ва дирамгона иртифое, ки хоҳад расидан, ба ним дирам бифурӯшанд аз зарурият ва дар он мустаъсалу овора шаванд ва аз хонаи хеш дармонанду ба ғурбат афтанд.

### ҲИКОЯТ

Чунин шунидам, ки дар рӯзгори Қайқубод* ҳафт сол қаҳт буду борон аз замин бурида гашта буд. Фармуд уммолро, то ғаллаҳое, ки доштанд, мефурӯхтандӣ ва баъзе бар ваҷҳи садақа медоданд. Ва (аз) байтулмолу хизона заифонро ёрӣ мекарданд, ки дар ҳама мамлакати ӯ дар ин ҳафт сол як тан аз гуруснагӣ намурд.

Ва аз аҳволи омил пайваста мебояд пурсид, ки агар чунин равад, ки ёд кардем, амал бар вай нигоҳ дорад ва илло ба касони шоиста диҳад ва агар аз раият чизе ба зулм ситада бошад, бозситонанд ва ба раият боздиҳад. Пас аз он, агар ӯро моле бояд биситононаду ба хизонаҳо орад ва ӯро маҳҷур кунанд ва низ амал нафармоянд, то дигарон ибрат гиранду дароздастӣ накунанд.

Ва аз аҳволи вазирону мӯътамадон ҳамчунин дар

сир мебояд пурсидан, то шуғлҳо бар ваҷҳ меронанд ё на, ки салоҳу фасоди подшоҳу мамлакат бад-ӯ бозбаста аст, ки чун вазир некравиш набувад, дар мамлакат халал таваллуд кунад, ки дарнатавон ёфт ва ҳамеша подшоҳ саргардону ранҷурдил ва вилоят музтариб.

### ҲИКОЯТ

Чунин гӯянд, ки Баҳроми Гӯрро* вазире буд, ки ӯро Роставшан хонданди. Баҳроми Гӯр ҳамаи мамлакат ба дасти ӯ дода буду бар вай эътимод карда буд ва сухани кас бар вай нашуниди ва шабу рӯз ба тамошою шикор машғул буди. Роставшан халифаро гуфт, ки раият беадаб гаштаанд ва аз бисьёрии адл далер гаштаанд, агар молиш наёбанд, тарсам, ки табоҳи падид оянд. Ва подшоҳ ба шикору шароб машғул асту аз кори раият сахт ғофил аст. Ту эшонро бимол, пеш аз он ки табоҳи падид оянд. Акнун бидон, ки ин молиш бар ду гуна бувад; — бадонро кам кардан ва неконро мол ситадан. Ҳар киро гӯям: «Бигир».— Ту ҳамегир. Пас, ҳар киро халифа бигирифтию боздошти, Роставшан хештан ришват биситади ва халифаро гуфти, то ӯро даст боздорад. То ҳар киро дар он мамлакат асби хуб, ё ғуломи хубрӯй ва молу зайъате буд, ҳама биситад ва раият дарвеш гашту маъруфон овора шуданд ва дар хазина чизе гирд намеомад. Чун бад-ин рӯзгоре баромад, Баҳроми Гӯрро душмане падид омад. Хост, ки лашкарро бахшише диҳад ва ободон кунаду пеши душман фиристад. Дар хазина чизе набуд ва аз маъруфону руасо пурсид. Гуфтанд: — Чанд сол аст хонумон гузошта ва ба фалон вилоят рафтаанд. Гуфт: — Чаро? Гуфтанд: — Намедонем.

Ҳеҷ кас наёрист аз бими вазир чизе гуфтан.

Баҳром он рӯзу он шаб дар он андеша буд. Дигар рӯз аз он дилтанги барнишаст ва рӯй ба биёбон ниҳод ва андешанок мерафт, то рӯз баланд шуд. Миқдори ҳафт фарсанг рафта буд, ки хабар надошт ва аз гармои офтоб ташнаги ӯро ғалаба карду ба шарбати об ҳоҷатманд шуд. Дар саҳро нигоҳ кард, дуде бармеомад. Гуфт: — Ба ҳама ҳол он ҷо мардум бошанд. Рӯй бад-он дуд ниҳод, чун наздик расида, рамаи гӯсфандон дид хобонида ва хайма зада ва саге бар дари он хайма овехта. Шигифт бимонд. Ба наздики хайма рафт. Марде берун омад ва ба вай салом карду мар-ӯро фуруд

оварð ва надонист, ки ӯ Баҳроми Гӯр аст ва моҳазаре, ки дошт, пеш овард. Баҳром гуфт: — Маро нахуст аз ин ҳол хабар деҳ, пеш аз он ки нон хӯрем, ин ҳол бидонем, ки чист? Он мард гуфт: — Ин саг амини гӯсфандони ман буд ва ман ӯро дар рама боздошта будам ва бо даҳмарда даровехтӣ ва ҳеҷ гург аз бими ӯ гирди гӯсфандони ман наёристӣ гашт. Ва бисьёр вақт ман ба шаҳр рафтаме ба шуғле ва дигар рӯз бозомадаме ва ӯ гӯсфандонро ба чаро бурдию ба саломат боз овардӣ. Бар ин рӯзгоре баромад. Гӯсфандонро шумурдам, чанде кам омад.

Ҳамчунин баъд аз муддате нигоҳ кардам, чанде дигар кам омад ва ин ҷо ҳаргиз касе дузд ёд надорад, ки омада бошад. Ва ҳеҷ гуна наметавонистам донист, ки ин чӣ ҳол аст ва гӯсфандонро чӣ мешавад? Ва ҳоли рамаи ман аз андакӣ ба ҷое расид, ки чун омили садақот биёмад ва бар одати гузашта садақот хост, тамоми рама он чӣ монда дар сару кори садақот рафт. Акнун ман чӯпонии он омил мекунам, магар ин саг бо гурги мода унс гирифтаю ҷуфт гашта ва ман бехабар будам. Қазоро рӯзе ба дашт рафта будам ба талаби ҳезум. Чун бозгаштам ва бас балое дидам, баромадам, гӯсфандонро дидам, ки мечаранд ва гурге рӯй ба рама оварда буд ва мебӯид. Дар паси хоре биништастам ва нигоҳ мекардам. Чун саг гургро дид, пеш бозомаду дум меҷунбонид. Гург хомӯш биистод. Саг бар пушти ӯ шуд ва бо ӯ гирд омад ва ба гӯшае рафту бихуфт. Гург дар миёни рама тохт ва якеро аз он гӯсфандон бигирифту бидаррид ва саг ҳеҷ овоз надод. Чун муомилати гургу саг дидам, бидонистам, ки табоҳии гӯсфандони ман аз бероҳии саг будааст. Пас, ӯро бигирифтам ва аз бахри хиёнате, ки аз ӯ падид омада буд, вайро бар дор кардам.

Баҳроми Гӯрро сахт аҷаб омад. Чун аз он ҷо бозгашт, ҳама роҳ дар ин ҳол тафаккур мекард, то андешаи ӯ бар ин бирафт, ки «раият рамаанду вазири мо амин». Ва аҳволи раияту мамлакат сахт ошуфта ва бохалал мебинам ва аз ҳар кӣ мепурсам, бо ман рост намегӯяд ва пӯшида медорад. Тадбири ман он аст, ки аз ҳоли раият ва Ростравшан пурсам.

Чун ба ҷои хеш бозомад, нахуст рӯзномаҳо хост ва донист, ки Ростравшан бо мардум нек нарафтааст бедодӣ кардааст бо мардумон. Ин на ростравшан аст, балки дурӯғу торик аст. Пас, масал зад, ки рост гуф-

таанд доноён, ки: «Ҳар кӣ ба ном фирефта шавад, ба нон андар-монад ва ҳар кӣ ба нон хиёнат кунад ба ҷома дармонад».

Ва ман ин вазирро қавидаст кардам, то мардумон ӯро бад-ин ҷоҳу ҳашмат мебинанд ва аз тарси ӯ сухан бо ман наёранд гуфт. Чораи ман он аст, ки чун вазир фардо ба даргоҳ ояд, ҳиммати ӯ пеши бузургон бибарам ва ӯро боздораму бифармоям, то мунодӣ кунанд, ки «мо Ростравшанро маъзул кардему ҳабс фармудем ва низ ӯро шуғле нахоҳем фармуд. Ҳар киро аз ӯ ранҷе расидааст ва даъво дорад, биёяду ҳоли хеш маълум кунад, то инсофи ӯ бидиҳем». Чун мардумон ин бишинаванд, чунон ки бошад, маълуми мо гардонанд. Агар бо мардумон некӯӣ кардааст ва мол ноҳақ каситада бошад, аз вай шукр гӯянд, ӯро бинавозем, боз ба сари шуғл барем ва агар бар хилофи ин рафта бошад, вайро сиёсат фармоем.

Пас, дигар рӯз Баҳром бор дод, бузургон пеш рафтанд ва меҳтарон даромаданду ба ҷои хеш бинишастанд. Баҳром рӯй сӯи Ростравшан карду гуфт: — Ин чӣ изтироб аст, ки дар мулки мо афгандаӣ ва лашкари моро бебарг медорӣ? Раъияти моро зеру забар кардаӣ! Туро фармудем, ки арзоқи мардумонро ба вақти хеш мерасону аз имorати вилоят фориғ мабош ва аз раият ҷуз хироҷи ҳақ маситон ва хазинаро ободон дор. Акнун на дар хазина чизе мебинаму на лашкар барг доранду на раият бар ҷо мондааст. Ту пиндорӣ, бар он ки ман худро ба шаробу шикор машғул кардаам, аз ҳоли раият ва аҳволи мамлакат ғофилам?! Фармуд, то ӯро дар хона бурданду банд бар пои ӯ ниҳоданд ва бар дарк сарой мунодӣ карданд, ки «малик — Баҳром Ростравшанро аз кор боз кард ва бар вай хашм гирифт ва низ ӯро шуғл нахоҳад фармуд. Ҳар киро аз вай ранҷе расидааст, мутазаллиме дорад бе ҳеҷ тарсеву ваҳме ба даргоҳ ояду ҳоли хеш бознамояд, то малик инсофи эшон бидиҳад». Ва ҳам дарвақт бифармуд, то зиндонро дар боз карданду зиндониёнро пеш оварданд ва як-якро ҳамепурсиданд, ки «туро ба чӣ боздоштааст?» — Яке гуфт:

— Бародаре доштам бо молу неъмати бисьёр. Ростравшан ӯро бигирифту дар шиканҷа бикушт ва ҳамаро аз вай биситад. Гуфтам: «Ин мардро чаро куштӣ?» Гуфт: «Бо мухолифон мукотибат дорад». Маро ба зиндон кард, то пеши малик нагӯям ва ин ҳол пӯшида бимонад. Ва дигаре гуфт: — Ман боғе доштам фохир ва

аз падар маро мерос монда буд. Рostравшан дар паҳлӯи он зайъате дошт. Рӯзе дар боғи ман омад ва ӯро ба дил хуш омад. Харидорӣ кард. Нафурӯхтам. Маро бигирифту дар зиндон кард, ки «духтари фалон касро дӯст медорӣ ва хиёнате бар ту равшан шудааст. Ин боғро даст бидор ва қаболаро биёр ва иқрор кун»: «Ин боғро фурӯхтам ва маро даъво набошад, ҳақ ва мулки Рostравшан аст».

Гуфтам: «Ман ин иқрор накунам». Панҷ сол аст, то дар ин зиндон мондаам.

Дигаре гуфт: — Ман марди бозаргонам ва кори ман он аст, ки ба бару баҳр мегардам ва андак моя доram. Зароифе, ки ба шаҳре ёбам, бихараму ба шаҳри дигар барам ва бифурӯшаму ба андак суде қаноат кунам. Магар икде марвориде доштам. Чун дар ин шаҳр омадам, хабар ба вазири малик шуд. Қас фиристоду маро бихонд ва он тавилаи марворидро харидорӣ кард, бе он ки баҳо бидиҳад, ба хизонаи хеш фиристод. Ва чанд рӯз ба саломи ӯ мешудам, худ бад-ӯ роҳ нашуд. На баҳо доду на икд боздод ва тоқатам бишуд. Рӯзе бар сари роҳи ӯ шудаму гуфтам: «Агар икд шоиста аст, бифармо, то баҳо бидиҳанд ва агар нест, боздиҳанд, ки ман бар сари роҳам». Ҷавоби он надод. Ба вусоқ бозомадам. Сарҳанге бо чаҳор пиёда ба вусоқи ман омаданду маро гуфтанд: «Туро вазир мехоҳад». Шод гаштам. Гуфтам: «Баҳои марворид хоҳад дод». Бархостаму бо он авонон бирафтам. Он авонон маро ба дари зиндон бурданд ва зиндониро гуфтанд: «Ҳукм аст, ки ин мардро дар зиндон кунӣ ва банди гарон бар пои ӯ ниҳӣ». Акнун солест, ки дар банду зиндонам. Дигаре гуфт:— Ман раиси ноҳиятам ва ҳамеша дари хонаи мо бар меҳмону аҳли илму ғарибон кушода будӣ ва муроотн ғарибону дармондагон кардаме ва садақоти ман пайваста ба мустаҳиқон будӣ. Ва аз падар ончунин биёфтам ва маро ҳар чӣ аз мулк маврус даромадӣ, ҳама ихроҷоти хайру мурувват ва меҳмон сарф кардаме. Вазири малик маро бигирифт, ки ту ганҷ ёфтаӣ. Ва бо шиканҷаю мутолибат маро ба зиндон боздошт ва ҳар мулкеву зиёе, ки доштам, ба ним дирам бифурӯхтам ва бад-ӯ додам. Ва акнун чаҳор сол аст, ки дар банду зиндонам ва ба як дирам қодир нестам. Дигаре гуфт: — Ман писари фалон заимам. Вазири малик падари маро мусодира карду дар зери чӯб бикушт ва маро дар зиндон кард ва акнун ҳафт сол аст, то ранҷи зиндон мекашам.

Диґаре гуфт: — Ман марде лашкариам ва чанд сол аст, то малик ва падари маликро хидмат кардаам ва дар девон маро андак нонпорае ҳаст, порсол чизе нарасид. Имсол вазирро гуфтам: «Аёл дорам ва порсол чизе ба ман нарасидааст. Имсол итлоқ кун, то баъзеро ба вом диҳам ва баъзеро дар ваҷҳи нафақот сарф кунам». Гуфт: «Маликро ҳеҷ муҳимме дар пеш нест, ки ба лашкар ҳоҷат бошад, ё ба ту ва монанди ту. Агар дар хидмат бошед ва агар набошед, ҳар ду яке хоҳад буд. Агар нонат бояд ба кори гил шав». Гуфтам: «Маро ҳаққи хидмат бошад дар ин даргоҳ, кори гил набояд кард, аммо туро кадхудой кардани подшоҳ бибояд омӯхт, ки ман дар шамшер задан устувортарам, ки ту дар қалам задан. Ман дар шамшер задан ҷон фидои подшоҳ кунаму аз фармон дарнагузарам ва ту ба кори девон. Аз мо нон дареғ медорию фармони подшоҳ намебарӣ ва ин қадар намедонӣ, ки подшоҳро чокаре туӣ ва чокаре ман. Ва туро ин шуғл фармудааст ва маро он. Фарқ миёни ману ту он аст, ки ман фармонбардорам ва ту на. Агар фармон дорӣ, ки подшоҳ номи ман аз девон пок кардааст, бинамо ва илло он чӣ ба мо арзонӣ доштааст, мерасон». Гуфт: «Бирав, ки хуни шумо ва азони подшоҳ ман нигоҳ медорам. Агар ман набудаме, дер будӣ, ки мағзҳои шумо каргасон хӯрдандӣ». Пас, дар-рӯз маро ҳабс фармуд. Акнун чаҳор моҳ аст, ки дар ҳабс мондаам.

Ва зиёда аз ҳафтсад мард ҳабс буданд, кам аз бист марди хуниву муҷрим ва дузд буданд. Дигар ҳама он буданд, ки вазир эшонро ба тамаъ ва зулм боздошта буд ва ба зиндон карда. Чун хабари мунодӣ карданро мардумони шаҳр ва ноҳият бишуниданд, дигар рӯз чандон мутазаллим ба даргоҳ омаданд, ки эшонро ҳадду мунтаҳо набуд. Ва чун Баҳром ҳоли халқ ва берасмиҳою беадабиҳо ва ситами вазир бар он ҷумла дид, гуфт бо хештан: — Фасоди ин расм беш аз он бинам, ки андеша бад-ӯ роҳ ёбад ва дар ин кор жарфтар бояд нигоҳ кард. Пас, бифармуд, то ба сарои Ростравшан раванд, харитаҳои коғазҳои ӯ биёранд ва хонаҳои ӯ мӯҳр кунанд. Пас, муътамадон бирафтанд ва ҳамчунон карданд. Чун харитаҳои коғаз биёварданд ва мутолиа карданд, дар миён харитае ёфтанд пур аз мулотифа, ки подшоҳе, ки қасди Баҳром* карда буд, ба Ростравшан навишта буд ва ба хати Ростравшан мулотифае ёфтанд, ки навишта буд: — Чӣ оҳистагист, ки малик мекунад,

ки доноён гуфтаанд: **«Ғафлат давлатро бибарад».** Ва ман дар ҳавохоҳӣ ва бандагӣ ҳар чӣ мумкин буд, ба ҷой овардаам ва бештари лашкарро бе созу бе барг кардааму баъзеро ба муҳол номзад карда ва пароканда сохта ва ҳар чӣ ба ҳама сол ба даст овардаам аз баҳри ту хазина кардаам, ки имрӯз ҳеҷ маликеро чунон хазина нест. Ва тоҷу камару ҷома мурассаъ сохтаам, ки имрӯз мисли он набошад. Ва ман аз ин мард ба ҷон омадаам ва **«майдон холисту хасм ғофил».** Ҳарчанд зудтар пеш оянд, пеш аз он ки мард аз хоби ғафлат дарояд, хуб хоҳад буд.

Баҳром чун он навиштаро бидид, гуфт: — Зеҳ, ӯ хасмро бар ман берун овардааст. Ва ба ғурур меояд ва маро дар бадгав — ҳариву мухолифати ӯ ҳеҷ шак намондааст. Бифармуд, то ҳар он чӣ аз хоста буд, ба хизона оварданд ва бандагону чаҳорпоёни ӯро ба даст оварданд ва ҳар чӣ аз мардум ба ришвату зулм гирифта буд, боздоданд. Бифармуд, то бар дари сарои ӯ доре баланд бизаданд ва нахуст Ростравшанро бар дор карданд, ҳамчунон ки он мард кард мар он сагро. Пас, мувофиқону касоне, ки бо ӯ ёр ва ҳамбайъат буданд. Ва ҳафт рӯз бифармуд, то мунодӣ карданд, ки ин ҷазои он кас аст, ки бо малик бадандешӣ ва мухолифат кунад ва «хиёнат бар амонат бигзинад» ва бар халқ ситам кунад, бо худою худойгон далерӣ кунад. Чун ин сиёсат бикард, ҳама муфсидон аз малик Баҳром битарсиданд ва ҳар киро Ростравшан шуғл фармуда, ҳамаро маъзул кард. Ва чун ин хабар бад-он подшоҳ расид, ки қасди малик-Баҳром карда буд, ҳам аз он ҷо бозгашт ва аз кардаи хеш пушаймон шуд ва бисьёр зароиф ба малик-Баҳром фиристоду узрҳо хост ва бандагиҳо намуду гуфт: «Бар андешаи ман ҳаргиз исьёни малик нагузашта буд, маро вазири малик бар ин дошт, азбаски менавишт ва кас мефиристод. Ва занни банда гувоҳӣ медод, ки ӯ гуноҳкор аст, паноҳӣ меҷӯяд». Малик-Баҳром узри ӯ бипазируфт ва аз сари ҷурми ӯ даргузашт. Ва марди некӯэътиқод ва некӯтариқату худойтарсро вазирӣ дод ва кори раияту лашкар низом гирифт ва шуғлҳо равон шуду ҷаҳон рӯй ба ободонӣ ниҳод ва халқ аз ҷавру бедодӣ бираст.

Ва малик-Баҳром он марди саг бар дор кардаро ба вақти он ки аз хаймаи ӯ берун меомад, тире аз тиркаш баркашид ва пеши он мард андохт. Гуфт: — Нону намаки туро хӯрдаам ва ранҷҳое, ки туро расидааст, ма-

ро маълум гашт, туро ҳаққе бар ман воҷиб шуд. Бидон, ки ман ҳоҷибеам аз ҳоҷибони малик-Баҳром, ҳама ҳоҷибону бузургони малик бо ман дӯстӣ доранд ва маро нек мешиносанд, бояд ки бархезию бо ин тир ба даргоҳ ой ва ҳар кӣ туро бад-ин тир бинад, туро пеши ман орад, то ман туро ҳаққе гузорам, ки баъзе зиёнҳотро талофӣ карда шавад.

Пас, бирафт. Баъд аз чанд рӯз зан он мардро гуфт: — бархезу ба шаҳр рав, ин тирро бубар, ки он савор марди борутбат ва тавонгару мӯҳташам менамуд. Агар андак моя некӯӣ бо ту кунад, бисьёр бошад ва ҳеҷ коҳилӣ макун, ки сухани чунон касон на бар маҷоз бувад.

Мард бархосту ба шаҳр омад ва он шаб бихуфт ва дигар рӯз ба даргоҳи малик омад. Баҳром ҳоҷибону аҳли даргоҳро гуфта буд, ки чун марде чунину чунин ба даргоҳ ояд ва тири ман дар дасти ӯ бубинед, зудаш ба назди ман оред». Чун ҳоҷибон ӯро ба он тир бидиданд, ба назди худ хонданду гуфтанд: — Эй озодамард, куҷоӣ, ки мо чандин рӯз аст, ки дар интизори туем. Ин ҷо бинишин, то туро пеши худованди тир барем. Замоне буд, Баҳром берун омаду бар тахт бинишаст ва бор дод ва ҳоҷибон дасти он мард бигирифтанду ба пойгоҳи тахт оварданд. Чашми он мард бар малик-Баҳром афтод, бишнохт. Гуфт: — Оваҳ, бисӯхтам, ки он савор малик-Баҳром будааст ва ман хидмат чунон ки воҷиб бувад, накардаму ба густохӣ бо малик сухан гуфтам. Набояд аз он кароҳияте дар дилаш омада бошад? Чун пеши тахти шоҳ шуд, ниёз кард. Малик-Баҳром рӯй сӯи бузургон карду гуфт: — Сабаби бедор шудани ман дар аҳволи мамлакат ин мард буд. Ва қиссаи сагу гург бо бузургон бигуфт ва гуфт: — Ин мардро ба фол гирифтам. Пас, бифармуд, то ӯро хилъат пӯшониданду ҳафтсад гӯсфанд аз меш ва ғайра, чунон ки ӯро бисштада буданд, бад-ӯ боздиҳанд ва то зиндагии Баҳром бошад, аз ӯ садақот нахоҳанд.

* * *

Ва Искандар *, ки Дороро * бикушт, он буд, ки вазираш бо Искандар яке буд. Чун Доро кушта шуд, Искандар гуфт: — Ғафлати амиру хиёнати вазир подшоҳӣ бибарад.

Ва дар ҳама вақт подшоҳро аз аҳволи гумоштагон

ғофил набояд буд ва пайваста аз тариқу сирати эшон мебояд пурсид, то чун норостӣ ва хиёнате зоҳир шавад, ҳеҷ ибқо набояд кард ва бар андозаи ҷурми ӯ молиш бояд дод, то дигарон ибрат гиранд. Ва ҳеҷ кас аз бими сиёсат бо подшоҳ бадӣ натавонанд андешид ва ҳар киро шуғле бузург фармояд, бояд ки бар сари ӯ касеро мушарраф кунад, чунон ки ӯ надонад, то пайваста кирдору аҳволи ӯро бозменамояд. Ва Арастотолис* малик-Искандарро гуфт: — Чунин касонеро, ки қалами эшон дар мамлакат равон бошад, чун эшонро биёзурдӣ, дигар эшонро шуғл мефармой, ки сар бо душманон яке кунаду дар ҳалоки ту кӯшад.

Парвиз*-малик гуфт, ки малик нашояд, ки гуноҳи чаҳор гурӯҳ мардумро даргузорад; яке он ки оҳанги мамлакати ӯ кунад, дигар он ки оҳанги ҳарами ӯ кунад, сеюм он ки рози ӯ нигоҳ надорад, чаҳорум он ки забонаш бо малик бувад у дар дил бо мухолифон ва дар сир тадбири эшон кунад: **«Кирдори мард аз сирри мард огоҳӣ диҳад».** Чун малик бедор бошад, бар ӯ ҳеҷ чиз пӯшида намонад...

### ФАСЛИ ПАНҶУМ

## АНДАР МУҚАТТАОН ВА БАРРАСИДАНИ АҲВОЛИ РАОЁ, КИ ЧУН МЕРАВАД

Муқаттаоне, ки иқтоъ доранд, бояд ки бидонанд, ки эшонро бар раоё ҷуз он фармон нест, ки моли ҳақ биситонанд ба ваҷҳи некӯ ва чун он биситаданд, раоё ба тану мол ва фарзандону асбоб ва зиёъ аз эшон эмин бошанд. Ва раоё агар хоҳанд, ки ба даргоҳ оянд ва ҳоли хеш бознамоянд, эшонро аз он манъ накунанд ва ҳар муқаттаъ, ки ҷуз ин кунад, дасташ кӯтоҳ кунанд ва иқтои ӯ бозситонанд ва бо ӯ итоб фармоянд, то дигарон ибрат гиранд ва дар ҷумлае аҳволи эшонро бибояд дошт, ки мулку раият ҳама султонрост. Муқаттаону волиён чун шаҳнаанд бар сари эшон, то бо раият ҳамчунон бошад, ки подшоҳ бо дигар раоё эмин бошанд.

### ҲИКОЯТ

Чунин гӯянд, ки чун Қубод* фармон ёфт, Нӯширвони Одил*, ки писари ӯ буд, ӯ биништаст, ҳаҷдаҳсола буд ва кори подшоҳӣ ҳамеронд ва ӯ марде буд аз хурдакӣ

адл дар табъи ӯ сиришта буд ва зиштиҳоро ба зишт доштию некиҳо ба некӣ. Ва ҳамеша гуфтӣ, «падарам заифраъй асту салим ва зуд фирефта шавад ва вилоят вайрон мешаваду хазина тиҳӣ ва мол аз миён мебаранд ва зиштномиву мазолим дар гардани ӯ ҳамемонад. Ва ба як бор ба найрангу ранги Маздак* фирефта шуд. Ва фалон волию омил, ки эшон фалон вилоятро аз ӯ хост, ба ноҳақ ҳалок карданд ва раоё дарвеш монд. Бад-он бадраи динор, ки оварданд аз симдӯстӣ, ки буд, фирефта шуд ва аз эшон хушнуд шуд ва ин моя тамиз накарду аз эшон напурсид, ки «ту амир ва волии он вилоятӣ, ман туро бад-он вилоят чандон ҳавола кардаам, ки мавоҷиби ту ва хайли ту бошад. Донам, ки ин аз эшон ситадай, ки пеши ман овардай ва аз мероси падар барнадоштай. Ҳама он аст, ки аз раоё ба ноҳақ биситадай. Ва омилро ҳамчунин гуфтӣ, ки моли вилоят чандин аст, баъзе ба барот харҷ кардӣ ва баъзе ба хазина супурдӣ. Ин зиёдатиҳо, ки бо ту мебинам аз куҷо овардӣ? Ҳама он аст, ки ба ноҳақ биситадӣ ва ба урфи он баҷо наёвардӣ, то дигар ростӣ пеша кардандӣ». Чун се-чаҳор сол бар он бигузашт, муқаттаон ва гумоштагон ҳамчунон дароздастӣ мекарданд. Чун ҳозир шуданд. Нӯширвон бар тахт нишаст, худойро сипос кард, пас гуфт: — Бидонед, ки маро ин подшоҳӣ худои азза ва ҷалла дод ва дигар аз мероси падар ёфтаам ва се дигар аз аммон бар ман хурӯҷ карданд, бо эшон масоф кардам ва дигар бор мулкро ба шамшер гирифтам. Чун худои таоло ҷаҳон ба ман дод, ман ба шумо арзонӣ доштаму ҳар касро вилоят додам ва ҳар киро дар ин давлат ҳаққе бар ман буд, бенасиб нагузоштам вайро. Ва бузургоне, ки бузургӣ ва вилоят аз падарам ёфтаанд, эшонро ҳам бад-он маҳал мартабат бидоштаам ва манзалату нонпораи эшон кам накардаам. Ман ҳурмати шумо нигоҳ дорам ва шумо сухани ман нашунаведу аз худои таоло натарсед ва аз халқ шарм надоред ва ман аз бодофраи яздон метарсам. Набояд, ки бедоду шумии шумо дар рӯзгори ман расад. Ҷаҳон аз мухолифон холӣ шуд ва шуморо кафофу осоиш доданд ба неъмате, ки эзидтаоло морою шуморо додааст, машғул гардед, савобтар бошад, ки бедоду носипосӣ кардан, мулкро завол орад ва неъматро бибарад. Бояд, ки пас аз ин бо халқи худой некӯӣ кунед ва раияг сабукбор дореду заифонро маёзоред ва мар уламоро ҳурмат доред ва бо сулаҳо сӯҳбат кунеду аз бадон бипар-

ҳезед. Худойро бар хештан гувоҳ гирифтам, ки агар касе хилофи ин тариқа варзад, ҳеҷ ибқо накунам. Ҳама гуфтанд:— Чунин фармон дорем. Чун рӯзе чанд баромад, ҳама бар сари кор шуданд ва ҳамон бедодию дароздастӣ пеш гирифтанд ва Нӯширвонро ба чашми кӯдакӣ нигоҳ карданд. Ва ҳар кас пиндошт, ки Нӯширвонро ӯ бар тахти подшоҳӣ нишондааст. Агар хоҳад, ӯро подшоҳ дорад ва агар нахоҳад, надорад. Ва Нӯширвон тан ҳамезаду бо эшон ба мадоро рӯзгор ҳамегузаронид, то дар ин ҳадис панҷ сол баромад. Магар сипаҳсолоре аз ӯ тавонгартару бонеъматтар набуд ва Нӯширвон ӯро волии Озарбойҷон карда буд ва дар ҳама мамлакат ҳеҷ амир аз ӯ бузургтар ва бо иддату олаттар ва хайлу таҷаммул набуд. Ӯро магар орзу чунон афтод, ки дар он шаҳр, ки нишастӣ, ӯро боғе ва нишастангоҳе бошад. Дар он шаҳр пирзане буд, он миқдор заминпорае буд вайро, ки дахли ӯ ҳар сол чандон будӣ, ки хироҷи волӣ бидодӣ ва барзгар насиби хеш бардоштӣ. Ва он қадар насиби пирзан расидӣ, ки соле то соли дигар ҳар рӯз чаҳортои нон будӣ; яктой ба нонхӯриш бидодӣ ва яктой ба чароғ ва як нон ба чошт хӯрдию як нон ба шаб хӯрдӣ. Ва ҷома ба тараҳҳум мардумон ба вай додандӣ ва ҳаргиз аз хона бадар наёмадию дар машаққат рӯз мегузаронидӣ. Магар ин сипаҳсолорро он пораи замин дархӯрд буд, ки дар ҷумлаи боғу сарой гирад. Қас бад-он пирзан фиристод, ки «ин пораи замин бифурӯш, ки маро дархӯрд аст». Гуфт:— Нафурӯшам, ки маро дар ҳама ҷаҳон ин қадар замин аст, ки қути ман аз он ҷост, кас қути худ нафурӯшад. Гуфт: — Ман ивази он замин бидиҳам, ки ҳам чандон дахлаш бувад. Пиразан гуфт: — Замини ман ҳалол аст. Аз падару модар мерос ёфтаам ва обхӯраш наздик аст ва ҳамсоягон мувофиқанду маро озарм доранд. Ва он замин, ки ту маро диҳӣ, чандин хосият дар вай набошад. Агар даст аз ин боздорӣ, туро беҳтар.

Сипаҳсолор сухани пирзан нашуниду ба зулм замин аз ӯ бигирифт ва девор гирди ӯ даркашид. Пирзан дармонд, кораш ба зарурат расид. Бад-он розӣ шуд, ки баҳои замин ё иваз бидиҳад, худро пеши ӯ афганд, ки ё баҳо бидеҳ ё иваз. Дар ӯ нанигарист ва ӯро ба чизе надошт. Пирзан навмед аз пеши ӯ берун омад ва низ ӯро дар саро нагузоштанд. Ва ҳар гоҳ, ки ин сипаҳсолор барнишастӣ ва ба тамошову шикор шудӣ, пирзан бар сари роҳи ӯ бонг бардоштию баҳои замин талабидӣ.

Ҷавобаш надодӣ ва агар бо хоссагиёнаш гуфтӣ, гуфтандӣ: «Бигӯем» ва нагуфтандӣ, то ду сол баромад. Пирзан оҷиз шуд ва тамаи инсоф аз вай бибуриду бо худ гуфт: — «Оҳани сард мекӯбам». Эзидтаоло забардасти ҳар дасте дасте офаридааст. Охир ин бо ҳама бузургӣ чокари Нӯширвон аст. Тадбири ман он аст, ки худро пеши Нӯширвон афганам ва ҳоли худ ӯро маълум гардонам. Бошад, ки инсофи худ биёбам.

Пас, бархост ва ба ранҷу душворӣ аз Озарбойҷон ба Мадоин шуд. Чун даргоҳи Нӯширвон бидид, гуфт:— Маро нагузоранд, ки дар ин саро шавам, он ки волии ӯ дар Озарбойҷон аст ва чокари ӯст, маро дар саро нагузоштӣ, кай дар ин саро гузоранд, ки худованди ҷаҳон аст. Тадбири ман он аст, ки дар саҳрое ӯро бинам ва киссаи худ бар вай арз кунам. Қазоро он сипаҳсолор, ки замини ӯ ситада буд, ба даргоҳ омада буд. Нӯширвон азми шикор кард. Пирзан хабар ёфт, ки Нӯширвон ба фалон шикоргоҳ меравад. Бархост, тарсон-тарсон ба сахтиву ранҷи тамом бад-он шикоргоҳ шуд ва дар паси хошоке бинишаст ва он шаб он ҷо бихуфт. Рӯзи дигар Нӯширвон даррасид ва бузургон бипароганданду ба шикор машғул шуданд. Нӯширвон бо силоҳдое бимонд. Пирзан чун маликро танҳо бидид, аз паси хошок бархосту гуфт: — Эй малик, доди ин заифа бидеҳ! Нӯширвон сӯи ӯ ронд ва киссаи ӯ биситаду бихонд. Об дар дидаи Нӯширвон бигардиду гуфт: — Дил машғул мадор, ки то акнун кор туро афтода буд, акнун маро афтод, муроди ту ҳосил кунам ва туро ба шаҳри ту фиристам. Он гоҳ фаррошро гуфт: — Инро бар шутур нишону ба деҳ бубар ва ба меҳтардеҳ супор, то чун аз шикоргоҳ бозоям, ӯро ба шаҳр бар ва дар хонаи худ нигоҳ дор. Ҳар рӯз ду ман нон ва як ман гӯшт ва ҳар моҳ панҷ динори зар аз хизона бад-ӯ мерасон, то он рӯз, ки ӯро аз ту талаб дорем. Фаррош ҳамчунон кард. Чун Нӯширвон аз шикор бозгардид, дар андеша буд, ки чӣ чора кунад, то ҳақиқати ин ҳол маълум шавад, чунон ки бузургон надонанд. Пас, нимрӯзӣ ба вақти қилӯла, ки ҳама халқ хуфта буданд ва дари сарой холӣ буд, ходимро гуфт: — Бирав ба фалон висоқ ва фалон ғуломро овоз кун. Чун ғулом биёмад, гуфт: — Донӣ, эй ғулом, ки маро ғуломони шоиста бисьёранд. Аз ҳама туро баргузидам ва эътимод бар ту кардам. Бояд, ки нафақот аз хазина бизитонӣ ва ба Озарбойҷон шавӣ ба фалон шаҳр ва фалон маҳаллат ва бист рӯз он ҷо

мақом кунию бад-он мардум чунон намоӣ, ки «ман ба талаби ғуломи гурехта омадаам» ва пас бо ҳар гуна мардум нишасту хост кунӣ ва бо эшон биёмезӣ. Ва дар миёни сухан дар ҳоли мастию ҳушьёрӣ аз эшон суол кунӣ, ки «дар ин маҳаллат зане фалон буд, фалон ном, куҷо шуд, ки аз ӯ нишон намедиҳанд». Ва бишунав, ки чӣ мегӯянд ва ёд гиру хабар боз ор ва туро бад-ин кор мефиристам. Валекин туро дар боргоҳ пеши бузургон бихонам ва ба овози баланд бигӯям, чунон ки ҳама бишунаванд: — Бирав, аз хазина нафақот бисито҆н ва аз ин ҷо ба Озарбойҷон шав ва ба ҳар шаҳру ноҳияте расӣ, бубину бипурс, ки ҳоли ғаллаҳою меваҳои эшон имсол чӣ гуна аст, ҷое офати осмонӣ расидааст ё на ва ҳамчунин аҳволи маройи ва шикоргоҳҳо бубину бипурс.

Чунон ки ёбӣ, ба зудӣ бозгард ва маро хабар кун, то ҳеҷ кас надонад, ки ман ба чӣ кор мефиристам.

Ғулом гуфт: — Фармонбардорам.

Дигар рӯз азми роҳ кард ва ба он шаҳр шуду бист рӯз он ҷо мақом кард ва бо ҳар кӣ нишастӣ, аз ҳоли пирзан пурсидӣ. Ҳама гуфтанд, ки «ин пирзани мастураро шавҳару фарзандон ба раҳмати худой шуданд ва ӯро порае замин меврӯс буд ва онро ба барзгар дода буду аз иртифои он қадре бимондӣ, пас аз қисти барзгар ва ҳиссаи подшоҳ, ки то вақти иртифои дигар ҳар рӯз чаҳор нон ризқи вай будӣ, як нон ба нонхӯриш додӣ ва як нон ба равғани чароғ додию як нон ба чошт бихӯрдӣ ва яке ба шом. Волиро мурод он буд, ки боғе ва сарое созад ва он заминро ба зӯр бигирифт ва дар ҷумлаи боғ даровард, на баҳо доду на иваз. Ва соле он пирзан ба дари сарои ӯ омад, гӯш бад-ӯ накард ва акнун муддатест, ки кас ӯро надидааст».

Ғулом ҳолҳоро маълум карду ба даргоҳи Нӯширвон омад ва аҳвол бозгуфт. Нӯширвонро таҳқиқ шуд, ки пирзан рост гуфтааст. Рӯзи дигар бор дод ва чун бузургон ҳозир шуданд, замоне буд, Нӯширвон рӯй бад-он бузургон карду гуфт: — Волии Озарбойҷонро чӣ миқдор дастгоҳ бошад? Гуфтанд:— Ду бор ҳазор ҳазор динор, ки ӯро бад-он ҳоҷат нест. Гуфт: — Аз матоъ ва таҷаммул? Гуфтанд: — Сесад ҳазор ҳазор зарринаю симина. Гуфт: — Аз ҷавоҳир? Гуфтанд: — Понсад ҳазор ҳазор динор. Гуфт:— Мулку мустағалу зиёъ? Гуфтанд: — Дар Хуросону Ироқ ва Озарбойҷон, дар ҳеҷ ноҳияту шаҳре нест, ки ӯро он ҷо даҳ пора ва ҳафт пора мулку деҳ ва осиёю корвонсаро ва гармобаю муста-

ғал нест. Гуфт: — Чаҳорпой? Гуфтанд: — Сӣ ҳазор. Гуфт: — Бандаи дирамхарида? Гуфтанд: — Ҳазору ҳафтсад ғуломи румӣ ва ҳабашии дирамхарида ҷорад ва чаҳорсад канизак дорад. Гуфт: — Акнун касе, ки чандин неъмат дорад ва ҳар рӯз аз бист гуна таом ва барраву ҳалво ва қалияи чарбу ширин хӯрад ва заифи дигар, ки аз парастори худои таоло буда бошад ва дар ҳама олам ду нон дошта бошад, яке бомдод хӯраду яке шабонгоҳ, ин кас ба ноҳақ ду нони хушк аз ӯ биситонад ва ӯро маҳрум гардонад, бар ӯ чӣ воҷиб ояд?

Ҳама гуфтанд: — Ин кас муставҷиби ҳама уқубат бувад ва ҳар баде, ки бо вай кунанд, сазовор аст.

Нӯширвон гуфт: — Пас, ҳам акнун бихоҳам, ки пӯсти ӯ биканаид ва гӯшти ӯ ба сагон диҳанд ва пӯстро пури коҳ кунанду бар дари саро биёвезанд ва ҳафт рӯз мунодӣ кунанд, ки «ҳар кӣ баъд аз ин ситам кунад ва тубраи коҳ ё мурғе, ё дастаи тара аз касе ба зулм биситонад, бо ӯ ҳамин кунанд, ки бо ин карданд».

Пас он фаррошро гуфт: — Пирзанро биёвар. Ва бузургонро гуфт: — Ин ситамрасида аст ва он ситамгар, ки ин ҷазо ёфт. Ва он ғуломро гуфт, ки «туро ба чӣ кор ба Озарбойҷон фиристода будам?» Гуфт: — Бад-он то аз ҳоли пирзан, ки зулм бар ӯ рафта, ба ҳақиқат маликро хабар кунам. Пас, бузургонро гуфт: — То бидонед, ки ман ин сиёсатро бар газоф накардаам. **Баъд аз ин бо ситамгорон ҷуз ба шамшер сухан нахоҳам гуфт ва мешу барра аз гург нигоҳ хоҳам дошт ва дастҳои дароз кӯтоҳ хоҳам кард ва муфсидонро аз рӯи замин пок хоҳам кард.** Ва ҷаҳонро бо адлу дод ободон хоҳам дошт, ки худои таоло маро аз баҳри ин кор фиристодааст. Агар шоистӣ, ки мардумон ҳар чӣ хостандӣ, кардандӣ, эзидтаоло подшоҳонро падидор накардӣ ва бар сари эшон барнагумоштӣ. Шумо акнун ҷаҳд кунед, то коре накунед, ки бо шумо ҳамин равад, ки бо ин золим рафт.

Ҳар кӣ дар он маҷлис буд, аз ҳайбату сиёсати Нӯширвон заҳраашон об шуд. Он пирзанро гуфт: — Он ки бар ту ситам кард, ҷавобаш додам ва он сарову боғ, ки замини ту дар он аст, ба ту бахшидам ва сутуру нафақа фармудам, то ту ба саломат ба шаҳри хеш бозрасӣ ва маро ба дуо ёд орӣ. Пас, гуфт: — Чаро бояд, ки дари сарои мо бар ситамгорон кушода ва бар ситамрасидагон баста, ки раоё ва лашкариён ҳар ду зердастон ва коркунони моанд; раоё диҳандаанд ва лашкариён ситонанда. Пас, воҷиб чунон аст, ки бар диҳанда дар

кушодатар бувад аз он ки бар ситонанда ва аз берахмихо, ки меравад ва бедодихо, ки мекунанд; яке он аст, ки мутазаллиме, ки ба даргох оянд, нагузоранд, ки ӯ пеши ман оянд ва холи хеш бозгӯяд. Агар ин пирзан рах биёфтӣ, ӯро ба шикоргох рафтан хоҷат набудӣ.

Пас фармуд, то силсилае созанд ва ҷарасхо биёвезанд, чунон ки дасти хафтсола бад-ӯ бирасад, то хар мутазаллиме, ки ба даргох оянд, ӯро ба хоҷиб хоҷа набошад. Силсила биҷунбонад, ҷарасхо ба бонг оянд, Нӯширвон бишунаваду доди ӯ бидихад. Хамчунин карданд. Бузургону сарони сипох бозгаштанд ва ба хонаи хеш бозомаданд. Дархол вакилону уммол зердастону хайли хешро бихонданду гуфтанд: — Бигӯед, дар ин дах сол чизе ба новоҷиб аз кӣ ситадаед?! Агар ба нохак касеро биёзурдаед, бояд ки мову шумо бар он шавем, то эшонро хушнуд кунем пеш аз он ки касе ба даргох раваду аз мо шикоят кунад.

Хамгинон биистоданд ва хасмонро хушнудӣ ҷустанд, баъзе ба узру баъзе ба мол ва бо ин хама хат ба икрор меситаданд, ки фалон аз фалон хушнуд аст ва хеҷ даъво надорад.

Бад-ин як сиёсати бавоҷиб, ки Нӯширвон бикард, мамлакати ӯ рост биистод ва хама дастхои дароз кӯтох шуду халки олам баросуданд, чунон ки хафт сол бигузашт, ки хеҷ кас ба даргохи ӯ аз мутазаллим наёмад.

## ХИКОЯТ

Чунин овардаанд, ки баъд аз хафт сол, нимрӯзӣ, ки дари сарой холӣ буд ва мардумон хама рафта буданду навбатиён хуфта, ки аз ҷарасхо бонг баромад. Нӯширвон бишунид, дар-вакт ду ходимро бифиристод, ки «бингаред, ки кист, ки ба тазаллум омадааст». Чун ходимон ба дари сарой омаданд, хареро диданд пиру лоғар, ки аз дари сарой андаромада буд ва пушт дар он силсилахо мемолид ва аз ҷунбиши занҷир аз ҷарасхо бонг меомад. Хар ду ходим рафтанду гуфтанд: — Хеҷ кас ба тазаллум наёмадааст, магар хари лоғар, ки андар омадааст. Чун осеби занҷир ба пушти ӯ расида, ӯро хуш омадаасту ба сабаби хориш хештанро ба занҷир хамемолад.

Нӯширвон гуфт: — Эй нодонон, ки шумоед, на чунин аст, ки пиндоред. Чун нек бинигаред, он хар хам ба дод

хостан омадааст. Ин харро дар миёни бозор баред ва аз ҳар кас аҳволи ин хар бозпурсед ва ба ростӣ маълуми раъйи ман кунед.

Ходимон аз пеши малик берун омаданду он харро дар миёни бозор бурданд ва аз мардумон пурсидан гирифтанд, ки «касе ҳаст харро шиносад?» Гуфтанд: — Шиносем. Ходим гуфт: — Чун шиносед? Гуфтанд:— Ин хар аз фалон козур аст ва қариб бист сол аст, то пеши ӯ мебинем. Ҳар рӯз ҷомаҳои мардумон бар пушти ӯ ниҳода ба козургоҳ мебурд ва шабонгоҳ меовард, то ҷавон буд, кораш метавонист кардан, алафаш медод. Акнун, ки пир шуду аз кор фурӯмонд, озодаш кард ва акнун муддати як солу ним аст, то аз хона берун кардааст ва рӯз дар маҳаллатҳо ва кӯю бозор мегардад. Ва ҳар кас ба роҳи худо порае алаф ва об медиҳанд. Магар ду шабонарӯз аст, ки обу гиёҳ наёфта ба ҳарза мегардад.

Ва чун ходимон аз ҳар кӣ шуниданд, ҳамин шуниданд, сабук баргаштанду маълуми раъйи малик карданд.

Нӯширвон* гуфт: — На, шуморо гуфтам, ки ин хар ба дод хостан омадааст. Ин харро имшаб некӯ доред. Фардо он мардро бо чаҳор кадхудо аз маҳаллаи ӯ бо ин хар ба даргоҳ оред пеши ман, то он чӣ воҷибояд, бифармоям.

Дигар рӯз ходимон чунин карданд. Харрою козурро бо чаҳор кадхудо ба вақти бор додан ба даргоҳ burданд.

Нӯширвон козурро гуфт: — Ин хар то ҷавон буд, кор метавонист кард, алафаш медодӣ. Акнун, ки пир гашт, аз кор фурӯ монд, аз баҳри он ки алафаш бояд додан, номи «озодӣ» бар вай ниҳодӣ ва аз дарат берун кардӣ. Пас, ҳаққи хидмати бистсола куҷо шуд?!

Бифармуд, то чиҳил дуррааш бизананд ва гуфт:— То ин хар зинда аст, хоҳам, ки ҳар шабонарӯзӣ чандон ки коҳу ҷав тавонад хӯрд, ба қалами ин чаҳор мард медиҳӣ ва агар тақсир кунӣ, маълуми ман гардад, туро куштан фармоям, то дониста бошӣ.

Подшоҳони одил ҳамеша дар ҳаққи заифон андешаҳо доштаанд ва дар муҳиммоти мамлакат дар ҳар дусе сол муқаттаонро таҷассус бояд кард, то эшон нисбат ба аҳволи раоё баднафсӣ накунанд ва вилоят ободону маъмур монад...

ФАСЛИ ШАШУМ

## АНДАР МУОМИЛАИ ҚОЗИЁН ВА ХАТИБОНУ МУҲОСАБА ВА РАВНАҚИ КОРИ ЭШОН

Бояд, ки аҳволи қозиёни мамлакат ягон-ягон бидонанд ва ҳар кӣ аз эшон олиму зоҳид ва кӯтоҳдасту камтамаъ бошад, ӯро тарбият кунанд ва бад-он кор нигаҳ доранд. Ва ҳаргиз на чунин бувад, ӯро маъзул кунанду ба дигарӣ, ки шоиста бошад, бад-ӯ супоранд ва ҳар якеро аз эшон ба андозаи кифояти ӯ мушоҳара итлоқ кунанд, то ӯро ба хиёнат ҳоҷат наяфтад, ки ин кор нозук аст... Нашояд ин шуғл ба ҷоҳилу нопок додан, илло тафвизи ин кор ба олими боваръ ва чун ҳокиме ба ҷаҳлу зулм имзои ҳукме кунад, маълуми подшоҳ гардонанд, он касро маъзул фармудан ва молиш бояд додан. Ва гумоштагони вилоят, ки дасти қозӣ ва ҳокими шариат қавӣ доранд ва равнақи дари сарои ӯ росих гардонанд ва заъф дар амру наҳйи ӯ роҳ надиҳанд. Ва агар касе аз ҳозир шудан ба маҷлиси ҳокими шаръ сар бипечад, ба анфу курҳ ҳозир кунанд, то ҷуз ростӣ наравад ва ҳеҷ кас пой аз ҳукм боз натавонанд кашид. Ва ҳама рӯзгор аз даври Одам... то акнун дар ҳар миллате ва мулке адле варзидаанд ва инсоф дода ва ба ростӣ кӯшида, то мамлакати эшон солҳои бисьёр бимонад.

### ҲИКОЯТ

Дар ин маънӣ чунин гӯянд, ки расми мулуки аҷаб чунон будааст, ки рӯзи Меҳрҷон ва Наврӯз подшоҳ ба раоё бор додандӣ ва касро боздошт набудӣ ва пешин ба чанд рӯз мунодӣ бифармудандӣ, ки биёед ба ман фалон рӯз бо шуғли хеш. Ҳар касе қиссаи хеш бинавиштӣ ва хуҷҷастагии хеш ба даст овардӣ ва ҳар кас кори худро бисохтандӣ. Ва чун он рӯз будӣ, мунодӣ кардандӣ, малик аз беруни дар бонг кардӣ, ки «агар касе касеро боздорад аз ҳоҷат хостан дар ин рӯз малик аз хуни ӯ безор аст». Пас, малик қиссаҳои мардумон биситадӣ ва ҳама биниҳодӣ ва як-як менигаристӣ. Агар дар он ҷо қиссае будӣ, ки аз малик нолида будӣ, мӯбадон бар дасти рост бинишондӣ ва мӯбади мӯбадон қози-ул-қуззот бошад ба забони эшон. Пас, малик бархостӣ ва аз тахт фуруд омадӣ ва пеши мӯбадон ба доварӣ ба ду зону

бинишастӣ, гуфтӣ: — Нахуст аз ҳама довариҳо доди ин мард аз ман бидеҳ, ҳеҷ майлу муҳобо макун.

Он гаҳ мунодӣ кардӣ, ки ҳар киро бо малик хусумате ҳаст, ҳама яксар биёед, то нахуст кори шумо бигузорам. Ва пас малик мӯбадро гуфтӣ: — Ҳеҷ гуноҳе нест назди худои таоло бузургтар аз гуноҳи подшоҳон. Ва ҳақ гузоридани подшоҳон неъмати эзидтаоло нигаҳ доштани раият асту доди эшон додан ва дасти ситамгорон аз эшон кӯтоҳ кардан. Пас, чун малик ситамгор бошад, лашкар ҳама бедодгар шаванду худои таолоро фаромӯш кунанд ва куфрони неъмат оранд ва ҳар-оина хазлону хашми худой дар эшон расад. Пас, рӯзгоре барнаёяд, ки ҷаҳон вайрон шаваду эшон ба сабаби шумии гуноҳон кушта шаванд ва малик аз он хона таҳвил кунад. Эй мӯбади худой, гӯи маро бар хештан магузин, зеро ки эзидтаоло ҳар чӣ аз ман пурсад, ман аз ту пурсам ва андар гардани ту кардам.

Пас, мӯбад бинигаристӣ, миёни хасму малик ҳақдӯст шудӣ ва доди вай ба тамоми бидодӣ ва агар касе бар малик даъвои ботил кардию ҳуҷҷат надоштӣ, ӯро укубати бузург фармудию гуфтӣ: — Ин сазои он кас аст, ки бар малику мамлакати вай айб ҷӯяд ва ин далерӣ кунад.

Чун малик аз доварии хеш пардохтӣ, ба сари тахт омадӣ ва тоҷ бар сар ниҳодию рӯй сӯи бузургону вакилон кардӣ ва гуфтӣ: — Ман ин оғоз аз хештан бад-он кардам, то шуморо тамаъ бурида шавад аз ситам кардан бар касе. Акнун ҳар кӣ аз шумо хасме дорад, хушнуд кунад.

Ва ҳар кӣ ба вай наздиктар будӣ, он рӯз дуртар будӣ ва аз аҳди Ардашер*, то ба рӯзгори Яздгурд* ҳам бар ин ҷумла буд.

Яздгурд расми падарон бигардонид ва андар ҷаҳон оини бад оварду мардумон дар ранҷ афтоданди ва нафрину дуои бад мутавотир шуд. Ногаҳ рӯзе асбе аз дари сарои ӯ даромад бар сифати ҳар чӣ некӯтар, чунон ки бузургон ҳама аҷоиб монданд ва оҳанги гирифтани ӯ карданд, натавонистанд, то пеши Яздгурд омад ва хомӯш бистод бар канори айвон. Яздгурд гуфт: — Шумо бистед, ки ин ҳадьяест, ки эзидтаоло маро фиристодааст.

Бархост, нарм-нарм то пеши асб омаду буши асб бигирифт ва дастро бар рӯи асб фурӯмолид ва ҳамчунон бар пушти ӯ фуруд овард ва ҳеҷ наҷунбид, хомӯш

ҳамебуд. Яздгурд зину лагом хост. Лагом бар сараш кард ва зин барниҳоду танг баркашид ва аз пас даромад, то полдум дарафганад. Ногоҳ ҷуфтае бизад ӯро бар сару бар ҷой бикушт ва асб сар берун ниҳод ва ҳеҷ кас ӯро дарнаёфт. Ва кас надонист, ки аз куҷо омаду куҷо шуд. Мардумон гуфтанд, ки «ин асб фариштае буд фиристодаи худои таоло, ки моро аз ситами ӯ бираҳонд».

### ҲИКОЯТ

Аммора ибни Ҳамза андар маҷлиси халифа-Восиқ* нишаста буд. Рӯзи мазолим марде бархост ситамрасида ва аз Аммора шикоят кард, ки зайъати ман ба ғасб фурӯ гирифтааст. Халифа-Восиқ... Аммораро гуфт:— Бархезу дар паҳлӯи хасм бинишин ва ҳуҷҷати хеш бигӯй. Аммора гуфт: — Ман хасми вай наям ва агар ин зайъат азони ман аст, ба вай бахшидам ва бархезам аз он ҷо, ки халифа маро гиромӣ кардааст. Ва ман ҷоҳу рутбати хеш ба зайъате ба бод натавонам дод. Ҳама бузургонро хуш омад аз баландҳимматии ӯ.

Бояд ки қуззоти подшоҳ ба тани хеш кардан ва сухани хасмон шунудан ба гӯши хеш. Чун подшоҳ турк бошад, ё тозик ва ё касе, ки ӯ тозӣ надонад ва аҳкоми шариат нашиносад, лобуд ӯро ба ноибе ҳоҷат бошад, то шуғл меронад ба ниёбати ӯ. Ва қозиён ҳама ноибони подшоҳанд ва шуғли ӯ кунанд ва бар подшоҳ воҷиб аст, ки дасти қуззот қавӣ дорад ва ҳурмату манзалати эшон бояд ки ба камол шавад. Ва ҳамчунин хатибонро, ки андар масҷиди ҷомеъ намоз мегузоранд, ихтиёр кунанд аз мардумони қуръонхони порсо, ки кори намоз нозук аст ва намози мусулмонон ба имом тааллуқ медорад ва чун намози имом бохалал бошад, намози қавм ҳам бохалал бошад. Ва ҳамчунин дар ҳар шаҳре мӯҳтасибе бояд гузошт, ки олиму донотар бувад, то тарозуҳою нархҳо рост дорад ва хариду фурӯхтҳо донад, то андар он ростӣ равад. Ва ҳар матое, ки аз атроф оранд, дар бозор фурӯшанд ва эҳтиёти тамом кунад, то хиёнате накунанд. Ва сангҳо рост доранд ва амри маъруф ва наҳйи Мункар ба пой доранд ва подшоҳу гумоштагони ӯ бояд ки дасти ӯ қавӣ доранд, ки яке аз қоидаи мамлакатдорӣ ва натиҷаи диндорӣ ин аст. Ва агар ҷуз ин кунад, дарвеш дар ранҷ афтад ва мардумони бозорҳо, чунон ки хоҳанд, харанду фурӯшанд ва

фиск ошкоро шавад ва кори шариат беравнақу бенизом шавад. Ва ҳамеша ин кор ба яке аз хавос фармудандӣ, то ходиме ва турку тозикро ҳеҷ муҳобо накардӣ ва хоссу ом аз ӯ битарсидандӣ, то ҳама корҳо бар инсоф ва қавоиди ислом маҳкам будӣ, чунон ки андар ҳикоят омадааст.

## ҲИКОЯТ

Нақл аст, ки Султон Маҳмуд* ҳама шаб бо ҳавосу нудамо шароб хӯрдӣ. Алӣ Нӯштагину Муҳаммади Ғазнӣ аз ҷумлаи умарои бузурги ӯ буданд ва дар маҷлиси ӯ ҳозир буданду ҳама шаб шароб хӯрданд ва то дами субҳ бедор буданд. Чун рӯз ба чошт расид, Алӣ Нӯштагин саргарон гашт ва ранҷи бедорию ифроти шароб дар ӯ асар кард ва сутуре хост, ки ба хонаи хеш равад.

Маҳмуд гуфт: — Савоб нест, рӯзи равшан маст ба хона равӣ. Ҳамин ҷо соате биёсо то намози дигар, он гаҳ бирав, ки агар туро мӯҳтасиб бад-ин ҳол бинад, обрӯи ту бибарад ва дили ман ранҷур гардад ва ҳеҷ натавонам гуфт.

Алӣ Нӯштагин сипоҳсолори панҷоҳ ҳазор мард буд ва шуҷоу мубориз. Дар вақти хеш мисли ӯ набудӣ ва ӯро бо ҳазор мард баробар ниҳодандӣ. Дар хотири ӯ ҳам нагузашт, ки мӯҳтасиб ин маънӣ дар дил биёрад. Бисутӯҳид ва савганд дар дил биёвард, ки албатта, биравам.

Маҳмуд гуфт: — Ту беҳ донӣ.

Алӣ бар пушти сутур барнишаст, бо анбӯҳи азим, бо хайли ғуломону чокарон рӯй ба хона ниҳод. Қазоро мӯҳтасиб дар роҳ миёни бозор пеш омад барнишаста бо сад марди савор. Алӣ Нӯштагинро чунон маст бидид, фармуд, ки аз асбаш фурӯ кашиданд. Ва худ аз асб фуруд омад, то яке бар сараш нишасту яке бар пой ва ба дасти хеш бизадаш бемуҳобо, чунон ки замин ба дандон мегирифт ва ҳавошию лашкараш менигаристанд ва ҳеҷ касро заҳраи он набуд, ки чизе гӯяд ва ин мӯҳтасиб ходиме турк буд тез ва мӯҳташам ва ҳаққҳои хидмат дошт. Чун мӯҳтасиб бирафт, Алӣ Нӯштагинро ба хона бурданд. Дар роҳ, ки мерафт, мегуфт: — Ҳар ки фармони султон набарад, ҳоли ӯ чун ҳоли ман бошад.

Рӯзи дигар Алӣ Нӯштагин ба хидмат шуд. Султон гуфт: — Чун будӣ ва чун растӣ аз мӯҳтасиб?

Алӣ пушт бараҳна карду ба султон намуд, шох-шох гашта. Султон бихандиду гуфт: — Тавба кун, ки маст аз хона берун наравӣ.

Чун тартиби мулк ва қоидаи сиёсат ниҳода буд, кори адл бад-ин тариқ мерафт, ки ёд карда шуд.

### ҲИКОЯТ

Ва ҳам шунидам, ки дар Ғазнин хаббозон дарҳои дӯкон барниҳоданд. Нон азизу ноёфт гашт ва дарвешон дар ранҷ афтоданд ва тазаллум ба даргоҳи султон оварданд ва аз нонвоён бинолиданд, Султон бифармуд, то нонвои хос биёварданд ва дар зери пои пил афганданд.

Чун бимурд ба дандони пил бастанду дар шаҳр бигардониданд ва бар вай мунодӣ карданд, ки «ҳар кӣ дари дӯкон кушода накунаду нон нафурӯшад, бо ӯ ҳамин равад, ки бо ин рафт».

Анборҳо харҷ карданд, намози шом бар дари ҳар дӯконе панҷоҳ нон монда буд ва касе намехарид...

## ФАСЛИ ҲАФТУМ

## АНДАР ПУРСИДАН АЗ АҲВОЛИ ОМИЛ ВА ҚОЗИЮ РАИС ВА ШАРТИ СИЁСАТ

Подшоҳ бояд ба ҳар шаҳре нигоҳ кунад, то ҳокиму омил дар он ҷо кист ва бар кори дин майле дорад ва аз эзидтаоло ҳамеша тарсон аст ва соҳибғараз нест. Ӯро бигӯяд, ки «амонати ин шаҳру ноҳият дар гардани ту кардем. Он чӣ эзидтаоло аз мо пурсад бад-он ҷаҳон, мо аз ту пурсем. Бояд ки ҳоли омилу қозӣ ва шаҳнаву мӯҳтасиб ва раоёи хурду бузург медонӣ ва мепурсӣ ва ҳақиқати ҳол маълуми мо мекунӣ ва дар сирру алония менамоӣ, то он чӣ воҷиб ояд, андар он мефармоем». Ва касоне, ки бад-ин сифат бошанд, имтиноъ кунанд ва ин амонат напазиранд, эшонро илзом бояд карду ба икроҳ бибояд фармуд.

### ҲИКОЯТ

Чунин гӯянд, ки Абдулло ибни Тоҳир* амири одил буда ва гӯри ӯ ба Нишопур аст ва мо дидему зиёрат

кардем ва пайваста мардумон он ҷо шаванд ва ҳоҷатҳо хоҳанд, худои азза ва ҷалла раво мекунад. Ва ӯ ҳамеша амал ҳама порсоёну зоҳидон ва касонеро фармудӣ, ки эшонро ба моли дунъё ҳоҷат набудӣ ва ба ғараз азони хеш нагаштандӣ, то моли ҳақ ҳосил омадӣ ва ба раоё ранҷ нарасидӣ ва ӯ гирифтор набудӣ.

### ҲИКОЯТ

Дар ин маънӣ Бӯалии Даққоқ рӯзе ба наздики Абӯалӣ Ильёс, ки сипаҳсолор ва волии Хуросон буд, омад. Ин Абӯалӣ бо ҳама ҷалолат шахси фозил будӣ. Бӯалии Даққоқ дар пеши ӯ биништаст ба ду зону. Бӯалӣ Ильёс гуфт: — Маро панде деҳ. Гуфт: — Ё амир, як масъала мепурсам аз ту бенифоқ ҷавобам диҳӣ? Гуфт:— Диҳам. Гуфт: — Маро бигӯй, ки ту зар дӯст дорӣ ё хасм? Гуфт: — Зар. Гуфт: — Пас чигуна аст, ки он чӣ дӯсттар дорӣ, ин ҷо раҳо мекунӣ ва он чӣ дӯст надорӣ, бо хеш бад-он ҷаҳон мебарӣ?

Бӯалӣ Ильёсро об дар чашм бигашту гуфт: — Некӯ панде додӣ маро, ҷумлаи фоида андар ин бувад ва маро аз хоби ғафлат бедор кардӣ.

### ҲИКОЯТ

Чунин гӯянд, ки Султон Маҳмуди* ғозиро рӯй некӯ набуд, кашидарӯй буд ва хушку дарозгардан ва баландбиниву кӯса буд, ба сабаби он ки пайваста гул хӯрдӣ, зардрӯй буд. Чун падараш Сабуктегин* раҳматуллоҳ даргузашт ва ӯ ба подшоҳӣ биништаст ва Ҳиндустон ӯро софӣ шуд, рӯзе ба гоҳи бомдод дар ҳуҷраи хос бар мусаллои намоз нишаста буд ва оинаву шона дар пеш ниҳода ва ғулом дар пеш истода. Вазираш Шамсулкуфот Аҳмади Ҳасан аз дари ҳуҷра андаромад ва хидмат кард. Ӯро ба сар ишорат кард, ки биншин. Дар пеши Маҳмуд биништаст. Чун Маҳмуд аз даъвоти хондан форил шуд, қабо дарпӯшид ва кулоҳ бар сар ниҳоду мӯза дар пой кард ва дар оина нигоҳ кард. Чеҳраи хешро бидид, табассум кард.

Маҳмуд гуфт: — Донӣ дар дили ман чӣ гардид? Гуфт: — Худованд беҳтар донад. Гуфт: — Метарсам, мардумон маро дӯст надоранд аз он чи рӯи ман на накӯст. Мардумон ба одат подшоҳи некӯрӯй дӯст доранд. Чӣ кунам? Гуфт: — Зарро душман гир, то мардумон туро дӯст гиранд.

Маҳмудро хуш омад, гуфт: — Ҳазор маънӣ дар зери ин як сухан аст.

Маҳмуд даст ба таом додан ва хайрот бикушод ва ҷаҳониён ӯро дӯст гирифтанду саногӯи ӯ шуданд ва корҳои бузург ва ганҷҳо ӯро мусаххар шуд ва ба дасти ӯ-бар омад. Ва ба Сӯманот шуд ва Сӯманотро бикушоду биёмад ва ба Самарқанд шуд ва ба Ироқ омад. Рӯзе Маҳмуд Ҳасанро гуфт: — То ман аз зар даст бидоштам, ҳар ду ҷаҳон маро ба даст омад ва чун дунёро хор бигирифтам, азизи ду ҷаҳон шудам.

Ва пеш аз ӯ исми султонӣ набуд ва нахустин касе, ки дар ислом хештан «Султон» хонд, Маҳмуд буд...

## ҲИКОЯТ

Магар амире вакили хешро бихонду гуфт: — Дар Бағдод касеро шиносӣ аз мардумони шаҳру бозор, ки ба диноре понсад бо ман муомилат кунад, то вақти иртифоъ боздиҳам.

Вакил андеша кард, аз шиносоёнаш яке ба ёд омад, ки дар бозор хариду фурӯхт кардӣ ва шашсад динор зарри халифатӣ дошт, ки ба рӯзгор ба даст оварда буд. Амирро гуфт: — Маро марди ошноест, ки дӯкон ба фалон бозор дорад ва ман гоҳ-гоҳе ба дӯкони ӯ нишинам ва бо ӯ доду ситад кунам, шашсад динор зар дорад. Магар касе бад-ӯ фиристӣ ва ӯро бихонӣ ва ба ҷои некаш бинишонӣ ва ҳар соат талаттуф кунӣ ва болояш диҳӣ, пас аз нон хӯрдан сухан бо ӯ ба забони худ бигӯӣ. Бошад, ки аз ту шарм дорад ва он ҳашмати ту рад натавонад кард.

Амир ҳамчунон кард ва кас бад-ӯ фиристод, ки бо ту замоне шуғл дорам, қадам ранҷа кун.

Мард бархосту ба сарои амир шуд ва ӯро ҳаргиз бо амир маърифате набуд ва чун пеши дар рафт, салом кард. Амир чун «алейк» гуфт, рӯй сӯи надимону хавоси хеш кард, ки «ин фалон кас аст?» Гуфтанд: — Оре.

Амир пеши ӯ бар пой хост ва фармуд, то ӯро бо ҷои некаш бинишонданд. Пас, гуфт: — Ман озодмардию некӯсиратӣ ва диёнати ту, эй хоҷа, шунидам, чаро густохӣ накунӣ ва муҳимме, ки бошад, нанамоӣ ва бо мо дӯстӣ накунӣ?

Ва дар ҳар чӣ амир мегуфт, ӯ хидмат мекард ва вакили амир гуфт: — Хоҷа сад чандин аст.

Замоне буд, хон оварданд. Амир ӯро наздики хеш ҷой доду ҳар замоне аз пеши хеш хӯрданӣ баргирифтӣ

ва пеши ӯ ниҳодӣ. Чун хон баргирифтанду даст бишустанд ва қавм пароканда шуданд, хавос бимонданд, амир рӯй сӯи он мард карду гуфт: — Донӣ, ки туро ба чӣ ранҷа кардам? Гуфт: — Амир беҳ донад. Гуфт: — Маро дар ин шаҳр дӯстону азизон бисьёранд, ки ҳар ишорат, ки мо бад-эшон кунем, аз он нагузаранд ва агар панҷ ҳазору даҳ ҳазор аз эшон бихоҳем, вафо кунанд ва дареғ надоранд, аз он чӣ эшонро аз муомилати ман фоида бисьёр бувад ва ҳаргиз кас аз сӯҳбати ман зиён накардааст, дар ин қисса маро орзу чунон кард, ки миёни ману ту дӯстию улфат бошад ва густохӣ равад. Ҳарчанд ки маро азизон бисьёранд, аммо маро мебояд, ки ту дар ин ҳол бо ман ба диноре ҳазор муомилат кунӣ ба муддати чаҳору панҷ моҳ, то вақти иртифоъ бидиҳем ва дастҷомае бар сар ниҳем ва донам, ки бад-ин қадар туро дастрас бошад ва ба азъоф аз ман дареғ надорӣ.

Мард аз шарм ва талаттуфе, ки бо ӯ ҳамекард, гуфт: — Фармон амиррост, валекин аз он дӯкондорон наям, ки маро ду ҳазор ё ҳазор бошад ва бо меҳтарон ҷуз рост натавон гуфт, ҳама сармоя шашсад динори халифатист ва дар бозор дасту пой мезанам ва хариду фурӯхти борик мекунам ва ба рӯзгор ва сахтӣ ба даст овардаам. Амир гуфт: — Маро дар хазина зарри дастзада ҳаст бисьёре, валекин ин корро нашояд ва маро аз ин муомилат ҷуз дӯстӣ нест ва чӣ хезад туро доду ситади борик кардан? Ин шашсад динор ба ман деҳ ва қаболаи ҳафсад динор ба гувоҳии ҷамъи удул аз ман биситон то ба вақт.

Вакилаш ҳамегуфт: — Ту ҳанӯз амирро надонӣ, аз ҳама бузургони давлат ҳеҷ кас покмуомилатар аз амир нест. Гуфт: — Фармонбардорам ва фармон амиррост. Он қадар, ки ҳаст, дареғ нест.

Он зар бад-ӯ дод ва амир он навишта бад-ӯ дода, чун аҷал ба сар омад, он мард ба саломи амир шуд ва ба забон ҳеҷ тақозо накард, ки амир маро бинад, донад, ки ба тақозои зар омадаам. То ду моҳ бар ин бигузашт, ки омаду шуд мекард ва зиёдат аз даҳ бор амир он мардро бидид, ба хотир нарасонид, ки ба тақозои зар меояд. Мард дид, ки амир тағофул мезанад, қисса бинавишт ва ба дасти амир дод, ки маро бад-он зар ҳоҷат аст ва аз ваъда ду моҳ гузашта. Агар раъй бинад, ишорате ба вакил кунад, то ба ходим таслим кунад.

Амир гуфт: — Ту пиндорӣ, ки аз кори ту ғофилам,

дил машғул мадор. Рӯзаке чанд сабр кун, ки ман дар тадбири зарри туам, мӯҳр карда ба дасти мӯътамаде азони хеш ба хонаи ту фиристам.

Ин мард ду моҳи дигар сабр кард ва асари зар ҳеҷ надид. Дигарбора ба сарои амир шуд ва қисса ба забон бигуфт. Амир ҳам ишвае чанд бидод ва ҳар ду-се рӯз ба тақозо мерафт ва ҳеҷ суд намедошт ва аз аҷал ҳашт моҳ бигузашт. Мард дармонд. Мӯҳташамонро ба тақозо барангехт ва ба қози-ул-қуззот шуд, ӯро ба ҳукми шаръ хонд, ҳеҷ бузургеву мӯҳташаме намонд, ки аз ҷиҳати ӯ бо амир сухан нағуфтанд.

Ва пеши қозӣ панҷоҳ бор кас овearданд, ӯро ба шаръ наметавонист барад ва на он чӣ мегуфтанд, мепазируфт, то бар ин ҳол як солу ним бигузашт ва мард оҷиз монду бад-он розӣ шуд сад динори дигар кам кунад аз он чӣ додааст ва аз сари суд низ бигузарад, ҳеҷ фоида надошт. Умед аз ҳама меҳтарон бибурид, дил дар худои азза ва ҷалла баст ва ба масҷиди фозил шуд, чанд рукъат намоз бигузориду ба худои таоло бинолид ва мегуфт: — Ё раб, ту ба фарьёд рас ва маро ба ҳаққи хеш бозрасон ва доди ман аз ин бедодгар биситон.

Магар дарвеше дар он масҷид нишаста буд, нолаи вай бишунид. Дилаш бисӯхт. Чун аз тазаррӯъ фориғ шуд, гуфт: — Эй азиз, туро чӣ расидааст, ки меголӣ, бо ман бигӯй. Гуфт: — Маро ҳоле пеш омадааст, ки бо махлуқ гуфтан суде надорад ва бо ту гуфтан суде надорад. Дарвеш гуфт: — Агар бо ман суд надорад, зиён ҳам надорад ва нашунидай, ки гуфтаанд: «Ҳар киро дарде бошад, бо ҳама кас бибояд гуфтан. Шояд ки аз камтар касе биёбад дармони онро». Ва агар ҳоли хеш бо ман бигӯй, бошад, ки туро роҳате расад. Пас, агар роҳате нарасад аз ин, ки ҳастӣ, дарнамонӣ.

Мард бо худ гуфт: — Рост мегӯяд, савоб он аст, ки бигӯям. Моҷарои хеш бозгуфт билтамом. Дарвеш чун бишунид, гуфт: — Эй озодамард, инак ранҷро роҳат падид омад. Агар он чӣ ман бигӯям, бикунӣ, ҳам акнун ба зарри хеш бозрасӣ.

Гуфтам: — Чӣ кунам? Гуфт: — Ҳам акнун ба фалон маҳалла рав, дар паҳлӯи масҷид манорае дорад ва марди дарзӣ дар он ҷо нишаста ва мураққае пӯшида карбос ҳамедӯзад ва кӯдаке ду дар пеш дорад. Бар он дӯкон рав ва салом куну бинишин ва аҳволи хеш бо ӯ бигӯ. Чун ба мақсад расӣ, маро ба дуо ёд кун ва дар ин чӣ гуфтам, коҳилӣ макун.

Мард аз масҷид берун омад ва бо худ андешид, ки «эй аҷаб, ҳама бузургонро шафеъ кардам, суде накард, акнун ин дарвеш, ки марди пир ва оҷиз аст, ба пири дарзӣ раҳнамунӣ кард ва менамояд, ки мақсуд аз ӯ ҳосил мешавад ва маро ин муҳол менамояд, валекин чӣ кунам? Биравам. Агар фоида накунад, аз ин бадтар ҳам нашавад. Рафт то ба дари масҷид ва бад-он дӯкон шуд ва бар он пир салом карду дар пеши ӯ нишаст. Пирмард чизе медӯхт, соате буд дӯхтан. Дӯхтан аз даст бениҳод ва мардро гуфт: — Ба чӣ кор ранҷа шудӣ? Шуғлею фармоне ҳаст?

Мард ҳол ва қиссаи хеш аз оғоз то анҷом бо ӯ бигуфт.

Дарзӣ чун аҳвол бишунид, ӯро гуфт: — Корҳои бандагонро худои азза ва ҷалла рост орад. Ба дасти мо ҷуз сухане набошад. Мо низ ба хасми ту сухане бигӯем, умедворам, ки худои таоло рост орад ва ту ба мақсуд расӣ. Замоне бинишин, пушт бар он девор бозниҳ.

Пас аз он шогирдон якеро гуфт: — Бархез ва ба сарои фалон амир рав. Чун дар саро шавӣ, бар дари ҳуҷраи хос бинишин, ҳар кӣ дар он ҷо шавад ё берун ояд, бигӯ, ки шогирди фалон дарзӣ бар даст истодааст ва ба ту пайғоме дорад, ҳамегӯяд; марде аз ту ба тазаллум пеши ман омадааст ва ҳуҷҷате дар даст дорад ба ҳафтсад динор ва аз аҷал як солу ним гузашта. Ҳам акнун хоҳам, ки зарри ин мард бирасонӣ ба камол ва ӯро хушнуд кунию тақсир накунӣ ва зуд ҷавоби ӯ ба ман ор.

Кӯдак ба так бархост ва ба сарои амир шуд ва мард ба тааҷҷуб шуда буд, ки подшоҳ бандаи хешро чунон пайғом надиҳад, ки ӯ бад-он амирро ба забони кӯдак. Замоне буд, кӯдак бозомад. Устодро гуфт: — Ҳамчунон кардам, ки маро гуфтӣ. Пайғом расондам. Амир аз ҷой бархосту гуфт: «Саломи ман хидмати устод бирасон ва бигӯй, ба ҷон миннатдорам, инак меоям ва зар бо худ меорам ва узри тақсири рафта бихоҳам ва ҳамин соат зар таслим кунам».

Ҳанӯз соате нагузашта буд, ки ин амир меомад бо рикобдорею ду чокар.

Аз асб фурӯд омад ва салом карду бар дасти пирмард бӯса бизаду бинишаст ва сурраи зар аз чокар бисitаду гуфт: — Инак зан(н) набарӣ, ки ман зарри ин мард бозхостам гирифт ва ин тақсир, ки рафтааст аз ҷониби вакилон бувад.

Ва гуфт: — Бирав аз ин бозор ноқиде биёвар.

Рафтанд ва ноқиде биёварданд. Зарри нақд баркашид, понсад динор буд.

Амир гуфт: — Ин понсад динор дар канори ӯ рез.

Ва гуфт: — Фардо, чандон ки аз даргоҳ бозгардам, ӯро бихонам, дувист динори дигар таслим кунам ва узри гузашта бихоҳаму дил хуш кунам ва чунон кунам, ки фардо пеш аз намози пешин саногӯ пеши ту ояд.

Пирмард гуфт: — Ин понсад динор ба вай супор ва чунон кун, ки аз ин қавл бознагардӣ.

Гуфт: — Чунин кунам.

Зар дар канори ман кард ва дасти пирро дигарбора бӯса доду бирафт ва ман аз хуррамӣ намедонистам, ки чунам. Сангу тарозу бихостам ва сад динор санҷидам ва пеши пир ниҳодаму гуфтам: — Ман ризо бад-он додаам, ки сад динор камтар бозситонам. Акнун аз баракоти сухани ту ҳафтсад динор ба ман расида, ин сад динор ҳаққулсаъи туст ба тавъи хеш ба ту бахшидам. Пирмард рӯй турш карду гуфт: — Ман он гоҳ бароcоям, ки ба сухани ман дили мусулмоне аз ғаму ранҷ халос ёбад. Агар аз сад динор як ҳаббае бар худ ҳалол кунам, ман золимтар аз он турк бошам, ки ҳафтсад динор аз ту биситад. Бархезу бирав. Агар фардо дувист динор зар ба ту нарасида бошад, бояд ки маълуми ман кунӣ ва баъд аз ин муомила бояд ки ҳарифи худро бишиносӣ.

Чун бисьёр ҷаҳд кардам, ҳеҷ напазируфт. Бархостам ва аз пеши ӯ бирафтам ва он шаб фориғдил будам ва бихуфтам. Дигар дар хона нишаста будам, чоштгоҳе касе аз назди амир ба талаби ман омаду гуфт: — Амир мегӯяд, лаҳзае ба сарои мо ҳозир шав.

Чун бирафтам, амир бархост ва эъзоз намуду ба ҷои некӯ бинишонд ва вакилони хешро бисьёр дашном дод, ки тақсир эшон карданд ва ман пайваста ба шуғли хидмат машғул мебошам ва ҳазор бор фармудам, то ҳаққи ту ба ту бидиҳанд. Пас, якеро гуфт: — Хазинадорро гӯ, кисаи зар биёрад ва тарозу биёраду дувист динори халифатӣ биёрад ва бисанҷаду ба ман диҳад.

Доданд, гирифтам ва хидмат кардам, бархостам, то биравам, гуфт: — Замоне бинишин.

Бинишастам. Хон оварданд. Чун таом хӯрдему даст шустем, чизе дар гӯши ходим гуфт. Ходим рафт, дарҳол бозомад ва ҷомае дар миён, эзоре бар даст ниҳода.

Амир гуфт: — Дар-пӯшон.

Ҷуббаи гаронмояе дар ман пӯшониданд ва дастори қасаб бар сари ман бастанд. Пас амир маро гуфт: — Аз ман ба дил хушнуд гаштӣ? Гуфтам: — Гаштам. Гуфт:— Қабола ба ман деҳ ва чунон кун, ки ҳам имрӯз пеши пир равӣ ва пирро бигӯӣ, ки ба ҳаққи хеш расидам ва аз фалон хушнуд гаштам.

Гуфтам: — Чунин кунам, ки ӯ худ маро гуфтааст. Бархостам ва аз сарои амир ба наздики пири дарзӣ шудам ва ҳол бад-ӯ гуфтам, ки амир маро бихонду гиромӣ кард ва бокии зар бидод ва бар сари он ҷуббаю дасторе дар ман пӯшонид. Ва ин ҳама аз баракоти сухани ту медонам, ки бошад, ки ин дувист динор аз ман бипазирӣ.

Ҳар чӣ гуфтам ба қалилу касир, аз ман напазируфт. Бархостам, ба дили фориғ ба дӯкон омадам ва дигар рӯз барра ва мурғе чанд бирьён бо табақе ҳалво ва кулча пеши дарзӣ бурдаму гуфтам: — Эй шайх, агар зар намепазирӣ, ин қадар хӯрданӣ боре аз ман бипазир, ки аз касби ҳалоли ман аст, то дили ман хуш гардад.

Гуфт: — Пазируфтам. Даст фароз кард, таоми ман бихӯрд ва шогирдонро бидод. Пас, шайхро гуфтам:— Маро низ ҳоҷатест, агар фармон диҳӣ, бигӯям.

Гуфт: — Бигӯй. Гуфтам: — Ҳама вазирону бузургон аз ҷиҳати ман сухан гуфтанд, ҳеҷ суд надошт ва сухани ҳеҷ кас гӯш накард, қози-ул-қуззот дар кори ӯ оҷиз монд. Сабаб чист, ки сухани туро қабул кард ва ҳар чи ту гуфтӣ, дар-вақт ба ҷо овард ва зарри ман бидод. Ин ҳурмат ва ҳашмати ту ба наздики ӯ аз куҷост, маро бозгӯй, то бидонам.

Гуфт: — Ту аз аҳволи ман бо амир хабар надорӣ? Гуфтам: — На. Гуфт: — Гӯш дор, бигӯям. Гуфт: — Бидон, ки сӣ сол аст, то бар манораи ин масҷид бонги намоз мекунам ва касби ман аз дарзигарӣ аст ва ҳаргиз май нахӯрдаам ва ... корҳои ношоист накардаам ва дар ин кӯй сарои амирест. Магар рӯзе намози дигар бикардам ва аз масҷид берун омадам, то ба дӯкон оям, амирро дидам масту ҳароб меомад ва даст дар чодари зани ҷавоне зада буд ва ӯро ба зӯр мекашид ва ин зан фарьёд мекарду мегуфт: — Эй мусулмонон, маро фарьёд расед, ки ман зане инкора нестам, духтари фалон касам ва хона ба фалон маҳалла дорам ва ҳама кас ситру салоҳи маро донанд ва ин турк маро ба мукобара меба-

рад, то бар ман фасод кунад ва низ шӯям ба се талоқи ман савганд хӯрдааст, агар шабе аз хона берун бошам, талоқи ман дода бошад, акнун ҳам аз биҳишт бароям ва ҳам аз шавҳар. Ва мегиристу ҳеҷ кас ба фарьёди он зан намерасид, ки ин амири мӯҳташаму гарданкаш буд ва панҷ ҳазор савор хайл дошт ва ҳеҷ кас бо ӯ сухан наметавонист кард. Ман лахте бонг бардоштам, суд надошт ва он занро дар сарои хеш бурд ва маро тағобун омад... сабр натавонистам кард. Рафтам, пирамарде ва кадхудой чанде рост кардаму ба дари сарои амир шудем ва бонг баровардем, ки «мусулмонӣ нест, ки дар шаҳри Бағдод бар болини халифа занеро ба курҳу мукобара аз роҳ бигиранд, дар хона баранд, бо ӯ фасод кунанд! Агар ин занро ба саломат берун фиристед, вагарна ҳам акнун ба даргоҳи амир Мӯътасим * равем ва тазаллум кунем». Амир чун овози мо бишунид, аз сарой берун омад ва даббӯсе дар даст, якеро сар шикасту якеро пой. Чун чунон дидем, ҳама бигурехтем ва ба хона шудем. Вақти намози шом буд, намоз бикардем. Замоне ба ҷомаи хоб шудем ва паҳлӯ бар замин ниҳодем, то бихуспем. Аз он эъроз ва ранҷ маро хоб намеомад, то аз шаб ниме бигузашт. Ман дар фикру андеша будам, ки «агар он зан имшаб аз хона берун монад, талоқ лозимояд ва ман шунидаам, ки майхорагон чун маст шаванд, хобе бикунанд, ҳушьёр шаванд, валекин надонанд, ки аз шаб чанд гузашта бошад, маро тадбир он аст, ки акнун бар сари манора шавам, бонги намоз бикунам. Чун он турк бишунавад, пиндорад, ки вақти рӯз аст, даст аз ин зан бидорад ва ӯро аз сарой берун кунад, лобуд гузараш бар дари масҷид бувад, чун бонги намоз кунам, зуд аз манора ба зер ояму бар дари масҷид бинишинам. Чун зан фароз ояд, ӯро ба хонаи хеш барам, то боре ин бечора аз шӯй барнаёяд». Пас ҳамчунин кардам. Чун бонги намоз баромад, амир Мӯътасим бедор буда, бишунида, пиндошта вақти намоз аст. Чун берун омада, маълум карда, ки ҳанӯз вақт боқист. Ходимеро гуфт: — Бирав, ҳоҷибалбоброн бигӯ, ки асасро бигӯяд, ки ҳам акнун бирав ва ин муаззинро, ки нимишаб бонг кард, бигиру биёвар, то изои балиғ фармоям, ки илло ба вақт бонги намоз накунад.

Ман бар дари масҷид истода будам мунтазири он зан. Асасро дидам бо машъал меомад, гуфт: — Ин бонги намоз ту кардӣ?! Гуфтам: — Оре. Гуфт: — Чаро бе-

вақт кардӣ, ки халифаро мункар омадааст ва бад-ин сабаб бар ту хашмолуда шудааст ва инак маро ба талаби ту фиристодааст, то туро адаб фармояд.

Ман гуфтам: — Фармон халифарост, лекин маро беадабе бар ин дошт, ки ман бевақт бонг кунам.

— Гуфт:— Беадаб кист? Гуфтам:— Он кас, ки ӯ аз худои азза ва ҷалла ва аз халифа наметарсад. Гуфт:— Он кӣ тавонад буд, андар ҳама рӯи замин аз худою аз халифа натарсад? Гуфтам: — Ин ҳолатест, ки ҷуз ба амир натавон гуфт ва агар ман ин қасд карда бошам, ҳар таъдибе, ки маро фармоед, шояд.

Гуфт: — Рав, то ба дари саро шавем.

Чун ба дари сарои халифа расидем, он ходим мунтазир буд, сурат бо ходим гуфт ва ходим дар сарой шуд ва бо Мӯътасим* бигуфт ва маро талабиданду пеши Мӯътасим бурданд.

Вай маро гуфт: — Чаро бевақт бонги намоз кардӣ?

Ман қиссаи турки маст ва зан ва бонг кардан аз аввал то ба охир бигуфтам. Чун Мӯътасим бишунид, ҳам бо ин ходим бигуфт:

— Ҳоҷибалбобро бигӯй, то (бо) сад мард ба сарои фалон амир раваду бигӯяд, ки «туро халифа мехонад». Чун ӯро ба даст оварӣ, бигӯй, то «он занро, ки ба зӯр овардӣ бо худ биёвар» ва балки пирамардро бо ду ходим ба хонаи шӯяш фиристӣ ва бигӯй, то шӯяшро бихонанд ва бигӯянд: «Мӯътасим салом мекунад ва шифоат мекунад дар боби ин зан ҳоле, ки рафт, ӯ аз ин бегуноҳ бувад. Баъд аз ин ӯро аз он некӯтар дорӣ, ки доштӣ». Ва он амирро зуд пеши ман оред. Ва маро гуфт: — Замоне ин ҷо бош. Ва чун як соат буд, амирро пеши Мӯътасим оварданд. Чун чашми Мӯътасим бар вай афтод, гуфт: — Эй чунину чунин, туро аз беҳамиятии ман дар дини мусулмонӣ чӣ маълум гашт ва аз зулми ман чӣ дидӣ ва дар рӯзгори ман чӣ халал дар ислом дар-омад. На ман онам, ки ба сӯи Рум, мусулмонон асир афтода буданд, аз Бағдод бирафтам ва лашкари Румро бишикастаму қайсарро ҳазимат кардам ва шаш сол билоди Румро мекандам аз Қустантания бисӯхтам ва масҷиди ҷомеъ дар он ҷо бино кардам ва то ин мардро аз банди эшон наёвардам, бознагаштам. Имрӯз аз адлу инсофи ман гургу меш ба як ҷо об хӯранд. Туро чӣ заҳра бошад, ки дар шаҳри Бағдод занеро ба мукобара бигирӣ ва ба зӯр дар сарой барию бо ӯ фасод кунӣ!...

Фармуд, ки «ҳамин дам ҷуволе биёред ва ӯро дар

ҷувол кунед ва сари ҷувол маҳкам бубандед». Ҳамчунин карданд. Пас, бифармуд, то чӯби гаҷкӯби гарон биёварданд, гуфт: — Акнун яке аз ин сӯй биистед ва яке аз он сӯй ва чандон бикӯбед, то хурд шавад.

Ва аз ҳар сӯй гаҷкӯб дарниҳоданд ва чандон бизадандаш, ки ҳамчу хок пасташ карданд, гуфтанд.— Ё амир, ҳама устухонҳои ӯ чун хок паст гашт, чӣ фармоӣ?

Гуфт: — Ҳамчунин мезананд.

Пас, маро гуфт: — Эй шайх, бидон, ки ҳар кӣ аз худои таоло натарсад, аз ман натарсад ва он ки аз худои таоло тарсад, худ коре кунад, ки бад-он ҷаҳон ӯро растагорӣ бошад. Ва ӯ худ нокарданӣ бикард ва ҷазой ёфт. Баъд аз ин туро фармудам, ки ҳар кӣ бар касе ситам кунад, ё касеро ба ноҳақ биранҷонад, ё ба шариат истихфофе кунад ва туро маълум шавад, бояд ки ҳамчунин бевақт бонг гӯӣ, ки ман бонги намози туро донам ва дар-вақт туро хонам ва аҳвол пурсам. Ва бо ҳама он кунам, ки бо ин саг кардам, агар ҳам бародару фарзанди ман бошад.

Он гаҳ маро силате фармуд. Ва аз ин аҳвол ҳама бузургону хосси халифа хабар доранд. Ва ин амир зарри ту на аз ҳурмат боздод, балки аз бими он ҷувол ва гаҷкӯб боздод.

Ва монанди ин ҳикоят бисьёр аст. Ин қадар боз кардам, то худованди олам донад, ки ҳамеша хулафо ва подшоҳони пешин мешро аз гург чигуна нигоҳ доштаанд ва гумоштагонро чигуна молида ва аз ҷиҳати муфсидон чӣ эҳтиёт кардаанд...

### ФАСЛИ НӮҲУМ

## АНДАР МУШАРРАФОНИ ДАВЛАТ ВА ҚАФОФИ ЭШОН

Қасеро, ки бар вай эътимоди тамом бувад, ӯро ашроф фармоянд, то он чӣ ба даргоҳ равад, медонад ва ба вақти ҳоҷат боз намояд. Ин кас бояд ки аз дасти хеш бар ҳар ноҳият ва шаҳр ноибе бифиристад, кӯтоҳдасту мӯътамад бошад, то эшон амволро муҳофизат мекунанд. Ва ҳар чӣ равад аз андаку бисьёр ба илми эшон бошад ва на чунон ки ба сабаби мушоҳара ва музди эшон боре ба раият афтад ва ба тозагӣ ранҷ ҳосил шавад. Ва он чӣ ба кор бояд, аз байтулмол бидиҳанд, то

эшонро ба хиёнату ришват ҳоҷат набошад ва ин фоида, ки аз ростӣ кардан ҳосил шавад, даҳ чандон ва сад чандон мол бошад, ки бад-эшон диҳанд ба вақти хеш...

### ФАСЛИ ДАҲУМ

## АНДАР СОҲИБХАБАРОНУ МУНҲИЁН ВА ТАДБИРИ ҚОРИ ЭШОН

Воҷиб аст бар подшоҳ, ки аз аҳволи лашкару раият аз дуру наздик пурсанд, аз андаку бисьёр он чи равад, бидонанд. Агар на чунин бошад, айб кунанд ва бар ситамгорӣ амал кунанд ва гӯянд фасодиву дароздастӣ, ки дар мамлакат меравад, подшоҳ медонад, ё намедонад ва агар медонаду манъ намекунад, он аст, ки ҳамчун эшон золим аст ва ба зулм ризо додааст ва агар намедонад, ғофил аст. Ва ин ҳар ду маънӣ на нек аст. Лобуд соҳиббарид ҳоҷат оядва ба ҳама рӯзгорҳо подшоҳон дар ҷоҳилияту ислом соҳиббарид дошта, то он чи рафтааст, бехабар набудаанд. Чунон ки агар тубраи коҳе ё мурғе ба ноҳақ бистадандӣ, агар ба фарсанг понсад дур будӣ, подшоҳро хабар будӣ ва он касро молиш фармудию итоб кардӣ, ки то дигарон бидонанд, ки подшоҳ бедор аст ва ба ҷоҳо огоҳон гузошта, ҳама ситамкоронро дастҳо кӯтоҳ карда, мардумон дар сояи адли ӯ ба касбу иморат машғул гаштаанд, лекин бояд ин кор дар даст ва қалами касоне бошад, ки бар эшон ҳеҷ гумони бад набувад ва ба ғарази хештан машғул набошад, ки салоҳу фасоди мамлакат дар эшон бастааст ва эшон аз қибали подшоҳ бошанд, на аз қибали каси дигар. Ва мавоҷиби эшон бояд, ки аз хазина муҳайё доранд ва набояд, ки ҷуз подшоҳ касе дигар бидонад, ки эшон чӣ менамоянд, то дар ҳар ҳодиса, ки тоза шавад, подшоҳ донад ва он чӣ воҷиб кунад, мефармояд. Ва чун чунин бошанд, пайваста мардумон бар тоат ҳарис бошанду аз таъдиби подшоҳ битарсанд ва касро заҳраи он набошад, ки дар подшоҳ осӣ тавонанд шуд. Соҳибхабар ва мунҳӣ гумоштан аз адлу бедорӣ ва қавираъии подшоҳ бошад ва ободон кардани вилоят.

### ҲИКОЯТ

Чун Султон Маҳмуд* вилояти Ироқро бигирифт, магар зане бо ҷумлаи корвон ба работи Дайргаҷин буд. Дуздон колои ӯ бурданд ва он дуздон аз Қӯчибулӯч

буданд ва Кӯчибулӯч пайваста ба вилояти Кирмон аст. Ва ин зан пеши Султон Маҳмуд рафт ва тазаллум карду гуфт: — Дуздон колои ман бурданд ба работи Гаҷин, колои ман аз эшон биситон ва ё товони колои ман бидеҳ.

Маҳмуд гуфт: — Дайргаҷин куҷо бошад? Зан гуфт: — Вилоят чандон бигир, ки бидонӣ, ки чӣ дорӣ ва нигаҳ тавонӣ дошт.

Гуфт: — Рост гуфтӣ. Ҳеҷ надонӣ, ки он дуздон аз чӣ ҷинс буданд? Гуфт: — Аз Кӯчибулӯҷ, аз наздики Кирмон омада буданд. Гуфт: — Он ҷо дурдаст аст ва аз беруни вилояти мост ва ман бо эшон натавонам гуфт.

Зан гуфт: — Ту чӣ кадхудои ҷаҳон бошӣ, ки дар кадхудоии хеш тасарруф натавонӣ кард ва чӣ шӯбонӣ, ки меш аз гург нигаҳ натавонӣ дошт?!

Маҳмудро об дар чашм омад. Гуфт: — Рост мегӯӣ, чунин аст. Товони колои ту бидиҳам ва тадбир чунон ки метавонам кард, бикунам.

Бифармуд товони колои зан аз хазина бидоданд. Ва бо Бӯалӣ Ильёс, ки амири Кирмон буд, нома ва расул фиристод, ки маро ба Ироқ омадан мақсад на гирифтани Ироқ бувад, ки ман пайваста дар Ҳиндустон ба ғазо кардан машғул будам, лекин азбаски мутавотир номаҳои мусулмонон меоянд, ки Дайламон дар Ироқ фасоду зулм ва бидъат ошкоро кардаанд ва бар роҳгузар соботҳо сохтаанд ва ҳаргоҳ, ки зане ё писаре некӯрӯй равад, дар сароҳо баранду бо эшон фасод кунанд ва дасту пои эшон дарбанданд ва чандон ки мехоҳанд, медоранд ва ба муроди хеш раҳо кунанд ва ёрони расулро... ошкоро лаънат мекунанд ва Оишаи* сиддиқаро зония мегӯянд ва муқаттаонӣ аз раоё ба соле ду бор, ё се бор хироҷ меситонанд ва подшоҳе, ки ӯро Маҷдуддавла* мехонанд, бад-он қаноат кардааст, ӯро шоҳаншоҳ хонанд ва нӯҳ зан дорад, ҳама ба никоҳ ва бо раият ба ҳар ҷо дар шаҳру навоҳӣ мазҳаби занодиқа ва бавотина ошкоро мекунад ва худою расулро носазо мегӯяд ва намозу рӯза ва ҳаҷро мункир аст, на муқаттаон эшонро бозмедоранду заҷр мекунанд ва на эшон муқаттаонро тавонанд гуфт, ки «шумо чаро саҳобаро ҷафо мекунед?» Ва ҳар ду гурӯҳ ба якдигар ҳамдостон шудаанд. Чун ин ҳол маро маълум шуд, ин муҳимро бар ғазои Ҳиндустон ихтиёр кардам ва рӯй ба Ироқ овардам ва лашкари туркро, ки ҳама мусулмонону покизаанд ва ҳанафимазҳаб* бар Дайламон ва занодиа-

қаю ботинӣ* гумоштем, то тухми эшон барканад. Баъзе ба шамшер кушта шуданд ва баъзе гирифтори банду зиндонанд ва баъзе дар ҷаҳон овора. Ва шуғлу амал хоҷагону муатасаррифони Хуросонро фармудаам, ки эшон ҳанафӣ бошанд ва шафаъвии покиза ва ин ҳар ду тоифа душмани рофизӣ* ва ботинӣ* бошанд ва мувофиқи турконанд ва нагузоштем, ки дабири Ироқ қалам бар коғаз ниҳад аз он чӣ донистам, ки дабирони Ироқ бештар аз эшон бошанд ва кор бар туркон шӯрида доранд ва ба андак рӯзгоре замини Ироқро бад-ин тадбир аз бадмазҳабҳо софӣ кардам ба ёрии худоч азза ва ҷалла, ки эзидтаоло маро аз ҷиҳати ин офаридааст, бар сари халқ бигумошта, то муфсидонро аз рӯи замин баргирам ва аҳли салоҳро нигоҳ дорам ва ба доду диҳиш ҷаҳонро обод кунам. Дар ин ҳол маро чунон маълум шуд, ки кавме аз муфсидони Кӯчибулӯч ба работи Дайргаҷин роҳ задаанд ва моле бурда. Ҳоҳам эшонро бигирӣ ва он молро аз эшон биситонӣ ва ё ҳамаро бар дор кунӣ ва ё ҳамаро даст баста бо он мол, ки бурдаанд, ба шаҳр фиристӣ, ки эшонро заҳраи он набошад, ки аз Қирмон дар вилояти ман оянд ва роҳ зананд ва илло Қирмон аз Сӯманот дуртар нест. Лашкарҳо ба Қирмон фиристам ва аз мардумони Қирмон димор баровара‌м.

Чун қосид он нома бирасонид, Бӯалӣ Ильёс азим битарсид ва дар-вакт қосидро бинавохт ва аз ҷавоҳири алвон — неъмати дарьё, бадраҳои зарру сим ба хидмат фиристоду гуфт: — Ман бандааму фармонбардор, магар аҳволи банда ва вилояти Қирмон нек маликро маълум нест, ки банда ба ҳеҷ фасоде ризо надодаам ва мардумон ҳама аҳлу салоҳанд ва ҷибол Кӯчибулӯч аз Қирмон буридаанд, кӯҳҳо ва ... роҳҳои душвор ва ман аз эшон ба ҷон омадаам, ки ағлаби эшон дузду муфсидонанд ва дувист фарсанг ноэмин медоранду ба дуздӣ меравaнд ва халқе бисьёранд ва ман бо эшон барнамеоям. Султони олам тавонотар аст ва тадбири эшон имрӯз ӯ тавонад кард. Ман бандагиро миён бастаам, ба ҳар чӣ фармон диҳад.

Чун ҷавоб бишунид ва хидматҳо бидид, Маҳмуд* донист, ки ҳар чӣ Бӯалӣ мегӯяд, рост мегӯяд.

Бӯалиро хилъат дод ва боз пас фиристоду гуфт: — Бӯалиро бигӯй, бояд ки лашкари Қирмонро ҷамъ кунӣ ва дар вилоят тавоф мекунӣ ва ба сари фалон моҳ ба ҳадди Қирмонон бар он ҷониб, ки Кӯчибулӯч аст ва он

ҷо мақом кунӣ. Чун қосиди мо ба ту расад, ба фалон нишон дар-вақт кӯч кунӣ ва дар вилояти Кӯчибулӯч тозӣ ва ҳар барно, ки аз эшон бубинӣ, бикушӣ ва ҳеҷ зинҳор надиҳӣ ва занону пирони эшонро, ки мол биситонӣ ва бифиристӣ, то ман ин ҷо бар муддаиёне, ки моли эшон бурдаанд, тафриқа кунам. Ва бо эшон аҳду қароре маҳкам кунӣ ва бозгардӣ.

Чун Султон Маҳмуд расул Бӯалиро фиристод, мунодигарро фармуд, ки бозаргоне, ки азми Кирмон кунад, бояд ки кор бисозанду бор дарбанданд, ки ман бадриқа медиҳам ва дармепазирам, ки ҳар киро дуздони Кӯчибулӯч коло баранд, ман аз хазина товон бидиҳам. Чун хабар дар олам пароганд, чандон бозаргонон аз атроф рӯй ба роҳ ниҳоданд, ки онро ҳадду ниҳоят набуд. Пас Маҳмуд бозаргононро ба вақти гусел кардан, фармуд амиреро бо саду панҷоҳ савор бадриқа карду эшонро гуфт: — Дил машғул мадоред, ки ман ба асари шумо лашкари анбӯҳ мефиристам, то эшон қавидил бошанд.

Ва ин амирро, ки бар хайли бадриқа буд, танҳо пеш хонду як шиша заҳри қотил бад-ӯ доду гуфт: — Чун ба Исфаҳон расӣ, даҳ рӯз он ҷо мақом кун, то бозаргоне, ки он ҷо ояд, кори худ бисозад ва дар сӯҳбати ту биёянд ва ту бояд ки дар ин даҳ рӯз, ки мақом кунӣ, даҳ хирвор себи Исфаҳон бихарӣ ҳар чӣ некӯтар. Дар пушти даҳ уштур ниҳӣ ва ба вақти рафтан дар миёни уштури бозаргонон таъбия кунӣ ва меравӣ, то бад-он манзил расӣ, бояд ки шаб борҳои себро дар хайма барӣ ва фурӯрезӣ ва дар ҳар себе ҷуволдӯзе фурӯбарӣ ва чӯбаке заҳролуд кунӣ, дар он сӯрохи себ фурӯбарӣ, то себҳо заҳролуд шавад ва ҳамчунон дар қафасҳо таъбия кунӣ ва дар миёни ҳам ниҳӣ ва дигар рӯз ин уштуронро дар миёни уштурон таъбия кунию кӯч кунӣ. Чун дуздон бархезанду дар корвон афтанд, ту ҳеҷ ҷанг бо эшон накунӣ, ки эшон бисьёр бошанду шумо андак. Дарҳол ту бо касоне, ки силоҳ доранд аз савору пиёда рӯй боз пас неҳ, на чандон ки ним фарсанг ё бештар биё ва соате нек диранг кун. Пас аз он оҳанги дуздон кун. Шак нест, ки бештар аз хӯрдани себ ҳалок шуда бошанд ва ту шамшер дарнеҳ ва чандон ки тавонӣ мераву мекуш ва чун аз эшон бипардозӣ, даҳ савори неки якасбаро ба Бӯалӣ фирист ва ӯро хабар деҳ, ки бо дуздони Кӯчибулӯч чунину чунин карда шуд. Акнун бояд ки бо лашкари хеш дар вилояти эшон тозӣ ва аз бар-

нову айёрпешагон ва саршақбон холӣ шудааст ва он чӣ туро фармудем, ба ҷой оварӣ. Ва ту корвонро ба саломат ба ҳадди Қирмон барӣ ва он гоҳ агар бо Буалӣ пайвандӣ, шояд ки гӯяд: — Фармонбардорам ва чунон кунам, ки дил гувоҳӣ медиҳад ба давлати Султон, ки ин кор барояд ва он роҳ то қиёмат бар мусулмонон кушода бошад.

Ва аз пеши Маҳмуд берун омад ва корвонро бардошту ба Исфаҳон овард ва даҳ шутур аз себ бор карду рӯй ба Қирмон ниҳод. Ва дуздон ҷосус фиристода буданд ба Исфаҳон, хабар ёфтанд, ки корвоне меояд бисьёр, чунин корвон кас надидааст ва саду панҷоҳ савори турк бадриқа доранд. Сахт хуррам бибуданд. Ҳар куҷо дар Кӯчибулӯч марде буд ва айёрпешаи ҷалде, бихонданд ва чаҳор ҳазор марди ба силоҳ тамом бар сари роҳ омаданду мунтазири корвон нишастанд. Чун корвон ба манзил расиданд, муқимони манзил гуфтанд:— Чанд ҳазор марди дузд дар роҳи шумо нишастаанд ва чандин рӯз аст, ки мунтазири шумоанд.

Амир пурсид, ки аз ин ҷо то он ҷо, ки эшонанд, чанд фарсанг бошад? Гуфтанд: — Панҷ.

Чун корвониён, бишуниданд, сахт ғамгин шуданд ва ҳамон ҷо фурӯд омаданд.

Намози дигар амир ҳама корвонро пеш хонду гуфт: — Эй мардумон, ҷон беҳтар, ё мол? Ҳама гуфтанд: — Ҷон. Гуфт: — Шумо мол доред ва мо ҷон фидои шумо хоҳем кард ва ҳеҷ ғам намехӯрем. Шумо чаро баҳри хостае, ки онро бадал бошад, чандин ғам мехӯред? Охир Маҳмуд маро ҳам ба коре фиристодааст, на бо шумо хашм дорад ва на бо мане, ки марою шуморо ба ҳалок диҳад. Тадбир он аст, мол, ки ба Дайргаҷин бурдаанд аз он зан, зан аз ин дуздон биситонад. Шумо пиндоред, ки моли шумо бад-эшон хоҳад додан, дил фориғ доред, ки Маҳмуд аз шумо ғофил нест ва бо ман чизе гуфтааст. Фардо, ки офтоб барояд, мададн он ба мо пайвандад ва кор ба мурод барояд, иншооллоҳ, валекин шуморо ҳама он бояд кард, ки ман гӯям, ки маслиҳати шумо дар он аст.

Мардумон, ки аз ӯ ин шуниданд, хуррам шуданд ва қавидил гаштанду гуфтанд: — Он чӣ фармон диҳӣ, он кунем. Гуфт: — Ҳар чӣ миёни шумо силоҳдор асту корзор тавонад кард, пеши ман оянд.

Бишумурд, бо хайли хеш саду ҳафтод марди ҷавон буданд савору пиёда. Гуфт, ки «имшаб кӯч кунем, ҳар

чӣ саворанд, бо ман дар пеши корвон бошанд ва ҳар чӣ пиёда аз паси корвон бошанд, ки ин duздонро одат чунон бувад, ки мол бибаранд ва касро накушанд, илло касеро, ки бо эшон кӯшад ва дар ҷанг кушта шавад. Фардо ба гоҳе, ки офтоб ду найза боло ояд, ба эшон бирасем, оҳанги корвон кунанд. Ман ба ҳазимат боз пас гардам ва шумо чун маро бубинед, ки рӯй боз пас ниҳодам, ҳама боз пас гурезед. Ва мо бо эшон андак муқовимате мекунем, то шумо ним фарсанге миёна кунед, то ки ман биёям ва ба шумо пайвандам ва соате он ҷо таваққуф кунам. Он гаҳ ҷумла раҷъат кунем ва бар эшон занем, то аҷоиб бинед, ки маро фармон чунин аст ва дар ин чизе медонам, ки шумо намедонед. Ва фардо муояна шумо бубинед, он чи медонам ростгӯии ман ва ҳиммати Маҳмуд шуморо маълум гардад».

Ҳама гуфтанд: — Чунин кунем.

Ва чун шаб даромад, ин амир борҳои себ бикушод ва ҳамаро заҳролуд карду дар қафасҳо таъбия кард ва панҷ мард азони хеш бо он даҳ шутурдор себ номзад карду гуфт: — Чун мо бозгурезем ва дуздон дар корвон афтанд, борҳо шикофтан гиред ва тунгҳои себ бибуред ва сари қафасҳо бардаред ва нагунсор кунеду сари хеш гиред.

Чун аз шаб ниме бигузашт, бифармуд, то кӯч карданд ва ҳам бар он таъбия мерафтанд, то рӯз шуд ва (офтоб) болои ду найза тулӯъ кард. Дуздон аз се ҷониб бархостанд ва сӯи корвон давиданд бо шамшери кашида. Ин амир ҳамлае чанд бибурд, ду-се тир бияндохт, пас рӯй ба ҳазимат ниҳод ва пиёдагон чун дуздонро бидиданд, боз пас гурехтанд ва медавиданд. Ва амир ба ним фарсанг пиёдагонро дарьёфт ва ҳама ба ҷой бидошт. Чун дуздон диданд, ки бадриқа андак аст ва бигурехтанд ва корвониён сари хеш гирифтанд, хуррам шуданд ва ба дили фориғ борҳоро бишикофтанду ба коло машғул шуданд ва чун ба хирворҳои себ расиданд, дарафтоданд ва пок яғмо заданду ба рағбати тамом ҳамехӯрданд ва ҳар кӣ наёфта буд, ба ваҷ медоданд ва кам кас буд, ки аз он себ нахӯрда буд. Чун соате баромад, як-як меафтоданду мемурданд. Чун ду соат аз рӯз бигузашт, он амир танҳо бар сари болое шуд бар сари дуздон, нигоҳ кард, ҳама дашт пури мардум дид афтода. Аз сари нишот фурӯтохту гуфт: — Мардумон, башорат, ки мадади Султон Маҳмуд даррасид.

Duздонро бикуштанд ва кас зинда намондааст. Ҳин, эй шерамардон, бишитобед, то боқӣ мекушем!

Ва бо хайли хеш сӯи корвон тохт ва мардуми пиёда аз паси ӯ танг шуданд ва чун ба корвон расиданд, ҳама саҳро мард диданд мурда ва сипару шамшер ва найзаву ҷӯпин ва камон рехта. Эшон низ бо амир ёр шуданд ва то ду фарсанг аз паси эшон рафтанд, то дигаронро низ бикуштанд ва кас аз эшон зинда наҷаст, ки хабар ба вилояти эшон барад, ки эшонро чӣ афтод. Ва амир силоҳҳои эшонро фармуд, то гирд карданд, чандин хирвор баромад. Ва корвонро ба манзил бурд ва ҳеҷ касро ришта зиёне нашуд ва аз шодӣ дар пӯст нагунҷиданд ва аз ин ҷо то он ҷо, ки Бӯалӣ Ильёс буд, дувоздаҳ фарсанг роҳ буд. Амир даҳ ғуломро бо мӯҳри Маҳмуд ба вай фиристод ба таъҷил ва аҳволи воқеаи дуздон бигуфт. Чун ангуштарии Маҳмуд ба вай расид, дар-вақт бо лашкари осуда ба вилояти Қӯчибулӯч тохт ва ин амир низ бад-ӯ пайваст ва зиёда аз даҳ ҳазор марди эшон бикуштанд ва чандин ҳазор динор аз эшон биситаданд ва чандин неъмат, хоставу силоҳ ва чорпои эшон ба даст омад, ки онро ҳад набуд. Бӯалӣ ҳамаро дар сӯҳбати он амир ба Маҳмуд фиристод. Ва Маҳмуд мунодӣ кард, ки то ман ба Ироқ омадаам, ҳар киро дар Қӯчибулӯч чизе бурдаанд, биёяд ва иваз аз ман биситонад. Муддаиён ҳамеомаданд ва хушнуд бозмегаштанд. Ва дар он панҷоҳ сол Қӯчиёнро ҳеҷ фузуле дар димоғ наёмад.

Ва баъд аз он Маҳмуд ба ҳар ҷониб соҳибхабарону мунҳиён бигумошт. Чунон ки агар касе мурғе аз касе ба ноҳақ биситадӣ, дар Ғазнин ё муште ба новоҷиб дар рӯи касе задӣ, ӯро дар Рай хабар будӣ, тадоруки он бифармудӣ кардан.

Ва аз қадим боз ин тартиб подшоҳон нигаҳ доштаанд, илло Салҷуқиён*, ки дар ин маънӣ дил набастаанд ва кам фармудаанд. Вақте Абулфазли Сигзӣ султони шаҳид Алпарслонро*... гуфт: — Чаро соҳибхабарон надорӣ? Гуфт: — Хоҳӣ, ки мулки ман ба бод бардиҳӣ ва ҳавохоҳони маро аз ман дур афганӣ?! Гуфт: — Чаро? Султон гуфт: — Чун ман соҳибхабаре дидор кунам, он ки маро дӯстанд ва ягона бошад бо эътимоди дӯстдорӣ ва ягонагии хеш соҳибхабарро вазне наниҳад ва ӯро ришвате надиҳанд ва он ки мухолифу душман бувад, бо ӯ дӯстӣ гирад ва ӯро мол бахшад ва чун чунин бувад, ночор соҳибхабарон аз дӯстдорон ба самъи мо бад ме-

расонад ва аз душмани сахт нек меронад. Ва «сухани неку бад чун тир бошад, ки охир бар нишона ояд». Дили мо бад-ин сабаб ҳар рӯз бар дӯст гаронтар мешавад, бар душман хуштар. Пас, ба андак рӯзгорон дӯстдорон ҳама дур шаванд ва бадхоҳон муқарраб гарданд ва он гаҳ халалу парешонӣ ва бекомӣ тавонад кард. Ва тадоруки он душвор тавон кард.

Аммо авлотар, ки соҳибхабар ва барид доштан яке аз қавоид аст, чун ин мӯътамад чунон бошад, ки бибояд ва соҳибхабар бувад, дил машғул набувад.

### ФАСЛИ ЁЗДАҲУМ

## АНДАР ТАЪЗИМ ДОДАНИ ФАРМОНИ ОЛӢ ВА АМСИЛА, КИ АЗ ДАРГОҲ ФИРИСТАНД

Номаҳо аз даргоҳҳо бисьёр нависанд ва ҳар чӣ бисьёр гардад, ҳурматаш набувад. Бояд ки то муҳимме набувад, аз маҷлиси олӣ чизе нанависанд. Бояд ки ҳурматаш он чунон бувад, ки касро заҳраи он набошад, ки аз даст бидиҳад, то фарри молро пеш набарад ва агар маълум гардад, ки касе дар он фармон ба чашми ҳақорат нигаристаасту андар пеш шудан ба самъи тоат коҳилӣ кардааст, он касро молиши балиғ диҳанд, агарчӣ аз наздикон аст ва фарқ миёни подшоҳу дигарон он аст, ки амри ӯро мунқод ва фармони ӯро мутеъ бошанд.

### ҲИКОЯТ

Дар ин маънӣ гӯянд, зане аз Нишопур ба Ғазнин рафт пеши Султон Маҳмуд* гила карду гуфт: — Омиле ба Нишопур зиёъе аз ман бистадаст ва дар тасарруфи хеш овардааст.

Номае дод, ки зиёъи ӯ боздеҳ. Ин омил магар ин зиёъро ҳуҷҷате дошта буд, гуфт: — Ин зиёъ аз ман аст ва ҳолаш ба даргоҳ бозменамоям.

Дигар бор ин зан ба Ғазнин шуд ва тазаллум кард. Ва аз даргоҳи Маҳмуд ғуломе фиристоданд ва он омилро аз Нишопур ба Ғазнин бурданд ва ҳазор чӯб бар даргоҳ бизаданд. Пеш аз он ки он чӯб назада буданд ва мехостанд задан, ба бист ҳазор динори нишопурӣ ва ба шафоати бузург (хостанд) бихаранд, нафурӯхтанд, гуфт: — Агар ин зиёъ туро бувад, чаро ба ҳукми фармон нарафтӣ ва баъд аз он ҳол нанамудӣ, то мо он чӣ

зоҷиб буд, бифармудеме ва ин аз бахри он бувад, ки то дигарон бишунаванд, заҳраи он надошта бошанд, ки дар фармони подшоҳӣ тақсир ва таҷовуз кунанд. Ва ҳар чизе, ки мефармуд, ки он ба подшоҳ тааллуқ дорад; чун даст буридану гардан задан ва хасӣ кардану пой буридан ва амсоли ин сиёсат, ки бошад, бе дастурии подшоҳ касе кунад, ӯро молиш бояд фармуд, то дигарон ибрат гиранду хештан бишиносанд ва битарсанд.

## ҲИКОЯТ

Чунин гӯянд, ки Парвиз* Баҳроми Чӯбинро* дар ибтидо некӯ медошт, чунон ки як соат бе ӯ набудӣ ва дар шаробу шикор ва хилват аз хештан ҷудо надоштӣ ва ин Баҳром савори ягона буд ва мубориз у беҳамто. Магар рӯзе малик-Парвизро уммоли ҳирӣ сесад шутури сурхмӯй оварданд ва бар ҳар як хирворе аз ҳавоиҷ ва дигар матоъ. Бифармуд, то ҳамчунон барои Баҳроми Чӯбин* баранд, то ӯро дар матбах фароғе бувад. Дигар рӯз Парвизро хабар оварданд, ки дӯш Баҳром ғуломеро аз они хештан фурӯкашид, бубаст, чӯб бизадаш. Парвизро хашм гирифт, гуфт: — Баҳромро ҳозир кунед.

Чун Баҳром биёмад, бифармуд, то аз силоҳхона теғе понсад биёварданд. Гуфт: — Эй Баҳром, ҳар чӣ аз ин теғҳо некӯтар аст, ҷудо кун.

Баҳром ҳамегузид, то теғе саду панҷоҳе бигузид.

Гуфт: — Он чӣ хиёр туcт, аз ин гузидаҳо берун кун.

Пас, Баҳром аз ин гузидаҳо ду теғ ҷудо кард. Парвиз гуфт:— Акнун бифармой, то ин ду теғро дар як ниём бисозанд.

Пас, Баҳром гуфт: — Эй малик, ду теғ дар як ниём некӯ наёяд.

Парвиз гуфт: — Ду фармондеҳ дар як шаҳр некӯ набошад.

Баҳром буни бунон дид, дар-вақт бидонист, ки ӯ хато кардааст.

Парвиз гуфт: — Агар на он астӣ, ки туро бар ман ҳаққи хидмат бисьёр аст ва бардоштаи хешро намехоҳам, ки бияфканам ва илло аз ту дарнагузаштаме. Ин корро даст боздор, ки худои таоло моро бар замин довар кардааст, на туро. Ҳар киро доварӣ бошад, ҳоли он барои мо барбояд дошт, то он чӣ воҷиб кунад, дар он боб

ба ростӣ бифармоем ва агар баъд аз ин зердастею дирамхаридаеро гуноҳе падид ояд, нахуст бояд ки маълуми мо кунӣ. Пас он чӣ воҷиб ояд, таъдиб фармоем, то ҳеҷ касро ба новоҷиб ранҷе нарасад. Ин бор афв кардем.

Баҳром, ки чунин сипаҳсолоре буд, бо ӯ ин хитоб рафт, бо дигарӣ худ чӣ равад?!

### ФАСЛИ СЕЗДАҲУМ

## АНДАР ҶОСУСОН ВА ТАДБИРИ КОРИ ЭШОН БАР САЛОҲИ МУЛКУ РАИЯТ

Бояд ки бо ҳама атроф ҷосусон раванд бар сабили бозаргоневу сайёҳон ва суфиёну доруфурӯшон. Аз ҳар чӣ мешунаванд, хабар меоранд, то ҳеҷ гуна аз аҳвол хабаре пӯшида намонад ва ҳар чи ҳодис шавад ва тоза гардад ба вақти хеш тадорук карда оянд. Чӣ бисьёр вақт будааст, ки волиёну муқаттаон ва гумоштагону умаро сари исьёну мухолифат доштаанд ва бар подшоҳӣ сиголида. Ва чун ҷосусон расидаанд ва подшоҳро хабар додаанд. Подшоҳ дар-вақт барнишаст ва ногоҳ тохтан бар сари эшон бурда ва фурӯ гирифта ва азми эшон ботил карда. Ва агар подшоҳе ё лашкари бегона қасди мамлакати ӯ карда ва аз ҳоли раоё хабарҳо додаанд ва неку бад ва подшоҳон тимори он бидошта, чунон ки мунҳии Азадуддавла* кард.

### ҲИКОЯТ

Аз Дайламон ҳеҷ подшоҳе бедортар ва зирактару пешбинтар аз Азадуддавла набудааст ва иморат дӯст доштӣ ва бузургҳиммату босиёсат будӣ. Рӯзе мунҳӣ ба вай набишт, ки бад-он муҳим, ки бандаро фиристода будӣ, чун аз дарвозаи шаҳр берун рафтам, гоме дувист рафта будам, ҷавонеро дидам бар карони роҳ истода, зардчеҳра ва бар гардан захмҳо дошт. Маро бидиду салом кард. Чун ҷавобаш боздодам, гуфтам: — Ҷаро истодаӣ? Гуфт: — Роҳӣ металабам, то ба шаҳре равам, ки дар он шаҳр подшоҳ одил бошад ва қозӣ муъсиф.

Гуфтам: — Медонӣ, ки чӣ мегӯӣ, подшоҳе аз Азадуддавла* одилтар хоҳӣ ва қозӣ аз қозии шаҳр олимтар? Гуфт: — Агар подшоҳ одил будӣ, дар кор бедор будӣ,

ҳоким ростраў нест, бешак подшоҳ ғофил аст. Гуфтам: — Аз ғафлату носростии қозӣ чӣ дидӣ? Гуфт: — Қиссаи ман дароз аст ва чун аз ин шаҳр бирафтам, кӯтоҳ гашт. Гуфтам: — Албатта, бо ман битавонӣ гуфт. Гуфт: — Пас рав, то роҳро ба ҳадис кӯтоҳ кунам.

Чун роҳ пеш гирифтем, гуфт: — Бидон, ки ман писари бозаргонам ва сарои падари ман дар ин шаҳр ба фалон маҳаллат аст. Ва ҳама кас падари маро шиносанд, ки чун мард буд ва донанд, ки ӯро чӣ молу хоста буд ва дар ин ҷумла фармон ёфт ва ман чанд сол ба тамошои дил ва ишрату шаробхорагӣ машғул будам, маро бемории сахт падид омад, чунон ки аз зиндагонӣ бибуридам ва дар они беморӣ бо худои азза ва ҷалла назр кардам, ки агар аз ин беморӣ халосӣ ёбам, ҳаҷ ва ғазо кунам. Худои таоло шифо фиристод ва ба саломат бархостаму қувват бозъёфтам. Ва азм дуруст кардам, ки ба ҳаҷ равам ва баъд ба ғазо ва ҳар чӣ маро канизаку ғулом буд, озод кардам. Ҳамаро аз зарру зиёъ ва ақору саро додам ва ба якдигар номзад кардам ва дигар ҳар чӣ аз зиёъ ва мустақил ҳама бифурӯхтам, аз он панҷоҳ ҳазор динори нақд ҳосил кардаму бо худ андешидам, ки ин ҳар ду сафар, ки ман дар пеш дорам, пурхатар аст. Маро савоб нест, ин ҳама зар бо хештан бурдан. Пас, дил бар он ниҳодам, ки сӣ ҳазор динор бибарам ва бист ҳазор динори дигар бигузорам. Пас, бирафтам ва дар ду офтобаи мисин кардаму ҳар якеро даҳ ҳазор кардам. Гуфтам, акнун ин пеши кӣ шояд ниҳод. Аз ин ҳама ба шаҳр дилам бар қозӣ қарор гирифт. Гуфтам, ӯ марди олим ва ҳоким аст. Подшоҳ хуни мусулмонон бад-ӯ супурдааст ва эътимод карда. Ба ҳеҷ ҳол хиёнат накунад. Бирафтам ва ин маънӣ нармак бо ӯ бигуфтам. Қабул кард, хуррам шуд. Шабгире бархостам ва ин ду офтобаи зар ба хонаи ӯ бурдам ва ба вадиат бад-ӯ супурдам ва рӯй ба роҳ кардаму ҳаҷи ислом гузоридам ва ҳам аз Макка ба Мадина рафтам ва зиёрат кардам ҳазрати расулуллоҳро... ва аз он ҷо ба диёри Рум бирафтам ва бо ғозиён бипайвастам ва чанд сол ғазо мекардам ва дар масофи кофирон гирифтор омадам ва чанд ҷой бар рӯю гардан ва бозу ҷарҳат расид. Ва ба дасти румиён асир гаштам ва чаҳор сол дар банду зиндон бимондам. Қайсар бемор шуд ва сахт ранҷур афтод, барои ӯ асиронро ҳама озод карданд ва халос доданд.

Дигар бор миёни новакиён омадам ва эшонро хид-

мат кардам чандоне, ки нафақот ба даст овардам ва дилам бад-он қавӣ буд, ки бист ҳазор динор пеши қозӣ ниҳодаам. Ба умеди ин бархостам, ду сол ранҷи сафар дида ва сармову гармо ва талху ширин чашида ва низориву лоғарӣ ёфта, пеши қозӣ шудаму салом кардам ва пеши ӯ биништастам. Чун маҳкама холӣ шуд, назди ӯ рафтам ва нармак ӯро гуфтам, ки ман фалон ибни фалонам, ҳаҷ кардаму ғазо кардам ва маро ранҷҳо расида ва ҳар чӣ бо худ бурда будам, аз даст бирафт ва бар ин ҳолам, ки мебинӣ. Ва ба як ҳабба зар қодир нестам ва маро бад-он ду офтобаи зар, ки пеши ту ниҳодаам, ҳоҷат аст. Қозӣ маро аз андаку бисьёр ҳеҷ ҷавоб надод ва бад-он раҳ нашуд, ки «ту худ чӣ мегӯӣ?» Бархост ва ба ҳуҷра фурӯ шуд. Ман дилшикаста бозгаштам ва аз бадҳолию бараҳнагӣ, ки будам, аз шарм на ба хонаи худ метавонистам шуд ва на ба хонаи хешону дӯстон. Шаб дар масҷид мехуфтам ва рӯз дар гӯшаҳое будам. Қисса чӣ кунам дароз, ду бор бо ӯ ин маънӣ бигуфтам, ҳеҷ ҷавоб надод. Рӯзи ҳафтум дигар бор сахт баргирифтам, маро гуфт: — Туро молихӯлиё ранҷа медорад ва мағзи ту аз гарди роҳу ранҷи сафар хушк шудааст ва ҳарза бисьёр мегӯӣ. Ва на ман туро мешиносам ва на аз ин ки гӯӣ, хабар дорам, валекин номи ин мард, ки мебарӣ, ӯ ҷавоне некӯрӯӣ буд ва мулаббас.

Гуфтам: — Қозӣ, ман онам, аз бори заҳмати сафар чунин низору зардчеҳра гаштам ва аз ҷароҳатҳо рӯи ман чунин зишт шуд. Гуфт: — Бархез ва маро судоъ мадеҳ ва бирав!

Гуфтам: — Қозӣ, макун ва аз худой битарс, ки баъд аз ин ҷаҳон ҷаҳоне дигар аст ва уқубати он ҷаҳон сахттар ва ин ҷаҳон гузаранда аст ва он ҷаҳон пойдор. Гуфт: — Аз ваъз бигузару маро ранҷа мадор! Гуфтам:— Аз он бист ҳазор динор панҷ ҳазор динор азони қозӣ бошад. Ҳеҷ ҷавоб надод. Гуфтам: — Ду офтоба, яке туро бошад, ҳалолаи тайибан ва яке ба ман деҳ, ки сахт дармондаам ва бо ин ҳама ба иқрори хештан бароте маҳкам бикунам, ки «маро бо ту ҳеҷ даъво набошад».

Гуфт: — Туро девонагӣ ранҷа медорад ва чандон кардӣ, ки ба девонагии ту ҳукм кунам. Бифармоям, дар бемористон дар банд кашанд, то ҷон дорӣ, аз он раҳой наёбӣ.

— Бидонистам, ки ӯ дар дил кардааст, ки ҳеҷ ба

ман надиҳад ва ҳар чӣ ӯ ҳукм кунад, мардумон бар он раванд. Нармак бархостам ва берун омадам ва дар ин маънӣ бо худ масал задам, ки гуфтаанд: «Чун гӯшт ганда шавад, ӯро ба намак илоҷ тавон кард, чун намак ганда шавад, ӯро ба чӣ илоҷ кунанд?» Ҳама довариҳо ба қозӣ дуруст шуд, чун қозӣ бедод кунад, кист аз қозӣ дод ситонад?! Агар Азадуддавла додгар будӣ, бист ҳазор зарри ман дар дасти қозӣ набудӣ ва ман чунин гуруснаю дармонда ва тамаъ аз молу мулк ва шаҳри худ бурида набудаме.

Чун мунҳӣ моҷарои аҳвол бишунид, дилаш бар ӯ бисӯхт, гуфт: — Эй озодамард, «ҳама умедҳо аз паси навмедист». Дил дар худои азза ва ҷалла банд, то кори бандагон рост орад.

Пас, ӯро гуфт: — Маро дар ин деҳ дӯстест озодамарду меҳмондӯст. Ман ба меҳмонии ӯ меравам ва маро бо ту хуш афтодааст, мусоидат кун, то имрӯз ва имшаб ба хонаи он дӯст бошем, то фардо чу падидор ояд. Ва ӯро бурд то хонаи он дӯст. Моҳазар оварданд ва бихӯрданд. Мунҳӣ дар хона шуд ва ин ҳол бар коғаз набишт ва ба яке русто доду гуфт: — Дар сарои Азадуддавла рав, фалон ходимро бихон ва ин набишта бад-ӯ деҳ, ки фалонӣ фиристода, бояд ки дарҳол бирасонӣ.

Ходим дар-вакт ба Азадуддавла расонид. Чун Азадуддавла бихонд ,ангушт ба дандон гирифт, дарҳол кас фиристоду гуфт: — Хоҳам, ки намози хуфтан ин мардро пеши ман орӣ.

Мунҳӣ ӯро гуфт:

— Бархез, то ба шаҳр равем, ки Азадуддавла мароюу туро мехонад ва ин фиристодаи ӯст. Гуфт: — Хайр аст? Гуфт: — Ҷуз хайр нест, «магар он чӣ ту дар роҳ бо ман гуфтӣ, девор шунид» ва ба самъи ӯ расонид ва умед чунон дорам, ки ба мақсуд расӣ ва аз ин машаққат бираҳӣ.

Бархост ва ин мардро пеши Азадуддавла бурд. Азадуддавла ҷой холӣ фармуд кардан ва аҳволи ӯ бозпурсид. Аз аввал то ба охир, он чӣ буд, гуфт. Азадуддавларо дил бар ӯ бисӯхту гуфт: — Акнун ин корест, ки маро афтодааст на туро ва ӯ гумоштаи ман аст. Тадбири ин кор маро бояд кард, ки худои азза ва ҷалла ин марзбонӣ аз баҳри он додааст, то ҳирзаҳо нигаҳ дорам ва нагузорам, ки касеро ранҷе ва зиёдатӣ расад, балки аз қозӣ, ки ман ӯро бар амвол ва дамои... мусулмонон гумошта бошам, то ба ҳукми шаръ меравад ва майлу

муҳобо накунад ва ришват дарнаситонад. Дар дорулмулки ман ин равад аз марди пири олим, ҷойҳои дигар аз ҳокимони дигар, ки ҷавон ва мутаҳаввиранд, хиёнатҳо чун равад! Дар ибтидо ин қозӣ марде буд дарвеш ва муил ва ман мушоҳираи ӯ медиҳам, то ӯ ба ростӣ шуғли мусулмонон мегузорад ба ҳукми шаръ ва аз майлу муҳобо ва хиёнат дур бошад. Ва имрӯз дар Бағдод ва ноҳияташ чандон зиёъ ва мулку ақор ва боғу бӯстон ва сароҳо ва таҷаммулу матои хонаашро ҳадде нест. Маълум аст, ки ҳама неъмат аз он қадар мушоҳира натавон сохт. Пас, дуруст гашт, ки ин ҳама аз моли мусулмонон сохтаст. Пас, рӯй бад-ин мард карду гуфт:— Хуш нахӯрем, то туро ба ҳаққи хеш нарасонем, нафақоте аз мо биситон ва аз ин шаҳр рав ва ба Исфаҳон пеши фалон кас мебош, то бинависам, ки туро худ дорад, то он гоҳ, ки мо туро аз вай талабем.

Пас, дувист динор зар ва панҷ сав̆б ҷома дод ва ҳам дар шаб ӯро ба сӯи Исфаҳон фиристод. Пас, ҳама шаб то рӯз Азадуддавла* меандешид, ки чора чун кунад, то ин мол аз дасти қозӣ берун кунад. Бо хештан гуфт: «Агар қозиро ба зӯри салтанат бигирам ва биранҷонам, ӯ ба ҳеҷ ҳол мӯътариф ва муқир нагардад ва хиёнат бар хештан накунад ва ин мол дар таҳлука афтад ва мардумон низ маро дар забон гиранд, ки Азадуддавла марде пиру олим ва қозӣ меранҷонад ба тамаи мол. Ва ин зиштномӣ ба ҳама атроф пароганда шавад. Ва маро тадбир мебояд кард, ки ин хиёнат бар қозӣ дуруст шаваду ин мард ба моли худ бирасад».

Чун бар ин ҳадис ду моҳе баромад, қозӣ низ асари худованди зар ба ҳеҷ ҷой надид, гуфт: — Бист ҳазор динор бурдам, валекин як соли дигар сабр кунам, бошад ки хабари марги вай аз касе бишунавам, ки бар он ҳол, ки ман ӯро дидам, худ зуд мирад.

Чун бар ин сухан ду моҳ бигузашт, рӯзе ба вақти қайлӯла Азадуддавла кас фиристод ва қозиро хонду бо ӯ хилват кард ва гуфт: — Айюҳалқозӣ, донӣ, туро ба чӣ ранҷа кардам? Гуфт: — Подшоҳ беҳтар донад.

Гуфт, ки оқибатандеш гаштаам ва аз ин тафаккур ва савдо хоб аз чашмҳои ман бирамид, ки бад-ин дуньёю мамлакат дуньё муаввал намебинам ва на бад-ин зиндагонӣ эътимоде ҳаст, аз ду берун нест; ё мулкҷӯе аз гӯшае бархезад ва ин подшоҳӣ аз дасти мо берун кунад, чунон ки мо аз дасти дигарӣ берун кардем. Ва бинигар, то чӣ моя ранҷҳо ба мо расид, то чунин

эмин битавонистем нишаст. Ва ё фармон даррасад ва моро ногоҳ аз ин тахту мамлакат ҷудо гардонад ва ҳеҷ касро аз марг чора нест. Ва ин қадар умр рӯзномаи мост, агар нек бошем ва бо халқи худой некӯӣ кунем, то ҷаҳон бар пой бошад, аз мо ба некӯӣ ёд кунанд ва сано гӯянд ва фардо ба қиёмат растагорӣ ёбему дар биҳишт равем. Ва агар бад бошему бо бандагони худои таоло бад кунем ва бедодгар бошем, то қиёмат номи мо ба зиштӣ баранд ва ҳар кӣ аз мо ёд кунад, бар мо лаънату нафрин кунад ва фардо ба қиёмат гирифтор бошем ва ҷои мо дӯзах бувад. Пас он чи мумкин аст, ҷаҳд ба некӣ мекунем ва инсофи халқ медиҳему эҳсоне мекунем. Валекин мақсуд аз гуфтани ин бо ту он аст, ки дар сарой муште аврату атфол дорам; кори писарон саҳлтар аст, ки эшон «мурғе парранда бошанд аз иқлиме ба иқлиме тавонанд шуд». Ҳоли ин сарпӯшидагон батар, ки бечора монанд. Ва ман имрӯз метавонам, ки дар ҳаққи эшон андешае кунам, фардо набояд, ки чун марг фаро расад ва ё давлатро гардише бошад, хоҳам, ки бо эшон некӯӣ кунам, натавонам кард. Ва имрӯз дар мамлакати худ меандешам, ки аз ту порсотару худойтарстар ва кӯтоҳдасттару бодиёнаттар марде хаст, ҳеҷ намебинам ва мехоҳам, ки ду бор ҳазор-ҳазор динор аз нақду ҷавоҳир пеши ту биниҳам ба вадиат, чунон ки ману ту донем ва худои азза ва ҷалла. Ва пас агар фардо рӯз маро коре афтад ва ҳоли эшон ба ҷое расад, ки ба қут дармонад, дар сир эшонро бихон, чунон ки ҳеҷ кас надонад ва бар эшон қисмат кун ва ҳар якро ба марде деҳ, то пардаи эшон дарида нашавад ва нохоҳ нашаванд. Ва тадбири ин кор он аст, ки дар сарои хеш дар ҳуҷраҳои дарунӣ хонае ихтиёр кунӣ ва дар он ҷо зерзамине аз хишти пухта бисозӣ ва чун тамом кунӣ, маро хабар кунӣ, то ман бифармоям шабе бист марди хуниро, ки қатл бар эшон воҷиб аст, ки бар пушт гиранд ва ба сарои ту оранду дар он зерзамин ниҳанд ва баъд аз он бифармоям, то гарданашон бизананд, то пӯшида монад.

Қозӣ гуфт: — Фармонбардорам, он чӣ мумкин гардад дар ин хидмат, ба ҷой орам.

Пас, малик ходимеро нармак дар гӯш гуфт: — Бирав ба хазина ва дувист динор зарри мағрибӣ дар кисае куну зуд биёр.

Ходим чун зар биёвард, Азадуддавла биситад ва пеши қозӣ ниҳод, ки дувист динор зарри мағрибӣ дар ву-

чӯхи ин зерзамин ба кор бар ва агар тамом набошад, дигар бифиристам.

Қозӣ гуфт: — Оллоҳ, оллоҳ, эй малик, ин қадар хидмат бикунам аз зерри хеш, на бас корест.

Азадуддавла гуфт: — Шарт набошад, ки аз ҷиҳати муҳиммоти ман харҷ аз хоссаи худ кунӣ, зарри ту ҳалол аст, ин корро нашояд. Ҷаҳди он кун, то он чи бар ӯ иттифоқ афтодааст, ба ҷой орӣ, ки ҳама хидматҳо карда бошӣ.

Қозӣ гуфт: — Фармон маликрост.

Он дувист динор ба остин ниҳод ва аз пеши малик берун омад бар сифате, ки дар пӯст намегунҷид. Бо худ гуфт: — Пиронасар бахту давлат маро даст гирифт ва хонумон ба сар зар хоҳанд кард ва ҳама рӯзии ман хоҳад буд, ки агар маликро халале афтад на кас бар ин қабола ва ҳуҷҷате дорад ва ҳама бо фарзандони ман бимонад. Худованди ду офтоба, агар зинда аст, аз бист ҳазор динор донге натавон ситадан, малик, ки мурда бошад ё зинда аз ман кай чизе тавонад ситад?!

Дар имморати сардоба ба таъҷил биистод ва ба як моҳ сардобаро тамом карду ба сарои Азаддудавла шуд намози хуфтан. Ва Азадуддавла ӯро пеш хонду гуфт:— Бад-ин вақт ба чӣ кор омадӣ? Гуфт: — Хостам, ки маликро маълум гардонам, ки зерзамин чунон ки фармуда буд, тамом шуд.

Азадуддавла гуфт: — Чунин хоҳам ва ман донистам, ки ту дар корҳо ба ҷид бошӣ, алҳамдулиллоҳ, ки занни ман ба ту хато набуда ва дил аз ин муҳим фориғ кардӣ ва он чӣ бо ту гуфтам ҳазор-ҳазор ва понсад бор ҳазор динор муид шуда аз зарру ҷавоҳир, понсад ҳазори дигар мебояд, чандин ҷома ва уду анбар ва мушку кофур дар ваҷҳи ин ниҳодаам, ки замон-замон байёон оранд ба як-ду ҳафта тамом гардад, он гаҳ ба як бор он ҷо баранд. Ва ман фардо шаб ба дидани он зерзамин ба сарои ту оям ношинос, то чашм бар он иморат афганам ва бубинам, то чӣ гуна омадааст ва нахоҳам, ки аз ҳеҷ гуна такаллуфе кунӣ, ки ман дар-вақт бозхоҳам гашт.

Ва қозиро гусел кард. Дар-вақт қосиде ба Исфаҳон фиристод, то худованди зар биёяд. Ва дигар ними шаб ба сарои қозӣ шуд ва он сардобаро бидиду биписандид. Қозиро гуфт:— Рӯзи сешанбе пеши ман ой, то он чӣ муид аст, бибинӣ. Гуфт: — Чунин кунам.

Ва чун аз сарои қозӣ бозгашт, хазинадорро бифар-

муд, то сад офтоба зар дар хона биниҳад ва се кироба марворид ва ҷоме заррини пурёқут ва ҷоме пурлаъл ва ҷоме пурпирӯза ва ҳама бар сари офтоба ниҳад. Ва чун хазинадор аз ин бипардохт, сешанбе фаро расид. Азадуддавла* қозиро бихонд ва дасти ӯ бигирифту дар он хона бурд, ки мол ниҳода буд. Қозӣ, ки он офтобаҳоро бидид ва он чандон ҷавоҳир, хира бимонд.

Азадуддавла гуфт: — Дар ин ҳафта ба омадани ман ва ин мол чашм медор.

Пас аз он берун омаданд ва қозӣ бозгашт. Қазоро рӯзи дигар худованди ду офтоба зар даррасид. Азадуддавла гуфт, ки «акнун хоҳам, ки пеши қозӣ равӣ ва ӯро бигӯӣ, ки ман муддате сабр кардам ва ҳурмати ту нигоҳ доштам ва беш аз ин таҳаммул нахоҳам кард ва ҳама шаҳр донанд, ки маро ва падари маро чӣ молу неъмат буд ва бар қавли ман ҳама ҷой гувоҳӣ диҳанд. Агар зарри ман боздиҳӣ фабиҳо ва ниамо ва илло ҳам акнун пеши Азадуддавла равам ва аз ту тазаллум кунам ва он беҳурматӣ бар сари ту орам, ки ҷаҳониён аз ту ибрат гиранд. Бингар, то чӣ ҷавоб диҳад. Агар заррат боздод, ҳамчунон пеши ман ой ва агар надиҳад, зуд маро хабар кун».

Ҷавонмард пеши қозӣ рафт ва наздики ӯ биншаст ва ҳамчунин бо вай бигуфт. Қозӣ андешид, ки агар зар надиҳам, пеши Азадуддавла раваду аз ман шикоят кунад ва кори ман пеши ӯ даршиканаду обрӯи ман бирезад ва ин мол ба хонаи ман нафиристад. Савоб он аст, ки моли ӯ бидиҳам, охир ба ҳама ҳол саду панҷоҳ офтобаи зар бо чандин ҷавоҳир беҳтар, ки ду офтоба зар. Ҷавонмардро гуфт: — Замоне сабр кун, ки ман дар ҷаҳон туро металабидам.

Бархост ва дар ҳуҷрае рафту ӯро хонд ва дар канораш гирифту гуфт: — Ту дӯст ва дӯстбаччаи манӣ ва маро ба ҷои фарзандӣ ва ман ин ҳама аз баҳри эҳтиёт мекардам ва он гаҳ туро металабидам. Алҳамдулиллоҳ, ки боз туро дидам ва аз ин ӯҳда берун омадам ва зарри ту ҳамчунон барҷост.

Бархост ва ҳар ду офтоба пеш оварду гуфт: — Ин зарри туст? Ҷавонмард гуфт: — Оре. Гуфт: — Акнун ҳар куҷо хоҳӣ, рав.

Ҷавонмард берун омад ва ду марди ҳаммолро дар сарои қозӣ бурд ва он ду офтоба бар гардани эшон ниҳод ва ҳамчунин мебурд, то ба сарои Азадуддавла.

Ва Азадуддавла бор дода буд ва ҳама бузургони

давлат ҳозир буданд, ки ҷавонмард омаду ду офтоба зар дар пеши Азадуддавла бар замин ниҳод. Азадуддавла бихандид. Пас, гуфт: — Алҳамдулиллоҳ, ки ту ба ҳаққи хеш расидӣ.

Бузургон бозпурсиданд, ки «ҳол чун аст»? Азадуддавла моҷарои ҷавонмард ва он чӣ ӯ карда буд, бозгуфт. Ба тааҷҷуб фурӯ монданд. Пас, ҳоҷиби бузургро фармуд, ки бирав ва қозии шаҳрро сарбараҳна ва дастор дар гардан карда, пеши ман ор. Чун қозиро бад-ин гуна пеши Азадуддавла бурданд, қозӣ нигаҳ кард, он ҷавонмардро дид он ҷо истода ва он ҳар ду офтоба пеши ӯ ниҳода.

Гуфт: — Оҳ, бисӯхтам! Донистам, ки ҳар чӣ бо ман кард ва намуд, аз ҷиҳати он ду офтобаи зар буд.

Пас, Азадуддавла бонг бар вай заду гуфт: — Ту марди пир ва олим бошӣ ва ба сари гӯр расида, инчунин хиёнат кунӣ ва дар амонат зинҳор хӯрӣ, аз дигарон чӣ чашм бояд дошт?! Маълум гашт, ки ҳар чӣ сохта дорӣ ҳама аз моли мусулмонон асту аз ришват! Ман ҷазои ту дар ин ҷаҳон бидиҳам ва бад-он ҷаҳон худ мукофот ёбӣ! Аз ҷиҳати он ки пиру олимӣ, ҷони туро бахшидам, аммо молу мулки ту, ҷумла хизонаи рост!

Дуньёӣ ҳар чӣ дошт, ҷумла биситад ва низ ӯро амал нафармуд ва он ду офтоба зарро ҳамчунон ба он ҷавонмард дод ва даст аз ӯ боздошт.

### ҲИКОЯТ

Овардаанд, ки Султон Маҳмудро* монанди ин қиссае афтод. Ва он ин бувад, ки марде дар роҳ аризае ба Султон дод, ки ду ҳазор динори зар дар кисае сабз ва мӯҳр ниҳода дар пеши қозии шаҳр ба ваднат ниҳодам. Ва чун ба сафар рафтам ва он чӣ бо худ доштам, дар роҳи Ҳиндустон дуздон аз ман биситаданд. Он чӣ пеши қозӣ ниҳода будам, аз қозӣ бозситадам. Чун ба хона овардам, сари киса бозкушодам, пур дирамҳои мисин ёфтам. Ба қозӣ бозгаштам, ки ман кисаи пурзар пеши ту ниҳодам, акнун пурмис меёбам, чӣ гуна бошад?

Гуфт: — Ту ба вақти супурдан ҳеҷ зар вонамудӣ ва бар ман шумурдӣ? Кисае баста ва мӯҳр карда ба ман овардӣ ва ҳамчунон бозбурдӣ ва ба вақти боздодан аз ту пурсидам, ки ин киса кисаи туст? Гуфтӣ: «Бале».

Ва ба саломат бибурдӣ. Акнун ба қарқаша омадаӣ, оллоҳ, малики одил ба фарьёд рас, ки бар ноне кодир нестам!

Султон Маҳмуд аз ҷиҳати ӯ тангдил шуду гуфт: — Хотир ҷамъ дор, ки тадбири зарри ту бар ман воҷиб шуд. Бирав ва он кисаро пеши ман ор.

Мард бирафт ва он киса пеши Султон овард. Маҳмуд ҳарчанд гирди киса мулоҳиза кард, ҳеҷ ҷой шикофе надид. Мардро гуфт, ки кисаро пеши ман бигузор ва ҳар рӯз се ман нону як ман гӯшт ва ҳар моҳ даҳ динор зар аз вакили мо меситон, то ман тадбири зарри ту бикунам ва ту бебарг набошӣ.

Пас, рӯзе Маҳмуд вақти қайлула он киса пеши худ ниҳод ва бар вай андеша баргумошт, ки чун тавонад буд. Охир дилаш ба он қарор гирифт, ки мумкин бошад, ки ин кисаро шикофта бошанд ва зар берун карда ва руфӯ карда. Макримае дошт тӯзи музаҳҳаб некӯю зариф, ки ба рӯи ниҳоле афганда будӣ. Нимишаб бархост ва аз бом фурӯд омаду корд баркашид ва чанд газе аз мақрима бардаррид ва боз ба ҷой шуд. Сапедадам бархост ва се рӯз ба шикор рафт. Ва фарроше буд, ки хидмати ҳуҷраи хос кардӣ. Бомдод бар сари ниҳоле шуд, то бирӯбад мақримаро. Даррида дид миқдори як газ. Битарсид ва аз бим гирьяаш бараффтод. Ва дар фаррошхона фарроше буд пир ӯро бидид чунон гирьён, гуфт: — Туро чӣ будааст? Гуфт: — Намеёрам гуфт. Гуфт: — Матарс ва бигӯй. Гуфт: — Қасе бо ман ситеза доштааст. Дар хона шудааст ва мақримаи Султон бардаридааст, магар як газ. Агар чашми Султон бар он ҷо афтад, маро бикушад.

Гуфт: — Ҷуз ту дигар ҳеҷ кас дидааст? Гуфт:—На. Гуфт: — Дил фориғ дор, ки ман чораи ин кор донам ва туро биёмӯзам. Султон ба шикор рафтааст ва дар ин шаҳр руфӯгаре ҳаст каҳл марде ва дӯкон ба фалон маҳалла дорад ва Аҳмад ном дорад ва дар руфӯгарӣ сахт устод аст. Ва руфӯгароне, ки дар ин шаҳранд, ҳама шогирдони ӯянд. Ин мақрима пеши вай бар, чандон ки музд хоҳад, бидеҳ, ки ӯ чунон кунад, ки ҳеҷ устоде надонад, ки ин дарида будааст.

Ин фаррош мақрима пеши ӯ бурд, гуфт: — Инро руфӯ тавонӣ кард? Гуфт: — Тавонам. Гуфт: — Чанд хоҳӣ? Гуфт: — Дурустӣ, ним динор хоҳам.

Он зар бад-ӯ доду гуфт: — Зуд мебояд.

Гуфт: — Фардо намози дигар биё ва бибар.

Дигар рӯз ба ваъда бирафт. Макрима пеши ӯ ниҳод, чунон ки дарнамеёфт, ки куҷо дарида буд. Фаррош шодмона шуду ба сарой бурд ва ҳамчунон дар рӯи ниҳоле кашид. Чун Султон аз шикор бозомад, дар он хона шуд, то бихуспад. Нигаҳ кард, макримаро дуруст дид, гуфт: — Ин фаррошро бихонед.

Чун фаррошро бихонданд, гуфт: — Ин макрима дарида буд, кӣ дуруст кард? Гуфт: — Эй худованд, ҳаргиз надарида буд. Гуфт: — Эй аҳмақ, матарс, ки ин ман дарида будам. Маро дар ин максудест. Рост бигӯ, ки кадом руфӯгар ин дуруст кардааст, ки бағоят нек кардааст.

Гуфт:— Эй худованд, Аҳмади руфӯгар. Гуфт:— Ӯро пеши ман хон. Ва чун дар сарой ояд, пеши манаш ор.

Фаррош бирафт ва руфӯгарро пеши Султон овард. Руфӯгар, ки Султонро дид танҳо нишаста, битарсид. Султонро, ки чашм бар ӯ афтод, гуфт: — Биё устод, ин макримаро ту руфӯ кардӣ? Гуфт:— Оре. Гуфт:— Сахт устодона кардаӣ. Гуфт: — Ба давлати худованд нек омадааст. Гуфт: — Дар ин шаҳр аз ту устодтар ҳеҷ ҳаст? Гуфт: — На. Гуфт: — Аз ту сухане пурсам, рост бигӯ, ки бо подшоҳон беҳ аз ростӣ нест.

Гуфт: — Фармонбардорам. Гуфт: — Дар ин шаш— ҳафт сол ҳеҷ кисаи дебои сабз руфӯ кардӣ ба хонаи мӯҳташаме? Гуфт: — Кардам. Гуфт: — Куҷо? Гуфт: — Ба хонаи қозии шаҳр. Ду динор музди он бидод. Гуфт: — Агар он кисаро бинӣ, бишиносӣ? Гуфт: — Шиносам.

Маҳмуд * даст дар зери ниҳоле кард ва кисаро бардошт ва ба дасти руфӯгар дод.

Гуфт: — Ин киса аст. Султон гуфт: — Руфӯкарда кадом ҷой аст? Маро бинамой.

Ангушт барниҳод, ки ин ҷойгаҳ аст. Маҳмуд тааҷҷуб кард ва хира фурӯ бимонд, азбаски некӯ карда буд. Гуфт: — Агар ҳоҷат ояд, бар рӯи қозӣ гувоҳӣ тавонӣ дод? Гуфт: — Чаро натавонам?

Дар вақт кас фиристод ва қозиро хонд ва дигареро гуфт: — Бирав худованди кисаро бихон.

Чун қозӣ ҳозир шуду салом кард ва бар одат бинишаст, Маҳмуд рӯй ба қозӣ оварду гуфт: — Ту марди пир ва олим бошӣ ва ман казо ба ту додаам ва хунҳою молҳо ба ту супурдаам ва бар ту эътимод карда ва даҳ ҳазор мард ҳаст дар мамолики ман аз ту олимтар. Ҳамаро зоеъ гузошта, туро баргузидаам ва ин шуғли динӣ ба ту супурдаам. Он гаҳ ту хиёнат кунӣ

ва шарти амонату маросими диёнат фурӯгузорӣ ва моли марди мусулмон ҷумла бибарӣ ва ӯро маҳрум бигузорӣ!

Гуфт: — Эй худованд, ин чӣ ҳадис бошад ва ин кӣ гӯяд, ман ин накардаам. Маҳмуд гуфт: — Эй мунофиқ, ин хиёнат ту кардаӣ ва ман мегӯям!

Ва пас кисаро бад-ӯ намуду гуфт: — Ин он аст, ки пеши ту ниҳодаанд, ту бишикофтӣ ва зар берун кардию мис бадали он зар дар он ҷо ниҳодӣ ва киса руфӯ кардӣ, он гаҳ худованди зарро гуфтӣ, «сарбаста ба мӯҳри хеш овардӣ ва ҳамчунон бозбурдӣ, чизе бари ман сохтӣ ё намудӣ?!» Феълу сирати ту дар диёнат чунин аст?!

Қозӣ гуфт: — На ин кисаро ҳаргиз бидидаам ва на аз ин ки мегӯед, хабар дорам. Маҳмуд гуфт: — Ин ду мардро дароваред.

Хозан бирафт. Худованди зарру руфӯгар пеши Маҳмуд овард. Маҳмуд гуфт:—Эй дурӯғзан, инак худованди зарру руфӯгар, ки кисаро руфӯ кардааст!

Қозӣ хиҷил шуд ва рӯяш зард гашту аз бим ларза бар танаш афтод, ки сухан натавонист кард.

Маҳмуд гуфт: — Баргиредаш ва бо ӯ мувакkил бошед, то ҳамин соат зарри ин мардро боздиҳад ва илло бифармоям, то гарданаш бизананд.

Қозиро аз пеши Султон бадар кашиданд ниммурда ва дар навбатхона бинишонданду гуфтанд: — Ҳин, зар бидеҳ, Қозӣ гуфт: — Вакили маро биёваред.

Вакили ӯро биёварданд ва нишон бидод. Вакил рафт ва ҳар ду ҳазор динори нишопурӣ дуруст биёвард ва ба худованди киса таслим кард. Дигар рӯз Султон Маҳмуд ба мазолим бинишаст ва хиёнати қозӣ бо бузургон бар мало бигуфт. Пас, фармуд қозиро биёварданд ва нагунсор аз кунгураи даргоҳ биёвехтанд ва бузургон бисьёр шафоат карданд, ки марде пиру олим аст. То панҷоҳ ҳазор динор худро бозхарид. Фурӯ гирифтандаш ва низ ҳаргиз ӯро қазо нафармуд.

Ва монанди ин ҳикоят подшоҳонро бисьёр аст, ин қадар бад-он ёд карда шуд, то худованди олам халадаллоҳу мулкаҳу бидонад, ки подшоҳон дар адлу инсоф чӣ гуна ба ҷид будаанд ва чӣ андешаҳо кардаанд, то ситамрасидагонро ба ҳаққи хеш расонанд ва чӣ тадбирҳо кардаанд, то муфсидонро аз рӯи замин бардоштаанд, ки «подшоҳи бар раъй қавӣ беҳ аз лашкари қавӣ» ва алҳамдулиллоҳ, ки худованди оламро ин ҳар

ду ҳаст. Ва ин фасл дар маънии ҷосусон аст. Ва мўътамадон бояд ки ин кор кунанд ва чунин мардумон ба даст оранд ва ба ҳар ҷонибе ба муҳиммот мефиристанд, то пайваста оқибат хайранҷом бошад...

### ФАСЛИ ҲАФДАҲУМ

## АНДАР НУДАМО ВА МУҚАРРИБОНИ ҲАЗРАТИ ПОДШОҲ

Подшоҳро чора нест аз нудамои шоиста доштан ва бо эшон кушодаву густох даромадан, ки бо бузургони соҳибатроф ва сипаҳсолорон нишастани бисьёр ва бо эшон густох даромадан ва сабук будан, ҳашмати подшоҳро зиён дорад. Ва эшон далер гарданд ва дар ҷумла ҳар киро шуғлею амале фармуданд, набояд ки ўро надимӣ фармоянд. Ва ҳар киро надимӣ фармоянд, бояд ки ҳеҷ амале нафармоянд, ки ба ҳукми инбисоте, ки дар бисоти подшоҳ дорад, дарozдастӣ кунад ва мардумонро ранҷ намояд. Омил бояд ки аз подшоҳ тарсон ва ҳаросон бувад. Надим то густох набошад, подшоҳро аз ў ҳаловат набошад ва табъи подшоҳ аз надим кушода шавад ва эшонро вақти маълум бувад. Чун подшоҳ бор бидод, бузургон ҳама бозгаштанд, он гаҳ навбати эшон бошад. Ва дар надим чанд фоида ҳаст;— яке он ки подшоҳро мўнис бошад, дигар он ки шабу рўз бо ў бошад, агар наузабиллоҳ, хатаре бошад, надим боке надорад, ки тани хешро сипари бало кунад. Ва дигар ҳазор гуна сухан бо надим битавон гуфтан аз ҳазлу ҷид, ки бо вазиру бузургони давлат натавон гуфт, ки эшон соҳиби аъмоланд ва низ аз нудамо ҳазор гуна сухан шунаванд ва аҳвол намоянд аз ҳукми густохӣ аз хайру шар ва мастиву ҳушьёрӣ ва дар он фавоиду масолеҳ бисьёр бошад. Валекин надиме бояд ки гавҳари фозил ва тозарўю покмазҳаб ва роздору покизаҷома бувад ва самару қиссас аз ҳазлу ҷид бисьёр донад ва бо некў ривоят кунад ва ҳамвора некўгўю некўпайванд бошад ва шатранҷ нек донад бохт ва агар руде донад задан ва силоҳи кор тавонад баст, беҳтар бошад ва бояд ки мувофиқи подшоҳ бошад, ҳар чӣ гўяду кунад «аҳсант» бар забон дорад. Ва муаллимӣ накунад, ки он бикуну ин макун ва ин чаро кардӣ ва он набояд кард, ки подшоҳро душворояд ва он ба кароҳият кашад ва ҳар чӣ тааллуқ ба тамошою ишрат ва

маҷлиси унсу шароб ва шикору гӯй задан ва монанди ин дорад. Раво бошад, ки бо надимон тадбир кунанд, ки эшон ин маъниро муҳайёанд.

Ва боз ҳар чӣ тааллуқ ба иморат ва масофу тохтан ва сиёсат ва захираву васлат ва мақому сафар ва лашкару раоё дорад ва монанди он бо бузургони давлат ва пирони ҷаҳондида тадбир кунад, авлотар бошад, ки дар ин маънӣ эшон шомилтар бошанд, то ҳама корҳо ба ваҷҳи хеш бувад. Баъзе аз подшоҳон табиб ва мунаҷҷим надим кардаанд, то бидонанд, ки тадбири илоҷи ҳар яке чист ва ӯро чӣ созад ва чӣ насозад ва табиату мизоҷи ӯро нигоҳ доранд ва мунаҷҷим вақту соат нигоҳ медорад ва аз саъду наҳс огоҳӣ медорад ва шуғлеро, ки хоҳад кардан, вақташ ихтиёр мекунад. Ва боз баъзе аз подшоҳон ин ҳардуро нахостаанд ва гуфтанд: «Табиб ҳамеша моро аз хӯрданиҳои хушу покиза медорад ва беиллате дору диҳад ва беранҷе фасад фармояд ва мунаҷҷим ҳамчунин аз корҳои карданӣ манъ кунад ва аз муҳиммот боздорад. Ва чун нигаҳ кунӣ, ин ҳардуанд, ки вайро аз мурод ва лаззати шаҳвати ин ҷаҳонӣ бозмедорад ва айш бар мо мунағғас мекунад ва он авлотар, ки эшонро ба вақти он ки ҳоҷат бошад, талаб кунем». Аммо агар надим ҷаҳондида ва ба ҳар ҷое расида бошаду бузургонро хидмат карда, некӯтар бошад. Ва чун мардумон хоҳанд, ки хӯю одати подшоҳ бидонанд, ки подшоҳ хушхӯю хуштабъ ва некӯсирату писандидаодат аст, аз нудамо қиёс бояд кард. Агар надимонаш хушхӯю кушодатабъ ва фурӯтану бурдбор ва ҷавонмарду зариф бошанд, бидонанд, ки подшоҳ низ хушхӯю хуштабъ ва фурӯтану бурдбор ва некӯсирату писандидаодат аст. Ва агар надимонаш туршрӯй бошанд ва мутакаббиру муҳолгӯй ва бахилу раъно бошанд, бидонанд, ки подшоҳ нохуштабъу бадгӯй ва бадхӯю бадсират бошад. Ва дигар ҳар як аз нудаморо мартабате бошад ва баъзеро маҳали нишастан бошад ва баъзе аз аҳли истодан бошанд, чунон ки аз қадим боз одати маҷлиси мулук будааст ва ҳанӯз он расм дар хонадони қадими хулафо мондааст ва ҳамеша халифаро чандин надим бошад, ки падарони ӯро будааст ва Султони Ғазнинро * ҳамеша бист надим будӣ истодаю нишаста. Ва эшон ин расму тартиб аз Сомониён * доранд. Ва бояд ки надими подшоҳро кафофӣ бошад ва ҳурмате тамом миёни ҳашам ва эшонро бояд ки хештандору муҳаззиб бошанд ва подшоҳдӯст.

## АНДАР МУШОВИРАТ ҚАРДАНИ ПОДШОҲОН БО ДОНОЁНУ ПИРОН

Мушовират кардан дар корҳо аз қавиразъии мард бошад ва аз тамомақлӣ ва биниш, ки ҳар касеро донише бошад ва ҳар касе чизе донад, яке бештару яке камтар. Ва яке донише дорад ва харгиз кор набастаасту наозмуда ва яке ҳамон дониш дораду корбаста аст ва озмуда, масали он чунон бошад, ки яке илоҷи дардеву иллате дар китоб хонда бошад ва номи он ҳама доруҳо ёд дораду бас. Ва боз яке ҳамон доруҳо донаду муолиҷати он карда бошад ва борҳо таҷрибат карда. Ҳаргиз ин кас ба он рост набошад. Ҳамчунин яке бошад, ки сафарҳои бисьёр карда бошад ва ҷаҳон бештар дида ва сарду гарм бештар чашида ва дар миёни корҳо буда, бо он кас баробар натавон кард ин касро, ки ҳаргиз сафар накарда бошад ва вилоятҳо надида ва дар миёни корҳо набуда. Аз ин маънӣ гуфтаанд, ки «тадбир бо доноёну пирон ва ҷаҳондидагон бояд кард».

Ва низ якеро хотир тезтар бошад ва дар корҳо зуд тавонад дид ва яке кундфаҳм бошад. Ва доноён гуфтаанд, ки «тадбири яктана чун зӯри якмарда бошад ва тадбири дутана чун зӯри думарда ва тадбири даҳтана чун зӯри даҳ мард ва ҳар чӣ бештар-қавитар» ва нерӯи як мард аз ду мард камтар бошад ва ҳамчунин тадбири даҳ кас қавитар аз тадбири се кас бошад... Пас, чунон воҷиб кунад, ки чун подшоҳ коре хоҳад кард ё муҳимме ӯро пеш ояд бо пирону ҳавохоҳон ва авлиёи давлати хеш машварат бояд кард, то ҳар кас дар он маънӣ чӣ гӯянд ва он чӣ раъйи подшоҳ дида, бо раъйи ҳар як муқобила кунанд ва ҳар яке чун раъю гуфтори якдигар шунаванд ва барандозанд, раъйи савоб аз миён падидор ояд ва тадбири савоб он бошад, ки ақлҳои ҳамгинон бад-он мутаффиқ шавад, ки чунин мебояд кардан. Ва машварат нокардан дар корҳо аз заифии раъй бошад ва чунин касеро «худком» хонанд ва чунон ки ҳеҷ кор бемардум натавон кард, ҳамчунин ҳеҷ шуғле бемашварат некӯ наёяд...

## АНДАР МУФРАДОН ВА БАРГУ СОЗ ВА ТАРТИБИ ҚОР ВА АҲВОЛИ ЭШОН

Дувист мард мебояд ба даргоҳ, ки эшонро муфрадон гӯянд, мардони гузида ҳам ба дидору қад некӯ ва ҳам ба мардию диловарӣ тамом. Сад аз ин ҷумла хуросонӣ ва сади дигар дайламӣ, ки дар сафару ҳазар ғоиб аз хидмат набошанд ва ҳамеша мулозими даргоҳ бошанд. Ва эшонро либосҳо некӯ бувад ва дувист даст силоҳ сохта кунанд ва ба вақт бо эшон медиҳанд ва ба вақт бозситонанд ва аз ин силоҳҳо бист ҳамоил ва сипаре ба зар бояд ки бошад. Ва саду ҳаштод ҳамоил симу найзаҳои хаттӣ ва эшонро ҷомагӣ тамом бояд ки бувад. Ва ҳар панҷоҳ мардро нақибе бувад, ки аҳволи эшон медонад ва эшонро хидмат мефармояд. Ҳама бояд ки савор бошанду бо барг, то агар вақти муҳимме бошад, он чӣ бад-эшон тааллуқ дорад, фурӯ намонанд. Ва ҳамвора чаҳор ҳазор марди пиёда бояд, ки бо амир дар девон бувад аз ҳар ҷинсе, ҳазор гузидаи хосси подшоҳ бошад ва се ҳазор дар хайли амирону сипаҳсолорон бошанд, то ба вақти муҳим ба кор оянд.



## АНДАР МАЪНИИ АҲВОЛИ РАСУЛОН ВА ТАРТИБИ ҚОРИ ЭШОН

Расулоне, ки аз атроф меоянд, то ба дари хона намерасанд, касро хабар намебошад аз омадану шудан ва ҳеҷ кас эшонро тааҳҳуд намекунад ва хабар намедиҳад ва инро бар ғафлату хор доштани корҳо ҳамл кунанд. Бояд ки гумоштагони сарҳадҳоро бигӯянд, то ҳар кӣ бад-эшон расад, дарҳол ва дар-вақт савор фиристанд ва огоҳ кунанд, ки ин кисту аз куҷо меояд. Ва мӯътабаре бо эшон номзад кунад, то эшонро ба шаҳри маъруф бирасонад, ба он ҷо бисупорад ва аз он ҷо гумоштагони дигар ҳамчунин бо эшон то ба шаҳру ноҳияти дигар ва ҳам бар ин мисол, то ба даргоҳ ва ҳар куҷо, ки бирасанд, ки ободонӣ бувад. Фармон чунон бувад, ба гумоштагон ва уммолу муқаттаон, ки эшонро ба ҳар манзил нузул диҳанд ва некӯ доранду

ба хушнудӣ гусел кунанд аз неку бад ҳамчунон бошад, ки бо ин подшоҳ карда бошад, ки ӯро фиристода бошад. Ва подшоҳон ҳамеша ҳурмати якдигар доштаанд ва расулонро азиз гирифта, ки бад-он қадру ҷоҳ эшонро зиёдат шудааст. Ва агар вақте миёни подшоҳон мухолифате ва ваҳшате будааст ва расулон ба ҳасаби вақт омадаанд ва расолат чунон ки эшонро фармудаанд мегузоранд, ҳаргиз эшонро наёзурдаанд ва аз некӯдошт ҳеҷ одате кам накардаанд, ки писандида нест...

Дигар, бибояд донист, ки подшоҳон, ки ба якдигар расул фиристанд, на мақсуд ҳама он нома бошад, ки бар мало изҳор кунад, ки сад мақсуду сир пеш бошад аз фиристодани расулон, илло хоҳанд, ки бидонанд аз аҳволи роҳи ағбаҳо ва рудҳо, ки чӣ гуна аст, то лашкар тавонад гузашт ё на ва алаф куҷо бошад ва ба ҳар ҷо аз гумоштагон кианду лашкари малик чанд аст? Ва олату иддат ба чӣ андоза аст ва хону маҷлис чӣ ҳол дорад ва тартиби даргоҳу боргоҳ ва нишасту бархост ва чавгону шикор ва хулқу сират ва бахшишу кӯшиш ва дидору кирдор чӣ гуна аст? Золим аст, ё одил, пир аст, ё ҷавон ва вилояташ ободон аст, ё вайрон ва лашкараш хушнуд аст, ё на, раияташ тавонгаранд, ё дарвеш? Бахил аст, ё сахӣ ва дар корҳо бедор аст, ё ғофил, вазираш кифоят дорад, ё на? Бодиёнат ва некӯравиш аст, ё нопок ва бадравиш? Сипаҳсолоронаш кордида ва русумозмуда ҳастанд ва надимонаш зарифанд ва чӣ душман дорад ва чӣ дӯст ва дар шароб кушодатабъ ҳаст, ё на... Ва ҳимматею шафқате дорад, ё ракику бераҳм аст? Майли ӯ бештар ба ҳазл аст, ё ба ҷид...

Агар хоҳанд, ки ӯро ба даст оваранд ва бо ӯ мухолифате кунанд ва ё айбе гиранд, чунон ки ба рӯзгор бар аҳволи ӯ воқиф бошанд, тадбири кор месиголанд ва неку бад донанд кард ва ба воҷибе бар даст гиранд. Чунон ки ба рӯзгори султони шаҳид — Алпарслон *, анораллоҳи бурҳонаҳу *, бандаро афтод ва дар ҷаҳон ду мазҳаб аст, ки пок асту нек ва бар тарики ростанд, яке мазҳаби Буҳанифа * ва дигар мазҳаби Шофеӣ *, ризвонуллоҳи алайҳумо *, ва дигар бар ҳавию бидъат ва шубҳатанд. Ва султони шаҳид... дар мазҳаби хеш сулб буд, ки борҳо ба забони ӯ рафта буд: — Эй дареғо, агар вазири ман шофеимазҳаб набудӣ. Ва сахт бо сиёсат ва ҳайбат буд ва ман бад-он са-

баб, ки ӯ дар мазҳаби хеш чунон ба ҷид ва мӯътақид буд ва мазҳаби шофеӣ ба айб медошт, ҳамвора аз ӯ андешанок ва тарсон будаме.

Магар иттифоқ чунон афтод, ки султони шаҳид, азми Мовароуннаҳр ва Самарқанд кард, ки хоқони Самарқанд — Шамсулмулк ӯро гардан намениҳод ва лашкарҳо бихонд ва расул фиристод ба Шамсулмулк Наср ибни Иброҳим. Ва ман бандаи донишманд Аштарро аз қибали хеш бо расули султон бифиристодам, то он чӣ равад, маро маълум кунад. Расули султон нома ва пайғом бирасонид ва аз он ҷо расули хеш бо расули султон ба ин ҷо фиристод. Чунон ки одат бошад, ки расулон пеш шаванд ва муродҳову илтимосҳо дарҳоҳанд ва суханҳо бошад, ки ба мушофаҳат натавон гуфтан, бо вазир бигӯянд, то вазир бо султон бигӯяд, то вакти бозгаштан. Иттифокан дар вусоқи хеш бо қавме ҳамнишинон нишаста будам ва шатранҷ мебохтам ва аз яке шатранҷ бурда будаму ангуштарии ӯ ба гарав ситода, дар ангушти дасти чап кардам, фарох буд, дар ангушти дасти рост карда будам, гуфтанд: — Расули хони Самарқанд бар дар аст. Гуфтам: — Дар-даровараидаш.

Ва фармудам, то шатранҷ аз пеш бардоштанд. Чун расул даромад ва бинишаст, ки дошт, бо банда гуфтан гирифт ва банда ангуштарӣ бар ангушт мегардонид. Чашми расул бар ангуштарӣ афтод ва чун пардохта шуд, берун рафт. Султон фармуд, расули хонро бозгардонед ва расули дигар номзад кард, то ҷавоб бозбарад ва дигарбора донишманд Аштарро, ки марде ҷалд буд, банда бо расул бифиристод. Чун расулон ба Самарқанд расиданд ва пеши Шамсулмулк шуданд ва Шамсулмулк дар он миён расули хешро пурсид: — Султон Алпарслонро ба раъю кирдор ва дидор чун ёфтӣ ва лашкараш чӣ қадар бошад ва сози олоти эшон чӣ гуна аст?

Расулаш гуфт: — Эй худованд, султонро аз дидору манзар ва мардонагиву сиёсат ва ҳайбату фармон ҳеҷ дарнамебояд ва лашкарашро адад худо донад ва зиннату олот ва таҷаммули эшонро худ қиёс нест ва тартиби даргоҳу девон ва маҷлису боргоҳаш ҳама нек аст. Ва дар мамлакаташон ҳеҷ чиз дарнамебояд, илло як айб. Агар он айб набудӣ, бисьёр хуб будӣ. Гуфт: — Он айб кадом аст? Гуфт: — Вазираш рофизӣ аст. Гуфт: — Чун донистӣ? Гуфт: — Бад-он ки рӯзе намози пе-

шин бикардам ва ба хаймаи ӯ шудам, ки бо ӯ сухан гӯям. Ӯро дидам ангуштарӣ дар дасти рост карда буд ва гирд бар гирд ҳамегардониду бо ман сухан ҳамегуфт. Донишманд Аштар ҳам дарҳол ба мани банда навишт, ки ин ҷо дар маънии ту пеши Шамсулмулк ба забони ӯ чунин рафт, то дониста бошӣ. Банда азим ранҷурдил гашта аз бими султон, гуфтам: — Ӯро аз мазҳаби ман нанг меояд ва ба ҳар вақт маро сарзаниш мекунад. Агар ҳеҷ гуна бишунавад, ки бар банда рақами рофизӣ кашиданд ва пеши хоқони Самарқанд чунин гуфтанд, маро ба ҷон зинҳор надиҳад.

Бо ҳама бегуноҳӣ банда сӣ ҳазор динори бадрӣ харҷ кард, то ин сухан ба султон нарасад.

Ин бад-он ёд кардам, ки расулон бештар айбҷӯй бошанд ва ҳаменигаранду мепурсанд, то дар подшоҳ ва мамлакати ӯ чӣ чиз аст, ки он айбу нуқс аст ва ҳар чиз, ки он ҳунар аст ва ба вақти дигар аз подшоҳон сарзаниш ва маломат расад ва аз ин маънӣ подшоҳони зираку бедор ахлоқи хеш муҳаззиб кардаанд ва сирати неку ба даст гирифтаанд ва мардумони шоиста ва покдину росткор дар пеши кор нигоҳ доштаанд ва амал фармуда, то касе бар эшон айб нагирад. Ва расулиро марде шояд, ки ӯ хидмати подшоҳон карда бошад ва бар сухан гуфтан далер ва сафари бисьёр карда ва аз ҳар донише баҳрае ёфта ва ҳофизу пешбин ва хушқадду некӯманзар. Ва агар марде ва саворе пиру олим бошад беҳтар ва агар надимеро фиристанд бад-ин шуғл, эътимод зиёдат бувад. Ва агар мардеро ба расулӣ фиристанд, ки ӯро далерӣ бошад ва мардонаю боадаб ва силоҳу саворӣ нек донад ва мубориз бошад, беҳтар бошад, то бад-эшон намуда бошад, ки мардумони мо ҳама чунин бошанд. Ва агар расул марди шариф бувад ҳам, нек бошад, ки аз баҳри шараф ҳурмати зиёдат кунанд ва бо ӯ бадӣ натавонанд кард. Ва агар касе бувад, ки шаробхора набошад ва мозеҳу қимор ва бисьёргӯю маҷҳул, беҳтар бувад. Ва бисьёр вақт подшоҳон расул фиристодаанд бо ҳадья ва тароифи бисьёр ва аз хештан аҷзу нармгардонӣ намуда ва бад-ин ғурур бар асари расул лашкар сохта ва мардони кор фиристода ва хасмро шикастаанд...

## ФАСЛИ БИСТУ ЧАҲОРУМ

## АНДАР ЛАШКАР ДОШТАН АЗ ҲАР ГУНА

Чун лашкар ҳама аз як ҷинс бошад, аз он хатарҳо хезад ва сахткӯш набошанд ва тахлит кунанд. Бояд ки аз ҳар ҷинсе бошанд ва ҳазор марди дайлам ва хуросонӣ бояд ки муқим бар даргоҳ бошанд, он чӣ ҳастанд, бидоранд ва боқӣ рост кунанд ва агар баъзе аз ин гурҷиён ва шубонкорагони порс бошанд, раво бувад, ки чунин мардумон нек бошанд.

### ҲИКОЯТ

Одати Султон Маҳмуд * чунон будаст, ки аз ҳар ҷинс лашкар доштӣ, чун турку хуросонӣ ва арабу ҳиндӣ ва ғӯрию дайлам.

Ва ҳар шаб дар сафар маълум карда буд, ки чанд мард ба яток рафтандӣ ва ҷойгоҳи ҳар гурӯҳ дида будӣ ва ҳеҷ гурӯҳ аз бими якдигар аз ҷои хеш наёристандӣ ҷунбид, то рӯз ба наздики якдигар пос доштанд. Ва кас нагуфтӣ «фалон дар ҷанг сустӣ кард». Ҳама дар он кӯшидандӣ, ки аз якдигар бароянд ва чун коидаи мардони ҷанг чунин буд, ҳама сахткӯш ва номҷӯй буданд. Лоҷарам, чун даст ба силоҳ бурдандӣ, қадам боз пас нанихҳодандӣ, то лашкари мухолифро шикастандӣ. Ва ҳар гаҳ, ки лашкар як бор ё ду бор чира гашт ва бар мухолиф зафар ёфт, баъд аз он сад савор аз ин ҳазор савор мухолифро нанигаранд ва ҳама низ бо ин лашкар муқовимат натавонанд кард ва ҳама лашкарҳои атроф аз ин подшоҳ битарсанд ва тоатдор шаванд ва ҳеҷ кас андешаи мухолифат наёрад дошт.

## ФАСЛИ БИСТУ ҲАФТУМ

## АНДАР ЗАҲМАТ НОКАРДАНИ БАНДАГОН ҶУЗ ВАҚТИ ХИДМАТ ВА ТАРТИБИ КОРИ ИНОН ДАР ПАРВАРИШ

Бандагоне, ки ба хидмат меистанд, заҳмат накунанд, то ҳоҷат меафтад ва чун дарҳол пароганда шаванд ҳам, дарҳол бозоянд. Ва чун фармоне ҷазм дода шавад ва боз ба эшон бигӯянд, ки эшонро чӣ гуна ме-

бояд буд, бар он бираванду ба такаллуф ҳоҷат наёяд ва то маълум фармоянд, ки дар ҳар рӯзе аз ғуломони обдору силоҳдор ва шаробдору ҷомадор ва монанди ин ва аз ғуломоне, ки ба амирӣ расидаанд, чанде ба хидмат оянд, то ҳар рӯзе аз ҳар вусоқе бад-он адад ба хидмат меоянд. Ва ҳамчунин дигар ғуломонро ба ҳама рӯзгори қадим дар парвариш ва тарбияти эшон аз он рӯз, ки бихаранд, то он рӯз, ки пир шаванд, тартибе будааст.

Ва дар ин айём расму қоидаи он афтодааст, аммо банда аз ҷиҳати шарти китоб ёд кунад.

Ҳанӯз дар рӯзгори Сомониён * он тартиб бар ҷой буд, ки ба тадриҷ бар андозаи хидмату ҳунар ва шоистагӣ ғуломонро дараҷа меафзуданд. Чунон ки ғуломеро бихаридандӣ, як сол ӯро пиёда дар рикоб хидмат фармуда бо қабои занданиҷӣ, мӯза ва ин ғуломро фармон набудӣ пинҳону ошкоро дар ин сол бар асб нишастан, агар маълум шудӣ, молиш додандӣ. Ва чун як сол бар ин минвол хидмат кардӣ, баъд аз он вусоқбошӣ ҳоҷибро гуфтӣ, то ӯро қабое ва асбаке туркӣ додандӣ бо зинаке дар хом гирифта ва лагоме аз дуволи содда. Ва чун як сол бо асбу тозиёна хидмат кардӣ, саввум сол ӯро қарочӯрӣ додандӣ, то бар миён бастӣ ва соли чаҳорум кешу қарбон фармудандӣ, то вақти барнишастан дарбастӣ ва дар соли панҷум зине беҳтар ва лагоме макавкаб ва қабои рӯйдорӣ ва дабӯсӣ, ки дар дабӯс ҳалқа овехтӣ. Ва дар соли шашум соқӣ фармудӣ ба асбдорӣ ва қадаҳе аз миён даровехтӣ. Ва соли ҳафтум ҷомае уодӣ ва соли ҳаштум хаймаи шонздамехӣ бидодандӣ ва се ғуломаки навхарида додандӣ ва дар хайли ӯ кардандӣ ва ӯро «вусоқбошӣ» лақаб додандӣ ва кулоҳи намадини симкашида ва ганҷақабо дарпӯшидандӣ. Ва ҳамчунин ҳар сол ҷомаву таҷаммул ва хайлу мартабати ӯ меафзудандӣ, то хайлбошӣ шудӣ. Пас, ҳамчунон то ҳоҷиб шудӣ. Ва чун шоистагиву ҳунар ва шуҷоати ӯ ҳама касро маълум шудӣ ва корҳои бузург аз дасти ӯ баромадӣ ва мардумрою худовандро дӯст будӣ, он гаҳ то ӯро сию панҷ сол нашудӣ, амирӣ надодандӣ ва вилоят номзад накардандӣ. Ва Алптегин *, ки банда ва парвардаи Сомониён буд ба сию панҷ сол сипаҳсолории Хуросон ёфт. Боаҳду вафо буд ва мардона ва бораъю тадбир ва мардумдору хайлдӯст ва ҷавонмарду фаррохнону намак ва худойтарс буд ва ҳама сирати Сомониён доштӣ ва Хуросону

Ироқ солҳо ӯ доштӣ. Ҳазору ҳафтсад ғулому банда турк дошт. Рӯзе сӣ ғуломи турк харида буд, Сабуктегин * нахустини ҳама буд, ки ӯро Алптегин харида буд. Ва се рӯз буд, ки ӯро харида буданд ва пеши Алптегин дар миёни ғуломон истода буд. Ҳоҷиб пеш омад ва Алптегинро гуфт, ки фалон ғуломро, ки «вусоқбошӣ» фармуданд, ӯ фармон ёфт. Он вусоқу хайл ва рахту олат ва иддати ӯ ба кадом ғулом арзонӣ фармояд?

Чашми Алптегин бар Сабуктегин афтод. Бар забонаш бирафт, ки бад-ин ғуломак бахшидам.

Ҳоҷиб гуфт — Эй худованд, ин ғуломакро ҳанӯз се рӯз беш нест, ки харидаед, ӯро ҳафт сол хидмат бояд кард, то бад-ин манзалат расад, чун бад-ӯ шояд дод?

Алптегин гуфт: — Ман гуфтам ва ин ғуломак шунид ва хидмат кард ва бар ваҷҳи ато бад-ӯ бахшидам ва дигаронро бар одат мебояд рафт.

Пас ин рахти «вусоқбошӣ» бад-ӯ дод, ки самараи хидмату манзалати ҳафтсола аст. Пас, Алптегин бо худ андешид, ки «чун шояд будан, ки хидмат ва манзалати ҳафтсола ба ғуломаке навхарида бирасид, магар ин ғуломак бузургзода тавонад буд ба асли хеш дар Туркистон, ё муқбил хоҳад будан ва кори ӯ боло хоҳад гирифтан?» Пас, ӯро озмудан гирифт ва баднину бад-он пайғомаш додию гуфтӣ: — Он чӣ гуфтам, бозгӯй.

Ҳама бозгуфтӣ, чунон ки ҳеч ғалат накардӣ.

Пас, гуфтӣ: — Бирав ва ҷавоб боздеҳ.

Ӯ ҷавоб бозовардӣ ба воҷибтар аз он ки пайғом бурда будӣ. Ва чун озмоиш ҳар рӯз беҳтар меёфт, меҳре дар дили Алптегин аз ӯ падид омад ва ӯро обдорӣ дод ва пеши хеш хидмат фармуд. Ва даҳ ғуломро дар хайли ӯ кард ва ҳар рӯз ӯро бармекашид ва чун ҳаждаҳсола шуд, дувист ғуломи мардона хайл дошт ва ҳама сирати Алптегин пеш гирифт. Тариқи нишастану хостан ва рафтан ва тартиби хону коса ва маҷлису шикор ва тир андохтану гӯй задан ва муроот кардан ва бо хайл чун бародарон бизистан. Ва агар себе хостӣ, бо даҳ тан бихӯрдӣ. Магар рӯзе Алптегин дувист ғуломро номзад кард, то ба Халаҷ ва Туркмонон раванд ва моле, ки аз эшон ситаданӣ бувад, биситонанд ва Сабуктегин дар ҷумлаи эшон буд. Чун он ҷо шуданд, Халаҷ ва Туркмонон мол ба тамомат намедоданд. Ғуломон дар хашм шуданд ва даст ба силоҳ бур-

данд ва қасди ҷанг карданд, то ба зӯр мол биситонанд.

Сабуктегин гуфт: — Ман боре ҷанг накунам ва бо шумо ба ин наистам. Ёронаш гуфтанд: — Чаро? Гуфт: — Худованд моро на ба ҷанг кардан фиристодааст,— гуфт,— биравед ва молу чаҳорпой биёред. Акнун агар ҷанг кунем ва эшон моро бишиканaнд, шайну ғабни азим бошад ва ҳашмати худованди моро зиён дорад ва дигар худованд моро гӯяд: — кӣ фармуд шуморо, ки ҷанг кунед?! — то дари марг аз ин сарзаниш ва маломат нараҳем ва тоқати итоби ӯ надорем.

Чун Сабуктегин ин бигуфт, бештари ғуломон бигуфтанд: — Ин савобтар аст, ки Сабуктегин мегӯяд.

Хилофе миёни ғуломон падид омад ва ба оқибат ҷанг ба ҷо раҳо карданду бозгаштанд ва чун пеши Алптегин * омаданд ва бигуфтанд, ки саркашӣ карданду мол надоданд.

Алптегин гуфт: — Чаро даст ба силоҳ накардеду ба қаҳр аз эшон наситадед? Ғуломон гуфтанд: — Мо дар силоҳ шудем ва ҷанг хостем кардан, Сабуктегин хилоф карду нагузошт ва ду гурӯҳӣ дар миёни ғуломон афганд ва чун чунин шуд, бозгаштем.

Алптегин Сабуктегинро гуфт: — Чаро ҷанг накардӣ ва нагузоштӣ, то ҷанг кунанд?

Сабуктегин гуфт: — Аз ҷиҳати он ки худованд нафармуда буд, ки ҷанг кунед. Агар бе фармони худованд ҷанг кардему пас ҳар як худованде будӣ, на банда, ки нишони бандагӣ он бошад, ки ҳама он кунад, ки худовандаш фармояд ва агар шикасте бар мо будӣ, лобуд, худованд гуфтӣ: — кӣ фармуд шуморо, ки ҷанг кунед?! Ва итобро кӣ тоқат доштӣ? Ва агар мо эшонро бишикастеме, лоҷарам, халқе кушта омадӣ ва пас миннату сипос набудӣ ва маломат бар сар ҳосил омадӣ. Акнун, агар фармой, то ҷанг кунему ҷон бар сар ниҳем, ё мол ситонем, ё кушем.

Алптегинро хуш омад. Гуфт: — Рост мегӯяд.

Пас ҳамчунин ӯро бармедошт, ки то ба ҷое расид, ки сесад ғулом хайлӣ дошт.

Ва амири Хуросон, Нӯҳ ибни Наср *, ба Бухоро фармон ёфт ва Алптегин ба Нишопур буд ва аз Бухоро умарои хавос ба Алптегин навиштанд, ки ҳол чунин афтод ва амири Хурсоон даргузашт ва ӯро бародари сисола мондаасту писаре шонздаҳсола, киро фармой ба подшоҳӣ, ки мадори ин мамлакат бар туст.

Ӯ зудтар қосиди хеш гусел кард ва бинавишт, ки ҳар ду тахту мулкро шоистаанд ва худовандзодагони моанд, аммо бародари малик марде пухта аст ва сарду гарми рӯзгор чашида ва ҳама касро нек шиносад ва қадру манзалати ҳар як донад ва ҳурмати ҳар як ба ҷой орад. Ва писари малик кӯдак асту ҷаҳоннодида, тарсам, ки мардумонро надонад дошт ва дар маъниӣ фармонҳо натавонад дод. Магар савобтар он бошад, ки бародарро биншионанд. Ва номаи дигар, дигар рӯз бифиристод. Ба сари панҷ рӯз қосид даррасид, ки писари маликро ба подшоҳӣ нишондаанд. Аз ин ҳар ду нома, ки фиристода буд, ташвирзада шуд.

Гуфт: — Ин ноҷавонмардону бетамизон чун чунин коре хостанд кардан, чаро ба ман машварат оварданд ва маро ҳар ду маликзода рӯшноии чашманд, валекин аз он меандешам, ки ман ишорат кардаам ва чун навиштаи ман он ҷо расад, писари маликро нохуш ояд. Пиндорад, ки маро майл ба бародар аст, дил бар ман гарон кунад, дар дил гирад ва соҳибғароз маҷоли сухан биёбанд ва он писарро бар ман кинавар кунанд. Ва дар вақт панҷ ҷаммоза гусел кард. Гуфт: — Ҷаҳд кунед, то он қосидро пеш аз он ки аз Ҷайҳун бигузарад, дарьёбеду бозгардонед.

Ҷаммозагон бишитофтанд, якеро дар миёни биёбони Омӯй дарьёфтанд ва яке аз Ҷайҳун гузашта буд ва чун навиштаи Алптегин ба Бухоро расид, писари маликро ва ҳавохоҳони ӯро нохуш омад ва гуфтанд: — Нек накард, ки ишорат ба бародар кард. Надонист, ки мероси падар ба писар расад, на(ба) бародар.

Ва аз ин маънӣ ҳаме ҳар рӯз писарро ба Алптегин сар гаронтар мекарданд ва Алптегин бисьёр узрҳо хост ва хидматҳо мефиристод. Ва ҳеҷ гуна ин ғубор аз дили маликзода барнахост. Ва муфсидону соҳибғаразон фасод мекарданд ва маликзодаро тез мегардониданд. Ва ваҳшату кина зиёдаттар мешуд.

Ва Алптегинро Аҳмад ибни Исмоил * харида буд. Дар охир Наср ибни Аҳмадро чандин сол хидмат кард. Чун Наср низ андар гузашт, Нӯҳ ибни Насрро хидмат кард. Сипаҳсолории Хуросон дар айёми Нӯҳ ёфт ва чун Нӯҳ даргузашт, Мансур ибни Нӯҳро * ба подшоҳӣ ба ҷои падар биншонданд. Чун шаш сол аз подшоҳии Мансур бигузашт, Алптегин молҳо базл кард ва ҳар ҷаҳде, ки мумкин бошад, бикард, дили Мансур ибни Нӯҳ ба даст наметавонист овардан. Аз

ғуфтори соҳибғаразон ва ҳар чӣ дар ҳазрати амир мешуд, вакил ба Алптегин менавишт.

Пас, Мансур ибни Нӯҳро муфсидон гуфтанд: — То Алптегинро накушӣ, ту подшоҳ набошӣ ва фармони ту равон нагардад. Ва ӯ панҷоҳ сол аст, то дар Хуросон подшоҳӣ мекунад ва молу хоста мениҳад ва лашкарҳо гӯш ба сухани ӯ доранд. Ва чун ӯро бигирӣ, аз неъмати ӯ хизона маъмур гардад ва фориғдил гардӣ. Тадбир он аст, ки ӯро ба даргоҳ хонӣ ва чунон намоӣ, ки то мо бар тахти мамлакат нишастаем, ту ба даргоҳ наёмадӣ ва аҳди тоза накардӣ ва мо орзӯманди туем, ки моро ба ҷои падари меҳин туӣ, ҳарчанд ки қоидаи давлати мо ба ту ороста аст ва мадори мамлакати мо дар Мовароуннаҳру Хуросон туӣ. Ва ин қадар гуфтугӯи ҳама аз он аст, ки беш наёмада, бояд ки ҳар чӣ зудтар ба даргоҳ оӣ ва ҳар ки аз даргоҳу боргоҳи мо аз тартиб бияфтодааст, боз қоидаи хеш орӣ, то эътимоди мо ба ту зиёдат шавад ва сухани соҳибғаразон мунқатеъ шавад.

Чун ин ҷо ояд, ӯро ба хилват хонӣ ва бифармоӣ, то сараш баргиранд. Пас, амир Мансур ҳамчунин кард ва ӯро ба даргоҳ хонд.

Соҳибхабарон бинавиштанд, ки туро ба чӣ мехонад.

Алптегин овоза дарафганд, ки яроқ бисозанд, то ба Бухоро равем. Ва аз Нишопур кӯч карду ба Сарахс омад ва қурби сӣ ҳазор савор бо ӯ буданд ва ҷумла умарои Хуросон. Чун се рӯз бигузашт, ҳамаи умарон лашкарро бихонд. Пас, эшонро гуфт: — Бо шумо гуфтанӣ дорам. Чун бигӯям, чунон ки савоб бувад, бо ман бигӯед, ки донем ҳар чӣ савоби мову шумо дар он бошад.

Гуфтанд: — Фармонбардорем. Гуфт: — Шумо донед, ки амир Мансур маро аз баҳри чӣ хонд?

Гуфтанд: — Мехоҳад, ки туро бубинад ва аҳд тоза кунад ва ту ӯро ҳамчу падарӣ. Гуфт: — На чунин аст, ки шумо пиндоред. Ин малик маро мехонад, ки сари ман аз тан ҷудо кунад. Ва кӯдак асту қадри мардон намедонад ва шумо донед, ки Сомониён имрӯз шаст сол аст, то ман бад-эшон нигаҳ медорам ва чанд хонони Туркистонро, ки қасди мулки эшон карданд, бишикастам ва аз ҳар ҷонибе ҳамчунин хавориҷро қаҳр кардам ва як тарфатулайн дар эшон осӣ нашудам ва ин подшоҳӣ бар ҷаддашу бар падараш нигаҳ доштаму ме-

дорам. Ва ба оқибат мукофоти ман ин аст, ки сари ман бихоҳад. Ва ин моя намедонад, ки мулки ӯ чун танест, ки сари он тан манам. Чун сар рафт, танро чӣ бақо бошад?! Акнун чӣ савоб бинед, дафъи ин мазарратро чора чист?

Ҳама амирон гуфтанд: — Чораи ин шамшер аст ва чун ӯро бо ту ин андеша ва мукофот карда бошад, мо аз вай чӣ чашм дорем?! Ва агар ба ҷои ту каси дигар будӣ, аз ин панҷоҳ сол боз мулк аз дасти эшон берун кардастӣ. Мо ҳама туро шиносем, на ӯро, на падари ӯро, чӣ боз ҳар кӣ дар давлати Сомониён касест, ҳама нонпора ва ҷоҳу ҳашмат ва вилоят аз ту доранд. Ва аз ту шоистатар касе нест. Мо ҳама ба фармони туем ва Хоразму Хуросон ва Нимрӯз мусаллам туరост. Тарки Мансур ибни Нӯҳ бигӯй, худ ба подшоҳӣ биниши ва агар хоҳӣ Бухорову Самарқанд бад-ӯ арзонӣ дорем, ва агарна онро низ бигир.

Чун умаро ҳама ин сухан гуфтанд ба рағбате ҳар чӣ тамомтар. Алптегин гуфт: — Афаллаҳ, аз шумо донам, ин ки гуфтед, аз сари ягонагӣ гуфтед ва аз шумо ҳамин чашм дорам. Худои таоло мукофоти шумо некӣ кунад. Имрӯз бозгардед, то фардо чӣ падидорояд.

Ва дар ин ҳол сӣ ҳазор савор бо Алптегин буд, агар хостӣ сад ҳазор савор барнишондӣ. Дигар рӯз ҳама амирон ба боргоҳ омаданд. Алптегин берун омаду бинишаст. Замоне буд, рӯй сӯи амирон карду гуфт: — Ман ин сухан, ки бо шумо гуфтам, хостам, ки шуморо биёзмоям, то шумо бо мо якдил ҳастед ё на? Ва агар моро коре афтад, истодагӣ ва ҳампуштӣ кунед ё на? Акнун ман аз шумо он шунидам, ки аз ҳалолзодагиву некахдии шумо сазад ва ҳаққи неъмат гузоридед. Ман аз шумо хушнуд гаштам, валекин бидонед ва огоҳ бошед, ки ман баъд аз ин шарри он писар ба шамшер аз хештан дафъ кунам ва ӯ кӯдак аст ва ҳаққи касе намешиносаду гӯш ба сухан намекунад. Ва ба сухани бадасле чанд фирефта шудааст ва маслиҳат аз муфсидат бознамедонад. Чун ман мардеро, ки хонадони эшон бар ҷой дорам, намехоҳад ва бадаслеро, ки фасоди мамлакат хоҳад, тарбият мекунад ва камтар халале, ки дар мамлакат таваллуд кунад, дафъ натавонанд кард, эшонро дӯст медорад ва қасди ҷони ман мекунад. Ман метавонам, ки аз ӯ мулк биситонам ва аммашро ба ҷои ӯ бинишонам, ё худ ба дасти худ гирам, валекин меандешам, ки ҷаҳониён гӯянд; Алптегин

шаст сол хонадони Сомониёнро *, ки худованди ӯ буданд, нигоҳ дошт ва ба оқибат, ки умраш ба ҳаштод расид, бар худовандзодагон ба пиронасар берун омад ва ба шамшер мулк аз эшон ситаду ба ҷои худовандони хеш нишаст ва куфрони неъмат кард. Умр ба некномӣ гузоштаам. Акнун ки ба лаби гӯр расидаам, нахоҳам коре кунам, ки зиштном шавам ва ҳарчанд маълум аст, ки гуноҳ аз ҷониби амир Мансур* аст, лекин ҳама мардум ин маънӣ надонанд. Гурӯҳе гӯянд, ки гуноҳ Алптегинрост, ҳарчанд ки мулки эшон надорам ва озорашон нахоҳам. То ман дар Хуросонам, ин гуфтугӯй кам нашавад ва ҳар рӯз ин писарро бар ман кор табоҳтар кунанд ва чун ман ба тарки Хуросон бигӯям ва аз мулки ин писар бадар равам, соҳибғаразонро дар ин маънӣ сухан намонад. Ва дигар чун маро па? аз ин шамшер бояд кашид, то ноне хӯрам ва бокии умрро ба сар барам, боре рӯй дар рӯи кофир кашам, то савоб ёбам. Акнун бидонед, эй амирон, ки лашкари Хуросону Хоразм ва Нимрӯзу Мовароуннаҳр азони амир Мансур аст ва шумо ҳама лашкари ӯед ва ман шуморо аз баҳри ӯ медоштам. Бархезеду ба даргоҳ равед ва маликро бубинед ва аҳд тоза кунед ва бар сари хидмат мебошед, ки ман ба Ҳиндустон хоҳам шуд, ба ғазо ва ҷиҳод машғул хоҳам гашт. Агар кушта шавам, шаҳид бошам, агар тавфиқ ёбам, боре диёри куфрро бо дорулислом дарорам ба умеди биҳишт ва худову расулро, агар нек будам ва агар бад, боре амири Хуросонро аз ман гуфтугӯй мунқатеъ шавад ва он гоҳ ӯ беҳтар донад.

Бо хуросониён ва бо лашкару раият ин бигуфту бархост ва умароро як-як гуфт: — Пеши ман оед, то шуморо видоъ кунам.

Ҳарчанд амирон гуфтанд, суд надошт ва giристан бар эшон афтод. Гирьён-гирьён меомаданд ва ӯро дар канор мегирифтанду бозмегаштанд. Ӯ дар саропарда шуд ва ин маънӣ ҳама кас бовар намекард, ки Алптегин* Хуросон бигузораду ба Ҳиндустон равад аз баҳри он ки ӯ дар Хуросону Мовароуннаҳр понсад пора деҳ дошт ва ҳеҷ шаҳр набудӣ, ки ӯро дар он шаҳр сароею боғе ва корвонсароею гармобаи бисьёр набудӣ. Ва ҳазор-ҳазор бор гӯсфанд ва сад ҳазор асбу астар ва уштур беш буд ӯро дар мулки Сомониён. Дигар рӯз сапедадам диданд, ки бонги кӯс баромад ва Алптегин бо ғуломону лашкари хеш кӯч кард ва ба тарки ин ҳама

бигуфт. Ва умарои Хуросон ҳама ба Бухоро омаданд. Ва чун Алптегин ба Балх расид, ният кард, ки як-ду моҳ он ҷо бошад, то ҳар кӣ хаёли ғазо дорад, аз Хатлону Мовароуннаҳр ва Тахористону ҳудуди Балх гирд оянд ва пас рӯй ба Ҳиндустон ниҳад.

Ва бадгӯёну мухолифони амири Хуросон Мансур ибни Нӯҳро бар он доштанд, ки Алптегин гурги пир аст, аз ӯ эмин натавон буд, то ӯро ҳалок накунӣ, эмин мабош. Лашкар аз паси ӯ бояд фиристод, то ӯро бигиранд ва пеши ту оранд. Амиреро баргузида бо даҳ ҳазор савор аз Бухоро ба Балх фиристод. Ва чун лашкар ба Тирмиз расиду аз Ҷайҳун гузаштан гирифт, Алптегин аз Балх кӯч карда, сӯи Халам рафт ва миёни Халаму Балх дараи танг аст масофати чаҳор фарсанг ва дар ин дараи танг бар дасти чапу рост деҳҳост. Алптегин* дар он дараи танг фуруд омад ва дувист ғулом банда дошт ва аз ҷиҳати ғазо ҳаштсад савори ғозӣ аз ҳар ҷонибе бар ӯ пайваста буданд. Чун лашкари амири Хуросон даррасид ба танг, дар саҳро фуруд омаданд аз он, ки дараи танг натавонистанд шудан. Ду моҳ бад-ин гуна нишастанд. Сари ду моҳ навбати талоя доштани Сабуктегин буд. Сабуктегин* чун ба дараи танг омад, ҳама саҳро лашкаргоҳ дид ва талояи эшон истода. Бо худ андешид, ки худованди мо Хуросон ва неъмат ба амири Хуросон бигузошт ва рӯй ба ғазо карда ва инҳо тамаъ ба ҷони ӯ ва мо кардаанд. Ва худованди мо аз бас некаҳдӣ меварзад ва озарми эшон нигаҳ медорад, тарсам, ки хештанрою моро дар ҳалок афганад ва ин кор ҷуз ба шамшер барнаёяд. Ва то мо хомӯш бошем, аз дунболи мо бознагарданд ва ҷуз худои азза ва ҷалла моро кас набошад. Ва инҳо ҳама золиманду мо мазлум. Рӯй сӯи ғуломон кард, ки дар хайли ӯ буданд ва гуфт: — Ин корест, ки моро ва худованди моро афтодааст, ки агар инҳо даст ёбанд бар мо, як зинда намонад ва ман имрӯз дасту пой бизанам, худо мурод диҳад, агар худованд писандад ва агар написандад, ҳар чӣ бодо бод!

Ин бигуфту бо сесад ғуломи худ бар талоя зад, дар вақт бишикаст ва дар лашкари эшон афтод, то эшон дар силоҳ шуданд ва савор гаштанд, зиёда аз ҳазор савор бар замин зад. Ва чун эшон зӯр оварданд, сабук бозгашт ва ба сари танг омад. Хабар ба Алптегин* burданд, ки Сабуктегин чунин коре кард ва халқе аз эшон бикушт. Алптегин Сабуктегинро гуфт: —

Чаро шитоб кард, сабр боистӣ кард. Гуфт: — Эй худованд, чанд сабр кунам? Тоқат бирасид моро, аз баҳри ҷон бояд кӯшид ва ин кор аз сабр барнахоҳад омад, илло ба шамшер. То ҷон дорем, аз баҳри худованд мекӯшем, то чӣ падидор ояд?!

Алптегин гуфт: — Акнун тадбире беҳ аз ин бояд кард. Бигӯед, то хаймаҳо бияфганд ва борҳо дарбанданд, чун намози хуфтан бикунанд, кӯч кунанд ва бору буна аз танг берун баранд. Ва Тӯғон* бояд, ки бо ҳазор ғулом пӯшида бар дасти рост бар фалон дарра равад ва ту бо ҳазор ғулом бар дасти чап дар фалон дарра шав ва ман бо ҳазор савор аз танг берун оям ва бар саҳро биистам. Чун дигар рӯз эшон бар сари танг оянд ва касе набинанд, гӯянд: «Алптегин бигурехт». Ба якборагӣ барнишинанд ва аз паси мо тозанд ва дар танг дароянд. Чун ниме бештар аз танг берун оянд ва маро бубинанд дар саҳро истода. Шумо аз дасти росту чап камин бикушоед ва шамшер дарниҳед. Чун бонг бархезад, ин лашкар, ки аз танг берун омада бошанд дар муқобили ман, баъзе боз пас тозанд, то «чӣ будааст». Ва он чӣ дар танг бошанд, боз пас гурезанд, баъзе ба шамшери шумо гирифтор оянд ва ман аз пеш ҳамла орам. Шумо аз танг берун тозед ва онон, ки дар танг бошанд, дар миён гирем, то он гаҳ, ки муқовимат мекунанд, мезанем. Чун пушт бидода бошанд, роҳи ҳазимат кушода кунем ва он гаҳ бозгардем аз танг берун ва дар лашкаргоҳи эшон афтем ва ғанимат бигирем.

Пас, ҳамчунин карданд ва аз танг берун омаданд ва дигар рӯз сапедадам лашкари Хуросон силоҳ пӯшиданд ва ҷангро сохта бар сари танг омаданд ва ҳеҷ касро надиданд. Як фарсанг дар танг бирафтанд, нишони лашкари Алптегин надиданд. Яқинашон шуд, ки ӯ бигурехт, лашкарро гуфтанд: — Раъйи мо чунон аст, ки аз паси ӯ биравем, чун аз танг берун шавем ба як соат эшонро барчинему Алптегинро бигирем. Ва лашкарро ба таъҷил ронданд ва мардони далер дар пеш истоданд. Чун аз танг берун омаданд, ӯро диданд бо миқдори ҳазор савор ва андаке пиёда бар саҳро истода. Он гаҳ, ки ниме лашкар аз танг берун омад, Тӯғон аз дасти чап аз дара берун тохт ва дар тангӣ шамшер ниҳод бо ҳазор ғуламу лашкаре, ки ҳамеомаданд боз пас бурданд ва ҳазимат карданду халқеро бикуштанд. Ва аз дасти рост Сабуктегин аз дарра берун

тохт ва шамшер дарниҳод ва Тӯғон низ бад-ӯ пайваст ва халқеро бикуштанду амиронро бар замин заданд ва лашкар ба ҳазимат шуду ба ҳар ҷонибе, ки ҳинҷор меёфтанд, мегурехтанд. Пас, ғуломони Алптегин аз танг берун омаданд ва дар лашкариён афтоданд ва ҳар чӣ асбу астару шутур ва симина ва зарринаву динор ва ғулом ёфтанд, ҳама ба ғанимат баргирифтанд ва хаймаву фарш ва монанди ин ҳама бигузоштанду бозгаштанд. Ва то як моҳ рустоёни Балх аз он лашкар коло мекашиданд. Ва аъдоди куштагон баршумурданд чаҳор ҳазору ҳафтсаду панҷоҳ мард баромад берун аз хастагон.

Пас, Алптегин он рӯз аз Халам кӯч карду ба Бомиён шуд ва малики Бомиён чун воқиф шуд, дарҳол бо ӯ масоф кард ва гирифтор шуд. Пас, Алптегин ӯро маъзур дошт, бад-он чи кард ва афваш карду хилъате дод ва писар хондаш ва ин амири Бомиён аст, ки ӯро Шерборик гуфтанд. Пас аз он ҷо ба Қобул рафт ва амири Қобулро низ бишикасту писарашро бигирифт, пас бинавохт ва пеши падар фиристод ва писари амири Қобул домоди Кӯбак буд. Пас, қасди Ғазнин кард ва амирии Ғазнин ба писари амири Қобул дод ва бо Кӯбак буд. Амири он ҷо бигурехт ва ба Сарахс шуд ва чун Алптегин ба дари Ғазнин шуд, Кӯбак берун омад ва бо ӯ ҷанг кард, дигар бор писари амири Қобул гирифтор шуд ва Кӯбак мунҳазим гашт ва дар шаҳр даромад ва Алптегин* шаҳр ба ҳисор гирифт ва мардумони Зобулистон аз ӯ метарсиданд, мунодӣ фармуд, ки мабодо касе аз касе чизе ситонад, илло ба зар харад. Ва агар маълум шавад, ӯро сиёсат кунам. Магар рӯзе чашми Алптегин бар ғуломе афтод азони хеш, як тубра коҳу мурғе бар фитрок баста.

— Гуфт: — Ин ғуломро пеши ман оред.

Ғуломро оварданд. Пурсид, ки ин тубраи коҳ ва ин мурғ аз куҷо овардӣ? Гуфт: — Аз марди рустоие биситадам. Гуфт: — Ҳар моҳе бистгонӣ ва мушоҳира меситонӣ ё не? Гуфт: — Меситонам. Гуфт: — Пас чаро ба зар нахаридӣ, ки он аз баҳри ин медиҳам, то шумо аз дарвеш чизе наситонед?!

Дар вақт фармуд, то он ғуломро бо тубраи коҳ овехтанд. Ва се рӯз мунодӣ фармуд, ки «ҳар кӣ аз касе чизе ситонад, ҷазо ин аст, ки бо ғуломи хосси хеш кардам».

Лашкариён битарсиданд ва раият эмин гаштанд ва

ҳар рӯз аз рустои он ноҳият чандон неъмат ба лашкаргоҳ овارданд, ки ҳадди он худой донад. Валекин нагузоштанд, ки як ман бор дар шаҳр бурдандӣ. Ва чун мардумони шаҳр ин адл бидиданд, гуфтанд: — Моро чунин подшоҳи одил бояд, то ба зону хоста ва зану бача аз ӯ эмин бошем, хоҳ турк бошу хоҳ тозик.

Пеши Алптегин омаданд ва Қӯбак чун чунон дид, ба қалъа гурехт ва баъд аз бист рӯз фуруд омад ва пеши Алптегин шуд, ӯро нонпорае падид кард ва ҳеҷ касро наёзурд ва Ғазнинро хонаи хеш сохт ва аз он ҷо ба Ҳиндустон рафт ва тохтан карду ғанимат меовард. Ва аз он ҷо, ки Алптегин буд, то Қофирон дурӯза роҳ буд ва ин хабар дар Хуросон ва Нимрӯзу Мовароуннаҳр афтод, ки Алптегин дарбанди Ҳиндустон бикушод ва чандон зарру сим ва неъмату чаҳорпой ба даст овард, ки ҳадди он худой донад ва тароифу ғанимат мегирифтанд, ки ҳадди он набуд. Мардум аз чапу рост омадан гирифтанд, то шаш ҳазор шуданд. Ва Алптегин чандин вилоят гирифт, то бар Сабур софӣ кард ва шоҳи Ҳиндустон бо саду панҷоҳ ҳазор савору пиёда ва понсад пил берун омад, то Алптегинро аз Ҳиндустон берун кунанд, то ӯро ва ҷумла лашкари ӯро бикушанд.

Ва амири Хуросон аз он қаҳр, ки лашкари ӯро дар тангдараи Халам ба дари Балх бад-он саъбе кушта буданду шикаста, Бӯҷаъфар* номеро бо бисту панҷ ҳазор мард ба ҷанги Алптегин фиристод. Ва ӯ бигузошт, то Бӯҷаъфар ба фарсанги Ғазнин расид ва бо ин шаш ҳазор савор аз Ғазнин берун тохт ва бар он лашкар зад кам аз соате. Он бисту панҷ ҳазор мардро бишикаст ҳазор бор аз он бадтар, ки ба дари Балх буд. Буҷаъфар ба ҳазимат мерафт, то ба ҳоле шуд, ки танҳо афтод. Рустоиён ӯро ба ношнохт бигирифтанд ва асбу чизе, ки дошт аз ӯ биситаданд ва ӯро раҳо карданд. Ва ӯ пиёдаю мутанаккир ба Балх шуд ва он ҳама таҷаммул ва чаҳорпоёни эшонро лашкари Алптегин бурданд.

Ва аз муфорақати Алптегин заъфи азим дар мулки Сомониён падид омад ва хонони Туркистон қасди эшон карданд.

Ва Алптегин чун аз Абуҷаъфар бипардохт, рӯй ба шоҳи Ҳиндустон кард ва ба Хуросону ба ҳар навоҳӣ номаҳо фиристод. Чандон биёмаданд ба тамаи ғанимат, ки онро ҳад набуд. Чун арз доданд, понздаҳ ҳазо-

ру понсад савор ғайри пиёда баромад, ки ҷавону босилоҳ буданд. Ва дар пеши лашкари шоҳи Ҳинд рафт ва ногоҳ тохт бар талоя овард. Магар зиёда аз даҳ ҳазор ҳиндувон бикушт ва ба ғанимат машғул нагашт ва сабук бозгашт. Ва лашкари шоҳи Ҳинд аз пас тохтан овард ва ӯро наёфтанд. Кӯҳе буд баланд ва дар миёни ду кӯҳ дара буд ва роҳи шоҳи Ҳинд бар он дара буд. Алптегин сари он дара бигирифт ва чун шоҳ бад-он ҷо расид, натавонист аз он дара гузаштан. Он ҷо фуруд омаданд. Ду моҳ бар он ҷо бимонданд. Ҳар вақте ба шаб, ё ба рӯз Алптегин берун тохтӣ ва халқе аз ҳиндувон бикуштӣ ва Сабуктегин дар ин ҷанг бисьёр бикӯшид ва чанд кори нек бар дасти ӯ баромад. Ва шоҳи ҳиндувон фурӯмонд дар кори хеш, ки на пештар метавонист омадан ва на рӯи он ки бемуроде бозгардад. Ва Алптегин ба ҳиндувон мегуфт, ки «ман шуморо нонпора бидиҳам, шумо лашкари ман бошед ба саломат». Эшон бад-ин ризо надоданд. Пас, (ҳиндувон) чандин шаҳру ноҳият ва панҷ қалъа доданду худ бозгаштанд. Ва дар сир бо қалъадорон гуфта буд: — Чун ман бозгардам, қалъаҳо масупоред. Чун бозгашт, қалъаҳо насупурданд. Алптегин гуфт: — Аҳд эшон шикастанд, на ман.

Дигарбора тохтан кард ва шаҳрҳо биситаду дизҳои баҳисор ба даст овард ва андар (ин) миён фармон ёфт. Ва ғуломону лашкари ӯ фурӯ монданд ва гирд бар гирди эшон кофир буд. Пас бинишастанду тадбир карданд, ки Алптегинро писаре нест, ки ба ҷои падар биншинад ва меҳтарии мо кунад ва моро дар Ҳиндустон ҳашматею номусе афтодааст ҳар чӣ азимтар ва ҳайбате ҳар чӣ тамомтар дар дили ҳиндувон. Ва агар бад-ин машғул гардем, ин гӯяд: «Ман муқаддам». Ҳар касе саре кашем ва душманон бар мо даст ёбанд. Чун мухолифат дар миёни мо падид ояд, ин шамшер, ки дар рӯи кофир кашидем, дар рӯи якдигар кашем. Ва ин вилоятҳо, ки ба даст овардаем, аз дасти мо берун кунанд. Тадбири мо он аст, ки якеро аз миён, он ки шоистатар бошад, ихтиёр кунем ва ӯро бар хештан амир кунем. Ва ба ҳар навъ, ки бошад, дар фармони ӯ бошем ва бад-он чӣ ӯ фармояд, ризо диҳем ва чунин ангорем, ки Алптегин зинда аст. Ҳама гуфтанд: — Дармони ин кор ҷуз ин нест.

Пас, номи ғуломоне, ки муқаддам буданд, бар додан гирифтанд. Ҳар киро узре менамуданд ва айбе ме-

гуфтанд, то ба Сабуктегин* расид. Чун номи ӯ бурданд, ҳама хомӯш гаштанд. Аз он миён яке гуфт:— Ҷуз Сабуктегин дигаре ин шуғлро нашояд, ки ҳаққи хидмат беҳтар донад. Дигар, ба ҳушьёрию бедорӣ ва далериву саховат ва муруввату нонпора ва мурооти мардумон ва хушхӯию худотарсӣ ва некаҳлию ростӣ ӯро ҳеҷ дарнабояд. Ва ӯро худованди мо парвардааст ва кирдорҳои ӯро писандида аст, ки ҳама тариқат ва одати худованд дорад. Ва андозаю озарм ва маҳали ҳар як нек шиносад. Ман он чӣ донистам, гуфтам, пас шумо беҳтар донед.

Замоне аз ҳар гуна гуфтанд. Бар он иттифоқ афтод, ки Сабуктегинро бар худ амир кунанд. Сабуктегин сар дарнамеовард, то илзомаш карданд. Пас, гуфт: — Агар чора нест, пас он гоҳ ин шуғл бар худ пазирам, ки ҳар кӣ аз шумо маро хилоф кунад, ё дар ман осӣ шавад ва дар фармон коҳилӣ кунад, шумо бо ман якдил бошед ва ӯро бикушед. Ҳама бар ин савганд хӯрданд ва аҳлу байъате бастанд ва ӯро бибурданду бар тахт нишонданд ва ба амирӣ бар вай салом карданд ва зарру дирам бар ӯ нисор карданд. Ва Сабуктегин ҳар тадбире, ки мекард ва тохте, ки менамуд, ба салоҳ буд ва духтари раиси Зобулистонро ба занӣ бихост ва Маҳмуд* аз ин зан бизод. Ва аз ин маънӣ ӯро «Маҳмуди Зобулӣ» гуфтанд. Чун бузург шуд, бо падар бисьёр тохтҳою сафарҳо кард ва аз халифаи Бағдод баъд аз он ки бисьёр корҳои бузург карда буд ва масофи гарон шикаста, дар диёри Ҳинд «Носириддин» лақабаш омад. Ва чун Сабуктегин фармон ёфт, Султон Маҳмуд ба ҷои падар бинишаст. Ва ҳама тадбирҳои писандида мекард бар он сон, ки аз падар дида буд ва бисьёр ахбори подшоҳон шунидӣ ва дӯст доштӣ донишу донишмандонро. Бирафт ва вилояти Нимрӯзро бигирифту Хуросон бикушод ва дар Ҳиндустон чандон бирафт, ки Сӯманот бигирифту бутхонаҳо вайрон кард.

Ва мақсуди банда аз ин ҳикоят он аст, ки худованди оламро маълум гардад, ки бандаи нек чӣ гуна бошад. Ва чун банда хидматҳои неку писандида карда бошад ва ҳаргиз аз ӯ хиёнатею бадахдӣ надида бошанд ва мулк бад ӯ устувор бувад, ба озурдани дили ӯ набояд кӯшид ва сухани ҳар кас дар шаъни ӯ ба зиштӣ набояд шунид. Бояд, ки эътимод зиёдат гардад, ки хонадонҳою шаҳрҳо ба ҳар вақте ба марде бозбас-

та бошад, ки чун ӯро аз ҷое бармегиранд, хонадонҳо ва шаҳрҳо вайрон мешавад ва он мулк зеру забар мебошад. Чунон ки Алптегин, ки бандаи нек буд ва Сомониён * бад-ӯ устувор буданд, қадри ӯ надонистанд ва қасди ӯ карданд. Чун ӯ бирафт, давлат аз хонадони Сомониён бирафт.

Ва мақсуд аз ин тақрир он аст, ки бандагоне, ки парварда бошанд ва бузург карда, нигоҳ бояд дошт, ки умре дигар ва рӯзгори мусоид бояд, то бандаи шоистаю озмуда ба даст ояд ва доноён гуфтаанд: «Чокару бандаи шоиста беҳтар аз фарзандон бошанд» ва ҳам дар ин маънӣ шоир гӯяд:

Як бандаи матвоъ беҳ аз сесад фарзанд,
Қ-ин марги падар хоҳаду ӯ умри худованд.

### ФАСЛИ СИЮ ЧАҲОРУМ

## АНДАР ИТОБ КАРДАН БО БАРКАШИДАГОН ҲАНГОМИ ХАТО ВА ГУНОҲ

Қасонеро, ки баркашанд ва бузург гардонанд, андар он рӯзгоре ва ранҷе бояд бурд. Ва чун вақте эшонро хатое афтод, агар ошкоро ба эшон хатое равад, аъмоли эшон ифшо ёбад ва бисьёр навозише бояд, то ба ҳоли хеш ояд. Авлотар он бувад, ки чун касе хатое кунад, дарҳол иғмоз бояд кардан. Пас, ӯро биховад, ки инчунин ҷаро кардӣ ва ин нашояд ва мо баровардаи хешро фурӯ нагузорем ва баркашидаро наяфганем ва ту низ инчунин хато макун ва агар дигар чунин воқеъ шавад, туро бияфганем ва (ин) аз ту бошад на аз мо.

Аз амиралмӯъминин, Алӣ* алайҳассалом, пурсиданд, ки аз мардони мард кадом мубориэтар? Гуфт:— Он ки ба вақти хашм хештанро нигаҳ тавонад дошт ва коре накунад, ки чун аз хашм берун шавад, пушаймон шавад ва судаш надорад. Қамолу хиради мард он бошад, ки хашм нагирад. Агар гирад, бояд ки ақли ӯ бар хашми ӯ чира бувад, на хашми ӯ бар ақл. Ва ҳар киро ҳавои нафси ӯ бар хирад чира бошад, чун бишӯрад, хашм чашми хиради ӯро бипӯшонад. Ва ҳама он кунад, ки аз девонагон дар вуҷуд ояд. Ва низ ҳар киро хирад бар ҳавои нафси ӯ ғолиб бувад, ба вақти

хашм хирад нафси ӯро бишиканад, ҳама он кунад, ки ба наздики оқилон писандида бошад ва мардумон надонанд, ки ӯ дар хашм шудааст.

## ҲИКОЯТ

Рӯзе Хусейн ибни Алӣ*... бо қавме аз саҳоба ва араб бар сари хон нишаста буданду нон мехӯрданд ва ҷуббаи гаронмоя пӯшида ва дастори некӯ бар сар баста. Ғуломе хост, ки косаи хӯрданӣ пеши ӯ ниҳад, аз болои сари ӯ истода буд. Қазоро коса аз дасти ғулом раҳо шуд бар дӯши он ҳазрат ва ҷуббаю дастор ба хӯрданӣ олуда шуд. Шароре дар ӯ падид омад ва аз тирагию хиҷолат рухсори ӯ барафрӯхт. Сар баровард ва дар ғулом нигарист. Чун ғулом чунон дид, битарсид, ки ӯро адаб фармояд... Ҳазрати Ҳусейн рӯй тоза карду гуфт: — Эй ғулом, туро озод кардам, то ба якборагӣ аз хашму молиши ман эмин шавӣ.

Ва бузургвории амиралмӯъминин Ҳусейн дар чунин ҳол пайдо шуд ва писандида доштанд.

## ҲИКОЯТ

Гӯянд Муовия* сахт бурдбор ва ҳалим буд. Чунон ки рӯзе марде ба вақти он ки бор дода буд ва бузургон дар пеши ӯ нишаста буданд ва баъзе истода, даромад бо ҷомаи халақ. Салом кард ва дар пеши ӯ густох бинишасту гуфт:— Ё амир, имрӯз ба муҳимме омадаам пеши ту, агар вафо кунӣ, бигӯям. Гуфт: — Ҳар чӣ мумкин бувад, вафо кунам. Гуфт: — Бад-он ки ман марди азабам ва зан надорам ва модари ту шӯй надорад, ӯро ба занӣ ба ман деҳ, то ман бозан шаваму ӯ бошӯй шавад ва туро савоб ҳосил ояд.

Муовия гуфт: — Ту марди ҷавонӣ ва ӯ зани пир, чунон ки дар даҳони ӯ як дандон нест, ба чӣ рағбат мекунӣ? Гуфт: — Шунидаам... ман... дӯст медорам. Муовия гуфт: — Ин сухан бо модарам бигӯям, агар рағбат кунад, ҳеҷ кас аз ман авлотар нест бад-ин далолат.

Ва ҳеҷ тағьире дар ӯ дарнаёмад ва аз ҷой барнагашт ва ҳамаи мардумон иқрор доданд ба ҳилми ӯ. Ва доноён гуфтаанд: «Бурдборӣ некӯст ба вақти комгорӣ некӯтар илми некӯст, валекин бопарҳез некӯтар неъмати некӯст.

## ФАСЛИ СИЮ ПАНҶУМ

## АНДАР ТАРТИБИ КОРИ ПОСБОНОНУ НАВБАТИЁН ВА ДАРБОНОН

Дар кори посбонону навбатиён ва дарбонони хос эҳтиёте тамом бояд ва касоне, ки аз ин қавм тимор доранд, бояд ки ҳамаро бишиносанд, ки эшон бештар заифҳол ва томеъ бошанд. Ва ба зар зуд гирифта шаванд ва бегонаро, ки дар миён бинанд, аз ҳоли ӯ пурсанд. Ва ҳар шаб, ки ба навбат оянд, ҳамаро ба чашм бозгузоранд ва аз ин муҳим ба шабу рӯз ғофил набошанд, ки ин шуғл нозук аст ва кори бузург. Эҳтиёт бояд кард.

## ФАСЛИ СИЮ ШАШУМ

## АНДАР ТАРТИБИ НИҲОДАНИ ХОНҲОИ НЕКӮ ВА ТАРТИБИ ДОДАНИ ОН

Подшоҳон ҳамеша андар хонҳо ниҳодан такаллуф кардаанд, то касоне, ки ба хидмат оянд, он ҷо чизе хӯранд. Ва агар хосро дар хони ӯ рағбате набувад ба вақти хеш барги хеш хӯрдан боке набошад. Аммо аз ниҳодани хони бомдод чора набувад.

Ва Султон Туғрал* андар хон ниҳодан ва хӯрданиҳои алвон такаллуфе тамом фармудӣ, чунон ки агар ба гоҳ барнишастӣ, ё ба шикор рафтӣ, хӯрданӣ рост кардандӣ ва бар саҳро хон ниҳодандӣ ва чандон будӣ, ки акобир ва умаро аз он аҷаб мондандӣ. Ва хонони Туркистонро ҳама тартиби малик ин аст, ки хӯрданӣ бар хидматгорон дар матбах фаррох доранд. Ва дар ин ҳол, ки ба Ӯзканду Самарқанд рафтем, шунидем, ки бар забони фузулиён мерафт, ки чигилиён ва мовароуннаҳриён пайваста мегуфтанд, ки «мо дар ин муддати дароз, ки Султон биёмаду бирафт, луқмае нон бар хони эшон нашикастем». Ва ҳиммату муруввати ҳар кас бар андозаи кадхудоии ӯ бошад. Султон кадхудои ҷаҳон бошад ва ҳамаи подшоҳон зердасти ӯ бошанд, воҷиб чунон кунад, ки кадхудоӣ ва ҳиммату муруввату хону бахшиш бар андозаи ӯ бошад ва аз ҳама подшоҳони пешин бештар ва некӯтар бошад. Ва дар хабар аст, ки фаррох доштани нон бар халқи худои таоло умру мулку давлат биафзояд.

Ва дар таворихи анбиё алакайҳиассалом зунон аст, ки Мӯсо*... бо чандин мӯъҷизоту каромот ва манзалот ба Фиръавн фиристод. Ва ротиби хони Фиръавн* ҳар рӯз чаҳор ҳазор гӯсфанд буд ва чаҳорсад гову дувист уштур будаст ва дархӯри ин ҳалвоҳои гуногун. Ва ҳама аҳли Миср ва лашкариён бар хони ӯ ҳар рӯз таом хӯрдандӣ ва чаҳорсад сол даъвои худой мекард ва он хон మениҳод. Ва чун Мӯсо... дуо кард, ки «ё раб, Фиръавнро ҳалок кун». Гуфт: — Ё Мӯсо, Фиръавнро ман ҳалок кунам ва ҳама хоста ва занону лашкари ӯ рӯзии ту кунаму аз умматони ту гардонам.

Ва чанд сол бар ин ваъда баромад ва Фиръавн дар залолат ба он ҷалолат рӯзгор мегузошт. Ва Мӯсоро аз сабр кардан тоқат бирасид ва чиҳил рӯз рӯза дошту ба кӯҳи Тӯр рафт. Дар муноҷот бо худои таоло гуфт: — Ё раб, ваъда додӣ, ки Фиръавнро ҳалок кунӣ ва (ӯ) аз он кофириву даъво ҳеҷ кам намекунад, пас, кай ҳалок хоҳӣ кард?

Аз ҳақтаоло нидо омад, ки «Эй Мӯсо*, туро бояд ки ҳар чӣ зудтар ӯро ҳалок кунам, ҳазор бор ҳазор бандаро мебояд, ки ӯ бошад, ҳаргиз ӯро ҳалок накунам, ки ҳар кӣ неъмати ӯ мехӯрад ва дар аҳли ӯ осоиш дорад, давоми умри ӯ аз ман мехоҳанд. Ба иззати ман, ки то ӯ нон бар халқ фаррох дорад, ман ҳаргиз ӯро ҳалок накунам».

Мӯсо гуфт: — Пас, ваъдаи ту кай тамом гардад? Гуфт:— Ваъдаи ман он гаҳ тамом шавад, ки ӯ нон додан аз халқ бозгирад ва ҳар гаҳ, ки ӯ аз нон додан кам мекунад, бидон, ки аҷалаш наздиктар мешавад.

Иттифоқ чунон афтод, ки рӯзе Фиръавн ба Ҳомон гуфт: — Мӯсо Бани Исроилро ҷамъ кард ва моро ранҷа медоранд, то оқибати кори ӯ бо мо ба куҷо расад, захоирро ободон бояд доштан, то ҳеҷ вақте беистизҳор набошем ва аз ротиби ҳаррӯза кам мебояд кард ва дар ваҷҳи захира бояд ниҳодан.

Ва ду ҳазор гӯсфанду дувист гов ва сад уштур кам кард. Ва ҳамчунин ҳар ду-се рӯз кам мекард. Ва Мӯсо*... медонист, ки ваъдаи ҳақтаоло наздик расидааст, ки «тавфири бисьёр аломати завол бошад». Чунин гӯянд ровиёни ахбор, ки он рӯз, ки Фиръавн ғарқ шуд, дар матбахи ӯ ду гӯсфанд кушта буданд.

Ва Иброҳим* алайҳиссаломро эзидтаоло меситонд

аз ҷиҳати нон додан ва меҳмондӯстӣ ва Ҳотами Тойро* аз ҷиҳати саховату меҳмондӯстӣ, тани ӯро худои азза ва ҷалла бар оташи дӯзах ҳаром гардонид ва то ҷаҳон бошад аз ҷавонмардии ӯ гӯянд.

Ва ангуштарие, ки амиралмӯъминин Алӣ* алайҳиссалом, ба соиле дод, гуруснаеро сер кард ва чанд ҷой худои таоло ӯро дар «Қуръон» ёд кард ва биситуд, то қиёмат он саховат ва ҷавонмардии ӯро хоҳанд гуфт.

Ҳеҷ коре беҳ аз ҷавонмардӣ нест ва нон додан сари мардумихост, чунон ки шоир гӯяд:

> Ҷавонмардӣ аз корҳо беҳтар аст,
> Ҷавонмардӣ аз хӯи пайғамбар аст.
> Ду гетӣ бувад бар ҷавонмард рост,
> Ҷавонмард бошӣ. ду гетӣ туро ст.

Ва агар касеро неъмат бошад ва хоҳад, ки маншури подшоҳ ба меҳтарӣ кунад ва мардумон ӯро тавозеъ кунанд ва ҳурмат доранд ва меҳтарбори худой хонанд, гӯ, ҳар рӯз суфраи нон бияфкан ва ҳар кӣ дар ҷаҳон ном густард, бештар аз нон додан буд. Ва мардуми нонкӯру бахил дар ду ҷаҳон накӯҳидаанд ва дар ахбор омада... ки бахил дар биҳишт наравад.

Ба ҳама рӯзгор дар куфру ислом хислате некӯтар ва писандидатар аз нон додан набудааст ва нахоҳад будан...

### ФАСЛИ СИЮ ҲАФТУМ

## АНДАР ҲАҚ ГУЗОРИДАНИ БАНДАГОН ВА ХИДМАТГОРОН, КИ ШОИСТААНД

Ҳар кӣ аз хидматгорон хидмате писандида кунад, бояд ки дарвақт навохте ёбад ва самараи ӯ бад-ӯ расад. Ва он ки саҳве кунад ё тақсире, он касро ба зарурат ба андозаи гуноҳ молиш диҳанд, то рағбати бандагон бар хидмат зиёда гардад ва ҳам гуноҳкорон зиёда менашаванд ва корҳо бар истиқомат меравад.

### ҲИКОЯТ

Писари ҳошимие бар гурӯҳе аз мардумон дар мастӣ арбада кард. Пеши падараш омаданд ва зор бинолиданд ва гила бикарданд. Падар хост, то ӯро уқубат кунад. Гуфт: — Ё падар, ман гуноҳе кардаам ва хирад

бо ман набуд, ту бо ман уқубат макун, ки хирад бо туст.

Падарро ин сухан хуш омад ва афваш кард...

### ҲИКОЯТ

Ва расми Сосониён* чунон будааст, ки ҳар кӣ пеши эшон сухане гуфтӣ, ё ҳунаре намудӣ, ки эшонро хуш омадӣ ва бар забони эшон баромадӣ, ки «Зеҳ!» Хазинадор ҳазор дирам бад-он кас додӣ ва мулуки акосира дар адлу мурувват ва ҳиммат зиёдат аз дигар подшоҳон будаанд, хоса Анӯширвони Одил*.

### ҲИКОЯТ

Ва ӯ рӯзе ба шикор бо хавосси хеш мерафт. Бар канори деҳе пиреро дид навадсола, ки гирдакон дар замин мекард. Нӯширвонро аҷиб омад аз баҳри он ки бист сол бояд ки то гавзи кишта бар диҳад. Гуфт: — Эй пир, гавз мекорӣ? Гуфт: — Оре, худованд. Гуфт: — Чандон бизийӣ, ки бараш бихӯрӣ? Гуфт: — Киштанд, мо хӯрдем. Мо низ корем, то дигарон бихӯранд. Нӯширвонро хуш омад. Гуфт: — Зеҳ! Дар-вакт хазинадорро фармуд, то ҳазор динор пирро диҳад. Пир гуфт: — Эй худойгон, ҳеҷ кас бари ин гавз зудтар аз банда нахӯрд. Гуфт: — Чӣ гуна? Гуфт: — Агар банда ғавз накиштӣ ва худойгон ин ҷо гузар накардӣ ва аз банда чунон ки пурсид, напурсидӣ ва банда он ҷавоб надодӣ, банда ин ҳазор дирам аз куҷо ёфтӣ? Нӯширвон гуфт: — Зеҳозеҳ! Хазинадор ду ҳазор динори дигар бидод аз баҳри он, ки ду бор зеҳ бар забони ӯ бирафт.

### ҲИКОЯТ

Маъмун* рӯзе ба мазолим нишаста буд, қиссае бадӯ доданд дар ҳоҷате. Маъмун ба дабири хеш доду гуфт:

— Ҳоҷати ин дарвеш барор, ки ин чарх баргардиш аз он аст, ки тирагӣ бар як ҳол намонад ва ин гетӣ тезсайр аз он аст, ки бо ҳеҷ кас вафо накунад. Ва имрӯз метавонем некӯӣ кардан, фардо рӯзе бошад, ки агар хоҳем, ки бо касе некӯӣ кунем, натавонем кард аз оҷизӣ.

## ФАСЛИ СИЮ ҲАШТУМ

# АНДАР ЭҲТИЁТ КАРДАНИ ИҚТОИ МУҚАТТАОН ВА АҲВОЛИ РАИЯТ

Агар ноҳияте ва раияте нишони парогандагӣ диҳанд ва вайронӣ ва гумон чунон афтад, ки магар гӯяндагон соҳибғаразанд, онгоҳ аз хавос, ки касеро гумон наяфтад, ки ӯро ба чӣ шуғл мефиристанд, номзад бояд кардан ва ба баҳонае он ҷо фиристодан, то як моҳ он ҷо бигардад ва ҳоли шаҳру вилоят ва ободониву вайронӣ бубинад. Ва аз ҳар касе он чӣ мегӯянд, дар ин маънӣ мақтаъ ва омил бишунавад ва хабари ҳақиқат бозгирад, ки гумоштагон узру баҳона ин меоранд, ки моро хасмонанд, ки сухани эшон набояд шунид, ки далер мегарданд ва ҳар чӣ мехоҳанд, мекунанд ва гӯяндагону мӯътамадон ба сабаби он ки то сурат набандад подшоҳ ва мақтаъро, ки эшон соҳибғаразанд, насиҳат бозмегиранд ва ҷаҳон бад-ин сабаб вайрон мешавад ва раият дарвешу овора мегарданд ва молҳо ба ноҳақ ситада мешавад.

## ФАСЛИ СИЮ НӮҲУМ

# АНДАР ШИТОБ НОКАРДАН ДАР КОРҲОИ ПОДШОҲӢ

Андар корҳо шитобзадагӣ набояд кардан ва чун хабаре шунавад ё сурате бандад, андар он оҳистагӣ кор бояд фармуд, то ҳақиқати он падид ояд ва дурӯғ аз рост пайдо гардад, ки «шитобзадагӣ кори заифон аст, на кори қодирон». Ва чун ду хасм пеш оянд ва бо якдигар сухан гӯянд, бояд ки мар эшонро маълум набошад, ки майли подшоҳ ба кадом ҷониб аст, ки пас худованди ҳақ тарсон бошад ва сухан натавонад гуфт ва худованди ботил далер гардад ва дурӯғ гӯяд. Фармони ҳақтаоло дар «Фурқон» чунон аст, ки агар касе чизе гӯяд, то он вақт, ки ҳақиқат маълум накунед, ҳеҷ нагӯед... «Шитоб набояд намудан дар корҳо, ки он гоҳ, ки пушаймон шаванд, суд надорад».

## ҲИКОЯТ

Донишманде буд дар шаҳри Ҳирот. Марди маъруф буд. Ӯро вақте пеши худованд оварда буданд, магар иттифоқ чунон афтода буд, ки Султони шаҳид анораллаҳи бурҳонаҳу*, ба Ҳирот шуд ва муддате мақом афтод ва Абдурраҳмон, ки холи ӯ буд, дар сарои ин пири олим фуруд омада буд. Рӯзе пеши султон дар шароб хӯрдан гуфт: — Ин пир хонае дорад ва шабу рӯз дар он ҷо мешавад ва намоз мекунад. Ва ман дари он хона имрӯз бикушодам, сабӯи шароб дидаму бути биринҷин. Ҳама шаб шароб мехӯраду бутро саҷда мекунад. Сабӯи шароб ва бути биринҷин бо хештан оварда.

Чунон донист, ки чун ин сухан бо султон бигӯяд, султон бифармояд, то ҳамон соат ӯро бикушанд. Султон ғуломеро бифиристод ба талаби он пир ва якеро ба банда, ки кас фирист ва он донишмандро пеши хеш хон. Ман надонистам, ки хондани ӯ аз баҳри чист ва ҳамсоат кас бозомаду гуфт: — Қасе мафирист ва ӯро махон. Дигар рӯз аз султон пурсидам, ки дирӯз хондани ин пири олим аз баҳри чӣ буд ва нохондан аз баҳри чӣ? Гуфт: — Аз баҳри бебокии Абдурраҳмон.

Пас, ин ҳикоят бо банда бозгуфт. Пас, Абдурраҳмонро гуфт: — Ҳарчанд ту ин сухан бо ман гуфтӣ ва сабӯи шаробу бути биринҷин пеши ман овардӣ, ман беҳақиқате ҳукм нахоҳам фармуд, валекин ту рост бигӯ, ки рост гуфтӣ, ё дурӯғ? Гуфт: — Дурӯғ гуфтам. Гуфт: — Эй ноҷавонмард, бар он пири олим чаро дурӯғ гуфтӣ ва қасди хуни ӯ кардӣ? Гуфт: — Аз баҳри он ки чун ту ӯро бикушӣ, сарои ӯ ба ман бахшӣ.

Ва бузургон гуфтаанд: «...Шитобзадагӣ кори дев аст ва дирангӣ кори худой ва корҳои нокардаро тавон кардан, валекин кардаро натавон ёфтан».

Бузарҷмеҳр* гӯяд: «Шитобзадагӣ аз сабуксорӣ бошад ва ҳар кӣ шитобзада бошад, пайваста пушаймону ғамнок бошад. Ва шитобзада ҳамеша андар сарзаниш бошад ва ҳар замон тавба мекунаду узр мехоҳад ва маломат мешунавад».

Ва амирулмӯъминин, Алӣ* алайҳиссалом, мегӯяд, ки оҳистагӣ андар ҳама корҳо маҳмуд аст, илло дар кори хайр, ки дар он кор ҳар чанд шитоб бештар кунанд, беҳтар бошад...

## АНДАР АМИРИ ҶАРАС ВА ЧӮБДОРОНИ ДАРГОҲ

Амирии ҷарас ба ҳама рӯзгор яке аз шуғлҳои муаззам будааст, чунон ки аз амири ҳоҷиби бузург бигузашт, ҳеҷ кас аз амири ҷарас бар даргоҳ бузургтар набудааст ва бошукӯҳтар. Аз баҳри он ки шуғли ӯ таъаллуқ ба сиёсат дорад ва ҳама аз хашму уқубати подшоҳ битарсанд. Чун подшоҳ бар касе хашм гирад, ӯро фармояд гардан задан ва дасту пой буридан ва бар дор кардан ва чӯб задану ба зиндон бурдан ва дар чоҳ кардан. Ва мардумон аз баҳри ҷони хеш бок надоранд аз молу неъмат фидо кардан. Ва ҳамеша амири ҷарасро кӯсу алам ва навбат будааст ва мардумон ба масал аз ӯ бештар тарсидандӣ, ки аз подшоҳ. Ва андар ин рӯзгор ин шуғл халақ шудааст ва равнақи ин бурдаанд. Ақаллан панҷоҳ мард бояд чӯбдор, ки мудом бар даргоҳ бошанд, бист бо чӯби зар ва бист бо чӯби сим ва даҳ бо чӯбҳои бузург. Ва амири ҷарасро бояд ки таҷаммуле бувад ҳар чӣ некӯтар ва ҳашмате ҳар чӣ тамомтар.

### ҲИКОЯТ

Маъмунхалифа* рӯзе бо надимони хеш гуфт: — Ман ду амири ҷарас дорам ва кори ҳар ду то ба шаб аз бомдод гардан задан аст ва дасту пой буридан ва чӯб задану ба зиндон бурдан. Ва мардумон пайваста якеро меситоянду ӯро дуо мекунанд ва аз ӯ хушнуданд. Ва он дигариро менакӯҳанд ва чун номи ӯ мешунаванд, бар ӯ лаънат мекунанд ва пайваста аз ӯ ба гила бошанд. Надонам, ки сабаби ин чист? Касе боистӣ, ки маро аз ин ҳол маълум гардонидӣ, ки кори ҳар ду яксон аст. Чаро мардумон якеро дуо мекунанд ва аз яке гила?

Надиме гуфт: — Агар бандаро се рӯз фармон диҳад, худовандро маълум кунам. Гуфт: — Мӯҳлат додам.

Он надим ба хона рафт ва чокари шоистаеро гуфт: — Туро коре барои ман бибояд кард. Дар шаҳри Бағдод имрӯз ду амири ҷарасанд; яке марди пир аст ва яке қаҳл. Бояд ки фардо шабгир кунӣ ва бархезӣ ва ба хонаи он пирамард шавӣ ва чун ин пирамард аз

ҳуҷра ба сарой ояд, бинигарӣ, ки чун нишинад ва чӣ кунаду чӣ гӯяд ва чун пеш равад, муҷримонро чун пеш оранд ва чӣ раваду чӣ фармояд. Ҳама мебинӣ ва ёд мегирӣ ва меоию маро маълум мекунӣ. Ва пас фардо ҳамчунин пагоҳ ба сарои он каҳл меравӣ ва ҳар чи равад аз аввал то ба охир аз гуфтору тариқати ӯ бибинӣ, биёӣ ва маро бознамоӣ. Гуфт: — Фармонбардорам.

Дигар рӯз шабгир кард ва бархосту ба сарои амири ҷараси пир шуд ва бинишаст. Замоне буд, фарроше биёмад ва шамъ дар суфа ниҳод ва мусалло бияфганд ва чандбора мусҳаф ва даъвот бар мусалло ниҳод. Ва пирамард берун омаду чанд ракъат намоз бигузорид. Ва мардумон меомаданд ва имом қомат гуфту намоз ба ҷамоат бигузориданд ва он пир мусҳафҳо бардошт ва лахте «Қуръон» бихонд, чун озурд бипардохт, сабҳа баргирифту мегардонид ва тасбеҳу таҳлил мехонд. Ва мардумон дармеомаданд ва салом мекарданду баҳременишастанд, то офтоб баромад. Он гоҳ пурсид, ки имрӯз ҳеҷ гуноҳкореро овардаанд? Гуфтанд: — Барноеро овардаанд, ки якеро куштааст. Гуфт: — Касе бар вай гувоҳӣ медиҳад? Гуфтанд: — На, ки ӯ худ мукир аст. Гуфт: — Дароваредаш, то бубинам.

Даровараданаш. Чун чашмаш бар вай афтод, гуфт:— Ин аст? Гуфтанд: — Оре.

Гуфт: — Ин ҳеҷ симои гуноҳкорон надорад ва фарри мардумзодагию мусулмонӣ аз вай метобад. Ҳамоно, ки бар дасти ӯ чунин хатое наравад. Пиндорам, ки дурӯғ мегӯянд ва ман сухани касе бар вай нахоҳам шунид ва аз ӯ ин кор наёяд ва дидори ӯ бар салоҳи ӯ гувоҳӣ медиҳад ва чунон мегуфт, ки ӯ мешунид, то яке гуфт: — Эй амир, ӯ худ ба гуноҳи худ муқир аст. Бонг бар он кас зад, ки: «Хамӯш!» Ин сухан аз ту кӣ мепурсад?! Аз худой битарс, беҳуда дар хуни чунин марди мусулмон мешавӣ! Ин барно оқилтар аз он аст, ки чунин коре кунад, ё чизе гӯяд, ки ҳалоки ӯ дар он бошад!

Ва мақсудаш ҳама он буд, то магар барно мункир шавад. Барно мункир нашуд. Гуфт:— Аз қазои худой таоло коре чунин бар дасти ман бирафт ва ин ҷаҳонро ҷаҳони дигар аст ва ман тоқати азоби он ҷаҳон надорам. Ҳукми худой таоло бар ман аст.

Амири ҷарас хештан кар сохт ва рӯи худ ба мардум карду гуфт: — Намешунавам, ки ӯ чӣ мегӯяд, му-

қир меояд, ё не? Гуфтанд: — Оре, иқрор мекунад. Гуфт: — Эй писар, ту ҳеҷ симои гуноҳкорон надорӣ, магар касе аз душманон туро бар ин доштааст, ки чунин гӯй ва ҳалоки ту хостааст. Нек биандеш! Гуфт: — Эй амир, ҳеҷ кас маро бад-ин кор надоштааст. Гуноҳкорам. Ҳукми худой бар ман бирон.

Амири ҷарас чун донист, ки аз қавли хеш бознамеояд ва ӯро талқин суд намедорад ва куштанро тан ниҳодааст, ба барно гуфт: — Чунин аст, ки ту мегӯӣ? Гуфт: — Чунин аст. Гуфт: — Ҳукми худой бар ту биронам. Гуфт: — Бирон.

Пас, рӯй ба мардумон карду гуфт:— Марди худойтарсу мусулмони оқибатбин чунин бояд, ки ин барност. Нури некбахтию мусулмонӣ ва нишони ҳалолзодагӣ аз вай ҳамчунон метобад, ки равшанӣ аз моҳ. Ва аз бими худои азза ва ҷалла иқрор мекунад, медонад, ки бибояд мурдан ӯро. Он беҳтар, ки шаҳиди пок пеши худои таоло равад. Миёни ӯ ва миёни ҳур ва қусур қадаме мондааст. Мардуми некбахту биҳиштӣ чунин бошанд.

Пас, барноро гуфт: — Бирав ва тани худро бишӯй, биё ва ду ракъат намоз бикуну кирдорҳо аз худои таоло бихоҳ ва тавба куну истиғфор бигӯй, то ҳукми худой бар ту биронам.

Барно бирафт ва ғусл бикарду бозомад ва мусалло бияфканд, то ду ракъат намоз бикард ва тавбаю истиғфор бигуфту пеш омад ва биистод. Амири ҷарас гуфт: — Мебинам, ки ҳам акнун ин барно ҳазрати Мустафоро* хоҳад дидан ва бо шуҳадо дар биҳишт хоҳад нишаст бо Ҳамза* ва Ҳасану* Ҳусейн ва монанди эшон.

Ба чунин ҳадис марг бар дили барно чунон ширин кард, ки барно шитоб менамуд, ки зудтар ӯро бикушанд. Пас, фармуд, барноро ба ширинӣ бараҳна карданд ва чашмҳояш бубастанд ва ӯро аз ин маонӣ суханҳо мегуфтанд. Ва сайёф биёмад нармак ва шамшер чун қатраи об бар сари ӯ биистод, чунон ки барно хабар надошт. Амири ҷарас ногоҳ ба гӯшаи чашм ишорат кард. Сайёф сабук шамшер бизад ва сари барноро ба як захм бияндохт. Ва тане чандро, ки ба ҳар ҷурме гирифта буданд, ба зиндон фиристод, то дурустии эшон бикунад ва бархосту ба ҳуҷра дар-шуд.

Ва ин чокар пеши надим омад ва ҳар чӣ дида буд, ҳама бозгуфт. Рӯзи дигар бархосту ба сарои амири ҷа-

раси дуввумӣ рафт ва бинишаст. Ва мардумону авонон як-як меомаданд, то сарой пур шуд. Чун офтоб баромаду баланд шуд, он гоҳ ин амири ҷарас берун омад ва бор дод. Чин дар абрӯй афганда ва чашмҳо хуморолуда. Гӯй, ҳама шаб фаришта куштааст ва авонон дар пеши ӯ истодандӣ ва ҳар кӣ ӯро салом кард, «алайк» нагуфтӣ ва гӯё, ки бо он кас ба хашм аст. Замоне буд, пурсид, ки ҳеҷ касе овардаанд?! Гуфтанд:— Барноеро дӯш маст гирифтаанд, чунон ки ҳеҷ ақл надошта. Гуфт: — Ӯро биёред! Биёвардандаш. Чун чашмаш бар барно афтод, гуфт: — Ин аст?! Гуфтанд: — Оре. Гуфт: — Дерест, то ман ӯро меҷӯям муфсиде, шарире, нохудотарсе, фитнаангезе, ки дар ҳама Бағдод мислаш нест. Инро нӯҳ ҳад мебояд задан, балки гардан мебояд задан, ки ҳеҷ кор надорад, магар шабу рӯз фарзанди мусулмонон гирифта бошад ва писаронро зиштном мекунад ва ҳеҷ рӯз нест, ки даҳ тан пеши ман ба гила наёянд ва ман дерест, ки талаби ин мекунам.

Чандон аз ин маънӣ бигуфт, ки ин барно хост, ки гардани ӯ бизананд, то аз ҷафо кардани ӯ бираҳад.

Пас, бифармуд, то тозиёнае занд биёварданд ва гуфт, то ӯро фурӯ кашиданд ва бар сару пои ӯ нишастанд ва чиҳил тозиёна чунон бизад, ки «замин ба дандон бигирифт». Чун ҳад задандаш, хостанд, ки ба зиндон баранд, зиёда аз панҷоҳ марди кадхудои маъруф даромаданд аз ҷиҳати ин барно ва бар салоҳу мастурӣ ва меҳмондӯстию некӯсиратӣ ва ҷавонмардии ӯ гувоҳӣ медоданд ва шифоат мекарданд, ки ӯро чанд чӯб бизадед, раҳо кунед ва бо ин ҳама низ хидмате бикунад. Озарми пирону кадхудоён нигаҳ надошт ва ӯро ба зиндон фиристод. Ва кадхудоён озурда бозгаштанду бар вай нафрин карданд. Ва ӯ бархосту дар ҳуҷра шуд.

Ва он чокари надим бозгашт ва ҳар чӣ рафта буд, бозгуфт. Ва надим рӯзи сеюм пеши Маъмун* рафту сирати ҳар ду амири ҷарас чунон ки шунида буд, бозгуфт. Маъмун аҷаб дармонду гуфт: — Афаллаҳ, бар он пирамард ва лаънат бар он саг бод, ки ба он озодамард ин сафоҳат ва беҳурматӣ кард, агар хунӣ бошад, наузабиллоҳ, худ чӣ кунад?!

Ва фармуд, то ӯро аз амирии ҷарас маъзул карданд ва он барноро берун оварданд ва ин шуғл бадон пирамард мунҳасир шуд ва ба тозагӣ хилъати нави подшоҳона пӯшониданд...

## ФАСЛИ ЧИҲИЛУ ЯКУМ

# АНДАР БАХШУДАНИ ПОДШОҲ БАР ХАЛҚИ ХУДОИ ТАОЛО ВА ҲАР РАСМЕ БА ҚОИДА ОВАРДАН

Ба ҳар вақте, ки ҳодисаи осмонӣ падид ояд ва мамлакатро чашми бад даръёбад, давлат таҳвил кунад аз хонае ба хонае ва ё музтариб гардад аз ҷиҳати фитнаю ошӯб ва шамшерҳои мухталиф ва куштану сӯхтан. Ва андар чунин айёми пурфитнаю шар муслеҳон молида бошанд ва муфсидон бо дастгоҳ, ҳар киро қуввате бошад, ҳар чӣ хоҳад, кунад ва кори аҳли хайр заиф шаваду кори аҳли шар қавӣ. Ва камтар касе ба амире баробар шавад ва дунтар касе амидӣ ёбад ва зуаслону фозилон маҳрум монанд ва ҳар фурӯмоя бок надорад, ки лақаби подшоҳу вазир бар худ ниҳад. Агар хештанро даҳ лақаб ниҳад ва пеш барад, касе нагӯяд, ки «аҳл ҳаст ё не?!» Туркон лақаби хоҷагон бар хештан ниҳанд ва хоҷагон лақаби амирон бар худ рост кунанд. Турку тозик ҳар ду лақаби олимон бар хештан банданд ва ба забони подшоҳ фармон диҳанд. Ва кори шариат заиф шаваду лашкариён дароздаст шаванд ва тамиз аз миёни халқ бархезад ва касе тадоруки корҳо накунад. Агар турке даҳ тозикро ба кадхудоӣ боздорад, шояд ва агар тозике кадхудоии даҳ турк дорад, шояд ва ҳеҷ айб надорад. Ва корҳои мамлакат аз қоида ва тартиб бияфтад ва подшоҳро аз бас тохтану ҷанг ва дилмашғулӣ фурсати он набошад, ки ба чунин чизҳо пардозад ва аз ин маънӣ андеша бикунад.

Пас, чун ба саодати осмонӣ нухусати рӯзгор бигузарад ва айёми роҳату эминӣ падид ояд. Эзидтаоло подшоҳе падид оварад одилу оқил аз абнои мулук ва ӯро давлате диҳад, ки ҳама душманонро қаҳр кунад ва ӯро ақлу донише диҳад, ки ҳама корҳоро тамиз кунад ва аз ҳар кас бирасаду бозпурсад, ки оини подшоҳон дар ҳар коре чӣ гуна будааст. Ва аз дафтарҳо бархонад ва ҳама тартибу оини мулук ба ҷои хеш барад ва андозаи он ба ҳар ваҷҳе падид кунад ва арзониёнро ба сояи хеш бозбараду ноарзониёнро даст кӯтоҳ кунад ва ба кору пешаи хеш фиристад ва кофири неъматро аз буну бех барканад ва диндӯст бошаду динро нусрат диҳад ва ҳайи бидъатро мақҳур дорад...

Акнун андаке аз ин маънӣ ёд кунем, то худованди олам, халадаллаҳу мулкаҳу, чун тааммул кунад дар ҳар яке мисоле ва фармоне диҳад аз чизҳо, ки подшоҳон ба ҳама рӯзгорҳо нигоҳ доштаанд: Яке ин аст, ки хонадонҳои қадимро нигаҳ доштаанд ва абнои мулукро гиромӣ дошта ва нагузошта, ки зоею маҳрум бошанд ва аз рӯзгори давлати хеш бар андозаи кафофи эшон насиб додаанд, то хонаи эшон бар ҷой бимондааст. Ва дигар тоифаи мустаҳиққону олимон ва улвиён ба салоҳ ва мастурону ғозиён ва муқимону аҳли «Қуръон»-ро аз байтулмол насиб додаанд, то ҳеҷ кас дар рӯзгори давлати эшон бенасиб набудаанд ва дуои хайру савоби дуҷаҳонӣ ба ҳосил омадааст.

## ҲИКОЯТ

Гӯянд, ҷамоате аз мустаҳиққон қисса ба Ҳорунаррашид* бардоштанд, ки мо бандагони худоем ва фарзандони бузургонем ва баъзе аз аҳли «Қуръон» ва илмем ва баъзе худовандони шарифем ва баъзе онем, ки падарони моро бад-ин давлат ҳуқуқ аст, ки хидматҳои писандида кардаанд. Ва мо низ ранҷҳо бурдаем ва ҳама мусулмононем ва дин покиза дорем ва насиби мо дар байтулмол аст, ба дасти туст аз баҳри он ки кадхудои ҷаҳонӣ. Агар моли мӯъминон аст бар мо ҳазина кун. Мо мустаҳиққони онем. Ва туро ба ҳукми подшоҳӣ ва ҳофизи байтулмолӣ беш аз даҳ яке намерасад бад-он қадар, ки кафофи ту бошад. Ва ин аҷабтар, ки мепиндорӣ, ки ҳар чӣ дар байтулмол аст, моли туст. Ва ту ҳар рӯз дар шаҳвати худ мол харҷ мекунӣ ва мо дар ноне намерасем. Агар насиби мо берун кунӣ ва агар на ба даргоҳи худой таоло шавему тазаллум кунем ва дархоҳем, то байтулмол аз дасти ту берун кунад ва ба дасти касе диҳад, ки ӯро бар мусулмонон шафқате бошад ва зарру неъмат баҳри мусулмонон дорад, на мардумон аз баҳри зар.

Чун Ҳорунаррашид қисса бархонд, мутағайир шуд ва он рӯз ҷавоби қисса бознадод. Ва чун аз боргоҳ дар сарои хос шуд, бо хештан мепечид. Зубайда*, ки Ҳорунро на ба табъи хеш дид, пурсид, ки «амирро чӣ будааст?» Бо Зубайда гуфт, ки «қисса чунин набиштаанд ва агар на он аст, ки маро ба худо тарсониданди, эшонро молиш фармудӣ». Зубайда гуфт: — Нек кардӣ, ки эшонро наёзурдӣ, чунон ки халифатӣ туро аз

падар мерос расидааст, сират ва ниҳоду кирдор ва риояти эшон низ туро маврус аст. Бинигар, то хулафо бо бандагони худой таоло чӣ гуна будаанд, ту низ ҳамон кун. Подшоҳӣ ба доду диҳиш некӯ бошад ва дар ин ҳеҷ шак нест, ки ҳар чӣ дар байтулмол аст, аз они мусулмонон аст ва ту аз он ҷо харҷи азим мекунӣ. Бо мусулмонон чандон густохӣ кун, ки мусулмонон бо моли ту кунанд ва агар эшон аз ту биноланд, маъзуранд.

Қазоро он шаб ҳар ду ба хоб диданд, ки қиёмат астӣ ва халқ ба ҳисобгоҳ ҳозир шудандӣ ва як-якро пеш мебурдандӣ ва Мустафо*... шафоат мекардӣ ва сӯи биҳишт мебурдӣ ва фариштае дасти эшонро бигирифтӣ. Эшон гуфтанд: — Куҷо меравӣ? Эшонро гуфт:— Маро Мустафо... фиристода, ки то ман ҳозирам, магузор эшонро пеши ман орад, ки ман шармсорам ва дар маънии эшон ҳеҷ натавонам гуфт, ки эшон моли мусулмононро моли хеш пиндоштаанд ва мустаҳиққонро маҳрум кардаанд ва ба ҷои ман нишаста буданд.

Ҳар ду аз хоб даромаданд маҳзун. Ҳорун Зубайдаро гуфт: — Туро чӣ будааст? Гуфт: — Ман чунин хоб дидам. Ҳорун гуфт: — Ман низ чунин ба хоб дидаам.

Пас, шукр карданд, ки на қиёмат аст, хоб дида буда. Битарсиданд. Дигар рӯз дари хазина боз карданд ва мунодӣ фармуданд, ки бояд ки мустаҳиққон ҳозир оянд, то насиби эшон аз байтулмол бидиҳем ва ҳоҷатҳою муродҳои эшон раво кунем. Пас, мардумон рӯй ба даргоҳ оварданд, беандоза ва идрору тасвиғ бифармуд. Се бор ҳазорон ҳазор динор Ҳорунро* харҷ афтод, ки ба мардум дод. Пас, Зубайда гуфт: — Байтулмол ба дасти туст ва ҷавоби он ба қиёмат аз ту хоҳанд, на аз ман. Ва акнун аз ӯҳдаи баъзе берун омадӣ ва ҳар чӣ ба мусулмонон додӣ, моли эшон буд ва ман чизе ки хоҳам кард, аз барои худои азза ва ҷалла ва растагории қиёмат аз моли хеш хоҳам дод. Медонам, ки аз ин ҷаҳон бояд рафт ва ин ҳама неъмату хоста мебояд гузошт. Боре чизе аз ҷиҳати тӯшаи қиёмат ба дасти хеш фиристам. Пас, чандин бор ҳазор-ҳазор динор ҷавоҳиру нуқра ва ҷома ва ғайри он аз хазинаи хеш берун карду гуфт: Мебояд, ки ин ҳама дар кори хайр сарф шавад, чунон ки то қиёмат осори дуои хайр мунқатеъ нагардад.

Пас, бифармуд, то аз дари Кӯфа то ба дари Маккаву Мадина ба ҳар маҳалла чоҳҳо кананд сарфарроҳ аз бун то сар ба сангу гаҷ ва оҷури пухта баро-

варда ва ҳавзҳову маснаъҳо, то ҳоҷиёнро дар роҳи бодия аз ҷиҳати об тақсире набошад, ки ҳар сол чандин ҳазор ҳоҷӣ аз беобӣ бимурдандӣ ва ин ҳама чоҳҳо биканданд ва маснаъҳо рост карданд ва ҳанӯз аз ин мол бисьёр бимонд. Ва бифармуд, то дар роҳи сағрҳо ҳисорҳо сохтанд ва аз ҷиҳати ғозиён силоҳ ва асби модиёну нар хариданд ва чандоне зайъату мулк хариданд, ки аз баҳри ҳар ҳисоре сол то сол ҳазору ду ҳазор марди ғозиро ба вақти зарурат нону алаф бошад ва аз боқии ин мол ба сарҳади Қошғар ва Булур шаҳре сохтанд бо чаҳор девори маҳкам ва номи он «Бадахшон» ниҳоданд ва имрӯз барҷой аст. Ва ҳисори дигар бикарданд дар муқобили Жосб ва имрӯз ҳаст дар ҳадди Челон. Номи он ва лашкари он барҷой асту ободон ва силоҳхона ва он деҳа ҳамчунон бар ҷои хеш. Ва работе чанд ва шаҳри ҳасин ҳам бар ин гуна басиҷоб бикарданд ва барҷою ободон аст. Ва ҳисоре ба дари Хоразм, ки онро «Афрова» хонанд ва ҳисоре ба Дарбанд ва ҳисоре ба Искандария, чунон ки даҳ ҳисори дигар ва ҳар яке чун шаҳре. Ҳанӯз мол беш омад, бифармуд, то ин ҳама молро, ки аз иморат зиёда омад, ба муҷовирон ва мискинони Маккаю Мадина тафрика кунанд ва ба Байтулмуқаддас баранд.

## ҲИКОЯТ

Зайд ибни Аслам* гуфт: — Шабе Умар ибни Алхаттоб*... хештан ба асас мегашт ва ман бо вай будам. Аз Мадина берун шудем ва дар саҳро деворбасте буд вайрон ва аз он ҷо рӯшноие метофт. Умар* маро гуфт: — Биё, то он ҷо равему бинигарем, то кист, ки дар нимшабон оташ афрӯхтааст. Бирафтем, то назди вай расидем. Пирзанеро дидем, ки дег бар сари оташ ниҳода буд ва ду бачаи тифл дар пеши ӯ хуфта ва мегуфт: — Худои таоло, доди ман аз Умар биситонад, ки ӯ сер хӯрда ва мо гуруснаем. Умар ин ки бишунид, бо Зайд гуфт: — Ин зан моро аз ҳама олам ба худо месупорад. Ту ин ҷо бош, то ман наздики ин пиразан шавам ва аз ҳоли ӯ пурсам.

Чун пеши пирзан расид, гуфт: — Бад-ин нимашаб чӣ мепазӣ дар ин саҳро? Гуфт: — Зани дарвешам ва дар Мадина сарое мулк дорам ва бар ҳеҷ қодир наям ва аз шарми ду кӯдаки тифл, ки аз гуруснагӣ мегирьянду бонг медоранд ва ман чизе надорам, ки эшонро биди-

ҳам, бад-ин саҳро берун омадам, то ҳамсоягон надонанд, ки аз ҷиҳати чӣ мегирьянд. Ва ҳар замоне, ки эшон аз ҷиҳати гуруснагӣ бигирьянд ва таом хоҳанд, ман ин дегро бар сари оташ ниҳам ва гӯям: «Шумо хобаке бикунед, то вақти бедор шудани шумо ин дег расида бошад». Дили эшонро бад-ин хурсанд кунам ва бад-ин умед бихуспанд ва чун бедор шаванд, чизе набинанд, боз бонг бардоранд. Ва ҳам ин замон бад-ин баҳона хобонидаам ва ду рӯз аст, ки на ман чизе хӯрдаам ва на ин кӯдакон. Ва дар ин дег ҷуз об чизе нест.

Умарро дил бисӯхт ва гуфт: — Ҷои он аст, ки нафрин кунӣ ва ба худояш бисупорӣ.

Ва ин зан низ нашинохт ӯро. Умар гуфт: — Замоне сабр кун, ҳамин ҷо, то ман оям.

Пас, Умар аз пеши ин зан бозгашт; чун ба ман расид, гуфт: — Биё, то биравем.

Чун ба хона расид, ман бар дари хона биништастам, ӯ даррафт. Соате шуд, берун омад ва анбоне чанд бар дӯш гирифта. Пас, маро гуфт: — Рав, то наздики он пиразан шавем. Гуфтам: — Ё амир, агар чора нест аз рафтан, ин анбонҳо бар гардани ман неҳ, то баргирам. Умар гуфт: — Агар (ин) бор ту баргирӣ, бори гуноҳон аз Умар кӣ баргирад?

Ҳамерафт, то наздики он пиразан ва он анбонҳоро аз гардан фурӯ гирифт ва пеши ӯ бениҳод; яке пури орд ва яке пури биринҷ ва нахӯд ва дунбаю пия ва маро гуфт: — Эй Зайд*, ту дар ин саҳро рав, ҳар чӣ ёбӣ аз хору дарамна гирд кун ва зуд биёр.

Ман ба талаби ҳезум рафтам. Умар сабӯе баргирифт ва об биёвард ва биринҷу нахӯдро бишуст ва дар дег кард ва қадре пияю дунба дар ӯ афганд ва аз он орд кӯмоҷе бикард. Ва ман ҳезум биёвардам ва ӯ ба дасти хеш он дегро бипухт ва он кӯмоҷ зери оташ кард. Кӯмоҷ ва дег ҳар ду пухта шуд ва аз он тариде сохт. Чун сард шуд, пиразанро гуфт: — Тифлаконро бедор кун ва бигӯй, «бархезед, ки дег бирасид». Зан кӯдаконро бедор кард. Умар хӯрданӣ пеши эшон ниҳод ва худ онсӯтар ба намоз машғул шуд. Чун соате бигузашт, дид, ки зан ва фарзандонаш сер хӯрда бо якдигар бозӣ мекунанд. Умар бархосту гуфт: — Эй зан, ту фарзандонро бардор ва ман ин анбонҳо баргирам ва Зайд дегу коса, то туро ба хона барем.

Пас, ҳамчунин карданд. Чун зан бо фарзандон ба

дари хона шуданд, Умар анбонҳо ниҳод, хост, ки боз-гардад, занро гуфт: — Мардумӣ кун ва низ Умарро ба худо масупор, ки Умар токати итоби худои таоло на-дорад ва Умар надонад, ки ҳоли ҳар кас чӣ гуна аст. Инак, овардаам бихӯр ва чун намонад, маро хабар кун.

## ҲИКОЯТ

Андар ин маънӣ гӯянд, рӯзе Мӯсо*... дар он ҳол, ки шӯбони Шуайб буд ва ҳанӯз ваҳӣ ба вай наёмада буд ва гӯсфандон мечаронид, қазоро мешаке аз галла ҷудо афтода буд. Мӯсо хост, ки ӯро бо рама барад, мешак бирамид ва дар саҳро афтод ва гӯсфандонро намедид ва аз баддилӣ ҳаметарсид ва Мӯсо... аз пас медавид, то микдори ду фарсанг, чунон ки барнаметавонист хос-тан. Мӯсо дар вай нигаҳ кард ва раҳмаш омаду гуфт: — Эй бечора, чаро мегурезӣ ва аз кӣ метарсӣ?

Чун чунон дид, бар дӯш бардошташ ва меовард, то ба рама. Чун чашми меш ба рама афтод, ба ҷой баро-мад ва тапидан гирифт.

Мӯсо ӯро аз гардан фурӯ гирифт ва ба миёни рама андар шуд.

Эзидтаоло фариштагонро нидо кард, ки «дидед он бандаи ман бо он мешаки даҳанбаста чӣ хулқ кард ва бад-он ранҷ, ки аз вай кашид, ӯро наёзурд ва бар вай бубахшуд, ба иззати ман, ки ӯро баркашам ва калими хеш кунам ва пайғамбарӣ диҳам ва бад-ӯ китоб фи-ристам ва то ҷаҳон бошад, аз вай гӯянд».

Ва ин ҳама кароматҳо бар вай арзонӣ дошт.

## ҲИКОЯТ

Андар ин маънӣ марде буд дар шаҳри Марвруд ва ӯро раиси ҳоҷӣ гуфтандӣ. Раиси маҳкам буд ва мӯҳ-ташам. Ва зиёи фаровон дошт ва дар рӯзгори вай аз вай тавонгартар ва мӯҳташамтар набуд дар ҳама Ху-росон. Султон Маҳмуд* ва Масъудро* хидмат карда буд ва мо ӯро дида будем ва дар ибтидои авонӣ сахт буд ва мутолабатҳо ва шиканҷаҳо карда буд ва хо-надонҳои қадим бурда ва аз вай бераҳмтар кас нади-да ва дар охири умр бедорӣ ёфт ва даст аз мардумо-зорӣ ва авонӣ бидошт ва бар кори хайр ва дарвеш на-вохтан ва пулу работҳо кардан машғул гашт ва бись-

ёр бандаро озод кард ва вомҳои мусулмонон бигузорид ва ятимонро ҷома кард ва намозиёнро ва ҳоҷиёнро нафақот дод ва масҷиди ҷомеъ дар шаҳри Марв ва дигар шаҳрҳо мисли Нишопур ва ғайра бикард. Баъд аз он бисьёр хайрот ва дар айёми амир Ҷуғро* раҳматуллоҳ ба ҳаҷ рафт. Чун ба Бағдод расид, ӯро қурби панҷ моҳ мақом афтод. Рӯзе аз хона берун омад, то дар бозор равад; дар роҳ саге дид азим гаргин ва мӯйҳо аз андом рехта ва аз ранҷи гар бечора гашта. Дилаш бар вай бисӯхт ва ба дил гуфт: — Ин ҳам ҷонваре бошад офаридаи худои таоло. Чокареро гуфт: — Зуд бирав, ду ман нон ва расане биёвар. Ва ҳамон ҷо биистод, то чокараш биёмад ва ба дасти хеш нон пора кард ва пеши саг андохт, то саг сер шуд. Расан дар гардани саг андохт ва ба дасти чокар андохту гуфт: — Инро ба хона бар.

Ва худ аз бозор бозгашт ва чун дар хона фурӯд омад, се ман дунба бихарид ва бигудохт ва равған пеш оварду чӯбе баргирифт ва рукуе дар чӯб печид, дар равған мезад ва дар андом мемолид, то андомҳои саг равған бигирифт. Пас, чокарро гуфт: — Ту аз ман мӯҳташамтар нестӣ. Ман аз он ки кардаам, ору нанг надорам. Ту, ки чокари манӣ, бояд ки ҳамон кунӣ ва нанг надорӣ. Хоҳам, ки мехе дар девор кӯбӣ ва ин сагро бар он бандӣ ва ҳар рӯзе як ман нон бомдодаш диҳӣ ва як ман шабонгоҳ ва ду бораш ҳамчунин дар равған гирӣ ва нонрезаву устухонпора, ки дар суфра монда бошад, бад-ӯ диҳӣ, то он гаҳ, ки беҳ шавад.

Пас, ин чокар ҳам бад-ин қоида мекард, то ду ҳафта. Ин саг гар бияфганд ва мӯй баровард ва фарбеҳ шуд ва чунон хӯй гирифт, ки ӯро ба сад кас аз хона берун намешуд кардан.

Раиси ҳоҷӣ бо қофила бирафт ва ҳаҷ бикард ва бисьёр мол дар он роҳ сарф кард ва бо Марв рафт ва баъд аз чанд сол фармон ёфт. Ва муддате бар ин бигузашт. Шабе зоҳиде ӯро ба хоб дид бар буроқе нишоста ва ғилмону ҳурон пешу паси ӯ истода ва дасти чапу рости ӯ гирифта ва оҳистаю хандон буроқашро меронандӣ дар равзае аз равзаҳои биҳишт. Зоҳид пеши ӯ давид ва ӯро салом кард ва ӯ инон бозкашид ва «алайк» гуфт. Зоҳид пурсид, ки «эй фалон, дар аввал ту мардумозор будӣ ва дароздаст. Чун бедорӣ ёфтӣ, аз озори мардум андаргузаштӣ ва чандон хайрот би-

карди, ки кас накард ва чандон садақот ба мустаҳиқ-қон, ки ту доди, кас надод ва ҳаҷи ислом бигузориди, маро бигӯй, ки ин дараҷа ба кадом тоат ва ибодат ба даст овардӣ?» Гуфт:— Эй зоҳид, дар кори худои азза ва ҷалла аҷаб мондаам, то ту низ ибрат гирӣ ва такья бар тоат накунӣ ва ба ибодати бисьёр ғарра нашавӣ. Бидон, ки маро ҷой дар дӯзах сохта буданд бад-он маъсиятҳо, ки дар кору бори хеш карда будам ва аз чандон итоат, ки ман карда будам, маро ҳеҷ суде на-буд, дар вакти назъ он ҳама бо рӯй ман боззаданд, то он тоату хайрот ва ибодот ва имо рати масҷиду работ ва базлу ҳаҷҷи ман ҳабою ҳадар карданд. Ҳоли ман дар навмедӣ ба ҷое расид, ки умед аз биҳишт бибур-дам ва дил бар азоби дӯзах биниҳодам, ҳаме овозе ба гӯши ман омад, ки «ту саге будӣ аз сагон, туро дар кори саге кардем ва ҳама маъсиятҳои туро нокарда ангоштем ва биҳишт туро ато кардему дӯзах бар ту ҳаром кардем аз баҳри он, ки ту бар он саг раҳмат бурдӣ ва кибр аз гардан бияндохтӣ. Фариштагони раҳ-матро дидам, ки чун барқ даромаданд ва маро аз дас-ти фариштагони азоб биситаданд ва ба биҳишт бур-данд. Ва аз ҳама тоат он яке дасти ман гирифт дар он ҳоли бечорагӣ».

Банда ин ҳикоят бад-он ёд кард, ки худованди олам, халадаллаҳу мулкаҳу, бидонад, ки бахшудан чӣ некӯ хислатест, бад-он ки раисе бар саге бубахшуд, ба ҳар ду ҷаҳон ин дараҷа ёфт. Бибояд донист, ки агар бар мусулмоне, ки дармонда бошад, бубахшояд, аз худои таоло чӣ дараҷа ёбад, ки ҳурмати мусулмонӣ назди худои таоло азимтар ва бузургтар аз осмону замин аст ва кайфи подшоҳи вакт, ки худотарс ва оки-батандеш бувад ва ба ҳама ҳол одил ва ҳамеша бах-шояндаю меҳрубон. Чун подшоҳ чунин бошад, гумош-тагону лашкар ҳамчунин шаванд ва сирати ӯ гиранд, лоҷарам, бандагони худои азза ва ҷалла дар роҳат аф-гад ва шӯҳрати он ба ҳама ҷаҳон бирасад.

### Фасл

Одати подшоҳони бедор чунон будааст, ки пирону ҷаҳондидагонро ҳурмате тамом доштаанд ва кордоно-ну размозмудагонро нигаҳ дошта ва ҳар якеро маҳал-ле ва мартабате диҳанд ва чун муҳимме бувад аз мас-лиҳати мамлакат кардан ва бо касе васлат кардан ва

аҳволи подшоҳеро донистан, ҳама тартиб ва тадбир бо размдидагон кардаанд, то он кор ба мурод омадааст. Ва агар пайкоре пеш омадӣ, касеро бад-он фиристодандӣ, ки ӯ бисьёр ҷангҳо карда будӣ ва масофҳо шикаста ва қалъаҳо гирифта ва номи ӯ дар ҷаҳон густурда ва бо ин ҳама пирони ҷаҳондида ва коркарда бо ӯ бифиристодандӣ, то хатое наяфтодӣ. Ва вақт бошад, ки муҳимме пеш ояд ва корнокардагон ва кӯдакону барноёнро номзад мекунанд, хатоҳо меафтад ва дар ин маънӣ ба ҳар вақт эҳтиёте фармоянд, магар савобтар бошад ва корҳо бехатартар.

## ФАСЛ ДАР МАЪНИИ АЛҚОБ

Дигар, алқоб бисьёр шудааст ва ҳар чӣ бисьёр шавад, қадраш набувад ва хатараш намонад. Ҳама подшоҳон ва хулафо дар маънии алқоби нек мухотиба будаанд, ки аз номусҳои мамлакат яке нигоҳ доштани лақаб ва мартабату андозаи ҳар касест. Чун лақаби марди бозорӣ ва деҳқонӣ ҳамон бошад, ки лақаби амиде ҳеҷ фарқе набошад миёни вазею шариф. Ва маҳалли маъруфу маҷҳул яке бошад чун лақаби олиме ё имоме, чунон ки Мӯиниддин номе буд олим ва фозил ва шогирди турке низ дошт, лақаби ӯ «Мӯиниддин», ки дар илми шариат дасте надошт, балки дар хондан ва набиштан низ оҷиз буд ва лақаби ҳар ду чун яке буда бошад, пас, фарқ чун бувад миёни олиму ҷоҳил? Ва қозиёну чокарон дар зинати лақаб ҳар ду яке бошад, ин дар мамлакат раво набошад. Ҳамчунин лақаби умаро ва бузургон Ҳисомуддавла ва Сайфуддавла ва Аминуддавла ва Шамсуддавла ва монанди ин будааст ва лақаби хоҷагон ва амидон ва мутасаррифон Амидуддавла ва Аминуддавла ва Низомулмулк ва Камолулмулк ва монанди ин.

Ва акнун тамизҳо бархоста ва туркон лақаби хоҷагон бар хештан ниҳанд ва хоҷагон лақаби туркон ва айб намедонанд.

Ва ҳамеша лақаб азиз будааст.

### ҲИКОЯТ

Султон Маҳмуд* чун ба султонӣ бинишаст, аз амиралмӯъминин Алқодир* биллоҳ лақаб хост. Ӯро «Яминуддавла» лақаб доданд. Чун вилояти Нимрӯз биги-

рифту Хуросон бигирифт ва дар Ҳиндустон чандин вилоятҳо ва шаҳрҳо бигирифт, ки онро андоза набуд, то Сӯманот бирафт ва Манотро биёварду Самарқандро бигирифт ва Хоразмро бикушод ва ба Кӯҳистону Ироқ омад ва Раю Исфаҳон ва Ҳамадон бигирифт ва Табаристон дар тоат омаданд. Расул ба амиралмӯъминин фиристод бо хидматҳо ва тӯҳфаҳо ва намуд, ки «банда чандин фатҳҳо дар билод кардааст ва Ҳиндустон ва Хуросону Ироқ ва Табаристон маро мусаллам шуд ва Мовароуннаҳр бигирифтам ва ба номи ту шамшер мезанам».

Ва хоқони Самарқандро се лақаб дода буд; «Заҳируддавла», «Мӯин халифатуллоҳ», «Маликушшарқ ваас-сайн». Маҳмудро аз он ғайрат омаду гуфт, ки «хоқон имрӯз аз мутеон ва нишондагони ман аст, ӯро се лақаб фармудааст ва мани бандаро яке бо чандин хидмату ҳавохоҳӣ».

Ҷавоб омад, ки лақаб ташрифе бошад мардро, ки бад-он шарафи ӯ бияфзояд ва бад-он лақаб ҷаҳониён ӯро бишиносанд. Ва ту худ шарифӣ ва маъруф, туро худ лақабе тамом аст. Аммо хоқон камдониш аст ва нодон. Илтимоси ӯ аз барои ин вафо кардем. Ва бидон, ки мардумро ном он бошад, ки модару падар ниҳанд ва лақаб подшоҳон диҳанд ва ҳар чанд зиёдат аз ин ҳар се бошад, ҳашв ва музахраф бошад ва ҳеҷ хирадманд музахрафа бар хештан раво надорад. Ва чун хирад бошад, ӯро ба ном хонанд, аз он ризои падар ӯро ҳосил аст ва он ном ихтиёр карда бошанд, ӯро чун мард шавад ва нек аз бад бидонад аз сари ақл ва дониши хеш, хештанро куният ниҳад... Пас мардумон ӯро аз ҷиҳати бузургдошти ӯ ба куният хонанд, то ӯ бад-он мӯҳтарам ҳамебошад. Пас, чун шоистагӣ ва ҳажирӣ падид ояд аз ӯ дар мулку миллат, подшоҳ ӯро бар андозаи ӯ бар сабили шараф лақабе диҳад ва ӯро аз миёни ақрон падид орад ва бар эшон тафзиле ниҳад. Пас, ин ки подшоҳ ва халифа ӯро диҳад, некӯтар аз он бошад, ки модару падараш дода буд ва аз он ки аз хештан ғузинад ва мардумон аз ҷиҳати бузургии ҷоҳ ва рифъат ӯро бад-он ном хонанд, ки подшоҳ дод ва лақаби ӯст. Чун аз ин ҳар се даргузашт, ҳар лақабе, ки бошад, зоеъ шавад. Ва ту аз ҳар донише огоҳӣ ва нияти мо некӯтар аз он аст ва эътиқоди софитар дар ҳаққи ту ва диёнати ту, ки аз мо чизе дархоҳӣ, ки бар забони мардум он биравад ва дар китоб мастур

бошад ва ҳам ин таваққӯъ кунӣ, ки камдонише кунад.

Маҳмуд чун сухан бад-ин ҷумла шунид, биранҷид. Зане буд турқзода ва нависандаю хонанда ва ширинсухан ва пайваста дар ҳарами Маҳмуд омадӣ ва бо Маҳмуд сухан гуфтӣ ва тибату бозӣ кардӣ ва пеши ӯ дафтарҳо ва ҳикоятҳо хондӣ ва сахт густох буд. Рӯзе пеши Маҳмуд нишаста буд ва тибат ҳамекард, Маҳмуд гуфт: — Ҳарчанд, ки ҷаҳд мекунам, то халифа лақаби ман бияфзояд, фоида намедиҳад ва хоқон, ки мусаххару мутеи ман аст, чандин лақаб дорад. Маро касе боистӣ, ки аҳдномаи халифа, ки ба хоқон фиристодааст, аз хизонаи ӯ дуздидӣ, ё ба ҳар чӣ будӣ, ба даст овардӣ, то ҳар чӣ бар ман ҳукм кардӣ, ман бад-ӯ додаме.

Ин зан гуфт: — Эй худованд, ман биравам ва он нома биёрам, валекин ҳар чӣ дархоҳам бояд ки вафо кунӣ ва дареғ надорӣ. Гуфт: — Бидиҳам. Гуфт: — Ман моле надорам бисьёр, ки фидо кунам ва муроди худованд ҳосил кунам. Лекин худованд аз хизона муовинате кунад, то ҷон дар сари ин кор кунам, то муроди худованд ба даст оварам. Гуфт: — Чунон кунам.

Чандон мол, ки хост ва ҷомаю чаҳорпою зароиф ва мард ва баргу созро ҳама бидод. Ва ин зан писаре дошт чаҳордаҳсола, ба муаллим дода буд, то адаб омӯзад ва ӯро бо хештан бибурд. Ва аз Ғазнин ба Қошғар шvд ва чандон ғуломи турк ва канизак ва ҳар чӣ аз Хито ва вилояти Хутан хезад аз ҳар гуна зароиф бихарид чун мушку ҳарир... ва монанди ин ва дар сӯҳбати бозаргонон ба Ӯзканд омад ва аз он ҷо ба Самарқанд пайваст. Баъд аз се рӯз бархост ва ба саломи хотун шуд, канизаки некӯ бо бисьёр чиз аз зароифи Ҳинду Хутан ва Хито пеши хотун кашид ва гуфт: — Шӯе доштам бозаргон. Дар ҷаҳон мегаштӣ ва маро бо худ мебурдӣ ва қасди Хито дошт ва чун ба Хутан расид, фармон ёфт. Ман бозгаштам ва ба Қошғар омадам ва хидмате пеши хони Қошғар бурдам ва гуфтам: «Шӯям аз хидматгорони хоқони аҷал буд ва ман парастори хотуни хоқонам». Маро озод карданд ва ба занӣ бад-ӯ доданд ва ин писарро аз ӯ дорам. Ва акнун ӯ ба Хутан фармон ёфт ва он қадар чизе, ки аз вай мондааст, он сармоя аст, ки хотуни хоқон додааст. Акнун аз адлу бузургии хоқони аҷал чашм медорам, ки дасти иноят ба сари ин бандаи турк бидорад ва моро ба сӯҳбати нек ба ҷониби Ӯзканд ва Са-

марқанд гусел фармояд то шукру санои ту бигӯям ва то зиям, дуогӯи ту бошам.

Хотунро ӯ некӯиҳо гуфт бисьёр ва хоқонро ҳамчунин. Ва моро бадриқа дод ва бифармуд, то хони Ӯзканд моро некӯ дорад ва дар сӯҳбати нек моро ба ҷониби Самарқанд гусел кунад. Акнун ба давлату ҳашмати шумо хештанро дар Самарқанд афгандам. Ва имрӯз дар ҳама ҷаҳон он адлу инсоф нест, ки ин ҷост ва шавҳарам пайваста гуфтӣ, ки «агар ман ба Самарқанд расам, ҳаргиз аз он шаҳр берун наёям». Маро номи шумо ин ҷо овардааст. Агар маро ба бандагӣ бипазиред ва дасти иноят бар сари ман фурӯд оред, ин ҷо дил фурӯ ниҳам ва пероякe, ки дорам, бифурӯшам ва сармоякеву зайъате бихарам бад-он миқдор, ки вақте аз он ҷо бирасад. Ва ман хидмати шумо мекунам ва ин писаракро мепарварам ва умед дорам, ки ба баракоти шумо ӯро худои азза ва ҷалла некбахт гардонад.

Хотун гуфт: — Ҳеҷ дил машғул мадор, ҳар чӣ мумкин гардад аз некӯӣ ва тимордошт, дар боби ту дареғ нахоҳад буд ва туро сарой ва нонпорае бахшам ва чунон кунам, ки дили ту хоҳад ва нагузорам, ки як замон аз пеши ман ғоиб шавӣ ва хоқонро бигӯям, то ҳар чӣ дарбоист ва хости ту бошад, ҳама бифармояд, вафо кунам.

Хотунро хидмат карду гуфт: — Акнун худованди ман туӣ ва ман касеро нашиносам. Мебояд, ки маро поймардӣ кунӣ пеши хоқони аҷал ва маро пеши вай барӣ, то ман ҳоли худ бигӯям ва хоқон сухани банда бишунавад.

Гуфт: — Ҳар гаҳ, ки рағбат кунӣ, ман туро пеши ӯ барам. Гуфт: — Бад-ин кор ба хидмат оям. Гуфт: — Сахт савоб аст.

Дигар рӯз ба сарои хотун шуд. Хотун аҳволи ӯ шабона ба хоқон гуфта буд. Бифармуд, то пеши хоқон шуд. Хоқонро хидмат кард ва ғуломе турк ва асбе некӯ ва аз ҳар гуна зароиф дар пеш кашиду гуфт: — Банда аз ҳоли худ андаке бо хотун гуфтааст. Дар ҷумла, чун шавҳарам фармон ёфт, бақои худованд бод, ҳар чӣ бобати Хито буд, анбозаш гуфт. Ин боз пас нашояд бурд, ба ҷониби Хутан омадам ва аз он чӣ доштам, чизе ба хоқони Кошғар додам ва чизе дар роҳ харҷ шуд ва аз ҷумла банда мондааст ва ин ятим ва сарояке ва чаҳорпое чанд. Агар хоқон бандаро ба

парасторӣ дарпазирад, чунон ки хотуни бузургвор пазируфт, то банда боқии умр дар хидмати бузург ба сар барад.

Хоқон бисьёре некӯ гуфт ва пазируфтагорӣ кард ва баъд аз он ҳар ду-се рӯз тӯҳфае пеши хотун ниҳодӣ ва ҳикоятҳою афсонаҳои хуш гуфтӣ. Хотун ва хоқонро чунон кард, ки рӯзе бе вай нашикебанд ва аз ҳар чӣ бар вай арз кардандӣ аз деҳ ва зайъат, ҳеҷ напазируфтӣ, чунон ки хотуну хоқон аз ин зан дар хиҷлат будандӣ аз бас, ки ӯ мекард. Ва ҳар рӯз ӯ аз ин сарое, ки фурӯд оварда буданд, барнишастӣ ва бирафтӣ ва се фарсангу панҷ фарсанг аз шаҳр дур, бад-он ки зайъате мехарам. Се рӯз ва чаҳор рӯз он ҷо будӣ ва чун ба шаҳр омадӣ, зайъатро айбе кардӣ ва узре биниҳодию нахаридӣ. Чун хотуну хоқон ба талаби ӯ кас фиристодандӣ, ки «чаро бор бозгирифтааст ва бари мо намеояд». Гуфтандӣ, «мулке мехарад ба фалон деҳа. Имрӯз ду рӯз аст, то ба дидани он деҳ рафтааст», то хоқону хотун гуфтандӣ: — Дил бар ин ҷо биниҳод.

Ва бар ин гуна, муддати шаш моҳ беш дар хидмати эшон мебуд ва чанд бор хотун ӯро гуфт, ки пайваста хоқон бо ман мегӯяд: «Ман ҳар гоҳ, ки ӯро мебинам, шармсор мешавам ва чандин хидмат, ки моро мекунад ва ба ҳар чанд рӯз зароиф пеши мо мениҳад ва аз ҳар чӣ бар вай арз мекунем, намепазирад ва ҳаргиз зане бад-ин некӣ надидам. Охир чӣ бояд кард моро аз некӯӣ бо ӯ?»

— Ман низ ҳазор бор шармсортарам аз ту...

Ин зан гуфт: — Ҳеҷ неъмате дар ҷаҳон беҳтар аз дидори худовандон нест, ки худои азза ва ҷалла рӯзӣ кардааст ва ҳар рӯз мебинам ва аз худовандон бениёз натавон будан ва чун ҳоҷат ояд, бихоҳам ва густохӣ кунам.

Ва эшонро ҳаме фирефта кард ва чизе, ки дошт аз зарру симу ҷавоҳир ва фарши хона, пинҳон ба бозаргоне дод, ки пайваста аз Самарқанд ба Ғазнин омадӣ ба бозаргонӣ. Ва панҷ мардро савор бо панҷ асби некӯ сӯи роҳи Балх ва Тирмиз фиристод ва гуфт: — Хоҳам, ки ҳар саворе бо асбе ба ҳар манзиле маком кунад, то расидани ман бувад.

Рӯзе чунон ки хотун бо хоқон ба як ҷо нишаста буданд, ҳардуро сано гуфту бисьёр биситуд. Пас, гуфт: — Имрӯз ҳоҷате дорам, надонам, ки хоҳам ё на?

Хотун гуфт: — Аҷаб чизе шунавам боистӣ, ки чандин илтимоси ту аз мо вафо шудӣ, ҳин, бигӯ, то чӣ дорӣ?

Гуфт: — Шумо донед, ки маро дар ҷаҳон писарест ва дил дар вай бастаам ва ӯро ҳамепарварам ва «Қуръон» ҳама омӯхтааст ва ба дабираш додаам, то адабаш биёмӯзанд ва рисолатҳои тозӣ ва порсӣ ҳамехонад. Умедам чунон аст, ки ба давлати худовандон некбахт гардад. Пас аз номаи худову расул дар замин бузургвортар аз номаи амиралмӯъминин набошад, ки ба подшоҳон фиристанд. Ва он ки нома нависад, фозилтарини дабирон бошад ва он лафзу маънӣ, ки дар он ҷо дарҷ кунанд, беҳтарин алфоз ва маонӣ тавонад буд. Агар раъйи худовандон бошад он номае, ки онро аҳдномаи халифа хонанд, се-чаҳор рӯз ба банда арзонӣ фармоянд, то ин писарак чанд боре бар адиб фурӯ хонад. Агар аз он ҳама панҷ лафз ёд гирад, бошад, ки ба баракати он лафзу иборат некбахт гардад.

Хоқону хотун гуфтанд: — Ин чӣ ҳоҷат аст, ки ту аз мо хостӣ, чаро шаҳре ва ноҳияте нахостӣ? Чизе хостӣ, ки дар хазоини мо панҷоҳ пора ниҳодааст ва дар зери гард мепӯсад. Чӣ хатар бошад коғазпораеро, ҳама номаҳоро агар хоҳӣ, ба ту бахшем.

Зан гуфт: — Ин як нома, ки халифа фиристодааст, маро кифоят аст.

Ходимеро фармуд, то ӯро ба хизона барад, ҳар кадом нома, ки ӯ хоҳад, ӯро диҳад. Пас, ба хизона шуд ва он аҳднома биситаду ба хона овард ва дигар рӯз ҳар асбе, ки дошт, бифармуд, то зин карданд ва астаронро зин барниҳоданд ва овоза дарафганд, ки ба фалон деҳа шуданд ва пеш аз он номаи иҷозат ситада буд, ки дар вилояти Самарқанд ва Бухоро, ҳар куҷо, ки ин зан бирасад, ё зайъате харад ва мулке созад ва мақоме кунад, ҳурмати ӯро азиз доранд. Гумоштагону уммол ҳар ёрӣ, ки мумкин гардад, дар ҳаққи ӯ дареғ надоранд ва ҳар чӣ дархоҳад, мабзул фармоянд ва нузл диҳанд. Пас, шабе нимшаб аз он деҳа кӯч кард ва аз шаҳр се фарсанг бигузашт ва фурӯд омад ва аз он ҷо кӯч кард ба панҷ рӯз ба Тирмиз омад ва ҳар куҷо ҳоҷат афтодӣ, иҷозатнома арз кардӣ ва бар асбон осуда барнишастӣ, то аз Ҷайҳун нагузашту ба Балх наёмад, хотунро хабар набуд аз рафтани ин зан ва аз ҷиҳати аҳднома андеша бештар бар дили ӯ нишаст.

Ин зан аз Балх ба Ғазнин рафт ва аҳднома пеши Султон Маҳмуд* ниҳод ва Маҳмуд он аҳднома бар дасти марди олими муноэирадон бо хидматҳои бисьёр ба амиралмӯъминин, Алқодир* биллоҳ, фиристод. Ва хидмате набишта буд ва андар он гуфта, ки хидматгоре аз они банда дар бозори Самарқанд мегузашт. Ба кӯе расид, ки номаи амиралмӯъминин дар дасти кӯдакони хурд дид, аз ҳорӣ ва беқадрие, ки буд, ин нома аз кӯдаконе, ки аз он сӯй ва аз ин сӯй мекашиданд ва дар хок меғалтониданд, ӯ бишунохт ва бар он номаи бузургвор раҳматаш омад. Порае мавизу гирдакон бад-он кӯдакон дод ва... аз эшон биситаду ба Ғазнин овард ва пеши банда ниҳод ва банда пеши худованди ҷаҳон фиристод. Банда бо ҳавохоҳӣ ва хидмат алқобе, ки арзонӣ доштаанд, азизтар аз биноии хеш доштааст ва тоҷи сари хеш карда ва дар хизона гиромитарин ҷое ниҳодааст. Бо чандин бандагӣ ва бо чандин тавакқӯъ, алқоб дареғ медорӣ ва касоне, ки эшон қадри фармонҳо нашиносад ва бар мисоли ӯ истихфоф кунанд ва лақабҳое, ки арзонӣ дорӣ, хор доранд, эшонро лақаб диҳӣ.

Чун олим ба Бағдод шуд ва хидматҳо арз доду набишта таслим кард, халифаро аҷаб омад ва ба хоқон номаи итоб фармуд набиштан ва расул фиристод. Ва расули Маҳмуд шаш моҳ бар дари халифа бимонд ва қисса дарун мефиристод ва аз ҷиҳати Маҳмуд алқоб мехост ва ҷавоби шофӣ намеёфт, то рӯзе фатво набишт, ки агар подшоҳи олам фародор ояд ва шамшер занад ва бо кофирону мушрикон, ки душманони худою расуланд, ҳарб кунад ва буткадаҳоро ба масҷид кунад ва дорулкуфрро дорулислом гардонад ва амиралмӯъминин аз вай дурдаст бошад ва обҳои азим ва кӯҳҳои баланд ва биёбонҳои махуф дар миён бошад ва ҳолҳо, ки ҳодис мешавад, ҳар вақт натавонад намудан ва илтимоси подшоҳ аз вай вафо нашавад. Шояд ки шарифе ба ниёбат бинишонад ва бад-ӯ иқтидо кунад, ё на. Ва ин фатво ба дасти яке доданд, то ба дасти қози-ул-қуззоти Бағдод дод ва қозӣ бихонд ва фатво набишт, ки шояд. Ва нусхате аз он фатво дар миёни қисса ниҳод ва дар он қисса набишта буд, ки мақоми банда дароз гашт ва Маҳмуд* ба сад ҳазор бандагию хидматҳо ва қурбатҳо лақабе чанд илтимос мекунад ва худованди ҷаҳон аз вай дареғ дорад ва умеди малики ғозиро вафо намекунад ва бад-ин

қадар бо вай музояқат меравад. Агар Маҳмуд баъд аз ин бар ҳукми ин фатво, ки аз шаръ ёфтааст, ба хатти қози-ул-қуззот равад, маъзур бошад, ё на, халифа он қисса бархонд ва дарҳол ҳочибалбобро ба вазир фиристод, ки ҳам акнун расули Маҳмудро пеши худ хон ва дилгармияш деҳ ва хилъату ливо ва аҳднома ва лақаб, ки фармуда, будем, сохта гардон ва ба хушнудӣ гусел кун, бо ин ҳама ҳавохоҳӣ ва хидмати писандида ва кӯшиши Маҳмуд ва чалдии вай ва донишмандӣ «Амин-ул-миллат» зиёдат карданд ва Маҳмудро лақаб—«Амин-ул-миллат» ва «Яминуддавла» буд.

Ва имрӯз камтар касро камтар аз даҳ лақаб, ё ҳафт нависанд, хашм гирад ва Сомониён*, ки чандин сол аст, ки подшоҳони рӯзгор буданд ва аз Мовароуннаҳр сар то ба сар ва аз Хоразм то Нимрӯз ва Ғазнин фармон доданд, ҳар касро як лақаб будааст. Нӯҳро* «Шоҳаншоҳ» хонданд. Падари Нӯҳ Мансурро* «Амири садид» ва падари Мансурро «Амири ҳамид» ва падари Нӯҳ Насрро* «Амири саид» ва Исмоил ибни Аҳмадро* «Амири одил» ва дар таворих «Амири мозӣ» ва Аҳмадро «Бӯсаид» ва монанди ин лақаб дархӯрди мард бояд. Ва лақаби «Қуззот» ва «аийма» ва уламои дини Мустафо *... чунин бояд: «Мачдуддин, Шарафаддин, Шарафулислом, Сайфуссуннат, Зайнушшариат, Фахрууламо» ва монанди ин. Аз баҳри он ки кунияти исломи шариат ва суннату илм тааллуқ ба илму уламо ва аийма дорад. Ва ҳар кӣ ӯ на олим бошад ва аз ин лақабҳо бар худ ниҳад, подшоҳ ва аҳли тамиз ва маърифат бояд ки рухсат надиҳанд ва он касро молиш диҳанд, то ҳар кас андозаи хеш нигоҳ дорад. Ва ҳамчунин сипаҳсолорону умаро ва муқаттаон ва гумоштагонро ба «давлат» хондаанд; чун «Сайфуддавла» ва «Ҳисомуддавла» ва «Заҳируддавла» ва «Чамолуддавла» ва монанди ин. Ва омилону амидон ва мутасаррифони некро ба «мулк» бозхонанд чун «Амидулмулк» ва «Низомулмулк» ва «Чамолулмулк» ва «Шарафулмулк» ва «Шамсулмулк» ва монанди ин. Ва одат нарафта буд, ки амири турк лақаби «хочагон» бар худ ниҳад, ё хочагон лақаби «акобири сипоҳ» ва туркон бар худ ниҳанд. Пас аз вафоти султони саид, шаҳид Алпарслон*,... ки рӯзгор футуру фитна буд, тамиз аз миён бархост ва алқоб дарҳам омехта шуд. Ва камтарин касе бузургтарин лақабе мехоҳанд ва медиҳанд, то лақаб чунин хор шуд. Ва аз он аҳд, ки под-

шоҳи Дайламон буданд ва дар Ироқ он гаҳ бузургвортар аз эшон касе набуд, якеро «Рукнуддавла» лақаб буд ва якеро «Азадуддавла». Вазирони эшонро устоди Ҷалил ва устоди Хатир ва вазире, ки аз вай бузургтар ва фозилтар ва ҷавонмардтар набуд дар Ироқ мулуки Дайламро Соҳиб Аббод буд ва лақаби ӯ «Кофиулкифот» ва лақаби вазири Султон Маҳмуд* «Шамсулкифот» буд... Амиралмӯъминин Алмуқтадо* биамруллоҳ алқоби Султон Маликшоҳ*—«Қудсиллаҳ рӯҳалазиз Муизиддуньё ваддин» навишт. Пас аз вафоти ӯ норallaҳи бурҳонаҳу суннат гашт. Султон Баркаёрикро*— «Рукнуддуньё ва ваддин» ва Исмоилро*— Муҳайёуддуньё ваддин» ва Султон Маҳмудро — Ғиёсуддуньё ваддин»...

Бар фармони мулук ҳам ин лақаб нависанд. Ва зинат дар алқоби абнои мулук дарафзуд ва эшонро ин лақаб сазост аз ҷиҳати он ки маслиҳати дин ва дуньё дар маслиҳати эшон бозбастааст ва ҷамоли мулку давлат дар бақои подшоҳ мутассил аст.

Ин аҷаб аст, ки камтар шогирд ва ё омили турк, ки аз вай бадмазҳабтар нест ва дину мулкро аз вай халалу фасод аст, хештанро «Муинуддавла, «Ҷамолулмулк», ё «Шамсулмулк», ё «Мӯидуддин», «Амидулмулк» ва монанди ин лақабҳо кардаанд. Ва нахустин вазирро, ки лақаб оварданд, Муқтадо буд, ки дар алқоби «Назирулмулк», «Қавомиддин» дарафзуд. Ва акнун ҳар беилме ва ноаҳле ва маҷҳуле «дин» ва «давлат» ва «мулк» дар алқоби хеш овардаанд...

**ФАСЛИ ЧИҲИЛУ ДУВВУМ**

## АНДАР ДУ АМАЛ ЯК МАРДРО НОФАРМУДАН ВА АМАЛ БА МАРДУМИ ПОКДИНУ ШОИСТА ДОДАН

Подшоҳони бедор ва вазирони ҳушьёр ба ҳар рӯзгор ҳаргиз ду шуғл як мардро нафармуданди ва як шуғл ду мардро, то кори эшон ҳамеша ба низом ва равнақ буди, аз барои он ки чун ду шуғл як мардро фармоянд, ҳамеша аз ду шуғл яке бархалал бошад ва ё тақсире воқеъ шавад. Аз ҷиҳати он ки марде дар ду шуғл ба воҷиб қиём накунад ва дар он кор халал равад. Ва чун нигоҳ куни он касро, ки ду шуғл бувад, ҳамвора кори ӯ бархалал бошад, муқассир ва маломатзада. Ва боз ҳар гоҳ ки ду мардро як шуғл фар-

моянд, ин бад-он ва он бад-ин афганад, ҳамеша он кор нокарда монад. Бад-ин маънист, ки «хона ба ду кадбону норӯфта бувад ва аз ду кадхудо вайрон». Ва ҳар ду кас ҳамеша ин андешанд, ки агар ман дар ин кор ба воҷиб ранҷ бараму тимор дорам ва нагузорам, ки ҳеҷ халале бад-он роҳ ёбад, худовандгори мо пиндорад, ки ин кифоят аз ҳунари ёри ман аст, на аз ман. Ва онн дигар низ ҳамин андеша кунад. Чун бинигарӣ, он шуғл бархалал бошад ва агар фармоянда гӯяд: — Ин шуғл чаро бар инчунин аст?

Он гӯяд: — Ин тақсир кард. Ва ин гӯяд: — Он кард.

Ва чун ба асл равад ва биёндешад, ҷурм на бар ин бошад ва на бар он, бар он кас бувад, ки як шуғл ду касро фармуд. Ва ҳар гоҳ ки вазир бекифоят бошад ва подшоҳ ғофил, нишонаш он бувад, ки як омилро ду амал фармоянд ва зиёдаттар. Ва мард ҳаст, ки даҳ амал дорад ва агар шуғли дигар падид ояд ҳам, ба сари худ нависад ва бад-ӯ диҳанд ва андеша накунанд, ки он мард аҳли он ҳаст ё на? Ва дабирию тасарруф ва муомилат дорад ё на? Ва чандин шуғл, ки дар худ пазируфт, ба сар барад ё на? Ва низ мардони кофӣ ва шоиста ва мӯътамади корҳо кардаро маҳрум гузоштаанд ва маътал ва ҳеҷ касро андеша ва тамизи он на, ки чаро маҷҳул ва беасле чанд чандин шуғл бар худ нависад ва маъруфону кордонон як шуғл надоранд ва маҳруму маътал монда, хосса касоне, ки ҳақ воҷиб гардонидаанд ва хидматҳое писандида карда. Ва аҷабтар он, ки ба ҳама аҳде ва рӯзгоре шуғл ба касе фармуданди, ки ӯ ҳаммазҳаб ва ҳамэътиқоди ӯ будӣ ва асил. Ва агар аз шуғл эъроз кардӣ ва қабул наяфтодӣ, ба зӯр дар гардани ӯ кардандӣ, то лоҷарам он кор зоеъ нашудӣ ва раият осуда бударди ва муқаттаъ некному бегазанд ва подшоҳ фориғ.

Аммо имрӯз ин тамиз бархостааст...

Давлат ба камол расидааст ва банда аз чашми бад метарсад ва намедонад, ки ин кор ба куҷо хоҳад анҷомид. Дар рӯзгори Маҳмуду Масъуд* ва Туғралу* Алпарслон*.... ҳеҷ габрею тарсо ва рофизиеро ёрои он набудӣ, ки ба саҳро тавонад омад, ё пеши бузурге шудӣ. Кадхудоёни туркон ҳама мутасаррипешагони Хуросон будаанд ва дабирони Хуросон ҳанафимазҳаб ё шафаъвии покиза бошанд. Дабирон ва омилони бадмазҳабро ба хештан роҳ надодаанд ва на туркон ҳаргиз раво доштандӣ, ки эшонро шуғл фармоянд. Гуф-

танд, инон ҳаммазҳаби дайламонанд ва ҳавоҳоҳи эшон чун пой устувор кунанд, кори туркон ба зиён оваранд ва мусулмононро ранҷҳо расонанд. Ва душман он беҳтар, ки дар миёни мо набошад, лоҷарам, беофат мезистанд. Ва акнун кор ба ҷое расида, ки даргоҳу девон аз эшон холӣ нест ва пур шудааст ва дар дунболи ҳар турке даҳу бист аз эшон медаванд. Ва дар тадбири онанд, ки як хуросониро гирди даргоҳу девон нагузоранд, ки бигузаранд ва пораи ноне ёбанд. Ва туркон он гаҳ аз фасоди эшон огаҳ шаванд ва сухани банда ба ёдашон ояд, ки девон аз дабири мутасаррифони Хуросон холӣ бошад. Ва агар касе дар он рӯзгор ба хидмати турке омадӣ ба кадхудоие ё ба шуғле дигар, агар гуфтӣ: «ҳанафимазҳабам, ё шофеимазҳаб» ва ё аз шаҳре, ки суннӣ бошанд, қабул кардӣ. Ва агар гуфтӣ: «Шиаям ва аз Қуму Қошон ва Обаам», ӯро напазируфтӣ. Гуфтӣ: «Бирав ба саломат, ин ки маро медиҳӣ, дар хонаи хеш бинишин ва биҳӯр». Ва Султон Туғрал* ва Алпарслон ҳеҷ нашунидандӣ, ки амири турк рофизиеро ба хештан роҳ додааст. Ва агар яке аз подшоҳон роҳ додӣ, бо ӯ итоб кардӣ ва хашм гирифтӣ.

## ҲИКОЯТ

Рӯзе султони шаҳид Алпарслон... чунин шунид, ки Ардам Ваҳҷадониро дабири хеш карда. Қароҳияташ омад, аз он чӣ гуфта буданд, ки Ваҳҷад ботинимазҳаб аст. Дар боргоҳ Ардамро гуфт, ки душмани манию хасми мулк. Ардам ин бишунид ва дар замин афтоду гуфт: — Эй худованд, ин чӣ сухан аст? Ман камтар бандаам худовандро, чӣ тақсир кардаам, то ин ғоят дар бандагию ҳавоҳоҳӣ?

Султон гуфт: — Агар душмани ман нестӣ, чаро душмани маро ба хидмат овардай?!

Ардам гуфт: — Он кист? Султон гуфт: — Ваҳҷадӣ — он, ки дабири туст. Гуфт: — Ӯ кӣ бошад, дар ҳама ҷаҳон ва агар ҳама заҳр гардад, ин давлатро чӣ тавонад кард?! Гуфт: — Биравед ва он мардакро биёред. Рафтанд ва ҳам дар вақт Ваҳҷадиро пеши султон оварданд. Султон гуфт: — Эй мардак, ту ботинӣ ва мегӯӣ, ки халифаи Бағдод ба ҳақ нест? Гуфт: — Эй худованд, банда ботинӣ нест, шеӣ аст, яъне рофизӣ*. Сул-

тоӣ гуфт: — Эй мардак, равофиз низ чунон неку нест, ки аз ӯ бозгӯӣ.

Пас, бифармуд човушонро, то чандон силӣ дар мардак бастанд, ки гуфтанд, худ бимурд ва аз сарояш берун карданд. Пас, рӯй сӯи бузургон карду гуфт: — Гуноҳ ин мардакро нест, гуноҳ Ардамрост, ки бадмазҳабею кофире ба хидмат овардааст. Ва ман на як бору ду бор, балки сад бор бо шумо гуфтам, ки шумо лашкари Хуросон ва Мовароуннаҳред ва дар ин диёр бегонаед ва ин вилоят ба шамшеру қаҳр ва тағаллуб гирифтаед. Мо ҳама мусулмонони покизаем ва аҳли Ироқ ғулб бадмазҳаб ва баддин ва бадэътиқод бошанд ва ҳавохоҳи Дайлам, ки лашкари Ироқанд. Ва миёни турку дайлам душманӣ ва хилоф на имрӯзина аст, балки аз қадим аст. Ва имрӯз худои азза ва ҷалла турконро аз баҳри он азиз гардонидааст ва бар эшон мусаллат карда, ки туркон мусулмон ва покизаанд ва ҳавию бидъат нашиносанд ва эшон ҳама мубтадеъ ва бадмазҳаб ва душмани турк. То оҷиз бошанд, тоат медоранду бандагӣ мекунанд ва агар камтар гунае қувват гиранд ва заъфе дар кори туркон падид ояд, ҳам аз ҷиҳати мазҳаб ва ҳам аз ҷиҳати вилоят якеро аз мо туркон зинда намонанд ва аз хару гов камтар бошанд, он ки дӯсту душман надонанд.

Пас, бифармуд, то мӯи асб микдори дувист дирам санг биёварданд ва якто мӯй аз миёна берун кашид ва Ардамро гуфт:— Ин бигусил.

Ардам биситад ва бигусехт ва панҷ мӯи дигар ӯро дод ва ҳам бигусехт ва даҳ мӯи дигар ҳам осон бигусехт. Пас, фаррошро бихонд, гуфт: — Ин ҳамаро расан тоб, микдори се газ.

Битофт ва биёвард. Султон ба Ардам дод, то бигусалад. Ҳарчанд кӯшид ва ҷаҳд кард, натавонист. Султон гуфт: — Масали душман низ инчунин аст, ягон ва дугон ва панҷ осон тавон нест кардан, лекин чун бисьёр шаванд ва пушт ба якдигар ниҳанд, эшонро аз пой барнатавон кандан. Ва ин ҷавоби он аст, ки гуфтӣ, ки «ин мардак ҳама заҳр гардад, давлатро чӣ тавонад кардан». Чун аз инҳо як-як миёни туркон дароянд ва шуғл ё кадхудоии эшон кунанд ва бар аҳволи эшон воқиф шаванд, камтар вақте, ки дар Ироқ хурӯҷ падид ояд ва ё Дайламон оҳанги мамлакат кунанд, инҳо ҳама дар сирру алония даст бо эшон яке кунанд ва бар ҳалоки туркон кӯшанд. Ту туркӣ ва аз лашка-

ри Хуросон, туро кадхудову дабир ва пешкор ҳама хуросонӣ бояд ва ҳама турконро инчунин, то халал дар кори туркон наёяд. Чун ту бо мухолифи подшоҳ ва душмани хеш мувофиқат кунӣ, хиёнате бошад, ки бо хеш ва бо подшоҳ карда бошӣ. Ва агар туро шояд, ки бо тани хеш ҳар чӣ хоҳӣ, кунӣ, подшоҳро нашояд, ки даст аз ҳазм ва эҳтиёт бидорад ва ё хиёнаткунандаро ибқо кунад. Бар ман аст, ки шуморо нигаҳдорӣ кунам, ки худои таоло маро бар шумо солор кардааст, на шуморо бар ман. Ва ин қадар надонед, ки ҳар кӣ бо мухолифи подшоҳ дӯстӣ варзад, аз душманони подшоҳ бошад ва ҳар кӣ бо дӯстори муфсидон сӯҳбат дорад, ҳам аз эшон бувад!

Ва дар ин ҳол, ки ин сухан бар лафзи султон бирафт, хоҷа имоми Муштаб ва қозӣ имоми Бубакр ҳозир буданд. Рӯй сӯи эшон карду гуфт: — Чӣ гӯед андар ин, ки ман гуфтам? Гуфтанд: — Худованди олам он мегӯяд, ки худои азза ва ҷалла ва расули ӯ... мегӯяд дар маънии рофизиён ва мубтадеону ботиниён ва аҳли зимма.

> Аз душманони дӯст ҳазар карданат равост,
> Бо дӯстони дӯст туро дӯстӣ накӯст.
> Чун нешу нӯш ҳамебоядат бибуд,
> Бо дӯстони душману бо душманони дӯст.

Пас, султон Алпарслон... қариб як моҳ ба Ардам сухан нагуфт ва сар гарон дошт, то бузургон дар ҳаққи вай шафоатҳо карданд ва бисьёр гуфтанд, то дил хуш кард ва аз сари он даргузашт.

Ва акнун бар сари ҳадис бозравем. Ҳар вақт, ки маҷҳулону беаслонро ва бефазлонро амал фармоянд ва маъруфону асилонро маътал гузоранд ва яке панҷшаш амал фармоянд ва яке аз инонро амал нафармоянд, далел бар нодонии вазир бошад.

Ва бадтарин душман ин аст, ки даҳ амал як мардро фармояд ва даҳ мардро як амал нафармояд, дар он мамлакат мардуми маҳруму маътал бисьёр бувад, ки онро дарнатавон ёфт. Пас агар вазир оқилу доно бошад, аломат он бошад, ки корҳо ба мардуми аҳл тавфиз кунад, то мулкро завол наёяд.

Масали ин ҳамчунон аст, ки яке фасоди мамлакат ҷӯяд, ҳар замон тавфирҳо менамояд худованди оламро... бар он дошта, ки ҷаҳон софест, дигар душманею мухолифе намондааст, ки муқовимат тавонад кардан

ва қурби чаҳорсад ҳазор савор мавоҷиб мехӯранд, ҳафтод ҳазор кифоят бошад нигаҳ доранд. Ба ҳар вақт, ки ҳоҷат афтад, номзад кунанд. Дигаронро аҷре ва ҷомагӣ бозгиранд, то хизонаро ҳарсола чандин тавфир бошад ва ба андак рӯзгоре хазина пурзар шавад. Чун худованди олам... бо банда бигуфт, банда донист, ки он сухани кист ва дар ин фасоди мамлакат мехоҳад. Ҷавоб дод, ки фармон худовандрост, валекин агар чаҳорсад ҳазор мардро аҷре ва ҷомагӣ медиҳанд, лоҷарам, Хуросону Мовароуннаҳр то Қошғару Билосоғун ва Хоразму Нимрӯз ва Ироқайну Порс ва вилояти Мозандарону Озарбойҷон ва Армону Аррон ва Антокия ва Байтулмуқаддас дорад. Ва банда хостӣ, ки худованди олам ба ҷои чаҳорсад ҳазор мард ҳафтсад ҳазор мард доштӣ аз баҳри он ки чун мард беш будӣ, Ғазнину Синд ва Ҳинд худовандро будӣ ва ҳама Туркистон, Чину Мочин доштӣ ва ҳама Ҳабашу Барбар ва Руму Миср ва Мағриб дар итоат будӣ аз ҷиҳати он ки ҳар подшоҳеро, ки лашкар бештар будӣ, вилоят бештар ва ҳар киро лашкар камтар, вилоят камтар. Ҳар он кӣ аз лашкар бикоҳад, аз вилоят бикоҳад.

Дигар, маълуми раъйи олӣ бошад, ки чун аз чаҳорсад ҳазор мард ҳафтод ҳазор бидоранд, сесаду сӣ ҳазорро ном аз дафтар биситуранд, ба ҳама ҳол сесаду сӣ ҳазор марди дигар ба изофати он шавад, то зинда бошанд ва чун аз ин давлат умед бибуранд, худовандгори дигар ба даст оваранд ва ӯро бар хештан сардор кунанд, чандон халал кунад, ки хизонаҳое чандинсола дар сари он шавад ва бошад, ки он кор бо салоҳ наёяд. «Мамлакат ба мардон тавон доштан ва мардро ба зар». Ва ҳар кӣ маликро гӯяд, «зар бигир ва мардонро бигузор», ӯ ба ҳақиқат душмани малик аст ва фасод меҷӯяд ва ин зар ҳама аз мардон ба даст омадааст, набояд шунидан сухани он кас

Мисоли уммоли муаттали маҳрум низ ҳамчунин аст, чун касоне, ки эшонро дар давлат шуғлҳои бузург ва амалҳои сангин карда бошанд ва ҳаққи хидмат доранд, воҷиб накунад, ҳаққи эшон фурӯ гузоштан ва эшонро зоеъ ва маҳруму бенасиб бидоштан ва амал нофармудан, на аз мурувват бошад, балки чунин воҷиб ояд, ки эшонро амал фармуда ва маишате арзонӣ дошта шавад ба қадри кифоят, то ҳам баъзе аз ҳуқуқи эшон гузорда бошанд ва эшон ҳам аз давлат маҳрум набошанд. Ва дигар гурӯҳе бошанд аз аҳли илм

ва аҳли фазл ва арбоби муруввату асҳоби шараф, ки эшонро дар байтулмол насиб бошад ва мустаҳикки назар ва идрор бошанд, на касе эшонро шуғл фармояд ва на идрорею назаре ёбанд ва маишате. Чун маҳрум монанд ва аз давлат бенасиб гарданд ва рӯзгоре фароз оянд, ки дар он рӯзгор пешкорони подшоҳ бехайр бошанд ва аҳволи ин мустаҳиккон ба подшоҳ нарасонанд ва ин мутасаррифонро амал нафармоянд ва шарифону омилонро дар он мудохилат надиҳанд. Ин тоифа чун умед аз он давлат бардоранд, бадсиголи давлат шаванд, айбҳое, ки бар омилону дабирон ва наздикони подшоҳ бувад, бар саҳро афгананд ва якеро, ки боолаттар бошад ва сипоҳу хоста бошад, дар пеш раванд ва тахлитҳо кунанд ва бар подшоҳ берун оянд ва мулкро ошуфта доранд, чунон ки дар рӯзгори Фахруддавла* карданд.

## ҲИКОЯТ

Чунин гӯянд, дар шаҳри Рай ба рӯзгори Фахруддавла, ки Соҳиб Аббод вазираш буд, габре буд тавонгар, ки ӯро Бузарҷумеди Райюф гуфтандӣ. Бар кӯҳи Табарак сутудоне бикард аз ҷиҳати хеш, ки имрӯз бар ҷой аст ва онро акнун «дидаи сипаҳсолор» мехонанд, бар болои гунбази Фахруддавла аст. Бисьёр ранҷ бурд ва зар ҳазина кард Бузарҷумед, то он сутудон бар сари он кӯҳ тамом кард. Марде буд мӯҳтасиби Рай, номи ӯ Носирамон. Он рӯз, ки он сутудон тамом шуд, ба баҳонае он ҷо шуд ва бонги намоз баланд бикард. Сутудон ботил шуд. Баъд аз он «дидаи сипаҳсолор» ном бикарданд. Иттифок чунон афтод, ки дар охири аҳди Фахруддавла баридон бардоштанд, ки ҳар рӯз сӣ ва чиҳил кас аз шаҳр берун меоянд ва бар ин «дида» мешаванд ва то офтобзардӣ он ҷо мебошанд, он гоҳ фурӯд меоянд ва дар шаҳр мепароганд ва агар касе аз эшон пурсидӣ, ки «шумо ҳар рӯз бад-ин «дида» ба чӣ кор мешавед?» Нагуфтандӣ. Фахруддавла фармуд:— Биравед ва эшонро пеши ман оред ва ҳар чӣ бо эшон бубинед, биёред. Қавме аз мукимоти даргоҳ бирафтанд ва бар он кӯҳ шуданд. Зери «дида» овоз доданд, то он ҷамоат бишуниданд, фурӯ нигаристанд. Ҳоҷиби Фахруддавларо диданд бо қавме. Нардбон фурӯ гузоштанд, то он қавм баромаданд. Нигоҳ карданд, шатранҷу нард густурда ва давоту қалам ва коғаз ниҳо-

да ва суфраи нон даровехта ва сабӯи об ва ҳасире бозафганда, гуфт: — Фахруддавла шуморо мехонад.

Эшонро овард, то пеши Фахруддавла. Қазоро Соҳибкофӣ дар пеши Фахруддавла нишаста буд. Фахруддавла эшонро пурсид, ки шумо чӣ қавмед ва ба чӣ кор ҳар рӯз бар он «дида» мешавед ва муддатхост, то бар он ҷо меравед?

Эшон гуфтанд: — Рост бигӯем, зинҳор хоҳем ва бар ҳама пӯшида нест, ки мо на дуздему на хунӣ ва на раҳзану на зани касе фиребандаем ва на фарзанди касеро ба ғуломӣ бурдаем ва на ҳаргиз касе ба сабаби муҳоле ва ранҷе пеши малик омадааст ба гила. Ва агар малик моро ба ҷон зинҳор диҳад, бигӯем, ки мо чӣ қавмем?

Фахруддавла гуфт: — Шуморо амон додаем ба ҷону ба тан ва ба хоста. Ва бад-он савганд ёд бикард, аз он чӣ бештарро мешинохт. Чун ба ҷон эмин шуданд, гуфтанд: — Мо қавми дабиронем ва мутасаррифонем муатталмонда дар рӯзгори ту ва маҳруму бенасиб аз давлати ту ва касе моро шуғл намефармояд ва нигаристе накунад ва шунавем, ки дар Хуросон подшоҳе падид омадааст, ки ӯро Маҳмуд * мехонанд. Аҳли фазлро ва ҳар киро дар вай ҳунарест ва донише доранд, харидорӣ мекунад ва зоеъ намегузорад. Акнун мо дил дар вай бастаем ва умед аз ин мамлакат бибурида, ҳар рӯз бар ин «дида» шикояти рӯзгор ба якдигар мегӯем ва ҳар кӣ аз роҳ дар-ояд, хабари Маҳмуд мепурсем ва ба дӯстони мо, ки онҷоанд, номаю мулотифа менависем ва аҳволҳо менамоем ва талаби сӯҳбати вай мекунем, то ба ҷониби Хуросон равем, ки қавме соҳибаёлонем ва дарвеш гаштаем. Ба ҳукми зарурат хонаи хеш мегузорем ва ба талаби шуғл хидмат мекунем. Ҳоли хеш гуфтем. Акнун фармон худовандрост.

Фахруддавла чун ин сухан бишунид, рӯй ба Соҳиб карду гуфт: — Чӣ мебинӣ ва моро чӣ мебояд кард бо инҳо?

Соҳиб гуфт: — Малик эшонро амон додааст ва аҳли қаламу фазланд ва мардумзода ва баъзеро банда мешиносад ва таъаллуқ ба банда доранд. Қори аҳли қаламро ба банда бозгузор то он чӣ воҷиб кунад, банда дар ҳаққи эшон кифоят кунад, чунон ки фардо хабари эшон ба хидмат расад.

Пас, ҳамон ҳоҷибро фармуданд, ки эшонро ба сарои Соҳиб бурд ва бисупурду худ бозгашт. Эшон би-

тарсиданд ва бар ҷони хеш меларзиданд, ки то Соҳиб биёяд ва эшонро чӣ уқубат кунад. Чун Соҳиб ба сарои хеш омад, дар эшон нигарист. Замоне шуд, ки фарроше биёмад ва ҳамаро бардошт ва дар ҳуҷрае бурд чун биҳишт ороста ва фаршҳои муртафеъ афганда, дастҳо ниҳода.

— Гуфт: — Бираввед ва ҳар куҷо хоҳед, бинишинед.

Эшон бирафтанд ва бар он матраҳҳо бинишастанд. Чун соате буданд ҷуллоб оварданду хон оростанд. Аз анвои хӯрданӣ биёварданд, бихӯрданд ва даст бишустанд. Шароб оварданду маҷлис биниҳоданд ва мутрибон самоъ баркашиданд. Эшон ба самоъ ва завқ машғул буданд ва берун аз се фаррош, ки хидмати эшон мекарданд, ҳеҷ касро дар он ҳуҷра роҳ набуд ва кас надонист, ки ҳоли эшон бар чӣ ваҷҳ аст ва ҳама шаҳр аз зану мард надонист аҳволи эшон ва дар ғам мебуданд ва фарзандони эшон мегиристанд. Чун рӯз ду-се бигузашт, ҳоҷибе аз они Соҳиб даромад ва гуфт: — Соҳиб мегӯяд, «донед, ки хонаи ман зиндонро нашояд, имрӯз ва имшаб меҳмони монед ва агар бо шумо зиштӣ хостандӣ кард, шуморо ба хонаи ман нафиристодандӣ». Дил фориғ доред, ки чун Соҳиб аз девон бозояд, дар тартиби шуғли шумо машғул гардад.

Дарҳол дарзиро фармуд, то сӣ ҷомаи дебо бибуррид ва сӣ асб бо зинҳо рост карданд. Дигар рӯз, ки офтоб баромад, он ҳама пардохта буд, ҳамаро пеши худ хонд ва ҳар якеро ҷомаю дасторе ва асбею сохте бидод ва ба шуғле номзад кард ва баъзеро идрор фармуд ва ҳамгинонро силат дод ва ба хушнудӣ ба хонаҳои эшон фиристод. Дигар рӯз ба саломи Соҳиб омаданд, гуфт:— Акнун мултафа манависед ба Маҳмуд ва заволи мамлакату малик махоҳед ва шикоят макунед.

Чун Соҳиб пеши Фахруддавла шуд, пурсид, ки «бо он ҷамоат чӣ кардед?» Гуфт: — Эй худованд, ҳар якеро асбе ва сохте ва якдаст ҷома бидодам ва нафақа низ бидодам ва ҳар кӣ дар ин девон ду шуғл дошт, яке биситадаму бо эшон додам, чунон ки ҳамаро бо амали шоиста ва дархӯр, боз ба хонаҳо фиристодам.

Фахруддавларо хуш омаду биписандид ва гуфт: — Агар ҷуз ин кардӣ, нашоистӣ ва кошкӣ он ки имсол кардаӣ, пеш ба ду сол карда будӣ, то эшонро ба мухолифа рағбат наяфтодӣ.

Баъд аз ин набояд, ки мардеро ду амал фармоянд, илло мардеро амале, то ҳама амалҳо бо равнақ бо-

шанд. Ва дигар ду-се амал як мардро мафармой, ки айш бар мутасаррифон танге шавад ва айбҷӯёну соҳиб-тарафон гӯянд, дар шаҳру мамлакати эшон мард на-мондааст, ки мардеро ду шуғл мефармоянд ва ба беки-фоятии мо ҳамл кунанд ва набинӣ, ки бузургон гуфта-анд: «Ликуллӣ амалин риҷолу».

Ва дар мамлакат шуғлҳои бузург бошад ва хурду миёна, ҳар омиле мутасаррифпешаеро бар андозаи ки-фоят ва фазлу андозаи олат як шуғл мефармой ва агар касе як шуғл дорад ва шуғле дигар хоҳад иҷобат на-кунанд, то ин расми мӯҳдас аз мамлакат бияфтад ва чун ҳама мутасаррифон бо амал бошанд, мамлакат ободон шавад. Дигар он ки мулк ба уммол ороста бо-шад ва бузургони сипоҳ ва сари ҳама омилон ва му-тасаррифон вазир бошад ва ҳар он гоҳ, ки вазир бад бошад ва золиму дароздаст, уммол ҳама ҳамчунон бо-шанд. Ва агар омиле тасаррруфи нек донад ва дабирию муставфӣ ва муомилатшиносе бошад, ки дар ҳама ҷа-ҳон назир надорад, чун бадмазҳаб бошад ва бадкеш, чун... тарсову габр, мусулмононро ба баҳонаи ҳисоб ва амал ранҷ намоянд ва истихфоф кунанд. Чун мусулмо-нон аз ин кеши баду мазҳаби бад тазаллум кунанд ва бинолaнд, ӯро маъзул бояд кард ва молиш бояд дод ва бад-он машғул набояд шуд, ки гӯянд дар ҳама ҷа-ҳон дабирӣ ва муҳосабӣ ва омилӣ бакифоятгар аз ин нест. Агар ин аз миён бархезад, ҳама муомилат ба зиён ояд ва ҳеҷ кас ин шуғл натавонад кард, дурӯғ гӯянд. Ин сухан набояд шунид ва ӯро бо дигарӣ бадал бояд кард...

Гуфтем, ки уммол ва шуғли эшон тааллуқ ба вазир дорад. Ва вазири нек подшоҳро некӯном ва некӯсират гардонад ва ҳар подшоҳе, ки ӯ бузург шуд ва бар ҷа-ҳониён фармон ёфт ва то қиёмат номи ӯ ба некӣ ме-баранд, ҳама он буданд, ки вазирони нек доштандӣ ва пайғомбарон... ҳамчунин Сулаймон * чун Осафи Бар-хиё * дошт ва Мӯсо... чун Ҳорун ва Исо * чун Шамъ-ун * ва Мустафо *... чун Абӯбакри Сиддиқ... ва аз под-шоҳони бузург чун Кайхусрав * ва Гударс * ва Ману-чеҳрро * чун Сом * ва Афросиёбро * Пирони Виса * ва Гуштоспро * чун Ҷомосп * ва Рустам чун Зaвора ва Баҳроми Гӯрро * чун Хӯразӯр ва Нӯширвони Одилро * чун Бузарҷмеҳр * хулафои Бании Аббосро * чун Оли Бармак * ва Сомониёнро * чун Балъамиён ва Султон Маҳмудро * чун Аҳмади Ҳасан * ва Фахруддавларо *

чун Соҳиб Аббод * ва Султон Туғралро * чун Абунасри Кандарӣ ва султон Алпарслонро * ва султон Маликшоҳро * чун Низомулмулк Алҳасан ва монанди ин бисьёранд.

Аммо вазир бояд, ки покдин ва покэътиқод ва ҳанафимазҳаб бошад, ё шофеимазҳаб ва соҳибқаламу подшоҳдӯст бувад. Ва агар вазирзода бошад, бузургвортар ва муборактар, ки аз рӯзгори Ардашери Бобакон * то рӯзгори Яздгурди * Шаҳриёр, то охири мулуки аҷам ҳамчунон ки подшоҳ фарзанди подшоҳ боистӣ, вазир ҳам фарзанди вазир боистӣ. Ва то ислом дарнаёмад, ҳамчунин буд. Чун мулк аз хонаи мулуки аҷам бирафт, вазорат аз хонаи вузаро берун рафт.

## ҲИКОЯТ

Чунин гӯянд, ки рӯзе Сулаймон ибни Абдулмалик * бор дода буд. Ва бузургони давлату надимони ӯ ҳозир буданд ва бар забони ӯ чунин рафт, ки «мулки ман агар аз мулки Сулаймон ибни Довуд * бештар нест, камтар ҳам нест, илло он ки ӯро бо деву парӣ ва вуҳушу туюр фармон буд ва маро нест ва он ганҷу таҷаммул ва зинат ва мамлакату лашкар ва фармонравоӣ, ки мароcт, имрӯз дар ҳама олам кирост ва ё пеш аз ман киро буд ва чӣ дармебояд дар подшоҳии ман, ки надорам?»

Яке аз бузургон ӯро гуфт: — Беҳтарин чизе, ки дар мамлакат дарбояд ва подшоҳон доштаанд, малик надорад. Гуфт: — Чӣ гуна? Он чӣ чиз аст, ки ман надорам? Гуфт: — Он вазире, ки дархӯрди ту бошад, надорӣ. Ту подшоҳӣ ва подшоҳзода ва туро вазире бояд вазирзода, кофӣ, ки «даҳ падари ӯ» вазир буда бошанд. Гуфт: — Дар ҷаҳон вазире бад-ин сифат ба даст ояд? Гуфт: — Ояд. Гуфт: — Куҷо? Гуфт: — Ба Балх. Гуфт: — Он Ҷаъфари Бармак * аст ва падарони ӯ то Ардашери Бобакон * вазирон будаанд ва «Навбаҳори Балх», ки оташкадаи қадимӣ аст, бар эшон вақф аст. Чун ислом падид омад ва давлат аз хонадони Мулуки Аҷам бирафт, падарони ӯро ба Балх мақом афтод ва ҳамон ҷо бимонданд, вазорат эшонро маврус аст ва китобҳост эшонро дар тартиб ва сияри вазорат ниҳода, ки чун фарзандони эшон хату адаб биёмӯхтандӣ, он кутуб бад-эшон додандӣ, то ёд гирифтандӣ ва сирати писа-

рони эшон чун сирати падарони эшон будӣ. Дар ҳама маонӣ ирси вазорат эшонро шояд.

Ва аз Бани Умия ва Бани Марвон * ҳеҷ подшоҳе бузургтар ва тавонгартар аз Сулаймон ибни Абдулмалик * набуд.

Чун ин сухан бишунид, дил дар он баст, ки Ҷаъфари Бармакро аз Балх биёранд, то вазорати хеш бад-ӯ диҳад. Андешид, ки ҳанӯз магар габр бошад. Пас, пурсид, ки мусулмон шудааст? Гуфт: — Оре.

Шояд шуд ва нома фиристод ба волии Балх, то Ҷаъфарро ба Димишқ фиристад ва агар сад ҳазор динор бояд дар баргу таҷаммули ӯ бидиҳанд ва ӯро ба ҷалолати ҳар чӣ тамомтар ба ҳазрат фиристанд. Пас, волии Балх чун фармон бихонд, Ҷаъфарро сӯи Димишқ фиристод ва ба ҳар шаҳре, ки расидӣ, бузургони шаҳр истиқбол кардандӣ ва ҳам бар ин гуна омад, то Димишқ. Ва чун ба Димишқ расид, савои Сулаймон ибни Абдулмалик, ҳама бузургони давлат ва сипоҳ ба истиқболи ӯ шуданд ва ӯро ба ҳашмати ҳар чӣ тамомтар дар шаҳр бурданд ва ба сарои ҳар чӣ некӯтар фурӯд оварданд. Ва баъд аз се рӯз ӯро пеши Сулаймон ибни Абдулмалик бурданд. Чун чашми Сулаймон бар вай афтод, ба дидору манзараш хуш омад. Чун Ҷаъфар бар айвон омад, ҳоҷибон ӯро ба мартабат пеши тахт бурданду биншонданд ва боз пас омаданд. Чун Ҷаъфар рост биншаст, Сулаймон тез дар ӯ нигарист ва пас рӯй турш кард ва ба хашм гуфт: — Бархез аз пеши ман!

Ҳоҷибон ӯро баргирифтанд ва бозгардониданд. Ҳеҷ кас надонист, ки сабаби он чӣ буд? То намози пешин кард ва нишоти шароб кард ва бузургони давлат ҳозир омаданд ва нудамо биништанд ва даст ба шароб бурданд. Ва давре чанд бигашт ва хуш биистод. Чун диданд, ки Сулаймон хеш даромад, яке аз хавос гуфт:— Малик Ҷаъфари Бармакро бо чандин эъҷозу икром аз Балх бифармудӣ, то оваранд аз ҷиҳати шуғли бузург. Чун дар пеши амиралмӯъминин биншаст, ҳам нахустин бор дарҳол ӯро сард кард. Сабаби он чӣ буд, ки бандагон дар таажҷуб бимонданд?

Сулаймон гуфт: — Агар на он будӣ, ки марди бузургзода аст ва аз роҳи дур омадааст, бифармудаме, то гардани ӯ бизадандӣ ҳамон соат, ки бо хештан заҳри қотил дошт ва ҳам нахустин бор, ки пеш омад, заҳр тӯҳфа овард.

Яке аз бузургон гуфт: — Маро дастуре диҳед, то пеши ӯ равам ва аз ин ҳол бозпурсам, то худ чӣ гӯяд, муқир оянд, ё мункир шавад. Гуфт: — Бирав.

Дарҳол бархост ва ба назди ӯ шуд. Ва аз ӯ пурсид, ки «ту имрӯз чун пеши Сулаймон рафтӣ, захр доштӣ бо хештан?» Гуфт: — Бале ва ҳанӯз дорам. Инак дар нигини ангуштарии ман аст ва падарони ман ҳамчунин доштаанд ва ин ангуштарӣ маро аз падар ёдгор ва мерос шудааст. Ва бад-ин ангуштарӣ падарони ман ҳаргиз ба масал мӯрчае наёзурдандӣ, то ба ҳалоки одамӣ чӣ расад. Вале аз ҷиҳати ҳазму эҳтиёти кор хешро доштаанд. Ва амирону подшоҳон бисьёр вақте маро аз ҷиҳати молу хоста ранҷҳо расонидаанд ва шиканҷаҳо карда. Дар ин ҳол, ки Сулаймон * маро бихонд, маро ба ҳақиқат маълум набуд, ки ба сабаби чӣ хондааст. Ман андешидам, ки агар аз ман ганҷ талаб кунад, ё чизе хоҳад, ки вафо натавонам кард, ё ранҷе расонад, ки тоқати он надорам, нигини ангуштарӣ ба дандон барканам ва захр бихӯрам, то аз ҳама ранҷу мазаллат бозраҳам.

Он мард чун аз вай сухан бар ин ҷумла шунид, дарҳол бозгашт ва дар пеши Сулаймон омад, ин моҷаро бозгуфт. Сулаймон аз ҳазму эҳтиёти ӯ ва бедориву ҳушьёрии Ҷаъфар * аҷаб монд ва дил бар вай хуш кард ва узри вай бипазируфт ва фармуд, то маркаби хоси вай бибаранд ва бузургон ба дари сарои ӯ раванд ва ӯро бо ҷалолу икром ба даргоҳ оранд. Пас, дигар рӯз ҳамчунин карданд. Пеши Сулаймон омад. Сулаймон ӯро даст доду аз ранҷи роҳ бипурсид ва бисьёр бузургӣ намуду некӯӣ гуфт ва бинишондаш. Ва ҳам дарҳол хилъати вазорат пӯшонидаш ва давот пеш ниҳодан фармуд, то чанд нишон дар пеши ӯ бикард. Ва ҳаргиз Сулаймонро бад-он хуррамӣ надида буданд, ки он рӯз. Чун аз боргоҳ бархост, нишоти шароб кард ва маҷлисе биёростанд аз зарру ҷавоҳир ва фаршҳои заркашида бофта, ки ҳаргиз ҷаҳониён чунон надида буданд ва ба маҷлис биншастанд. Дар миёни хуррамӣ Ҷаъфар аз Сулаймон * пурсид, ки аз миёни чандин ҳазор мардум, малик аз чӣ донист, ки банда бо худ заҳр дорад? Сулаймон гуфт: — Чизе бо ман аст, ки бар ман аз ҳар чӣ дар хизона аст ва ҳар чӣ дорам, азизтар аст ва ҳаргиз аз хештан ҷудо накунам ва он ду мӯҳра аст монанди ҷазъ аст ва на ҷазъ аст. Ва аз хизонаи мулук ба дасти ман афтодааст ва бар бозуи ман бастааст ва

хосияташ он аст, ки ҳар куҷо заҳр бошад бо касе ва агар дар таому шароб заҳр кунанд, чунон ки бӯи заҳр бад-ӯ расад, дар ҷунбиш оянд ва бар якдигар задан гиранд ва беқарор шаванд ва ман ба он аломат донам заҳрро, ки дар маҷлиси ман бошад ва ин мӯҳраҳоро ба эҳтиёт дорам. Чун ту пой бар айвон ниҳодӣ, мӯҳраҳо ҷунбидан гирифт. Ҳарчанд пештар меомадӣ, ҷунбиши эшон батар мешуд. Чун дар пеши ман нишастӣ, худро ба якдигар мезаданд. Ва маро ҳеҷ шак намонд, ки заҳр бо туст ва агар каси дигар ба ҷои ту будӣ, ҳеҷ ибқо накардаме ва чун туро бозгардониданд, мӯҳраҳо сокин шуд. Он гоҳ аз бозу бикушод ва бад-ӯ намуд.

Гуфт: — Ту ҳаргиз чизе аз ин аҷибтар дидаӣ?

Ҷаъфар ва ҳама бузургон дар он мӯҳраҳо ба таааҷҷуб нигоҳ мекарданд. Пас, Ҷаъфар гуфт: — Ман дар зиндагонии худ ду аҷиб дидаам, ки мисли он надидаам; яке ин ки бо малик ҳамебинам ва дигар он ки бо малики Табаристон дидам.

Сулаймон гуфт: — Чӣ гуна дидӣ? Бозгӯй то бишунавам.

## ҲИКОЯТ

Ҷаъфар гуфт: — Чун фармони малик расид ба волии Балх, то бандаро ба ҷониби Димишқ гусел кунад. Банда барг бисохт ва рӯй ба ҷониби хидмат ниҳод ва аз Нишопур оҳанги Табаристон кард, ки он ҷо бизоате дошт. Чун ба Табаристон расид, малики Табаристон истиқбол кард ва бандаро ба шаҳри Омул даровард ва дар сарои хеш нузул фармуду нузл фиристод ва ҳар рӯз ба хони дигар бурдаме ва ба тамошое, ҳамчунин рӯзе дар миёни хуррамӣ бандаро гуфт: — Ту ҳаргиз тамошои дарьё кардаӣ? Гуфтам: — На. Гуфт: — Фардо ба тамошои дарьё меҳмони манӣ. Гуфтам: — Фармон турост.

Бифармуд, то маллоҳон фардо киштиҳо рост кунанд ва сохта бошанд. Дигар рӯз бандаро ба лаби дарьё бурд ва дар киштӣ нишастем ва мутрибон самоъ баркашиданду маллоҳон киштиҳо ронданд ва соқиён шароб мепаймуданд ва ману малик ба якдигар нишаста будем, чунон ки миёни мо восита набуд ва ангуштарие дар ангушт дошт. Нигини ӯ аз ёқути сурх, ғоят некӯ, чунон ки банда аз он некӯтар надида буд. Аз ҷиҳати некӯӣ банда ҳар замон дар ангушти ӯ нигоҳ ме-

кардам. Чун малик дид, ки дар ангуштарии ӯ нигоҳ мекунам, аз ангушт берун кард ва пеши ман андохт. Ман хидмат кардам ва бӯса додаму пеши малик биниҳодам. Малик бардошт ва пеши ман ниҳод ва гуфт: — Ангуштарӣ, ки аз ангушти ман берун омад бар сабили бахшиш ва ато, боз ба ангушти ман наёяд. Ман гуфтам: — Ин ангуштарӣ ҳам ангушти маликро шояд.

Ва пеши малик бозниҳодам. Малик боз пеши банда ниҳод. Аз баҳри он ки ангуштарӣ бас гаронмоя ва некӯ буд, гуфтам: — Ин дар миёни шароб медиҳад. Мабодо, ки дар ҳушьёрӣ пушаймон шавад ва дилаш ба ранҷ ояд.

Ангуштарӣ боз пеши малик ниҳодам. Малик ангуштариро бардошт ва дар дарьё андохт. Ман гуфтам: — Оҳ, агар донистаме, ки малик ба ҳақиқат дар ангушт нахоҳад кард ва дар дарьё хоҳад андохт, боре ман бипазируфтаме, ки ман ёқут ҳаргиз чунон надидам.

Малик гуфт: — Ман чанд бор пеши ту ниҳодам, чун дидам, ки ту дар он бисьёр менигарӣ, аз ангушт берун овардам ва ба ту бахшидам. Ва агарчӣ он ангуштарӣ некӯ буд, ба чашми ман, агар ба чашми ту аз он некӯтар набудӣ, набахшидаме. Гуноҳ туро бувад, ки напазируфтӣ. Чун ба дарьё андохтам, дареғ меҳӯрӣ, валекин чорае бикунам, то магар ба ту бирасонам.

Ғуломеро гуфт: — Бирав ва дар завраке нишин. Чун ба канораи дарьё расӣ, бар асбе нишин ва тозиён мерав, то ба сарой ва хазинадорро гӯ, ки «фалон сандуқи симинро меҳоҳанд». Биситон ва ба тааҷҷил биёвар.

Ва пеш аз он ки ғуломро фиристод, маллоҳро фармуд, ки лангарҳоро фурӯҳил ва киштиҳоро бар ҷой бидор, то бигӯям, чӣ бояд кард. Маллоҳ ҳамчунин кард ва шароб меҳӯрдем, то ғулом даррасид ва он сандуқ пеши малик ниҳод. Малик сари кисае, ки бар миён дошт, бикушод ва калиди симинро баркашиду қуфл бикушод ва даст дар сандуқ кард ва моҳие зар баровардy дар дарьё андохт. Моҳии заррин зери об шуду ғӯта хӯрд ва ба қаъри дарьё расиду аз чашм нопадид шуд. Замоне буд, бар сари об омад, он ангуштарӣ дар даҳон ниҳода. Малик маллоҳеро фармуд, то завракеро он ҷо токт ва моҳиро бо ангуштарӣ бигирифт ва ҳамчунон пеши малик овард. Малик ангуштарӣ аз даҳони моҳӣ биситаду пеши ман андохт. Ман хидмат кардам ва ангуштарӣ бардоштаму дар ангушт кардам ва малик он моҳиро дар сандуқ ниҳод ва қуфл барафганд ва ка-

лид ба киса ниҳоду ба хона фиристод ва мо ҳама мутаҳайир мондем.

Пас, Ҷаъфар гуфт: — Инак, ангуштарӣ дар дасти ман аст.

Берун кард ва пеши Сулаймон ниҳод ва гуфт: — Эй худованд, ангуштарӣ ин аст.

Сулаймон бардошт ва бидид ва боз бад-ӯ андохт.

Гуфт: — Ёдгории чунон марде зоеъ натавон кард. Ғараз аз ин китоб на ин ҳикоят аст, лекин чун ҳикоят ғариб ва мувофиқ афтод, ёд карда шуд.

Мақсуд аз ин боб он аст, ки чун рӯзгори нек фароз ояд, замонаи бемор беҳ гардад, нишонаш он бошад, ки подшоҳи нек падид ояд ва муфсидонро кам гардонад ва ройҳояш савоб афтад, вазиру пешкоронаш нек бошанд ва асил. **Ва ҳар коре якеро фармоянд ва ду кор як касро нафармоянд. Ва бадмазҳабонро заиф кунанд ва покмазҳабонро баркашанд.** Ва золимонро дасткӯтоҳ кунанд ва роҳҳо эмин доранд. Ва аз подшоҳ лашкару раият тарсанда бошанд ва бефазлонро ва беаслонро амал нафармоянд ва кӯдаконро барнакашанд. Ва тадбир бо пирону доноён кунанд ва сипаҳсолорӣ ба пирони кордида диҳанд, на ба ҷавонони навхоста. «Мардро ба ҳунар харидорӣ кунанд, на ба зар». Оинро ба дунъё мафурӯшанд ва ҳама корҳо ба қоидаи хеш бозтаранд. Ҳар касро ба андозаи вай бидоранд, то корҳои оиниву дуньявӣ бар низом бошад. Ва ҳар чӣ бар хилофи ин бувад, подшоҳ рухсат надиҳад ва камобеши корҳо ба терозӯи адл ва шамшери сиёсат рост кунад.

#### ФАСЛИ ЧИҲИЛУ СЕЮМ

## АНДАР МАЪНИИ АҲЛИ СИТР ВА САРОИ ҲАРАМ ВА ҲАДДИ ЗЕРДАСТОН ВА ТАРТИБИ ОН

Набояд, ки зердастони подшоҳ зabардаст шаванд, ки аз он халал таваллуд кунад ва подшоҳӣ бе фарру шукӯҳ монад. Хосса занон, ки аҳли ситранд... ва ғараз аз эшон гавҳари насл аст. Ва ҳар кӣ аз эшон асилтар-беҳтар ва ҳар кӣ мастууртар-сутудатар. Ва ҳар гоҳ, ки занони подшоҳ фармондеҳ шаванд, ҳама он фармоянд, ки соҳибғаразон эшонро биёмӯзанд ва бишунавонанд ва ба раъюлайн чунон ки мардон аҳволи берун пайваста мебинанд, эшон натавонанд дид ва пас ба мӯҷиби гӯ-

яндагон, ки дар пеши кори эшон бошанд, чун ҳоҷиба ва холима фармон диханд. Лобад фармони эшон хилофи ростӣ бошад ва аз он ҷо фасод таваллуд кунад ва ҳашмати подшоҳро зиён дорад ва мардумон дар ранҷ афтанд ва халале дар мулку дин дар-ояд ва хостаи мардум талаф шавад ва бузургони давлат озурда гарданд...

## ҲИКОЯТ

Судоба*, зани Кайковус*, бар ӯ мусаллат шуда буд. Чун Кайковус кас ба Рустам фиристод, ки Сиёвушро* чун бузург кардӣ ва одоби шоҳӣ дар ӯ омӯхтӣ, ба манаш фирист, ки маро орзӯи фарзанд мекунад. Рустам * Сиёвушро пеши Кайковус фиристод ва сахт некӯрӯй буд ва Судоба аз паси парда ӯро бидиду бар вай фитна шуд. Кайковусро гуфт, ки «Сиёвушро * бифармой, то дар шабистон ояд, то хоҳарон ӯро бубинанд». Кайковус гуфт: — Дар шабистон шав, то хоҳарон туро бубинанд.

Сиёвуш гуфт:— Фармон худовандрост, валекин эшон дар шабистон беҳтар бошанд ва банда дар айвони худованд.

Чун дар шабистон шуд, Судоба қасди ӯ кард, ӯро ба хештан кашид ба маънии фасод. Сиёвушро хашм омад, хештанро аз дасти ӯ бираҳонд ва аз шабистон берун омад ва ба сарои хеш шуд. Судоба тарсид, ки магар пешдастӣ кунам ва пеши Кайковус рафт. Гуфт:— Сиёвуш қасди ман кард ва дар ман овехт ва ман аз дасти ӯ биҷастам.

Кайковусро аз Сиёвуш хашм омад ва дил гарон кард. Ва ин гуфтугӯй ба ҷое анҷомид, ки Сиёвушро гуфтанд: — Туро ба оташ савганд бояд хӯрдан, то дили подшоҳ бар ту хашм нагираду хуш шавад. Гуфт: — Фармон шоҳрост, ҳар чӣ фармояд истодаам.

Пас, чандон ҳезум дар саҳро биниҳоданд, ки ним фарсанг дар ним фарсанг бигирифт ва оташ андарзаданд. Чун оташ зӯр гирифт ва ба болой кӯҳе шуд, Сиёвушро гуфтанд: — Ҳин, даррав.

Сиёвуш бар пушти Шабранг нишаста буд. Номи худои таоло бурд ва асб дар оташ ҷаҳониду нопайдо шуд. Замоне нек даргузашт: Аз он ҷониби оташ берун омад, чунон ки як тори мӯй бар андом табоҳ нашуд ва на асби ӯро осеб расид. Ва ҳамаи халқ дар шигифт бимон-

данд. Ва мӯбадон аз он оташ бигирифтанду ба оташкада бурданд ва ҳанӯз он оташ зинда аст ва бар ҷой аст, ки ҳукм кард ба ростӣ. Баъд аз он Қайковус Сиёвушро Балх доду фиристод ва Сиёвуш ба сабаби Судоба дил аз падар озурда буд ва зиндагонӣ ба ранҷ мегузошт ва дар дил кард, ки дар вилояти Эрон набошад ва месиголид, ки ба Ҳиндустон равад, ё ба Чину Мочин. Пирони Виса *, ки вазир ва сипаҳсолори Афросиёб * буд, аз рози дили Сиёвуш хабар ёфт. Хештанро бар вай арз кард ва аз Афросиёб ҳама некӯӣ дархост ва ӯ дарпазируфт ва дар аҳд шуд. Гуфт: — Хона якест ва гавҳари ҳар ду яке ва Афросиёб ӯро аз фарзанд гиромитар дорад ва ҳар гаҳ хоҳад, ки дил хуш кунад ва ба эронзамин равад, Афросиёб дар миён шавад ва бо Қайковус васиқате маҳкам кунад. Ӯро бо ҳазорон эъҷозу икром пеши падар фиристад.

Сиёвуш аз Балх ба Туркистон шуд ва Афросиёб духтари хешро бад-ӯ дод ва ӯро гиромитар аз фарзандон медошт, то Гарсеваз, ки бародари Афросиёб буд аз найранг ва адовати Сиёвуш пеши Афросиёб суратҳо баст ва ӯро гунаҳкор кард ва Сиёвуши бегунаҳ дар Туркистон кушта шуд. Ва гиристану шеван дар Эрон афтод ва ялон барошуфтанд. Ва Рустам аз Систон ба ҳазрат омад ва бедастуре дар шабистони Қайковус бирафт ва Судобаро гесӯ бигирифт ва бадар кашид ва ба шамшер пора-пора кард. Ва касро заҳраи он набуд, ки гуфтӣ: «Нек кардӣ, ё бад кардӣ».

Пас, ҷангро миён бастанд ва ба кин хостани Сиёвуш ба Туркистон рафтанд ва чандин сол ҷанг карданд ва чандин ҳазор сар аз ҳар ду ҷониб бурида шуд.

Сабаби ин ҳама кирдори Судоба буд, ки бар подшоҳ ҳоким буд...

## ҲИКОЯТ

Дар таърих омадааст, ки чу Искандар * аз Рум биёмад ва Дорой ибни Доро *, ки аз Мулуки Аҷам буд, бишикаст ва Доро дар ҳазимат шуд ва хидматгори аронии ӯ ӯро бикушт. Ва Доро духтаре дошт некӯрӯй ва боҷамол, хоҳараш ҳамчунин некӯрӯй буд ва чанд духтар, ки дар сарои ӯ буданд, Сикандарро гуфтанд: — Сӯи шабистони Доро гузаре кун, то моҳрӯёни паринайкаронро бубинӣ, хосса духтари Доро, ки дар ҳусн ӯро назире нест.

Ва ғараз аз ин гӯяндагонро он буд, то Сикандар духтари Доро бубинад. Чун бубинад, бегумон ӯро ба занӣ кунад. Сикандар ҷавоб дод, ки «мо мардони ӯро бишикастем, набояд, ки занони эшон моро бишикананд». Иҷобат накард ва дар шабистони Доро нарафт.

Ва дигар ҳадиси Хисрав * ва Ширин * ва Фарҳоди Самрӣ * маъруф аст, ки чун Хисрав Ширинро чунин дӯст дошт ва инон ба дасти Ширин дод ва ҳама он кард, ки ӯ гуфт. Лоҷарам, Ширин далер гашт ва бо чун ӯ подшоҳе майл ба Фарҳод кард.

## ҲИКОЯТ

Бузарҷмеҳрро * пурсиданд, ки сабаб чӣ буд, ки подшоҳии Оли Сосон * вайрон гашт ва ту тадбиргари ӯ будӣ ва имрӯз ба ройю тадбир ва хираду дониш туро дар ҷаҳон назире нест.

Гуфт:— Сабаб ду чиз буд; яке он ки Оли Сосон корҳои бузург ба кордорони хурд ва нодон гумошта буданд ва дигар аҳли донишу хирадмандонро харидорӣ накарданд ва кор бо нодону кӯдакон гузоштанд ва ин ҳардуро хираду дониш набошад ва ҳар он гоҳ, ки кор бо нодону кӯдакон афтад, бидон, ки подшоҳӣ аз хона бихоҳад шуд...

## ҲИКОЯТ

Гӯянд, ки дар рӯзгори Бани Исроил фармон чунон буд, ки чиҳил сол ҳар кӣ тани худро аз гуноҳ нигоҳ дорад ва рӯза дораду намоз ба вақти хеш гузорад ва ҳеҷ касро наёзорад, се ҳоҷати ӯ ба наздики худои таоло раво шавад аз ҳар чӣ хоҳад. Марде буд аз Бани Исроил порсою некмард. Номи ӯ Юсуф * ва зане порсою мастура дошт, номи ӯ Кирсиф. Ин Юсуф чиҳил сол бар ин гуна тоат ҳамедошт ва ибодати худои таоло мекард, то ибодат ба сар бурд. Бо худ андеша кард, ки акнун чӣ чиз хоҳам аз худои таоло? Дӯсте бояистӣ, то ба вай тадбир кардаме, то чӣ чиз хоста шудӣ, ки он беҳтар будӣ. Ҳарчанд меандешид, каси мувофиқ ёдаш наёмад. Дар хона шуд, чашмаш бар зан афтод, гуфт: — Дар ҳама ҷаҳон маро ҳеҷ кас аз ин дӯсттар надорад ва ҷуфти ман аст ва модари фарзандони ман аст ва некии вай некии ман аст ва аз ҳама халқ маро беҳтар хоҳад. Савоб он аст, ки ин тадбир бо вай бикунам.

Пас, занро гуфт: — Бад-он ки ман ин тоат чиҳил сол ба сар бурдам ва се ҳоҷати ман равост. Дар ҳама ҷаҳон маро аз ту некхоҳтар касе нест, чӣ хоҳам аз худои азза ва ҷалла?

Зан гуфт: — Донӣ, ки маро низ дар ҳама ҷаҳон туӣ ва чашмам ба ту равшан аст ва занон тамошогоҳ ва киштзори мардон бошанд. Дили ту ҳамеша аз ман хуррам бошад ва айши ту аз суҳбати ман хуш. Аз худои азза ва ҷалла бихоҳ, то маро, ки ҷуфти туам, ҷамоле диҳад, ки ҳеҷ занро надода бошад, то ҳар вақт, ки аз дар дарой, маро бо ин ҳусну ҷамоле бинӣ, дили ту хуррам шавад ва моро умре, ки мондааст, ба хуррамӣ ва созгорӣ ба сар барем.

Мардро ҳадиси зан хуш омад. Дуо карду гуфт: — Ё раб, ин зани маро ҳуснею ҷамоле деҳ, ки ҳеҷ занеро надодаӣ.

Эзидтаоло дуои ӯро иҷобат кард. Зани ӯ дигар рӯз, ки аз ҷомаи хоб бархост, на он зан буд, ки шабона хуфта буд. Сурате гашта буд, ки ҷаҳониён ба некии ӯ надида буданд, Юсуф, ки ӯро бад-он ҷамол бидид, мутаҳайир бимонд ва аз шодӣ дар пӯст намеғунҷид. Ва ин занро ҳар рӯз ҷамолу некӯӣ бештар ҳамебуд. Сари ҳафта ба ҷое расид ҳусну ҷамоли ӯ, ки ҳеҷ бинандае дар ӯ натавонистӣ нигарист. Хабари некӯии ӯ дар ҷаҳон бипароганд ва мардону занон аз шаҳру русто аз ҷойгоҳи дур ба назораи дидори ӯ ҳамеомаданд. Пас, рӯзе дар оина менигарист ва ҷамоли хеш дид ва дар сурату рӯю мӯю лабу дандон ва чашму абрӯи хеш тамошо мекард ва аҷабею такаббуре дар дил овард ва гуфт: — Имрӯз дар ҳама ҷаҳон кист чун ман ва ин ҳусну ҷамол, ки марост, кирост? Ман дархӯрди ин мард наям, марди дарвеш, ки нони ҷавин хӯрад ва аз неъмати дунъё баҳрае надорад ва зиндагонӣ ба сахтӣ барад. Ва ман дархӯрди подшоҳони рӯи заминам. Агар маро бубинанд, дар зарру дебо гиранд ва маро иззу ноз дар даст доранд.

Аз ин маънӣ ҳавас дар сари ин зан шуд. Бо шӯй носозгорӣ ва бадхӯӣ пеша гирифт ва бефармонию лаҷоҷ ва андеша ва сақат гуфтану ҷафо кардан дар сар гирифт. Вай ҳар замон шӯйро гуфтӣ, ки «ман чӣ дархӯри туам? Ту нон чандон надорӣ, ки сер бихӯрӣ!» Чаҳор кӯдаки тифл дошт. Аз шавҳар дил баргирифт ва аз шустушӯю хӯрдухуфт ва пухти эшон даст бидошт. Ва аз бадсозгорӣ ба ҷое расид, ки Юсуф ба ҷон омад ва

сахт андармонд ва рӯй ба осмон карду гуфт: — Ё раб, ин занро хирс гардон.

Ин зан дарзамон хирс шуд ва накол гашт ва пайваста гирди ин дару бом гардидӣ ва аз ин хона дур нашудӣ. Ва ҳама рӯз аз чашмаш об медавидӣ ва Юсуф * аз доштани фарзандону кӯдакон оҷиз омад ва сахт бетоқат шуд. Чунон дармонд, ки аз парастиш ва тоат баромад ва намозаш аз вақт ҳамешуд. Дигар бора дармонд, оҷиз гашт. Зарураташ ба ҷое расид, ки рӯй ба осмон карду гуфт:—Худоё, ин хирсгаштаро ҳамчунон зане гардон, ки буд ва дили қонеаш бидеҳ, то бар сари ин кӯдакони хурд ҳамебошад ва тимори эшон ҳамедорад, чунон ки буд, то мани банда ба ибодати туҳудои азза ва ҷалла машғул бошам.

Дарҳол ҳамон зан гашт, ки буд. Ба тимор доштани кӯдакон машғул шуд. Ва ҳар гаҳ, ки аз ин ҳол ёд овард, пиндоштӣ, ки ба хоб дида будӣ...

## ДАР МАЪНИИ ЗЕРДАСТОН

Эзидтаоло подшоҳро забардасти ҳамаи мардумон офаридааст ва ҷаҳониён ҳама зердасти ӯ бошанд ва нонпораю бузургӣ аз ӯ доранд. Бояд ки эшонро чунон дорад, ки ҳамеша аҳли салоҳ ва хештаншинос бошанд ва ҳалқаи бандагӣ аз гӯш берун накунанд ва камари тоат аз миён накушоянд ва ҳар вақт эшонро бад-эшон менамоянд ба зиштӣ ва некӯӣ, то хештанро фаромӯш накунанд ва низ ризо надиҳанд, то ҳар чӣ хоҳанд, кунанд ва андозаю маҳалли ҳар як медонанд ва аҳволи ҳар як пурсида медоранд, то пой аз хатти фармон берун нанИҳанд ва ҷуз он накунанд, ки мисол ёфтаанд, чунон ки Бузарҷмеҳри Бахтагон* рӯзе дар пеши Нӯширвон * гуфт: — Вилоят маликрост ва малик вилоят ба лашкар додааст. Ва агар лашкар бар вилояти малик меҳрубон набошанд ва бар мардуми вилоят раҳмату шафқат надоранд ва ҳама дар он кӯшанд, ки кисаи хеш пурзар кунанд ва ғами вайронии вилоят ва дарвешии раият нахӯранд ва ҳар гоҳ ки лашкарро дар вилоят захму банду зиндон ва дасти ғазабу ҷиноят ва азлу тавлият бошад, он гоҳ чӣ фарқ бошад миёни малику эшон, ки ҳамеша ин кори мулук будааст, на кори лашкар. Ва ризо надодаанд, ки лашкарро ин қуввату

тамкин бошад ва дар ҳама айём тоҷи заррину рикоби заррин ва тахти заррин ва сикка ҷуз подшоҳонро набувад.

Ва дигар гуфт: — Агар малик мехоҳад, ки ӯро бар ҳама мулук фазл бувад, ахлоқи хешро ороста ва музаҳҳаб гардонад ва хислатҳои хеш нек гардонад ва аз хислати бад дур бошад. Гуфт: — Қадоманд? Гуфт: — Хислатҳои бад ин аст; ҳиқд, ҳасад, кибр, ғазаб, шаҳват, ҳирс, амал, лаҷоҷ, дурӯғ, бухл, хӯи бад, зулм, худкомӣ, шитобзадагӣ носипосӣ, сабуксорӣ.

Аммо хислатҳои нек: ҳаё, ҳусни хулқ, ҳилм, афв, тавозеъ, саховат, сидқ, сабр, шукр, раҳмат, илм, ақл, адл.

Ҳар гоҳ ки корбанди ин хислатҳо ба тартиби ҳама корҳо бидонад, сахт додгар бувад ва дар доштани зердастон ва дар аҳволи мамлакат ҳеҷ мушире ҳоҷат наёяд, ҳама ба дасти ӯ барояд.

### ФАСЛИ ЧИҲИЛУ ПАНҶУМ

## ДАР БЕРУН ОМАДАНИ СИНБОДИ ГАБР АЗ НИШОПУР ВА ФИТНАИ КОРИ Ӯ

Зани Маздак * Хуррама бинти Фода аз Мадоин бо ду мард ба рустои Рай омад. Ва мардумро ба мазҳаби шавҳар мехонд, то боз халқи бисьёр ба мазҳаби ӯ омаданд ва габрону мардумони эшонро «Хуррамдин» лақаб ниҳоданд, лекин пинҳон доштанд ва ошкоро наёристандӣ кардан. Ва баҳона меҷустанд ба ҳама рӯзгор, то хурӯҷ кунанд ва ин мазҳаб ошкоро кунанд. Чун Бӯҷаъфари Мансур * дар Бағдод Бӯмуслими Соҳибуддавларо* бикушт дар соли саду сию ҳафт аз ҳиҷрати пайғомбар... раисе буд дар Нишопур Габри Синбод * ном ва бо Абӯмуслим * ҳаққи сӯҳбати қадим дошт, ӯро баркашида буд ва сипаҳсолорӣ дода, пас аз қатли Бӯмуслим хурӯҷ кард, аз Нишопур бо лашкаре ба Рай омад ва габрони Рай ва Табаристонро бихонд ва донист, ки мардумони Кӯҳистон ва Ироқ аз дираме ним дирам рофизӣ ва маздакианд. Хост, ки даъват ошкоро кунад, нахуст Моҳасаниро, ки аз қибали Мансур омили Рай буд, бикушт ва хизонаҳо, ки Бӯмуслим ба Рай ниҳода буд, бардошт. Чун қавиҳол гашт, талаби хуни Абӯмуслим кард ва даъво чунон кард, ки расули Бӯмуслим

аст ба мардумони Ирок, ки Бӯмуслимро накуштаанд, валекин касд кард Мансур ба куштани ӯ ва ӯ номи меҳини худой таоло бихонд, кабӯтаре гашт сафед ва аз миён бипарид ва ӯ дар ҳисорест аз мис карда ва бо Маҳдӣ * ва Маздак * нишастааст. Ва инак ҳар се меоянд берун, муқаддам Бӯмуслим хоҳад будан ва Маздак вазир аст. Ва кас омад, номан Бӯмуслим ба ман овард. Чун рофизиён * номи Маҳдӣ ва маздакиён * номи Маздак бишуниданд, аз рофизиён ва хуррамдинон халқи бисьёр ба вай гирд омаданд. Пас кори ӯ бузург шуд ва ба ҷое расид, ки аз савора ва пиёда, ки бо ӯ буданд, беш аз сад ҳазор мард буданд. Ҳар гоҳ бо габрон хилват кардӣ, гуфтӣ, ки «давлати араб шуд, ки ман дар китобе хондаам аз кутуби Сосониён * ва ба ман расида буд ва ман бознагардам, то Каъбаро вайрон накунам, ки ӯро бадали офтоб барпой кардаанд. Мо ҳамчунон қиблаи дили хеш офтобро кунем, чунон ки дар қадим будааст», ва бо хуррамдинон гуфтӣ, ки «Маздак шеист ва шуморо мефармояд, ки бо подшоҳ даст яке доред ва хуни Абӯмуслим бозхоҳед». Ва бо габрон гуфтӣ, бо шеиён ва хуррамдинон ва ҳар се гурӯҳро ороста медоштӣ.

Чандин сипаҳсолорони Мансурро бикушт, то баъди ҳафт сол Ҷамҳури Аҷлиро ба ҷанги ӯ номзад кард. Ва Ҷамҳур лашкари Порс ва Хӯзистонро ҷамъ кард ва ба Исфаҳон омад ва ҳашри Исфаҳону Қум ва аҷлиён ҳама бо худ бурд ва ба дари Рай шуд ва се рӯз бо Синбоди Габр * корзор кард сахт. Рӯзи чаҳорум ба муборизат Синбод бар дасти Ҷамҳур кушта шуд ва он ҷамъ пароганда гаштанд ва ҳар кас ба хонаҳои хеш бозшуд.

Ва мазҳаби хуррамдинӣ сию ҳафт аз ҳиҷрати пайшуд ва баъд аз он дар сир бо якдигар сухан мегуфтандӣ, то ҳар рӯз ин мазҳаби ибоҳат парвардатар шуд, то ба ҷое расид, ки ин гурӯҳро мусулмонон ва габрон «хуррамдинӣ» * мехонданд.

Ва Ҷамҳур Синбодро бикушт ва дар Рай шуд ва ҳар чӣ аз габрон ёфт, ҳамаро бикушт ва хонаи эшон ғорат кард ва зану бачаи эшон бурд ва ба бандагӣ медошт.

## ДАР БЕРУН ОМАДАНИ БОТИНИЁН ВА ҚАРМАТИЁН ДАР ҚӮҲИСТОНУ ИРОҚ ВА ХУРОСОН

Ва сабаби берун омадани инон он буд, ки Ҷаъфари Содиқро *... писаре буд, номи ӯ Исмоил *. Ва Исмоил пеш аз падар фармон ёфт ва аз Исмоил писаре монд, номи ӯ Муҳаммад, то рӯзгори Ҳорунаррашид * бимонд. Яке аз зубайриён ғамз кард пеши Ҳорунаррашид, ки Ҷаъфар сари хуруҷ дорад ва дар сир даъват мекунад ва хилофат металабад ба дурӯғ. Рашид Ҷаъфарро аз Мадина ба Боғдод овард ва боздошт ва ин Муҳаммадро бо худ дошт. Пеши падар бимурд ва ба гӯристони Қурайш дафн кардаш. Ва ин Муҳаммадро ғуломе буд ҳиҷозӣ, Муборак ном. Хатти борик, ки онро «хатти макрамат» хонанд, нек навиштӣ ва аз ин ҷиҳат ӯро «Макраматия» лақаб кардандӣ. Ва мардеро аз шаҳри Аҳвол бо ин Муборак дӯстӣ буд, номи ӯ Абдуллои Маймун *. Рӯзе ба хилват нишаста буданд, ӯро гуфт, ки «ин Муҳаммад ибни Исмоил бо ман дӯст буд ва асрори хеш бо ман гуфтааст». Муборак фирефта шуд ва ҳарис шуд бар донистани он. Пас, Абдуллоҳи Маймун Муборакро савганд дод, ки он чӣ ман бо ту бигӯям, ту бо ҳеҷ кас нагӯӣ, илло бо касе, ки аҳл бошад. Суханони чанд бар ӯ арз кард аз ҳуруфи мӯъҷам аз забони айима омехта аз каломи аҳли тибоъ ва алфози файласуфон. Ва бештар дар ӯ аз расул ва дигар пайғамбарон ва малоика алайҳимуссалом ва қаламу аршу курсӣ овард. Онгоҳ аз ӯ муфориқат кард. Муборак сӯи Кӯфа шуд ва Абдулло сӯи Қӯҳистону Ироқ шуд ва дар ин ҳол аҳли шеаро талаб мекард ва Мӯсо ибни Ҷаъфар алайҳиссалом маҳбус буд ва Муборак даъвати хеш пинҳон меварзид, то дар саводи Кӯфа пароканда кард. Он мардумон, ки даъвати ӯ иҷозат карданд, аҳли суннат буданд. Мардум баъзеро аз эшон «муборакия» хонданд ва баъзеро «қароматӣ».

Ва Абдуллои Маймун дар Кӯҳистон, Ироқ ба ҳамин мазҳаб мардумонро даъват мекард ва дар мушаъбидӣ сахт устод буд ва мушаъбидӣ менамуд.

Муҳаммади Закариё * номи ӯ дар «Маҳориқ-ул-анбиё» бурдааст ва ӯро аз ҷумлаи мушаъбидони устод ёд карда.

Пас, халифатии хеш ба марде дод, номи ӯ Халиф *. Ӯро гуфт:— Ба ҷониби Рай рав, ки он ҷо дар Райю Қуму Кошон ва вилояти Табаристону Мозандарон ҳама рофизӣ бошанд ва даъвои шеият кунанд, даъвати туро иҷобат кунанд ва кори ту он ҷойгоҳ боло гирад.

Худ ба ҷониби Басра рафт.

Пас, Халаф ба Рай омад, ба ноҳияти Башопӯя дар деҳе, ки ӯро Калин хонанд, мақом кард ва дар он деҳ мутарризе устод буд, ки дар он деҳ мутарризгарӣ кардӣ. Рӯзгоре он ҷо бимонд ва мазҳаби хеш бо касе намеёрист гуфт, то ба ҳазор ҳила якеро ба даст оварл ва ӯро омӯхтан гирифт ва чунон намуд, ки ин мазҳаби аҳли байт аст ва ниҳон доштанест. Чун Қоим падидорояд, ошкоро шавад ва берун омадани ӯ наздик аст, акнун бибояд омӯхт, то чун ӯро бубинанд, аз ин мазҳаб бехабар набошанд. Пас, дар сир мардумони деҳа ин мазҳаб омӯхтан гирифтанд, то рӯзе аз рӯзҳо таҳамтани Калин берунн деҳа мегузашт, масҷиде вайрон буд, овозе мешунид, оҳанги масҷид кард ва гӯш бардошт, ин Халаф бо марде ин мазҳаб мегуфт. Чун дар деҳа шуд, гуфт: — Эй мардумон, тарроруҳои ӯ ботил кунед ва ҳеҷ кас гирди ӯ магардед, ки он чӣ аз ӯ шунидаам, тарсам, ки ин деҳа дар сари кори ӯ шавад ва ин Халафро забон шикаста бувад, чунон ки ҳайю тай натавонист гуфт.

Халаф чун бидонист, ки мардумони деҳаро баттолати ӯ маълум шуд, бигурехт ва ба шаҳр шуд ва он ҷо бимурд. Ва баъзе аз аҳли деҳа аз мардону занон дар мазҳаби хеш оварда буд. Писари вай Аҳмади Халаф бар ҷои падар бинишаст ва бар мазҳаби падар мерафт. Ва дар шаҳри Рай касеро аз ҳоли эшон хабар набуд, то ин Аҳмади Халафро марде ба даст омад аз деҳаи Калин, номи ӯ Ғиёс, ки ӯ одоби наҳв некӯ донист, ӯро халифаи хеш кард ба даъват кардан. Пас, ин Ғиёс усули мазҳаби эшонро ба оёти «Қуръон» ва ахбори расул... ва амсоли араб ва абьёту ҳикоёт биёрост ва китобе сохт, «Китоб-ал-баён» ном кард. Ва дар ин китоб маънии намозу рӯза ва таҳорату закот ва лафзҳои шаръӣ ба луғат ёд кард, то аҳли суннат надонанд. Пас, мунозира бо аҳли суннат мекард ва мардумро мазҳаб меомӯхт. Ва ин хабар дар Қуму Кошон пароганда шуд, ки марде падид омадааст аз деҳаи Калин, номи ӯ Ғиёс ва хабари хуш медиҳаду мардумро ба мазҳаби аҳли байт меомӯзад. Ва мардумони ин шаҳрҳо рӯй ба Ғиёс

ниҳоданд ва ин мазҳаб омӯхтан гирифтанд. Абдуллоҳ Заъфаронӣ хабар ёфту бидонист, ки ин бидъат аст. Мардуми Райро барангехт ва қасди эшон кард ва эшонро парогаңда кард. Ва ин Ғиёс бигурехт ва ба Хуросон шуд ва аҳли суннат ин гурӯҳро, ки дар ин мазҳаб шуданд дар Рай қавмеро «халафӣ» мехонданди ва қавмеро «ботинӣ» *. Чун соли дувисту ҳаштоди ҳаҷрӣ даромад, ин мазҳаб фош гашт ва ҳам дар он сол дар Шом марде падид омад, ки ӯро Соҳибулҳол * гуфтандӣ, хурӯҷ кард ва бештари Шом бигирифт. Ва ин Ғиёс, ки аз Рай гурехта буд, ба Марврӯд шуд ва мақом кард ва амир Ҳусайн Алии Марврудиро * даъват кард, иҷобат ёфт ва ин Ҳусайн дар Хуросон мусаллат шуд, хосса дар Талиқон ва Маймана ва Ҳироту Ғурҷистон ва Ғӯр. Чун Ҳусайн дар ин мазҳаб омад, халқе аз ин ноҳиятҳо дар он мазҳаб омаданд. Пас, Ғиёс якеро ба Марврӯд халифаи хеш кард, то мардумонро далолат кунад ва худ боз ба Рай шуд ва дигарбора дар даъват кардан гирифт ва якеро аз ҳадди Насовӣ, ки шеъри тозӣ ва ҳадиси ғариб нек донистӣ, номи ӯ Бӯҳотам, халифа кард ба даъват кардан. Ва дар Хур осон ваъда дода буданд, ки ба фалон рӯз ба муддати наздик Маҳдӣ * берун меояд. Қарматиён * дил бад-он ниҳоданд ва аҳли суннат хабар ёфтанд, ки Ғиёс боз омадааст. Дигарбора халқро бар мазҳаби шеа даъват мекунад. Иттифоқ чунон афтод, ки он ваъдаи берун омадани Маҳдӣ фаро расид ва дурӯғзан шуд. Ва шеиён дар мазҳаби ӯ рағбат камтар карданд ва бад-ин ҳар ду маънӣ бо ӯ бад шуданд ва аз ӯ бибуриданд. Ва аҳли суннаташ талаб мекарданд, то бикушанд. Ба зарурат ӯ маҳҷур шуд ва ҳеҷ надонистанд, ки ӯ куҷо шуд ва баъд аз он шеиёни Рай бо сабте аз исботи Халаф мутавфиқ гаштанд, рӯзгор бо ӯ гузоштанд. Чун маргаш даррасид, хешро халифае кард, номи ӯ Бӯҷаъфари Қабир * ва ин Бӯъҷаъфарро савдо биҷунбид. Марде буд, номи ӯ Абӯҳотам, қавиҳол гашта буд, Бӯҷаъфарро хабар набуд, раёсат аз хонаи Халаф зоил гашт ва ин Бӯҳотам * доъиёнро бипароганд дар шаҳрҳо, ки дар гирди Рай буд, чун Табаристону Гургон ва мардумро ба мазҳаби хеш хонд. Амири Рай, Аҳмад ибни Алӣ *, даъвати ӯ қабул кард ва ботинӣ шуд. Пас, иттифоқ афтод, ки бар Дайламон ва бар алавиён, ки бигирифтанд ва хуруҷ карданд, гуфтанд: — Шумо мегӯед, ки «мазҳаб ин аст, ки мо дорем ва мусулмонон бар мо менави-

санд, ки сухани эшон мешунавед, ки эшон мубтадеанд ва шумо ҳуҷҷат меоваред, ки илм аз хонадон рафтааст. Илм бо насаб наравад. Агар шумо омӯзед, шумо донед ва агар дигарӣ омӯзад, он кас донад, илм ба мерос наравад ва пайғамбар... худои азза ва ҷалла ба ҳама халқ як сон фиристодааст, ӯ қавмеро хос накард ва қавмеро ом, то гӯянд хосро чунин фармуду омро чунин. Маълум гашт моро, ки шумо дурӯғзанед».

Ва амири Табаристон шеӣ буд ва нусрати алавиён мекард, дар ӯ низ осӣ шуданду гуфтанд: — Аз Бағдод ва шаҳрҳои Хуросон фатво ҳосил кунед, биёред чунон ки касе аз мо бо шумо биравад ва бигӯянд, ки «ин мазҳаб покиза аст ва расул фармудааст, то мо қабул кунем ва мазҳаби шумо гирем ва илло миёни мову шумо шамшер хоҳад буд».

Ин Абӯҳотам дар ин ҳол ба Дайламон шуд ва сардори Дайламон Соршер буд. Пеши ӯ шуд ва бо эшон яке шуд ва дар паи алавиён афтод ва ба байъат машғул шуд ва тақрир кард, ки алавӣ бояд, ки ба дин бошад, на ба мазҳаб. Ва ваъда дод дайламонро, ки имоме берун меояд ва ба муддати наздик ва ман мақолату мазҳаби ӯ донам. Дайламону гелониён рағбат карданд ва иҷобат омад дар айёми Соршер ва дар айёми Мардовиҷ * дайламон аз «борон бигрехтанду дар новадон афтоданд». Роҳи суннат талаб мекарданд, ба доми бидъат афтоданд. Пас, якчанде бо ӯ рӯзгор мегузоштанд, чун диданд, ки ваъдаи берун омадани имом гузашт, гуфтанд: — Ин асле надорад ва ин мазҳаби бидъат аст ва ин марди таррор аст.

Ба як бор аз вай бигардиданд ва ба муҳаббати аҳли байти расул шуданд, қасди Бӯҳотам * карданд, то ӯро бикушанд. Ӯ бигурехт ва дар он гурехтан бимурд ва кори мазҳаби шеиён шӯрида гашт. Ва бисьёр мардум аз он мазҳаб баргаштанд ва ба суннат пайвастанд ва тавба карданд. Ва якчанде шеиён саргардон мебуданд ва дар сир иттифоқҳо мекарданд, то қарори ин мазҳаб ба ду кас гирифт; яке бар Абдулмалики Кавкабӣ ва яке ба Исҳоқ, ки муқими Рай буд...

## АНДАР БЕРУН ОМАДАНИ БОТИНИЁН ДАР ХУРОСОН ВА МОВАРОУННАҲР

Амири Хуросон Наср ибни Аҳмад* буд ва ба Хуросон Ҳусайн ибни Алии Марврудӣ, ки ӯро Ғиёс ботинӣ карда буд, чун бихост мурдан, ин шуғл ба Муҳаммад ибни Аҳмади Нахшабӣ* дод ва ӯро ноиб гардонид. Ва ӯ яке аз ҷумлаи фалосифа буд дар Хуросон ва мутакаллим буд. Ва ӯро васият кард, ки ҷаҳди он кунад, ки то ноибӣ баҷо гузорад ва худ аз Ҷайҳун бигузарад ва ба Бухорову Самарқанд равад ва он мардумонро дар ин мазҳаб даровbooks. Ва бикӯшад, то аъёни ҳазрати амири Хуросон Наср ибни Аҳмадро дар ин мазҳаб оварад, то кори ӯ қавӣ гардад.

Чун Ҳусайн Алии Марврудӣ бимурд, Муҳаммади Нахшабӣ ба ниёбати ӯ биништ ва халқе бисьёр аз мардумони Хуросон даъват кард ва ӯро иҷобат карданд. Ва касе буд Савода гуфтандӣ, аз дасти сунниёни Рай гурехта буд ва ба Хуросон пеши Ҳусайн Алии Марврудӣ шуда ва яке аз сарони ботиниён* буд. Ва ин Муҳаммади Нахшабӣ ӯро халифаи хеш кард ба Марвруд.

Ва аз об бигузашту ба Бухоро шуд ва кори хешро равнақе намедид ва ошкоро намеёрист буд. Ва аз он ҷо ба Нахшаб шуд ва Макдоди Нахшабиро, ки надими амири Хуросон буд ва хешованди ӯ буд, дар мазҳаби хеш овард.

Дигар бо Ашъас, ки дабири хос буд ва маҳалли надимон дошт ва бо инҳо дӯстӣ дошт, ҳам дар ин мазҳаб овард. Ва Бумансури Чағониораз, ки хоҳари Ашъас ба занӣ дошт, ӯро низ даъват карданд ва иҷобат кард. Ойтош ҳоҷиби хос буд, бо эшон дӯстӣ дошт, ҳам дар ин мазҳаб даромад.

Пас ин ҷамоат, Муҳаммади Нахшабиро гуфтанд: — Туро дар Нахшаб будан ҳоҷат нест, бархезу ба ҳазрат ой ба Бухоро, то мо чунон кунем, ки ба андак рӯзгоре шуморо ба фалак расонем ва мӯҳташамонро дар ин мазҳаб оварем.

Бархост аз Нахшабу ба Бухоро шуд ва бо ин тоифа ва меҳтарон бинишаст. Эшонро даъват мекард ва ҳар кӣ дар мазҳаби ӯ омад, савгандаш медод, ки то ман

нагӯям ва ошкоро накунам, шуморо пинҳон мебояд дошт.

Аввал мардумонро дар мазҳаби шеа мекашид ва он гаҳ ба тадриҷ дар мазҳаби ботиниён мебурд, то раиси Бухорою соҳиби хироҷ ва деҳқону аҳли бозор дар ин мазҳаб овард. Ва Ҳасан-Маликро, ки аз хавосси подшоҳ буд ва волии Айлоқ буд ва Алии Зарродро, ки вакили хос буд, дар ин мазҳаб овард. Бештар аз инҳо, ки ёд кардем, аз наздикону мӯътамадони подшоҳ буданд. Чун табааи ӯ бисьёр шуданд, оҳанги подшоҳ кард ва хавосси подшоҳро бар он дошт, то сухани ӯро ба мастиву ҳушьёрӣ пеши Наср ибни Аҳмад ёд мекарданд. Чандон гуфтанд ба мастиву ҳушьёрӣ, ки Наср ибни Аҳмад ба дини ӯ рағбат кард. Пас, Муҳаммади Нахшабиро пеши амири Хуросон бурданд ва ба донои биситуданд. Амири Хуросон ӯро харидорӣ кард ва азиз медошт. Ва ӯ ҳар рӯз аз мақолати хеш дар самъи ӯ меафганд. Ва ҳар чӣ ӯ гуфтӣ, надимон ва муқаррибон, ки мазҳаби ӯ гирифта буданд, «зиҳӣ» ва «аҳсант» задандию гуфтандӣ: — Ҳамчунин аст.

Ва Наср ибни Аҳмад ӯро некӯ медоштӣ, чунон ки даме бе ӯ нашукуфтӣ. Дар ҷумла, кори ӯ ба ҷое расид, ки Наср ибни Аҳмадро даъват кард ва Муҳаммади Нахшабӣ бад-ин чунон муставлӣ гашт, ки вазири ӯ шуд ва подшоҳ он кардӣ, ки ӯ гуфтӣ.

Чун кори Нахшабӣ бад-ин ҷой расид, даъват ошкоро кард ва мазҳаб низ ошкор кард. Ва ҳар кӣ аз наздикони подшоҳ буданд, нусрати ӯ карданд ва мазҳаб ошкоро шуд ва подшоҳ ҳам пуштии шоъиён мекард.

Туркон ва сарони лашкарро нохуш омад, ки подшоҳ қарматӣ шуд ва аз он рӯзгор ҳар кӣ дар ин мазҳаб шуд, ӯро «қарматӣ» * хондандӣ. Пас, омилону қозиёни шаҳру навоҳӣ гирд омаданд ва ҷумла пеши сипаҳсолорони лашкар шуданду гуфтанд: — Дарьёбед, ки мусулмонӣ аз Мовароуннаҳр рафт ва ин мардаки нахшабӣ подшоҳро аз роҳ бурд ва қарматӣ кард, инак кори ӯ ба ҷое расид, ки даъват ошкоро кард ва беш аз ин хомӯш натавонем будан.

Сипаҳсолро гуфт:— Пас дорам, шумо бозгардед ва сокин бошед. Иншооллоҳ, ки худои таоло ба салоҳ боз оварад.

Дигар рӯз бо Наср ибни Аҳмад бигуфт, суде надошт. Сипаҳсолор дар миёни лашкар гуфтугӯй андох-

ту гуфт: — Ба ҳеҷ ҳол ризо надиҳем бад-он, ки подшоҳ ихтиёр кардааст.

Ва сарони лашкар дар сир пайғом додан гирифтанд, то тадбири ин кор чист, ҳама аз якдигар огоҳ гаштанд. Ва сарони сипоҳ бад-он чӣ подшоҳ бар даст гирифтааст, розӣ намешаванд, илло як-ду амир аз туркон, ки дар мазҳаби ӯ шуда буданд. Ва ҳама сарони сипоҳ бар он қарор дода буданд, ки подшоҳи кофирро нахоҳем ва бад-ӯ яке набошем, подшоҳро бикушем ва турке аз сипаҳсолорон ба подшоҳӣ бинишонем ва савганд хӯрем, ки аз ин қавлу аҳд барнагардем. Сипаҳсолорон ба тамаи подшоҳӣ ризо доданду гуфтанд: — Нахуст тадбир бояд кард, ки сарони сипоҳ ба ҷое бинишинем ва ба як лафз мутаффиқ гардем, то ин кор чӣ гуна бар даст бояд гирифт, чунон ки подшоҳ надонад.

Аз сарони сипоҳ пире буд, номи ӯ Талан-Лавкон гуфтандӣ.

Гуфт:— — Тадбири ин кор он аст, ки ту, ки сипаҳсолорӣ, аз подшоҳ дархоҳӣ, ки сарони сипоҳ аз ман меҳмонӣ мехоҳанд. Ӯ ба ҳеҷ ҳол нагӯяд, ки макун, гӯяд: «Агар барг дорӣ, бикун». Ту бигӯ: «Бандаро аз шаробу хӯрданӣ тақсире набошад, валекин фарш ва тавъу олати маҷлис ва зинате, ки аз зарринаю симина бошад, чунон ки бояд, нест». Подшоҳ гӯяд: «Ҳар чӣ бояд, аз хизона ва фаррошхонаю шаробхона бибаред». Ту бигӯ: «Банда ин меҳмонию ҳашм бад-он мекунад, ки чун меҳмонӣ хӯрда бошанд, ба ғазои кофир шаванд ба Билосоғун, ки кофири турк вилоят бигирифт ва нафири мутазаллимон аз ҳад бигузашт», то ба ту бадгумон нашавад. Подшоҳ гӯяд: «Ҳолиё дар барги меҳмонӣ бош». Ва сипоҳро ваъда дода ба фалон рӯз шав ва ҳар чӣ дар хизона ва шаробхонаю фаррошхона аз зарринаю симина ва фаршу дебою зароиф ҳаст, ҷумла ба орият ба сарои хеш бубар.

Ва сарони сипоҳ пирро гуфтанд: — Рӯзи ваъда чун ҳама сипоҳ ба сарои ту оянд, дари сарой ба баҳонаи анбӯҳӣ бубанд ва сaронро бар сабили ҷуллоб хӯрдан дар ҳуҷрае бар ва ин сухан бар саҳро афкан. Ва мо, ки аслем, бо туем ва он ки фаръанд, бо ту нестанд. Чун сухани мо бишунаванд, эшон низ бо ту мувофиқат кунанду бо мо якдил шаванд. Ҳамаро дар аҳлу савганд дарорем ва туро бар худ ба подшоҳӣ муайян кунем ва аз ҳуҷра берун оему бар сари хони хеш шавем. Чун таом бихӯрем, аз сари хон ба маҷлиси шароб ша-

вем ва ҳар кас се қадаҳ шароб бихӯрем ва дар он маҷлис ҳар чӣ зарринаю симина бошад, ба сарони сипоҳ бахшем, дарҳол берун оему ба сарои подшоҳ равем ва подшоҳро фаро бигирему бикушем. Ва истаблу хонумон ба ғорат диҳем ва туро бар тахти ӯ бинишонем ва лашкарро фармоем, то дар шаҳру русто шамшер кашанд ва ҳар киро ёбанд аз карматиён *, пок бикушанду хонумонашон ғорат кунанд.

Сипаҳсолор гуфт: — Тадбири ин кор ин аст.

Рӯзи дигар бо Наср ибни Аҳмад бигуфт, ки сарони сипоҳ аз ман меҳмонӣ мехоҳанд ва ҳар рӯз тақозо мекунанд. Наср ибни Аҳмад гуфт: — Агар барги меҳмонӣ дорӣ, тақсир макун. Гуфт: — Бандаро аз маънии хӯрданӣ ва нӯшиданӣ тақсире набошад, валекин фаршу олат ва зинати маҷлис аз зарринаю симина мутаарриз аст. Меҳмонӣ нек бояд кардан ва агар на, накардан беҳтар. Гуфт: — Ҳар чӣ ба кор ояд аз ин маънӣ, аз фаррошхонаю шаробхона бубар.

Пир хидмат кард ва берун омад. Дигар рӯз ҳама сипоҳро ваъда дод, ки фалон рӯз бояд, ки ранҷа шавед ва ҳар чӣ дар хизонаи Наср ибни Аҳмад буд, аз фаррошхонаю шаробхона аз ҳама гуна бибурд ва меҳмонӣ кард, ки дар он айём кас надида буд. Ва ҳама бузургони лашкарро бо хайлу ҳашм бихонд, чун ҳозир омаданд, дари сарой бифармуд бастан ва бузургону сарони сипоҳро дар ҳуҷрае бурд ва ҳамаро дар байъат овард ва савгандашон дод. Чун аз ҳуҷра берун омаданд ва бар сари хон шуданд, яке аз сарой бар бом рафт ва Нӯҳ ибни Насрро * хабар кард, ки ин соат сарони лашкар чӣ сохтаанд. Нӯҳ дарҳол барнишаст ва тозиён пеши падар шуду гуфт: — Чӣ нишастаӣ, ки дар ин соат сарони сипоҳ бо сипаҳсолорон савгандхорагӣ кардаанд. Чун аз хон фориғ шаванд, ба маҷлиси шароб шаванд ва ҳар яке се қадаҳ шароб бозхӯранд. Ва дар он маҷлис ҳар чӣ зарринаю симина, ки аз хазоини ту бурдаанд, яғмо хоҳанд кард ва аз он ҷо берун оянду дар сарои мо шаванд. Ва ғараз аз меҳмонӣ ҳалоки мост.

Наср ибни Аҳмад Нӯҳро гуфт: — Тадбири ин кор чист? Гуфт: — Тадбири ту он аст, ки ҳам акнун ду ходими хосро бифиристӣ пеш аз он ки аз сари нон хӯрдан бархезанд ва ба маҷлиси шароб шаванд, то дар гӯши ӯ гӯянд нармак, ки малик мегӯяд, «мешунавам, ки коре бас ба такаллуф бар даст гирифтаӣ ва меҳ-

монии сахт некӯ сохтай, маро дастаи маҷлисии зарринмурассаъ аст, чунон ки имрӯз ҳеҷ подшоҳеро нест, берун аз хизона ҷое ниҳода бувад, то акнун маро ба ёд наёмада буд, ин низ бибар, то маҷлисро зинате бошад, ҳар чӣ некӯтар ва қимати ӯ беш аз ҳазор-ҳазор динор аст. Зуд биё, то ба дасти ту диҳам. Пеш аз он ки меҳмонон ба маҷлиси шароб оянд, албатта ӯ ба тамаи мол биёяд, сараш баргирем ва онгоҳ бигӯям, чӣ бояд кард.

Наср дар вакт ду ходими хосро бифиристод ва ин паём бидод. Мардум ба нон хӯрдан машғул буданд. Сипаҳсолор бо як-ду тан аз он мардум гуфт, ки подшоҳ маро зи баҳри чиз мехонад. Гуфтанд: — Бирав ва он низ биёр, ки имрӯз моро дархӯр аст.

Сипаҳсолро ба таъҷил ба сарои млаик шуд. Ӯро дар ҳуҷра хонда, дарҳол ғуломонро бифармуд, то сараш аз тан ҷудо карданд ва дар тубра ниҳоданд. Пас, Нӯҳ падарро гуфт: — Барнишин, то ҳарду ба сарои сипаҳсолор равем ва тубра бо худ барем ва ту пеши сарони лашкар аз подшоҳӣ безор шав ва маро валиаҳд кун, то ман ҷавоби эшон бидиҳам ва подшоҳӣ дар хонаи мо бимонад, ки ин лашкар бо ту насозанд, боре ба марги худ бимирӣ.

Ҳарду барнишастанд ва ба таъҷил ба сарои сипаҳсолор шуданд. Сарони сипоҳ нигоҳ карданд, подшоҳро бididанд бо писар, ки аз дари сарой даромаданд. Бархостанду пешбоз рафтанд ва ҳеҷ кас надонист, ки ҳол чун рафтааст. Гуфтанд: — Магар подшоҳро бад-ин меҳмонӣ рағбат афтодааст?

Наср ибни Аҳмад бирафт ва ба ҷои хеш бинишаст ва силоҳдорон аз паси пушти ӯ биистоданд ва Нӯҳ бар дасти рости падар истоду гуфт: — Шумо бинишинед ба нон хӯрдан.

Чун фориғ шуданд, Насри Аҳмад гуфт:— Бидонед, ки аз он чи шумо дар ҳаққи ман андешидаед, маро хабар шуд, ки қасди ман хостед кардан. Дили шумо бар ман бад шуд ва дили ман бар шумо. Дар миёни мо рӯи эминӣ дигар намондааст. Агар ман аз роҳи суннат биафтодаму мазҳаби бад гирифтам, дилҳои шумо аз ин сабаб бад шуд. Нӯҳро, ки писари ман аст, дар ӯ ҳеҷ айбе ҳаст? Гуфтанд: — На. Гуфт: — Ӯро валиаҳди хеш кардам. Подшоҳи шумо акнун ӯст. Агар хато кардаму агар савоб, баъд аз ин ба узру тавба машғул шавам ва мағфират аз худои таоло мехоҳам, ки магар худои

таоло тавбаи маро қабул кунад. Ва он кас, ки шуморо бар ин дошт, ҷазои хеш ёфт.

Фармуд, то сари ӯ аз тубра берун карданд, пеши эшон андохтанд ва худ аз тахт зер омаду бар мусаллои намоз бинишаст. Ва Нӯҳ * бар тахт шуду ба ҷои падар бинишаст. Сарони сипоҳ, ки он диданду шуниданд, мутаҳайир бимонданду ҳеҷ узрею баҳонае натавонистанд кард. Ҳама сар бар замин ниҳоданд ва Нӯҳро таҳният карданду гуфтанд: — Ҳама ҷурм сипаҳсолорро бувад ва мо бандаему фармонбардор.

Нӯҳ гуфт: — Ман дар ҳама маонӣ Нӯҳам, на Наср *. Ҳар чӣ рафт, рафт. Ман ин хатои шумо ба сад савоб бардоштам ва муродҳои шумо ҳама аз ман ҳосил аст. Гӯш ба фармони ман доред ва бар сари айши хеш бошед.

Пас банд хост, то бар пои падар ниҳоданд ва дарҳол ба Кӯҳандиз бурданд ва маҳбус карданд.

Гуфт: — Акнун бархезед, то ба маҷлиси шароб шавем.

Чун ба маҷлис бинишастанд ва ҳар кас се қадаҳ шароб бихӯрданд, гуфт: — Иттифоқи шумо чунон буд, ки чун се қадаҳ шароб бихӯред, олати маҷлис ҳама баргиред ва бар якдигар қисмат кунед. Ҳар кас се олати маҷлис баргиред, то бар ҳамгинон бирасад.

Ҳама бардоштанд ва дар ҷуволҳо карданду мӯҳр барниҳоданд ва ба мӯътамаде супурданд. Пас, Нӯҳ гуфт: — Агар сипаҳсолор дар ҳаққи мо андешаи бад кард, ҷазои хеш ёфт ва агар падарам аз роҳи суннат биафтод, сазои хеш мебинад. Иттифоқи шумо чунон бувад, ки чун нон бихӯред ба ғазо ба ҷониби Билосоғун ба ҷанги кофир шавед. Моро худ ғазои кофир бар дари хона аст. Ҳин, ба ғазо машғул шавем, ҳар ки дар Мовароуннаҳру Хуросон мулҳид гаштанду ин мазҳаб гирифтанд, ки падарам гирифт, ҳамаро бикушед ва хоставу неъмати эшон шуморост ва ин ки дар маҷлис бувад, аз они падарам, ҳама шуморо додам ва он чӣ дар хизона аст, шуморо додам. Колои ботиниён * ҷуз ғоратро нашояд. Чун аз ин муҳим фориғ шавем, рӯй ба кофири турк ниҳем ва ҳам акнун Муҳаммади Нахшабиро * биёваред ва ҳамнишинону ҳаммазҳабони ӯву падарам.

Пас, Ҳасану Макдод ва Мансури Чағонӣ ва Ашъасро бо чандон амир, ки ботинӣ шуда буданд, гардан бизаданд ва дар шаҳрҳо афтоданд ва ҳар киро аз эшон

меёфтанд, мекуштанд. Ва ҳам дар он рӯз амиреро бо лашкар бифиристоданд, то аз Ҷайҳун бигузарад ба Марвруд ва писари Саводаро битираду бикушад. Пас, тамоми лашкар шамшер дарниҳанд, аз раият ва лашкарӣ ҳар киро дар он мазҳаб рафта бошанд, бикушанд, ки ба ғалат бар мусулмонон хатар нараеонанд. Пас, ҳафт шабонарӯз дар Бухоро ва ноҳияти ӯ мегаштанду мекуштанд ва ғорат мекарданд, то чунон шуд, ки дар Мовароуннаҳру Хуросон яке аз эшон намонданд ва он ки монд дар ошкоро наёрист омад. Пас, ин мазҳаб дар Хуросон бипӯшиданд.

## ФАСЛ ДАР ХУРӮҶИ БОТИНИЁН ДАР ЗАМИНИ ШОМ ВА МАҒРИБ

Омадем ба ҳадиси Шом. Писари Абдулло ибни Маймун, номи ӯ Аҳмад, чун падари ӯ сӯи Басра рафт, дар сир ҳар касро даъват кард ва ҳамон ҷо бимонд ва бимурд. Ӯ бархосту ба Шом шуд ва аз Шом сӯи Мағриб рафт ва он ҷо қабули некӯ падид омад ва даъвати ӯ қабул карданд. Боз ба Шом омаду қарор кард ба шаҳре, ки Саламьят гӯянд. Ӯро писаре омад он ҷо, номи ӯ Муҳаммад ибни Аҳмад. Чун фармон ёфт, писараш хурд буд. Бародараш — Саид ба ҷои ӯ биништасту ба ҷониби Мағриб шуд ва номи хеш бигардонид ва худро Абдулло ибни Алхусейн хонд ва марде аз асҳоби хеш, ки ӯро Бӯабдуллои Мӯҳтасиб гуфтандӣ, ба нисбати хеш ба Бануағлаб фиристод ва ба навоҳе, ки эшон будандӣ ва аҳли он навоҳиро бад-ин мазҳаб ҳамехонд. Ва ин Бануағлаб бештар ба бодия нишастандӣ. Адади ин қавм, ки ин мазҳаб гирифтанд, бисьёр шуд. Он гоҳ фармуд, ки баъд аз ин ба шамшер кор кунед ва ҳар кӣ мазҳаби шумо надорад, бикушед. Пас, ҳамчунин карданд ва халқи бисьёр аз Бани Ағлаб гирд омаданду қасди шаҳрҳою ноҳиятҳо карда, меғоратиданд ва мекуштанд. Ва шаҳрҳои бисьёр биситаданд, то бар бештар билоди Мағриб подшоҳ шуданд. Марде тунӣ-Алӣ Ваҳсудони Дайламӣ буд, сипаҳсолори ӯ буд. Ӯро бо лашкари Шом ба сари Бӯабдуллои Мӯҳтасиб фиристод, Бӯабдулло бигурехт ва мардуми бисьёр аз Бануағлаб бикуштанду бигурехтанд. Ва ин Абдулло ба шаҳре рафту тайласон барафганд. Бар мисоли обидон рӯзгоре мегузошт ва эшон ӯро некӯ медоштанд. Дар ин

сол марде дар Шом, ки ӯро Закаруяи Соҳибулхол гуфтандӣ, хуруҷ кард ва бештар аз Шом бигирифт ва пас ӯ дар ҷазираи Бануағлаб қарор гирифту он ҷо ватан сохт ва Бануағлаб бад-ӯ закот фиристоданд. Чун ӯ бимурд, писари ӯ ба ҷои ӯ биншаст ва ин қоида он ҷо бимонд.

## ХУРӮҶИ ҚАРМАТӢ ВА МАЗДАКӢ ДАР НОҲИЯТИ ҲИРОТ ВА ҒӮР

Дар соли дувисту наваду панҷ аз ҳиҷрат волии Ҳирот — Муҳаммади Ҳарсама хабар кард Амири Одили сомониро, ки марде дар кӯҳпояи Ғӯр ва Ғурҷистон хуруҷ кардааст ва ӯро Бӯбилол мегӯянд ва аз ҳар табақа мардум бар ӯ ҷамъ шуда ва хештанро «Доруладл» ном ниҳодааст. Ва мардуми беҳад аз рустои Ҳирот ва навоҳӣ рӯй ба вай ниҳодаанду байъат мекунанд. Ва адади эшон фузун аз даҳ ҳазор мард аст. Агар дар кори ӯ тағофул кунанд ба азъофи он мардум гирд оянд, он гаҳ кор душвортар тавон буд ва мегӯянд, ки надими Яъқуби Лайс * ӯ буд ва дар мазҳаби хориҷ даъват ба ниёбати ӯ мекунад. Чун Амири Одил * аз ин ҳол огоҳ шуд, гуфт: — Чунон донам, ки Бӯбилолро хун ба ҷӯш омад.

Пас, Зикро — ҳоҷибро бифармуд, ки понсад ғуломи турки далер бигузину бигӯ, то эшонро ба сарҳангии Байғаш диҳанд ва бигӯй, то дувоздаҳ ҳазор дирам ба вай диҳанду понсад ҷавшан бар сутурон таъбия кунанд. Ва ту бо эшон фардо ба ҷӯи Мӯлиён ой, то ман эшонро бинам ва аз пеши ман бираванд. Ҳоҷиб Зикро ҳамчунин кард ва номае набишт ба Бӯалии Марвазӣ, ки мардуми хешро дирам деҳ ва аз шаҳр берун ой, пеш аз он ки ғуломон ба ту расанд, ғуломон ба Ҳирот шаванд ва бо Муҳаммади Ҳарсама пайванданд. Ва ба Муҳаммади Ҳарсама номае набишт, ки сохта бош ва аз шаҳр берун ой, то Бӯалӣ ва Байғаш ба ту расанд. Ва Байғашро гуфт: — Агар фатҳ ба дасти ту баромад, туро вилоят диҳам.

Ва ғуломонро гуфт: — На ҳарби Алӣ Шарвин, ё ин Амри Лайс *, ё Муҳаммади Ҳарун аст, ки он ҷо лашкар ва олати бисьёр бувад ва андар ин муҳим эътимод бар шумост, ки ба кӯҳпояи Ҳирот хавориҷ падид омаданд ва мазҳаби хавориҷ ва қаромата ошкоро карданд

ва бештари эшон шубон ва кишоварзанд. Ва чун ин фатҳ бикунед, ҳамаро хилъату силат диҳам.

Ва дабире ҷалдро номзад кард ба кадхудоӣ. Эшон чун ба Марвруд шуд, Буалӣ дарҳол бо мардуми хеш бад-ӯ пайваст ва сари роҳҳо фурӯ гирифт, то хавориҷиён хабари эшон наёбанд. Чун ба Ҳирот расиданд, Муҳаммад Ҳарсама бо сипоҳ берун омад ва роҳҳо бигирифтанд, то Бӯбилол хабар наёфт ва ба кӯҳ андар шуданд ва ақбаҳои дурушт дар се шабонарӯз бибуриданд, то ба эшон расиданд. Ногаҳон эшонро гирд бар гирд гирифтанд ва ҳамаро бикуштанд ва Бӯбилолу Ҳалдон ва даҳ тани дигарро аз раисони эшон бигирифтанд ва сари ҳафтод рӯз аз он ҷо бозомаданд ва Бӯбилол ба зиндони Кӯҳандиз бурданд, то бимурд. Дигарон ҳар яке ба шаҳре фиристод, то бар дор карданд ва моддати эшон муддате аз Ғӯр ва Ғурҷистон бурида гашт. Ва ҳам дар ин сол Амири Одил фармон ёфт ва Насри Аҳмад *, ки писари ӯ буд, ба ҷои ӯ биништаст, он ки ҳадиси ӯ пештар ёд кардем.

## ФАСЛИ ДИГАР ДАР БЕРУН ОМАДАНИ АЛӢ ИБНИ МУҲАММАДИ БУРҚАӢ БАР МАЗҲАБИ БОТИНӢ БА ХӮЗИСТОНУ БАСРА БО ЛАШКАРИ ЗАНГИЁН

Дар санаи хамсу хамсин ва маътин Алӣ Муҳаммади Бурқаии Алавӣ * хурӯҷ кард ба Аҳвоз ва зангиёни Хӯзистон ва Басраро чанд гоҳ бифрефта буд ва даъват карда ва ваъдаҳо ниҳода. Бар он ваъда хурӯҷ кард ба Аҳвоз ва зангиёни билод яке шуданд. Нахуст Аҳвоз бигирифт ва пас Басра бигирифт ва ҷумла Хӯзистон бигирифт. Ва ҳама зангиён хоҷагони хешро бикуштанд ва неъмату занон ва сарои эшон ба даст фурӯ гирифтанд. Ва чанд бор лашкари Мӯътамадро бишкастанд ва чаҳордаҳ солу чаҳор моҳу шаш рӯз дар Басра ва Хӯзистон подшоҳӣ кард ва охир бар дасти Муваффақ, бародари Мӯътамад, гирифтор шуд ва ҳама зангиёнро бикуштанд ва Алӣ ибни Муҳаммади Бурқаиро * ба Бағдод бар дор карданд ва мазҳаби ӯ чун мазҳаби Маздаку * Бобак * ва Бӯзакариё ва ҳуррамдину қаромата буд.

## ФАСЛ ДАР БЕРУН ОМАДАНИ ҲАСАНИ ҶАННОБӢ ВА ПИСАРАШ БӮТОҲИР ДАР БАҲРАЙНУ ЛАҲСО

Ҳам ба рӯзгори Мӯътазид* Абӯсаид Алҳасан ибни Баҳром Алҷаннобӣ * хурӯҷ кард дар Баҳрайну Лаҳсо ва мардумонро бар мазҳаби ботинӣ даъват мекард ва аз роҳ бибурд ва кори хеш маҳкам кард. Ва чун мумкин гашт, роҳ задан гирифт ва ноҳиятҳо меғоратиданд ва ибоҳат ошкоро карданд. Ва рӯзгоре баромад ва ходиме ӯро бикушт.

Баъд аз он дар Баҳрайн бар одимон* эътимод накарданд ва Бӯтоҳир, писари ӯ, ба ҷои ӯ биништаст ва якчанде ба салоҳ мебуд ва аз мақолати ботиниён андак чизе медонист ва худро аз фасод дур дошт. Оқибат кас ба дониён фиристод ва китоби эшонро, ки «Балоғат-ус-собеъ» хонанд, бихост. Бад-ӯ фиристоданд. Он китоб фурӯ хонд, саге гашт пиндорӣ ва ҳар кӣ дар Баҳрайн ва Лаҳсо ҷавону силоҳдӯст буд, гуфт: — Биёед, ки ман шуморо шикоре дорам. Ва вақти ҳаҷ наздик буд. Халқе беҳад гирд омаданд, эшонро бардошт ва ба Макка бурд рост, ки вақти мавсими ҳаҷ буд. Ҳоҷиёни беадад ҳозир омаданд. Фармуд, ки шамшерҳо баркашед ва ҳар киро ёбед, мекушед ва даст ба муҷовирону маккаиён доред. Ҳама ногоҳ шамшер дарниҳоданду куштан гирифтанд. Халоиқ чун бар он гуна диданд, ҷумла дар ҳарам гурехтанд ва сандуқҳои «Қуръон» дар пеш ниҳоданд. Ва маккаиён дар силоҳ шуданд. Ҳар кӣ силоҳ дошт, баргирифтанд ва ба ҷанг пайвастанд ва чун Бӯтоҳир чунон дид расуле дар миён оварду гуфт: — Мо ба ҳаҷ омадаем на ба ҷанг. Шуморо ҷурм бувад, ки ҳарам бишикастед ва якеро аз мо бегуноҳ бикуштед, то моро ҳоҷат афтод бар сипоҳ баргирифтан ва аҳли ҳарам ва ҳоҷиёнро низ ҳеҷ кас ба куштан рағбат накунад ва аз ин роҳ фурӯ баста шаваду шумо зиштном шавед. Ҳаҷ бар мо ба зиён маёред ва бигузоред, то ҳаҷ бикунем.

Маккаиён пиндоштанд, ки магар рост мегӯяд. Мумкин бошад, ки якеро бо эшон лаҷоҷе рафта бошад ва даст ба силоҳ бурда ва якдигариро зада. Бад-он қарор доданд, ки аз ҳарду ҷониб шамшер бениҳанд. Ва савганд хӯранд ба мусҳаф ва бад-он чӣ онро каффора буд, ки ҷанг накунанд ва маккаиён бозгаштанд ва сандуқҳо ба ҳарам бозбурданд, то бо эминӣ каъбаро зиёрат кунанд ва ҳоҷиён силоҳ бениҳоданду савганд хӯрданд ва

боз пас шуданду ба тавоф шуданд. Бӯтоҳир чун дид, ки силоҳдорон пароганда шуданд, фармуд ёрони хешро, ки ҳин, силоҳ бардореду хештанро дар ҳарам афганед, аз беруни ҳараму аз андаруни ҳарам ҳар киро ёбед, бикушед. Пас, ногоҳ малъунон хештанро дар ҳарам афганданду шамшер дарниҳоданд ва ҳар киро ёфтанд аз даруну берун мекуштанд, то ҳама муҷовиронро пок бикуштанд. Ва мардумон аз бими шамшер хештанро дар чоҳ меафганданду бар сари кӯҳ мешуданд. Ва ҳаҷаруласвадро аз хона ҷудо карданду бар боми хона шуданд ва новадон бикананд. Ва мегуфтанд чун худои шумо ба осмон шуд, хона ба замин гузорид, хонаи вайро биғоратанду вайрон кунанд. Ва пас ҷома аз хона боз карданду пора-пора ба ғорат бурданд...

Чун дар хона рафта буданд, чаро аз шамшерҳои мо амон наёфтанд, агар шуморо худой будӣ, шуморо аз захми шамшери мо эмин кардӣ ва монанди ин суханҳо мегуфтанд. Ва зану фарзандони маккаиёнро барда карданду бибурданд. Ва чун ҳисоб карданд, бисту анд ҳазор мард кушта буданд, ба ҷуз он ки хештанро дар чоҳҳо афганда буданду бимурданд ва ҳар чӣ зинда буданд дар чоҳҳо куштагонро бар забари эшон андохтанд, то ҳалок шуданд. Ва зарру симу дебо ва атру зароифро қиёс набуд, баргирифтанд. Чун ба Лаҳсо бозшуданд, аз ин молҳои беҳад ба доъиён фиристоданд.

Ва ин воқеа ислом дар аҳди Муқтадир* афтод дар сесаду ҳафда * аз ҳиҷрат.

Бас ҳадьяҳо фиристод ба Мағриб ба Бӯсаид, ки ӯ(ро) писаре бузург буд аз фарзандони Абдуллои Маймун, Қаддоҳ номи ӯ. Аҳмад модари ӯро ба занӣ карда буду ӯро бипарварда ва ҳамчун модар... адабу фазлаш биёмӯхт ва нишонаҳояш бидод. Бархосту ба Мағриб шуд ва ба шаҳри Саҷалмоса мақом кард ва кори ӯ бузург шуду ин мазҳаб мардумонро даромӯхт, баъзе ба унфу шамшер ва баъзе ба лутф ва даъво кард, ки ман Маҳдиам ва алавӣ. Ва розҳои ғарон барниҳод ва май ҳалол кард... ва бар марвониёну аббосиён лаънат ошкоро кард...

Дар таворих овардаанд, ки ин ки ба Миср нишастааст, аз фарзандони ӯст. Бӯтоҳир ва Саид чун ба Лаҳсо омаданд, ҳар чӣ мусҳафи «Қуръон» ва «Таврот» ва «Инҷил» буд, ҳамаро дар саҳро афганданд ва бар он ҳадас мекарданд. Ва чунин гуфтанд, ки «се кас дар дуньё мардумонро табоҳ карданд; шӯбонею табибе

ва уштурбоне. Ин аз ӯштурбон бештар аст, ки аз дигарон мушаъбидтару сабукдасттар ва мӯҳтолтар буд... «Ва тарики Маздак* ошкоро карду ҳаҷаруласвадро ба ду ним кард ва бар ду каронаи чоҳи обхона ниҳод. Ва чун бар сари чоҳ нишастӣ, пой бар он ниҳодӣ. Ва фармуд, то бар пайғамбарон лаънат ошкоро карданд...

Ва ин Бӯтоҳир* гурӯҳи габрро аз Исфаҳон ба Лаҳсо бурд ва пинҳон ӯро ба подшоҳӣ бинишонданд. Пас, он гоҳ ин габр даристод ва ҳафтсад тан аз эшон бикушт ва хост, то Бӯтоҳиру бародаронашро бикушад. Бӯтоҳир бидонист ва ӯро ба ҳилате бикушту боз муставлӣ шуд.

Ва агар ҳама ёд кунем, ки ин саг дар ислом чӣ фасодҳо ва қатлҳо кард, ин китоб эҳтимоли он накунад. Ва ин фитна то рӯзгори Розӣ* бикашид ва ба дайлама ба рӯзгори Розӣ бадар омаданд.

Ва ин қадар бад-он ёд карда шуд, то худованди олам... бидонад, ки мазҳаби эшон чист ва бар қавлу савганди эшон эътимод нест. Ва ба ҳар вақт, ки ботиниён даст ёфтаанд дар билоди ислом бар мусулмонон чӣ фитнаю фасодҳо кардаанд. Ва чӣ шумқавмеанд ва чӣ душманеанд исломрою маликро. Ва Муқаннаи Марвазӣ* дар билоди Мовароуннаҳр ҳам дар ин таърих хурӯҷ кард ва шариат ба як бор аз қавми хеш бардошт. Ва ӯ ҳам ин даъво кард, ки ботиниён кунанд, чунон ки Бӯсаиди Ҷаннобӣ* ва Бӯсаиди Мағрибӣ* ва Алӣ Муҳаммади Алавии Бурқаӣ* ва доъиёни дигар. Ва Муқаннаъ ва Бӯсаид ҳарду дар як рӯзгор буданд ва бо ҳам дӯстию мукотибот доштанд. Ва Муқаннаъ дар Мовароуннаҳр тилисме сохт ва аз кӯҳе бар мисоли моҳе баровард, чунон ки ҳар рӯз бад-он вақт моҳ баромадӣ, чунон ки мардумони он ноҳият бидидандӣ. Муддати дароз бигузашт, чун мардумони он вилоятро аз доираи шариату мусулмонӣ берун бурд ва кораш қавӣ шуд, даъвои худоӣ кард. Ва бисьёре хун дар аҳди ӯ рехта шуд ва аз атрофу ҷавониб лашкарҳо рӯй бад-ӯ ниҳоданд. Ва бисьёр ҳарб афтод аҳли исломро бо ӯ ва солҳои дароз подшоҳию комронӣ меронд. Агар ёд кунем, қисса дароз гардад ва ахбор аз ҳар яке аз ин... ки ёд кардем, китобе ояд бузург.

Ва ботиниён чун ба вақте ки хурӯҷ кардаанд, эшонро номе ва лақаб дигар хонанд, валекин ба маънӣ ҳама якеанд: ба Ҳалабу Миср — «исмоилӣ» хонанд ва ба Қуму Қошон ва Табаристону Сабзвор ва Мовароуннаҳ-

ру Ғазнин ва Бағдод—«карматӣ» хонанд ва ба Кӯфа—«мубораки» хонанду ба Басра — «равандию буркай» хонанд ва ба Рай — «халафӣ» хонанд ва ба Ҷурҷон—«маҳмара» хонанд ва ба Шом — «мабиза» хонанду ба Мағриб — «саидӣ» хонанд ва ба Лаҳсою Баҳрайн — «ҷаннобӣ» хонанду ба Исфаҳон — «ботинӣ» хонанд ва эшон хештанро «таълимӣ» хонанд ва «рафиқ» хонанд ва монанди ин. Ва ғарази эшон ҳама он аст, ки чӣ гуна мусулмонӣ барандозанд. Ва душмани исލому душмани аҳли байти расул алайҳиссалом бошанд...

## ФАСЛ ДАР ХУРӮҶИ ХУРРАМДИНОН БА ИСФАҲОНУ ОЗАРБОЙГОН

Акнун сухани чанд мухтасар дар боби хуррамдинон ёд кунад банда, то худованди оламро дар бораи эшон дидоре дарафтад. Ба ҳар вақте хуррамдинон хурӯҷ кардаанд ва ботиниён бо эшон яке будаанду эшонро қувват дода, ки асли ҳарду ва мазҳаб якест ва дар санаи иснайн ва ситина ва миата (172 ҳ.) дар айёми халифаи Маҳдӣ* ботиниёни Гургон, ки эшонро «сурхалам» хонанд, бо хуррамдинон даст яке карданду гуфтанд: — Бӯмуслим зинда аст. Мо мулк биситонем. Ва писари ӯ Абдуғароро муқаддами хеш карданду то Рай биёмаданд. Ҳалолу ҳаромро яке доштанд ва занонро, мубоҳ карданд. Ва Маҳдӣ* нома набишт ба атроф ва ба Амр ибни Аъло, ки волии Табаристон буд, «даст яке кунеду ба ҳарби эшон равед». Бирафтанд ва он ҷамъ пароганда шуданд. Ва дар он вақт, ки Ҳорунаррашид* ба Хуросон буд, бори дигар хуррамдинон хурӯҷ карданд аз ноҳияти Исфаҳон аз Тармидаину Копула ва Фобак ва дигар рустоҳо ва мардуми бисьёр аз Рай ва Ҳамадон... берун омаданду ба ин қавм пайвастанд. Ва адади эшон беш аз сад ҳазор-буд. Ҳорун Абдулло ибни Муборакро* аз Хуросон бо бист ҳазор савор ба ҳарби эшон фиристод. Эшон битарсиданд ва ҳар гурӯҳ ба ҷои хеш боз шуданд ва Абдуллои Муборак нома набишт, ки «моро Будулаф нагузирад».

Ба ҷавоби нома набишт: «Сахт савоб аст». Эшон ҳарду даст яке карданд ва хуррамдинону ботиниёни бисьёр ҷамъ шуданд ва дигар бора даст ба ғорату фасод бурданд. Будулафи Аҷалӣ* ва Абдуллои Муборак ногоҳ тохтан бурданд. Халқе беҳадду беадад аз эшон бикуштанд ва фарзандони эшонро ба Бағдод бурданду фурӯхтанд.

## ФАСЛИ ДИГАР ДАР ХУРӮҶИ БОБАК...

Баъд аз ин чун нӯҳ сол бигузашт, Бобак* хурӯҷ кард аз Озарбойгон. Ин қавм қасд карданд, ки ба ӯ пайванданд ва шуниданд, ки лашкаре роҳ бар эшон гирифтааст, битарсиданду бигурехтанд.

Дар соли дувисту дувоздаҳ аз араб дар аҳди Маъмун* чун хуррамдинон хурӯҷ карданд аз ноҳияти Исфаҳон дар Ванда ва Қонула ва қавме аз ботиниён бо эшон пайвастанд ва фасодҳо карданду ба Озарбойгон шуданд ва ба Бобак пайвастанд. Ва Маъмун Муҳаммад ибни Ҳамидуттоиро ба ҳарби Бобак фиристод, то бо хуррамдинон ҳарб карданд. Ва фармуда буд, то ба Зурайқи Алӣ ибни Садақа ҳарб кунанд, ки ӯ осӣ шуда буд ва дар Кӯҳистони Ироқ мегашту ғорат мекард ва корвонҳо мезад. Ва Муҳаммад ибни Ҳамид ба таъҷил рафт ва аз хазинаи Маъмун чизе нахост ва лашкарро аз хизонаи хеш мол дод ва ба ҳарби Зурайқ шуду Зурайқро бигирифт ва лашкари ӯро ҳалок кард. Маъмун шаҳри Қазвину Мароға ва бештари Озарбойгон ӯро дод. Пас, ба ҳарби Бобак* рафт. Миёни ӯву миёни Бобак шаш ҳарби азим бибуд ва охируламр ибни Ҳамид кушта шуд ва кори Бобак боло гирифт. Ва хуррамдинон ба Исфаҳон бозшуданд ва Маъмун* аз куштани Муҳаммад азим дилтанг шуд. Дарҳол Абдуллои Тоҳирро, ки волии Хуросон буд, номзад кард ва ба ҳарби Бобак фиристод. Ва ҳама вилояти Кӯҳистон ва он чӣ кушода буданд ва Озарбойгон бад-ӯ дод. Ва Абдулло бархост ба Озарбойгон шуд. Бобак бо ӯ муқовимат натавонист кардан. Дар даррае гурехт сахт маҳкам ва лашкари ӯ ва ҷамъи хуррамдинон бипароганданд. Чун соли дувисту ҳаждаҳ андаромад, дигарбора хуррамдинон ба Исфаҳону Порс ва Озарбойгон ва ҷумлаи Кӯҳистон хурӯҷ карданд. Бад-он ки Маъмун ба Рум шуда буд ва ҳама ба як шаб ваъда ниҳода буданд ва ба ҳама вилоятҳою шаҳрҳо кор рост карда, шаб хурӯҷ карда, шаҳрҳо ғорат карданд. Ва дар Порс бисьёр мусулмонон куштанд ва зану фарзандон барда бурданд. Ва дар Исфаҳон сари эшон марде буд Алии Маздак, аз дари шаҳр бист ҳазор мард арз дод ва бо бародар ба Кӯҳ шуд. Ва Будулаф ғоиб буд ва бародараш Маъқал ба Кӯҳ буд бо понсад савор муқовимат натвонист кард, бигурехт ва ба Бағдод рафт. Алии Маздак Кӯҳ бигирифту ғорат кард ва ҳар киро

ёфт аз аҳли ислом, бикушт ва фарзандони аҷлиёнро барда кард ва бозгашт. Ва ба Озарбойгон шуд, то ба Бобак пайвандад. Ва аз ҷавониби хуррамдинон рӯй ба Бобак ниҳоданд, аввал даҳ ҳазор буданд, бисту панҷ ҳазор шуданд. Ва миёни Кӯҳистон шаҳраке ҳаст, онро Шаҳристона хонанд. Он ҷо ҷамъ шуданд ва Бобак бад-эшон пайваст. Пас, Муътасим* Исҳоқро бо чиҳил ҳазор мард ба ҷанги эшон фиристод. Ва Исҳоқ ногоҳ бар сари эшон шуду ҷанг дарпайваст ва ҳамаро бикушт, чунон ки ба ҳарби аввал аз хуррамдинон сад ҳазор мард кушта шуд. Ва ҷамъе қасди Исфаҳон карданд ва қурби даҳ ҳазор мард бо бародари Алии Маздак сароҳою рустоҳои Исфаҳон ғорат карданд ва зану фарзандон барда бурданд.

Ва амири Исфаҳон Алӣ ибни Исо ғоиб буд, қозию аъён ба ҳарби эшон шуданд ва аз ҷавониб фурӯ гирифтанду зафар ёфтанд ва бисьёр бикуштанду зану фарзандони эшон барда бурданд.

Пас аз ин ба шаш сол Муътасим ба шуғли хуррамдинон пардохт ва Афшинро* номзад кард ба ҳарби Бобак. Афшин лашкар бардошту рӯй ба ҳарб ниҳод ва ҳар чӣ хуррамдинӣ ва ботинӣ буданд, ба мадади Бобак шуданду ду сол ҳарб карданд. Ва миёни Афшину Бобак дар муддати ду сол бисьёр масофҳои сахт афтод ва аз ҳар ду ҷониб бисьёр мардум кушта шуданд. Охируламр чун Афшин аз куштани ӯ оҷиз омад, ба ҳилат машғул гашт.

Ва лашкари хешро дар шаб бифармуд, то хаймаҳо барканданду пароканда шуданд. Ва даҳ фарсанг пасттар бозомаданд. Афшин кас ба Бобак фиристод, ки марде хирадманд ба ман фирист, то бо ӯ сухан гӯям, ки маслиҳати мо ҳарду дар он аст. Бобак марде ба вай фиристод. Афшин гуфт: — Бобакро бигӯй, ҳар ибтидоеро интиҳоест. Сари одамӣ гандано нест, ки боз бирӯяд. Мардони ман бештар кушта шуданд ва аз даҳ яке намонд ва ҳақиқист, ки аз ҷониби ту ҳамчунин бувад. Биё, то сулҳ кунем. Ту бад-ин вилоят, ки дорӣ, қонеъ бошу ба салоҳ бинишин, то ман бозгардам ва аз амиралмӯъминин туро вилоят биситонам ва маншур бифиристам. Ва агар насиҳати ман қабул накунӣ, биё, то якборагӣ ба ҳам даровезем, то давлат киро ёрӣ кунад.

Расул аз пеши ӯ берун омад. Афшин ду ҳазор савору панҷ ҳазор пиёда дар ғорҳо ва кӯҳҳо пинҳону па-

роганда кард, то дар камин бинишинанд бар ин мисол.

Чун расул пеши Бобак шуду пайғом бидод ва камии лашкар бознамуд ва ҷосусон ҳам ин хабар оварданд, бар он иттифоқ карданд, ки баъд аз се рӯз ҳарби сахт бикунанд. Пас Афшин кас бад-он лашкар фиристод, ки бояд, ки рӯзи масоф дар шаб биёед дар дасти рост ва чап дар масофати як фарсангу ним кӯҳҳою дараҳо бувад, он ҷо пинҳон шавед. Чун ман ба ҳазимат бираваму аз лашкаргоҳ бигузарам ва эшон баъзе дар қафои ман биистанд ва баъзе ба ғорат машғул шаванд, шумо аз дараҳо берун тозида ва роҳ бар эшон бигиред, то боз дар дара натавонанд шуд. Ман бозгардам ва он чӣ бояд, бикунам. Пас, рӯзи масоф Бобак лашкар берун овард аз дара зиёдат аз сад ҳазор савораю пиёда. Ва лашкари Афшин ба чашми эшон ҳақир омад аз он чӣ дида буданд ва лашкаре зиёдате надиданд. Пас, ҷанг дарпайвастанд ва аз ҳар ду ҷониб ҷанги азим карданд ва бисьёр кас кушта шуд ва вақти завол Афшин ба ҳазимат бирафт, аз як фарсанг лашкаргоҳ даргузашт, пас, аламдорро гуфт:— Алам бидор.

Ва инон бозкашид ва лашкар ҳар чӣ он ҷо омаданд меистоданд ва Бобак гуфта буд, ки ба ғорат машғул мешавед, то якборагӣ дил аз Афшину лашкари ӯ фориғ кунем. Пас, ҳар чӣ савор буданд, бо Бобак дар қафои Афшин шуданду пиёда ба ғорат машғул шуданд. Пас, ин бист ҳазор савор аз дараҳою кӯҳҳо берун омаданд ва ҳама саҳро пиёдаи хуррамдинӣ диданд. Роҳи дара бар эшон бигирифтанду шамшер дарниҳоданд. Ва Афшин низ бо лашкар бозгашт ва Бобакро дар миён гирифтанд. Ҳарчанд кӯшид, Бобак роҳ наёфт. Афшин даррасиду ӯро бигирифт ва то шаб метохтанду мекуштанд. Зиёдат аз ҳаштод ҳазор мард он ҷо кушта шуд. Пас, Афшин ғуломеро бо даҳ ҳазор савору пиёда он ҷо гузошт ва худ Бобакро ва асирони дигарро ба Бағдод бурд ва ба аломате Бобакро дар Бағдод бурданд. Чун чашми Мӯътасим* бар Бобак афтод, гуфт: — Эй саг, чаро дар ҷаҳон фитна ангехтӣ?!

Ҳеҷ ҷавоб надод. Фармуд то ҳар чаҳор дасту пояш бибурранд. Чун як дасташ бибуриданд, дасти дигар дар хун заду дар рӯи худ молид ва ҳама рӯи худро аз хуни худ сурх кард. Мӯътасим гуфт: — Эй саг, ин чӣ амал аст?! Гуфт: — Дар ин ҳикматест. Шумо ҳарду

дасту пои ман бихоҳед бурид ва гунаи рӯи мардум аз хун сурх бошад. Хун аз рӯй биравад, зард бошад. Ман рӯи хеш аз хуни худ сурх кардам, то чун хун аз танам берун шавад, нагӯянд, ки рӯяш аз бим зард шуд!

Пас, фармуд, то пӯсти гове бо шохҳо биёварданд ва ҳамчунон тоза Бобакро дар миёни пӯст гирифтанд, чунон ки ҳар ду шохи гов бар баногӯши ӯ буд, дар вай дӯхтанд ва пӯст хушк шуд. Пас, ҳамчунон зинда бар дораш карданд.

Ва аз аввали хурӯҷ то гирифтани ӯ сухан бисьёр аст ва муҷаллиде тамом аст... Агар ҳама ёд кунем, дароз гардад ва ҳар кӣ хоҳад, то бар ҳама хурӯҷҳои ботиниён воқиф гардад, дар «Таърихи Табарӣ» ва «Таърихи Исфаҳон» бархонанд, то маълум гардад...

### ФАСЛИ ЧИҲИЛУ ҲАШТУМ

## АНДАР ХАЗОИН НИҲОДАНУ НИГОҲ ДОШТАН ВА ҚОИДАЮ ТАРТИБИ ОН

Мулукро ҳамеша ду хазина будааст: яке хазинаи аслӣ ва яке хазинаи харҷ. Ва моле, ки мешудӣ, бештар ба хазинаи аслӣ будӣ ва то зарурате набудӣ, аз он хизона харҷ нафармудандӣ. Ва агар чизе бардоштандӣ, ба ваҷҳи вом бардоштандӣ, бадали он зуд ба ҷой ниҳодандӣ. Ва чун андешае дошта бошад, набояд, ки ҳар чӣ дахл бувад, бо хароҷот бишавад. Ва агар ногоҳ ба мол ҳоҷат ояд, дилмашғулӣ таваллуд кунад ва дар он муҳим тақсир роҳ ёбад ва ҳар моле, ки аз он дар ваҷҳи хизона ниҳода будандӣ, аз дахли вилоят ҳаргиз онро табдилу таҳвил набудӣ, то ихроҷот ба ваҷҳи хеш ва ба вақти хеш мерасидӣ ва дар силат ва марсумот тақсиру таъхир наяфтодӣ ва ҳама хазоин ободӣ будӣ ва пайваста мардум ба роҳат будандӣ ва ҳеҷ офаридаро заҳмат нарасидӣ аз ҷиҳати мол.

### ҲИКОЯТ

Андар ин маънӣ шунидам, ки амир Олтунтош, ки амири ҳоҷиби бузург буд азони Султон Маҳмуди* ғозӣ раҳматуллоҳ, ба хоразмшоҳӣ номзад гардид. Ва ба Хоразм рафт. Ва ибраи Хоразм шаст ҳазор динор буд

ва ҷомагии Олтунтош саду бист ҳазор динор буд. Олтунтош чун ба Хоразм рафт, баъд аз моҳе мӯътамадони хешро фиристод ва илтимосу тақозои шаст ҳазор динори дигар кард, ки хизонаи Хоразм ба ҷомагии ӯ тамом нест. Дигар арзоне доред, ки ивази он аз девон бихоҳед дод.

Шамсулкуфот Аҳмад Ҳасани Маймандӣ дар он замон вазир буд. Чун номаи Олтунтош бихонд, ҷавоб бинавишт дарҳол. «Олтунтош... бидонад, ки Маҳмуд натавонад буд ва ба ҳеҷ ҳол моле, ки замон кардааст, бар ӯ гузошта нашавад. Мол бардорад ва ба хизонаи султон орад ва пеши ноқиди даврон бинишинаду зар таслим кунад ва ҳуҷҷат биситонад. Ва он гоҳ ҷомагии хеш бихоҳад, то ӯро ва хайли ӯро бар Бусту Систон барот нависанд ва бадал. Бираванду биситонанд ва ба Хоразм оварад, то фарқ бувад миёни худованд Маҳмуду миёни Олтунтош аз баҳри он ки кори подшоҳ пайдост ва андозаи лашкар падид. Сухани Хоразмшоҳ бояд, ки белағв бувад ва илтимосе, ки кардааст, ё ба чашми хорӣ нигариста ба султон, ё Аҳмади Ҳасанро ғофил ва ҷоҳил медонад. Моро аз камоли ақлу хасофати Хоразмшоҳ аҷаб омад ва аз ин ки кардааст, истиғфор бояд кард, ки бандаро бо худованди хеш ширкат ҷустан хатаре азим бошад, вассалом».

Ин нома бар дасти сипоҳе бо даҳ ғулом ба Хоразм фиристод ва шаст ҳазор динор биёварду ба хизона таслим карданд ва ивази он барот биситаданд. Аз девони Ғазнин бар вилояти Бусту Систон ивази он пӯсти анор ва мозӯю забиб ва монанди он оварданд.

Инак, тартиби мулк чунин доштаанд, то масолеҳи мамлакат аз якдигар гусаста нашавад. Ва салоҳи раияту ободонии хазина бар ҳоли хеш бимонад ва тамаъҳои муҳол дар амволи султон ва моли раият мунқатеъ шавад. Ва умаро ҳар як бар ҷои хеш бимонад ва тамаи зиёдат дар мамлакат накунанд, султон аҳволи умаро дарьёбад ва ҳар якеро бар ҷои хеш бидорад, то сар ба фузулӣ барнаёранд.

Ва ин аст аҳволи хазоин ниҳодан.

**ФАСЛИ ЧИҲИЛУ НӮҲУМ**

## АНДАР ПОСУХ ДОДАН ВА ГУЗОРИДАНИ ШУҒЛИ МУТАЗАЛЛИМОН ВА ИНСОФ ДОДАН

Ҳамеша мардуми бисьёр аз мутазаллимон ба даргоҳи султон муқим мебошанд ва агар чӣ қиссаро ҷавоб меёбанд, намераванд. Ва ҳар ғарибею расуле, ки бад-ин даргоҳ оянд ва ин фарьёду ошӯб бубинанд, чунон пиндоранд, ки ба даргоҳ зулми азим меравад. Пас, ин дар бар эшон набояд бастан, то ҳоҷати ғариб ва шаҳрӣ, ки ҳозир оянд, ҷумларо ҷамъ кунанд ва бар ҷое нависанд ва ҳеҷ кас ба ҷуз аз панҷ каси мӯътамаду оқил набояд, ки он сухан бигӯянд ва бар он ҷумла мисол ситонанд. Чун мисол бад-эшон расад, бояд, ки дарҳол бозгарданд, то ин ошӯби беҳуда ва ин фарьёди бефоидаю беасл набошад. Ва корҳо ба зудӣ бароёду раият тамом дар роҳат бошанду олам ободон бошад ва кас бар касе бедодию берасмӣ натавонад кард.

### ҲИКОЯТ

Гӯянд Яздгурд* шаҳриёри охири мулки Аҷам буд. Расул фиристод ба амиралмӯъминин Умар*..., ки имрӯз дар ҳама олам даргоҳе аз даргоҳи мо анбӯҳтар нест ва хизонае аз хизонаи мо ободонтар нест ва лашкаре аз лашкари мо далертар не. Ва чандон иддату олат, ки мо дорем, кас надорад. Амиралмӯъминин ҷавоб бозфиристоду гуфт, ки: «бале, даргоҳи шумо анбӯҳ аст, валекин аз мутазаллимон ва хазинаи шумо ободон аст, валекин аз моли ятимон ва лашкари шумо далер аст дар бефармонию исьён. Чун давлат рафт, иддату олат суд надорад. Ва ин ҳам далел аст бар бедавлатии шумо».

Ҳамчунон буд, ки амиралмӯъминин ҷавоб дод.

Волӣ бояд ки аввал инсоф аз хеш бидиҳад, то ҳамгинон мунсиф шавандy тамаъ аз муҳол ва новоҷиб бибурранд...

### ҲИКОЯТ

Гӯянд, бозаргоне ба мазолимгоҳи Султон Маҳмуд* омад ва аз писари ӯ, Масъуд*, бинолид ва тазаллум карду гуфт: — Марде бозаргонам ва муддати дароз шуд, то ин ҷо мондаам ва мехоҳам, ки ба шаҳри хеш

равам. Наметавонам рафт, ки писарат шаст ҳазор динор коло аз ман бихаридаасту зарри ман намедиҳад. Хоҳам, ки амир Масъудро бо ман ба қозӣ фиристӣ.

Султон Маҳмуд... аз сухани бозаргон дилтанг шуд. Пайғоме дурушт ба вай фиристоду гуфт: — Дарҳол хоҳам, ки ҳаққи вай ба вай расонӣ, ё бархезию бо вай ба маҷлиси ҳукм равӣ, то он ҷо муқтазои шаръ воҷиб ояд, бифармоянд.

Бозаргон ба сарои қозӣ рафт ва расул наздики амир Масъуд* омаду пайғом бигузорид. Масъул андар монд. Ходимеро гуфт: — Бинигар, то дар хазина нақд чанд аст?

Хазинадор рафт ва қиёс карду омад ва гуфт: — Бист ҳазор динор ҳаст. Гуфт: — Баргиру ба наздики бозаргон бар ва тамомати молро се рӯз замон ва мӯҳлат хоҳ, то бирасонам.

Расули Султонро гуфт, ки Султонро бигӯй, ки бист ҳазор динор дарҳол бидодаам ва тамомати ҳаққи вай то се рӯзи дигар ба вай бидиҳам. Ва ман қабо пӯшидаву миён баста ва мӯза пӯшидаю ба по истодаам, то Султон чӣ фармояд, ки ба маҷлиси қазо равам, ё моли бозаргон тамомат ба вай диҳам.

Расул биёмад ва чунин гуфт.

Султон Маҳмуд... гуфт: — Ба ҳақиқат бидон, ки рӯи ман набинӣ, то моли бозаргон ба тамому камол нарасонӣ.

Масъуд низ сухан наёрист гуфт ва ба ҳар ҷониб кас фиристоду аз ҳар кас қарзе хост. Чун намози дигар шуд, шаст ҳазор динор ба бозаргон расида буд ва ин хабар ба атрофи олам бирасид ва бозаргонон бо якдигар ҳикоят карданд; аз дари Чину Хито ва Хӯтану Миср ва Адану Басра рӯй ба Ғазнин ниҳоданд ва тароифу ғароиб ба Ғазнин оварданд.

Дар ин замона, агар камтар касе, фаррош, ё рикобдореро гӯянд, бо амиди Исфаҳон ва раиси Хуросон ба маҷлиси шаръ мутаҳҳар шав, аз он сар печаду фармон набарад.

## ҲИКОЯТ

Амиралмӯъминин Умар*... гуфт: — Ё расулиллоҳ, дар аввали ҷавонӣ тиҷорат мекардам ва ба атрофу акнофи олам мерафтам. Дар замони Анӯширвони Одил* ба шаҳри Мадоин расидам ва борҳо дар шаҳр андох-

там ва мефурӯхтам. Ва уштуронро ба саҳро фиристодам бо сорбон ба ҷиҳати алаф ва обхӯр. Чун шабҳангом даррасид, сорбон биёмаду гуфт: — Уштуронро хоҷасарой, писари Анӯширвон, ба ҳукм бурд.

Чун ин сухан бишунидам, дилтанг шудам. Дар он хона, ки бор кушуда будам, соҳибхона хабар ёфт, гуфт: — Бархезу ба бандагии Анӯширвон рав ва ҳол арза дор, то уштурони туро бифармояд боздодан.

Дигар рӯз алассабоҳ бирафтам ва даст дар занҷири дод бизадам, маро ба хидмати Анӯширвон бурданд, ҳоҷиб сухан бозпурсид. Чун ҳол бозгуфтам, ӯ аз тарсу бими писари шоҳ сухан ба навъе дигар арза дошт. Анӯширвон фармуд, то ҳазор динор ба ман доданд. Ман шод гаштаму ба хона биёмадам. Чун соҳибхона он бидид, гуфт: — Шоҳро ҳол маълум нашудааст, боз рав ва аҳвол бознамой.

Дигар бор рӯзи дуввум бирафтам ва ҳамчунон ҳол бознамудам. Ҳоҷиб сухан ба навъе дигар гуфт, фармуд, то ҳазор динори дигар бидоданд. Бозгаштам шодмон. Боз соҳибхона фармуд, ки шоҳро сухан маълум накардаанд. Боз рӯзи дигар ҳамчунон бирафтам ва ҳол бознамудам. Ҳоҷиб ҳолро ба навъе дигар гуфт, шоҳ боз фармуд, то ҳазор динори дигар бидоданд. Чун ба хона омадам, соҳибхона гуфт: — Шоҳро маълум нашудааст. Боз рав.

Чун рӯзи чаҳорум бирафтаму ҳол боз гуфтам, шоҳро аҷаб омад. Тарҷумони дигар талаб карду ҳолро аз ман бозпурсид. Дар хашм рафт ва ҳеҷ нагуфту маро ба мӯътамаде аз они хеш дод ва суфориш кард. Ҳар рӯз харҷи ман медод, то чиҳил рӯз тамом шуд. Баъд аз он маро талаб кард. Он мӯътамад маро дар шаб ба ҳазрати Нӯширвони Одил* бурд. Чун шоҳ маро бидид, навозиш фармуду дилхушии тамом дод ва узр мехост аз ман ба ҳар навъе. Ва ман мутаҳайир бимондам аз он ҳама дилдории ӯ. Баъд аз он хоссагии хешро фармуд, то табақе биёваранд сарпӯшида. Чун бо ниҳоданд, шоҳ фармуд, то сари табақ бикушоданд. Чун сарпӯш баргирифтанд, дасте дидам бурида ва дар табақ ниҳода. Мутаҳайир бимондам, ки «аҷабо ин чӣ даст аст». Анӯширвон гуфт: — Медонӣ, ки ин дасти кист? Гуфтам: — На. Гуфт: — Ин дасти фарзанди ман аст, ки ходими ӯ уштурони ту ба ҳукм бурда буд ва бо ту бедодӣ карда. Имшаб чиҳил шабонарӯз аст, то бо модари ӯ ин сухан ва ҳикояти ту мегуфтам, то ри-

зо диҳад, ки фарзанди ӯ бедодӣ кардааст, то он чӣ сазои ӯст, бо ӯ кунам.

Имшаб ризо бидод, то як дасташ бибуридам, то дигар касе бар касе аз ин навъ бедодӣ накунад ва номи ман дар олам ба бедодӣ мунташир нагардад. Ва он гаҳ дар қиёмат шармсору хиҷил барнахезам ва аз ҷумлаи рондагони ҳақтаоло набошам.

Пас, фармуд, то ҳоҷибро биёвараданд ва гуфт: — Чаро сухан ба ман рост нагуфтӣ, ба навъе дигар мегуфтӣ, то ман ҳол надонистам ва бозаргон ноумед аз ман мерафт ва уштурон зоеъ ва ғорат карда. Ва ман ҳолро намедонистам ва ҳар куҷо рафтӣ, номи ман ба зулм ва бедодӣ бурдӣ. Ва маро огоҳӣ аз он набудӣ.

Ҳоҷиб гуфт:— Тарсидам аз фарзандат. Гуфт:— Чун аст, ки аз ман натарсидӣ?

Дарҳол вайро сиёсат фармуд ва уштуронро боздод. Чун ба хона омадам, соҳибхона гуфт: — Ин соат ҳол маълум шудааст. Дигар рӯз бархостам ва се ҳазор динор баргирифтам ва ба хидмати Нӯширвон рафтам ва кисаи зар биниҳодам. Шоҳ фармуд, ки ин зар ба тамомат аз туст ва ҳам чандон ки дода буд, дигар бифармуд додан ва маро ба дилхушии тамом равона гардонд. Ҳол бар ин мӯҷиб буд.

Пайғамбар... чун ин сухан бишунид, аҷаб омаду гуфт: — Кофиреро ин адл будааст. Пас, ин замон рӯзгоре пайдо шудааст, ки агар хуни сад мусулмон бирезанду адо хоҳанд аз касе ба як ҷав барнадоранд, то зар дарнаёранд. Чун зар бигиранд, низ кор барнаёранд. Аҷабо баъд аз ин чӣ гуна хоҳад будан?!

## ҲИКОЯТ

Омили шаҳри Ҳамс ба Умари Абдулазиз*... набишт, ки девори шаҳри Ҳамс хароб шудааст. Онро иморат бояд кардан. Ҷавоб набишт, ки шаҳри Ҳамс аз адл девор бояд кард. Роҳҳо аз зулму хавф пок кун, ки ҳоҷат нест ба гилу хишт ва сангу гаҷ. Ҳаққи субҳона ва таоло Довудро*... мефармояд...— Ё Довуд, мо туро халифаи хеш кардем бар замин, то бандагони моро тимор дорӣ ва нагузорӣ, ки аз яке бар яке ситам равад. Ва ҳар сухан, ки гӯӣ ва ҳар кор, ки кунӣ, ба ростӣ кун... бандагонро. Ва порсоёнро ва мардуми басомонро ба корҳо бояд гумоштан, то бандагони худой тао-

лоро наранҷонанд ва ғамхорӣ намоянд. Ва агар на чунин касро амал фармоянд, хиёнате бошад...

Ин ҷаҳон рӯзномаи маликон аст, агар нек бошанд, эшонро ба некӣ ёд кунанд, чунон ки Унсурӣ* гӯяд:

Ҳамсамар хоҳӣ шудан, гар созӣ аз гардун сарир,
Ҳамсухан хоҳӣ шудан, гар бандӣ аз Парвин камар.
Ҷаҳд кун, то чун сухан гардӣ, қавӣ бошад сухан,
Ранҷ бар. чун самар гардӣ, накӯ бошад самар.

### ФАСЛИ ПАНҶОҲУМ

## АНДАР НИГОҲ ДОШТАНИ ҲИСОБ ВА МАҶМӮОТ ВА ИРТИФОЪ ВА НАСАҚИ ОН

Ҳисоби моли вилоятҳо бинависанд ва маҷмӯъ ва харҷ падид оранд ва фоидаи ин он аст, ки харҷҳоро тааммули шофӣ карда шавад ва он чӣ раво бувад, ки аз вай бияфгананд ва надиҳанд қалам барниҳанд ва агар дар маҷмӯот гӯяндаеро сухан бошад ва тавфире намояд, суханаш бишунаванд. Ва чун он чӣ гӯяд бар ҳақиқате бошад, талаби он мол кунанд, то агар сурати халале бошад ва ба зайъи моле баста бошад, бад-ин сабаб зоил гардад, аз он аҳвол. Пас аз ин ҳеҷ чиз пӯшида намонад.

Ва аммо миёна рафтани подшоҳро дар маънии моли дуньё ва дар корҳо чунон аст, ки дар ҳоли мунсиф бошад ва бар одати қадиму оини маликони нек равад ва суннати бад наниҳад ва ба хуни ноҳақ ризо надиҳад. Ва бар подшоҳ фариза аст тафаҳҳус кардани уммол ва омилот ва бидонистани дахлу харҷ ва нигоҳ доштани амвол ва сохтани захоиру хазоин аз ҷиҳати истизҳор ва дафъ кардани мазаррати хасмро. Ва на чунон каф бастан, ки мардумон рақами бахилӣ кашанд ва на чунон исроф ва ифрот кардан, ки мардумон гӯянд: «Боддаст аст». Бояд, ки саховат ба қадри мард кунад. Онро, ки истеҳқоқ бештар дорад, бештар диҳад ва онро, ки надорад кам, то ҳар кас қадри пояи хеш бишиносад.

Ва дигар бо хасмон ҷанг чунон кунад, ки оштиро ҷой бошад ва бо дӯсту душман чунон пайвандад, ки тавонад гусаст ва чунон гусалад, ки тавонад пайваст. Ва чун шароб хӯрад, на ҳамвора хуштабъ бошад ва на

якбора туршрӯй. Чун якчанде ба тамошою шикор ва шаробу лаззоти дуньё машғул бошад. Гоҳ-гоҳе низ ба шукру садақа ва намози шабу рӯза ва «Қуръон» хондан ва хайрот машғул гардад, то ҳар ду ҷаҳон дорад...

Ва амру наҳй бар ҳасби имкон ба ҷой оварад ва ҷаҳди он кунад, ки амале, ки кунад, аз ӯ ёдгор монад. **Ва ҳама ранҷҳои дуньё аз ҷиҳати номи некӯст...**

**Ин аст китоби «Сияд-ул-мулук»,** ки набишта омад ва худованди олам... бандаро фармуда буд, ки дар ин маънӣ ҷамъе созад. Пеш аз ин ба ҳукму фармони нафазауллоҳу таоло вақтро бар бадеҳа чиҳил кам як боб набишта буд ва ба маҷлиси аъло... оварда ва писандида афтода буд, валекин аз пас мухтасарро дарафзуду ба вақти фароғат фусул ва нуктаҳое, ки лоиқи ҳар бобе буд, дар ӯ ёд кард ва ба лафзи ҳар чӣ равшантару осонтар шарҳ дод дар санаи хамсау самонин ва арбаъмоӣ, ки ба сӯи Бағдод хостам рафт, ба нависандаи китобҳои хос Муҳаммади Носих додам ва фармудам то ба хатти равшан бинависад. Ва агар бандаро боз омадан набошад, ин дафтарро пеши худованди олам... барад, то маҷлиси олиро танаббӯҳ афзояд ва аз хулосаи эътиқод ва ҳавохоҳии бандаи мухлис огоҳ шавад ва гӯш ба хештан дорад ва бад-ин шуғл ин китоб мехонад, ки аз хондани ин китоб малолат наяфзояд, ки дар ин китоб ҳам панд асту ҳам масал аст... ва ҳам сирату ҳикояти подшоҳони одил аст, аз омада хабар асту аз наомада хабар аст. Ва бо ин ҳама дарозӣ мухтасар аст ва шоистаи подшоҳи додгар аст. Ҳар чӣ бад-ин кор кунад, бар ҳама олам подшоҳ аст ва ҳар кӣ накунад, бидон, ки дур аз даргоҳ аст.

## ТАВЗЕҲОТ

1. **Аббосиён** — Абулаббос Ассафоҳи Абдулло ибни Муҳаммад ибни Алӣ ибни Абдулло ибни Аббос дар соли 132 ҳ. (749 м.) ин сулоларо таъсис намудааст, ки он то соли 923 ҳ. (1517 м.) бардавом буд.

2. **Абдулло ибни Маймун** — дар Аҳвоз таваллуд ёфта, соли 261 ҳ. (875 м.) вафот кардааст.

3. **Абдулло ибни Умар-ул-Хаттоб** — аз фузало ва саҳоба буда, дар синни 84-солагӣ, яъне соли 73 ҳ. (692 м.) вафот кардааст.

4. **Абдулло ибни Тоҳир** — волии Хуросон, ки дар соли 214 ҳ. (829 м.) ба ҷанги зидди Бобак сафарбар карда шудааст.

5. **Абдулло ибни Муборак** — сипаҳсолор ва волии Ҳорунаррашид будааст.

6. **Абӯабдуллои Ҷаъфар ибни Муҳаммад** — шашумин имоми шеиён, ки дар соли 83 ҳ. (702 м.) таваллуд ёфта, соли 148 ҳ. (765 м.) ба қатл расонда шудааст.

7. **Абӯабдуллои Муҳаммад ибни Аҳмади Нахшабӣ**: — таблиғотчии бомаҳорати мазҳаби фотимиҳо, ки дар соли 942 м. аз тарафи Нӯҳ ибни Наср ба қатл расонда шудааст.

8. **Абӯбакри Сиддиқ** — аввалин халифа буда, солҳои 632—634 м. хилофат кардааст.

9. **Абӯбакр Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ** — ҳаким, донишманд ва файласуфи машҳур, ки дар Рай таваллуд ёфта, солҳои 865—925 м. умр ба сар бурдааст.

10. **Абудулаф** — сарлашкар ва шоири халифаи Аббосиён, Ҳорунаррашид, будааст.

11. **Абӯисҳоқ Муҳаммад ибни Ҳорунаррашид** — ҳаштумин халифаи Аббосӣ буда, соли 180 ҳ. (796 м.) таваллуд ёфтааст. Дар соли 218 ҳ. (833 м.) соҳиби хилофат гардида, баъди 8 солу 8 моҳи хилофат дар соли 227 ҳ. (842 м.) вафот кардааст.

12. **Абулфазли Наср ибни Халаф** — ҳокими Систон буда, бо лақаби «Сагзӣ» машҳур аст. Дар соли 465 ҳ. (1072 м.) вафот кардааст.

13. **Абулқосими Исмоил ибни Аббод** — машҳур ба Ибни Аббоди Ассоҳиб буда, вазифаи вазирии сулолаи оли Бӯяро дар дав-

раи ҳукмронии «Муизуддавла ва Фахруддавла **аз соли 360 ҳ.** (970 м.) то 385 ҳ. (995 м.) адо кардааст.

14. **Абулфазл Муҳаммад ибни Убайдуллоҳи Балъамӣ** — вазири донишманд ва бомаърифати сулолаи Сомониён, ки аз соли 918 м. то соли 938 м. вазорат кардааст. Дар соли 940 м. бо сабаби номаълуме ногаҳон нобуд мешавад.

15. **Абӯмуслим** — мубориз зидди хилофат буда, дар соли 775 м. аз дасти халифаи дуюми Аббосӣ — Алмансур (754—775 м.) кушта шудааст.

16. **Абӯсаид Алҳасан ибни Баҳром Алчуннобӣ** — осиёбон буда, ба ҳаракати зиддихалифавӣ сардорӣ менамояд. Дар соли 285 ҳ. (898 м.) қисми зиёди Баҳрайнро ба худ тобеъ карда буд.

17. **Абӯтоҳир** — дар соли 332 ҳ. (943 м.) вафот кардааст.

18. **Азадуддавла (Абушуҷоъ ибни Рукнуддавла)** — дар Кирмону Ироқ ҳукмронӣ намуда, дар синни 48-солагӣ, соли 372 ҳ. (982 м.) вафот кардааст.

19. **Алмуқтадо** — бисту ҳафтумин халифаи Аббосӣ буда, дар солҳои 448—487 ҳ. (1056—1094 м.) ҳаёт ба сар бурдааст.

20. **Алӣ ибни Муҳаммад Бурқаӣ** — сардори шӯриши зангиён; ки ба муқобили ғуломдорӣ баромада, қариб 14 сол (869—883 м.) мубориза бурдааст.

21. **Алӣ ибни Абитолиб** — чаҳорумин халифа ва домоди Муҳаммад буда, дар соли 41 ҳ. (662 м.) ба қатл расондаанд.

22. **Алптегин** — хусури (падарарӯси) асосгузори сулолаи Ғазнавиён — Сабуктегин буда, дар соли 963 м. вафот кардааст.

23. **Алпарслон** — яке аз шоҳони намоёни хонадони Салҷуқиён буда, дар солҳои 1063—1072 м. ҳукуматдорӣ намудааст.

24. **Алқодир** — Алқодир — биллоҳ, яъне Аҳмад ибни Исҳоқ аз хулафои Аббосиён буда, дар солҳои 381—422 ҳ. (991—1031 м.) хилофат намудааст.

25. **Амр ибни Лайс** — аслан дуредгар буда, бо зӯрӣ аз халифа ҳокимии Хуросонро ба даст меоварад. Дар солҳои 879—900 м. ҳукуматдорӣ мекунад, вале бо иғвои халифа дар байни Амр ибни Лайс ва Исмоил дар соли 900 м. ҷанг сар мезанад. Амр дар ин ҷанг асир меафтад.

26. **Анӯширвон** (Нӯширвон) — лақаби Хусрави Аввал, ки бисту якумин шоҳи сулолаи Сосониён буда, солҳои 531—579 салтанат доштааст.

27. **Анораллоҳи бурҳонаҳу** — худо оромгоҳашро пурнур кунад.

28. **Арастотолис** (Аристотель) — файласуфи бузурги Юнони қадим, ки дар солҳои 384—322 пеш аз милод зиндагӣ кардааст.

29. **Ардашери Бобакон** — асосгузори сулолаи Сосониён, ки дар солҳои 226—242 м. ҳукмронӣ кардааст.

30. **Афросиёб** — шоҳи афсонавии тӯрониён буда, тасвири пурраи он дар «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ мавҷуд аст.

31. **Афшин** — бо ин ном марди кариме, ҳимматбаланде дар байни халқ машҳур будааст. Ин номро мардум ба қатори номи Ҳотами Той мегузоштаанд.

32. **Ашъас** — Ҳамдонулашъас, ки асли вай аз Хӯзистон буда, соли 258 ҳ. дар Кӯфа машҳур шуд. Баъдтар дар соли 293 ҳ. ӯро ба қатл расонидаанд.

33. **Аҳмад ибни Алӣ** — дар соли 311 ҳ. (924 м.) ӯро мағлуб сохта, сарашро ба халифа мефиристонанд.

34. **Аҳмад ибни Исмоил** — дуввумин шоҳи сулолаи Сомониён буда, дар солҳои 908—914 м. давлатдорӣ кардааст.

35. **Аҳмад ибни Ҳасан** — бо лақаби Шамсулкифот машҳур буда, дар солҳои 401—416 ҳ. (1010—1025 м.) вазифаи вазирии Султон Маҳмудро адо кардааст. Дар соли 424 ҳ. (1032 м.) фавтидааст.

36. **Баркаёруқ** — Рукниддини Абулмузаффар подшоҳи сулолаи Салҷуқиён, ки солҳои 1094—1104 ҳукмронӣ кардааст.

37. **Баҳроми Чӯбин** — яке аз сардорони бомаҳорати Ҳурмуз (IV) шоҳаншоҳи сулолаи Сосониён будааст. Вақте ки тӯрониён бо Ҳурмуз ҷанг эълон мекунанд, Ваҳроми Чӯбин корнамоӣ нишон медиҳад. Пас аз ғалаба Ҳурмуз (IV) ӯро сахт меранҷонад. Он гоҳ Баҳром қиёми зидди шоҳаншоҳӣ карда, соли 590 м. ба тахт соҳиб мешавад, вале салтанати ӯ дер давом намекунад. Хусрави Парвиз ба муқобили ӯ мебарояд. Баҳром баъди ин воқеа ба Туркистон фирор мекунад.

38. **Баҳроми Гӯр** — писари Яздгурди Аввал, ки дар солҳои 421—438 м. салтанат доштааст.

39. **Бани Марвон (Абдумалик ибни Марвон)** — аз хулафои Умавия буда, дар солҳои 685—705 м. хилофат доштааст.

40. **Бузарҷмеҳр** — вазири донишманди мулуки Сосониён, Нӯширвони Одил, буда дар соли 580 м. ё худ 590 м. вафот кардааст.

41. **Буҳанифа** — Нӯъмон ибни Собиа ибни Завтӣ аз пешвоёни бузурги ислом буда, солҳои 696—767 дар қайди ҳаёт будааст. Вай ҳамчун муассиси фирқаи ҳанафӣ дар таърихи ислом машҳур аст.

42. **Бӯҷаъфар** — Бӯҷаъфари Мансур бародари Нӯҳ-шоҳи сулолаи Сомониён будааст.

43. **Бобак** — сардори ҳаракати зиддихалифавӣ буда, муборизаи ӯ қариб бист сол, яъне дар солҳои 817—838 м. давом намудааст.

44. **Ботиния** — ҷараёни мазҳаби шеа, ки мувофиқи ақидаи аҳли он шариат дар баробари маънии зоҳирӣ маънии ботинӣ низ дорад.

45. **Восиқ** — халифае, ки дар солҳои 842—847 м. хилофат доштааст.

46. **Гударз** — қаҳрамони афсонавии тоҷикон, ки дар давраи Рустами Зол нашъунамо кардааст.

47. **Гуштосп** — аз шоҳони Қаёниён буда, гӯё дар солҳои 520 пеш аз милод ҳукмронӣ кардааст.

48. **Довуд** — подшоҳи Банӣ Исроил, ки солҳои 1010—970 пеш аз милод ҳукмронӣ намудааст. Меоваранд, ки вай олиму шоир буда, то ба дараҷаи пайғомбарӣ расидааст. Шаҳри Байтулмуқаддасро ӯ поягузорӣ кардааст.

49. **Доро** — шоҳаншоҳи қадими эронзамин буда, дар солҳои 342—330 пеш аз милод салтанат кардааст.

50. **Зардушт** — дар давраи каёнӣ Гуштосп писари Лӯҳросп зуҳур карда, китоби «Занд-Авесто»-ро навишта, оини нав ба миён овардааст.

51. **Зайд ибни Аслам** — яке аз наздикони Умархалифа.

52. **Зубайда** — амакзода ва завҷаи Ҳорунаррашид будааст.

53. **Иброҳими Халилуллоҳ** — яке аз пайғамбарони афсонавӣ буда, ривоят мекунанд, ки ӯ 175 сол зиндагӣ ба сар бурдааст.

54. **Искандар** — лашкаркаши маъруф, писари Файлақус (Филиппи II), ки дар солҳои 356—323 пеш аз милод ҳукмронӣ кардааст.

55. **Исмоил** — писари калонии Ҷаъфар-ис-Содиқ буда, вай пеш аз падар вафот мекунад. Аз ӯ Муҳаммад ном фарзанде мемонад. Аммо имомӣ ба бародари хурдиаш Мӯсо мегузарад, ки гурӯҳи шиёён аз ин саркашӣ намуда, писари Исмоил, яъне Муҳаммадро имоми ҳафтумин шумурда, худро «Исмоилиён» ба қалам медиҳанд.

56. **Исмоилия** — яке аз шохаҳои мазҳаби шеа буда, Исмоил ибни Ҷаъфари Содиқ асосгузори он ба шумор меравад.

57. **Исмоил ибни Аҳмади Сомонӣ** — асосгузори сулолаи Сомониён буда, дар солҳои 287 ҳ. (874 м.)—295 ҳ. (907 м.) давлатдорӣ кардааст.

58. **Исо** — Исо ибни Марьям пайғамбари афсонавии насрониён.

59. **Исҳоқ** — Исҳоқ ибни Иброҳим гӯё фарзанди Иброҳими Халил будааст. Ривоят мекунанд, ки падар Исҳоқро ба қурбонӣ кардан меоварад, ки фариштагон варо наҷот медиҳанд. Дар ривояти дигар Иброҳим писари дигаре ба номи Исмоилро барои қурбонӣ додан меоварад.

60. **Қарматӣ (Қарматиён)** — Маънии луғавии ин истилоҳ — рез будании хат ва ба ҳам наздикии калимоту хат мебошад. Баъзе мегӯянд, ки муассиси ин ҷараён Ҳамдонулашъас пойҳои кӯтоҳе доштааст. Аз ин рӯ «қарматӣ» гуфтаанд. Дигарон меоваранд, ки хаттот Муҳаммади Варроқ бисьёр рез, майда навишта навъи нави

хаттотиро поягузорӣ кардааст. Дар таърихи маданияти мо ҳаракати қарматиён ба ҳаракату амали сиёсӣ — иҷтимоӣ табдил ёфтааст. Ҳаракатҳои озодихоҳии халқ дар зери ливои қарматия анҷом пазируфтааст.

61. **Кайковус** — дуввумин шоҳи сулолаи Каёниён ба шумор меравад. Тасвири корнамоии ӯ дар «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ мавҷуд аст.

62. **Кайхусрав** — сеюмин мулуки Каёниён буда, васфи пурраи он дар «Шоҳнома»-и Абулкосими Фирдавсӣ мавҷуд аст.

63. **Маздак** — ба исьёни зиддишоҳии дар давраи Қубод ба амал омада роҳбарӣ мекунад. Вай бо шиорҳои бародарию баробарӣ баромад мекунад. Вале дар соли 529 м. ба тариқи оммавӣ нобуд сохтани маздакиён ба амал меояд, ки дар ин маврид Маздак низ ба қатл расонда мешавад.

64. **Мансур ибни Нӯҳ** — яке аз шоҳони сулолаи Сомониён буда, дар байни солҳои 962—977 м. ҳукмронӣ кардааст.

65. **Масъуд** — писари Султон Маҳмуд буда, дар соли 425 ҳ. (1034 м.) ба тахт соҳиб мешавад ва дар муҳорибаи соли 429 ҳ. (1038 м.) бо Туғралбек шикаст мехӯрад. Минбаъд нуфузи ӯ паст шудан мегирад.

66. **Маликшоҳ (Абдулфатҳ Ҷалолиддини Маликшоҳ)** — саввумин шоҳи сулолаи Салҷуқиён буда, баъди вафоти падараш 465 ҳ. (1072 м.) соҳибтахт мешавад. Пас аз бист соли ҳукмронӣ дар соли 485 ҳ. (1092 м.) вафот кардааст.

67. **Манучеҳр** — аз шоҳони қадимӣ ва афсонавии эронзамин ба шумор меравад, ки васфи батафсили он дар «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ мавҷуд аст.

68. **Мардовиҷ ибни Заёр** — ҳокими Табаристон буда, дар вақти хуруҷ намудан ба Бағдод соли 323 ҳ. (934 м.) кушта шудааст.

69. **Марвон** — чаҳорумин мулуки Умавия буда, дар соли 624 м. таваллуд ёфтааст. Баъди 10 моҳи ҳукмронӣ дар соли 685 м. вафот кардааст.

70. **Маъмун** — хафтумин халифаи Аббосӣ буда, дар соли 170 х. (787 м.) таваллуд ёфта, солҳои 198—218 ҳ, (813—833 м.) хилофат намудааст.

71. **Маҳдӣ** — сеюмин халифаи Аббосӣ, ки солҳои 158—169 х. (775—785 м.) хилофат доштааст.

72. **Маҷдуддавла (Абӯтолиб Рустам ибни Фахруддавла Алӣ ибни Рукнуддавлаи ибни Бӯя)** — хаштумин шоҳи хонадони оли Бӯя буда, дар соли 387 ҳ. (997 м.) соҳиби тоҷу тахт шудааст. Баъди қариб 33 соли ҳукмронӣ дар соли 420 ҳ. (1029 м.) дар муҳорибаи назди Рай бо Султон Маҳмуди Ғазнавӣ шикаст хӯрда, ҳокимиятро аз даст медиҳад.

73. **Муктадир** — дар солхои 295—320 х. (908—932 м.) хилофат кардааст.

74. **Мутакаллим** — сухандон, суханпардоз, сухангўянда; Сохибони илми каломро меноманд, ки онхо бо далоили аклӣ мавзўи бахсро исбот мекарданд. Хар як акоидро бо хукми далели аклӣ равшан менамуданд ва тарғиб менамуданд.

75. **Мухаммади Мустафо** — асосгузори дини ислом, ки такрибан соли 570 м. таваллуд ёфта соли 633 м. фавтидааст.

76. **Мухаммад ибни Хамидуттой** — дар хангоми задухўрд бо Бобак дар соли 214 х. (829 м.) кушта мешавад.

77. **Мухаммад ибни Ахмад** — Абўалӣ Мухаммад ибни Ахмади Балхӣ шоир буда, дар асри IV хичрӣ зистааст. Вайро муаллифи «Шохнома»-и насрӣ низ мехисобанд.

78. **Муовия** — асосгузори сулолаи Муовия буда, дар солхои 37 х. (658 м.) — 60 х. (679 м.) хукмронӣ намудааст.

79. **Мўсо** — пайғамбари афсонавии яхудиён.

80. **Мўътамид** — понздахумин халифаи Аббосиён буда, соли 229 х. (843 м.) таваллуд ёфта, дар соли 256 х. (869 м.) хилофатро ба даст меоварад. Кариб 23 сол хукмронӣ кардааст.

81. **Мўътазид** — халифае, ки солхои 279—289 х. (892—902 м.) хилофат кардааст.

82. **Мўътасим** — халифае, ки солхои 833—842 м. хилофат дошт.

83. **Наср ибни Ахмад** — саввумин подшохи Сомониён буда, дар солхои 914—943 м. хукуматдорӣ намудааст.

84. **Нўширвон** — писари Кубод ва яке аз шохони сулолаи Сосониён буда, дар солхои 531—579 м. хукмронӣ кардааст.

85. **Нўх ибни Наср** — чахорумин шохи сулолаи Сомониён буда, дар солхои 943—955 м. хукмронӣ намудааст.

86. **Оиша** — духтари Абўбакр ва завчаи Мухаммад, ки солхои 613—678 дар кайди хаёт будааст.

87. **Оли Бармак (Бармакиён)** — хонадони эронӣ, ки ачдоди онон унвони Бармак доштанд. Нахустин вазирони мўътабари хулафои Аббосӣ, яъне Хорунаррашид аз ин хонадон бархостаанд. Аввалин узви мухимми ин хонадон Яхьё ибни Холид ибни Бармак (ваф. 805) аст, ки дар дарбори Аббосиён ўхдадори хукумату вазорат буд.

88. **Оли Сосон** — дар соли 226 м. аз тарафи Ардашери Бобакон писари Сосон таъсис гардида, то соли 652 м. бардавом буд.

89. **Осафи Бархиё** — хаким, донишманд ва вазири ботадбире будааст.

90. **Пирони Виса** — кахрамон ва вазири афсонавии тўронзамин буда, дар давраи Афросиёб даргузаштааст.

91. **Ризвонуллохи алайхумо** — Чояшон бихишт бошад.

92. **Розӣ** — яке аз халифаҳои Аббосӣ, ки дар солҳои 322—329 ҳ. (934—940 м.) хилофат кардааст.

93. **Рофизӣ** — гурӯҳе аз мазҳаби шеа, ки ба Зайд ибни Алӣ такья намудаанд. Бояд гуфт, ки дар зери ливои ин мазҳаб бештар шахсони пешқадами давр гирд омада буданд.

94. **Рустам** — қаҳрамони афсонавии дӯстдоштаи тоҷикон, ки фарзанди ҳокими Систону Зобулистон — Зол писари Сом ибни Наримон будааст. Бо лақаби Рустами Зол ва Рустами Достон машҳур буда, яке аз қаҳрамонони дӯстдоштаи Фирдавсии бузургвор мебошад.

95. **Сабуктегин** — аслан яке аз умарои Мансур ибни Нӯҳ буда, асосгузори сулолаи Ғазнавиён мебошад. Дар соли 357 ҳ. (977 м.) дар Ғазна ҳоким мешавад. Баъди 20 соли ҳукмронӣ дар соли 387 ҳ. (997 м.) вафот кардааст.

96. **Салчукиён** — Асосгузори ин сулола Туғралбек ибни Микоил ибни Салҷуқ буда, дар соли 429 ҳ. (1037 м.) Нишопурро марказ интихоб менамояд. Ҳукмронии хонадони Салҷуқиён то соли 590 ҳ. (1193 м.) давом кардааст.

97. **Сиёвуш** — аз қаҳрамонони афсонавии тоҷикон буда, писари Кайковус мебошад. Таълими Рустами Золро гирифтааст.

98. **Синбод** — Синбоди Габр яке аз дӯстони Абӯмуслим буда, барои ситондани хуни ӯ исьён мебардорад, ки ин шӯриш қисми асосии шимолии Эронро фаро мегирад. Шӯриш дар соли 137 ҳ. (755 м.) ба амал омада, қариб 70-рӯз давом кардааст. Баъд аз пахш карда шудани шӯриш Синбод дар Рай ба қатл расонда мешавад.

99. **Судоба** — зани Кайковус буда, тасвири он дар «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ рафтааст.

100. **Сулаймон ибни Абдумалик** — дар солҳои 96—99 ҳ. (715—717 м.) хилофат доштааст.

101. **Сулаймон ибни Довуд** — аз пайғамбарони афсонавие, ки гӯё дар соли 962 ё худ 796 пеш аз милод вафот карда бошад.

102. **Султон Туғрал** — асосгузори сулолаи Салҷуқиён ба ҳисоб рафта, дар солҳои 429—455 ҳ .(1038—1063 м.) давлатдорӣ кардааст.

103. **Султон Маҳмуди Ғазнавӣ** — дар солҳои 997—1030 м. давлатдорӣ кардааст.

104. **Султон Баркаёрик** — солҳои1092—1102 м. ҳукуматдорӣ кардааст.

105. **Сосониён** — бо сардории Исмоил ибни Аҳмад ибни Асъад ибни Сомон дар соли 287 ҳ. (875 м.) давлати мутамарказн тоҷикон барқарор гардида, охирин шоҳи ба назар намоёни ин сулола Абдумалики Сонӣ ибни Нӯҳ (389 ҳ. 999 м.) мебошад.

106. **Сом** — қаҳрамони қадимии халқи эронзамин, ки бобои Рустами Зол ва писари Наримон будааст.

107. **Сосониён** — хонадони Сосонӣ, ки солҳои 224—652 вуҷудиёт доштаанд.

108. **Соҳибулҳол** — Закаруяи Соҳибулҳол яке аз мубориони зиддихалифа буда, дар асри IX зуҳур кардааст.

109. **Таърихи Табарӣ** — асари машҳури Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ буда, онди таърихи олам ба забони арабӣ навишта шудааст. Ин асар аз ҷониби Абуалӣ Балъамӣ ба забони тоҷикӣ гардонда шудааст.

110. **Туғрал** — Туғралбек мулаққаб ба Рукнуддин яке аз муассисони сулолаи Салҷуқиён, ки солҳои 1037—1063 ҳукмронӣ намудааст.

111. **Туғон** — мулаққаб ба Шарафуддавла чаҳорумин тан аз подшоҳони еликхонӣ буда, солҳои 403—408 ҳиҷрӣ ҳукуматдорӣ кардааст.

112. **Умар** — дуюмин халифа буда, дар солҳои 634—644 м. хилофат кардааст.

113. **Унсурӣ** — Абулқосим Ҳасан ибни Аҳмад, шоири намоёни тоҷику форс буда, соли 431 ҳ. (1039 м.) вафот кардааст.

114. **Фахруддавла** — Абулҳасан Алӣ ибни Рукнуддавла Ҳасан ибни Бӯя соли 341 ҳ. (952 м.) таваллуд ёфта, дар Ҳамадон ҳукмронӣ кардааст. Дар соли 387 ҳ (997 м.) дар Исфаҳон фавтидааст.

115. **Фиръавн** — шоҳи қадими Миср, ки пеш аз милод салтанат кардааст.

116. **Хисрави П (Парвиз)** — шоҳаншоҳи сулолаи Сосониён буда, дар солҳои 590—623 м. ҳукмронӣ намудааст.

117. **Хисрав, Ширин, Фарҳод** — қаҳрамонони қиссаи бостонии халқи тоҷик мебошад, ки баъдҳо шоирон дар асоси он достонҳои зиёде офаридаанд.

118. **Шамъун** — падари Марияи Қибтиро меноманд. Марияи Қибтӣ гӯё модари Иброҳими Халил аст.

119. **Шофей** — Муҳаммад ибни Идрис ибни Аббос ибни Усмон, ибни Шофеъ, ки бо кунияи Абӯабдулло машҳур аст, яке аз аимаи чаҳоргонаи аҳли Сунат буда, солҳои 767—830 зиндагӣ кардааст. Вай муассиси фирқаи шофеия мебошад.

120. **Шуайб** — Дар «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ омада, ки Дороб бар тозиёни зери фармони Шуайби Қутайб буданд, ғалаба кард. Ғайр аз ин хуросониён таҳти фармони Абӯмуслим бар арабҳо ғолиб шуданд. Арабҳо ин воқеаро дӯст надошта, ин қиссаро сохтаанд. Албатта исми Қутайбро ба ёди он марди мавсум ба Қутайба ибни Муслим интихоб кардаанд.

121. **Яздгурд** — шоҳаншоҳи Сосониён, ки дар солҳои 399—420 м. ҳукмронӣ кардааст.

122. **Яъқуб ибни Лайс** — дар соли 873 м. Нишопурро ишғол намуда, давлати Тоҳириёнро аз байн мебарад ва солҳои зиёд ба муқобили хилофат меҷангад.

123. **Қубод** — шоҳаншоҳи хонадони Сосониён, ки дар солҳои 488—531 м. давлатдорӣ намудааст.

124. **Қорун** — яке аз бойҳои афсонавӣ, ки гӯё ӯро бо молу мулкаш замин фурӯ бурдааст.

125. **Ҳамза** — яке аз лашкаркашони бомаҳорати Муҳаммад буда, дар соли 3 ҳ. (625 м.) ба қатл расонда шудааст.

126. **Ҳасан** — фарзанди калонии Алию Фотима буда, дар соли 49 ҳ. (669 м.) дар синни 46-солагӣ ба қатл расонда шудааст.

127. **Ҳайдар ибни Ковус** — бо лақаби Афшин машҳур буда, дар соли 221 ҳ. (836 м.) ба муқобили Бобак сафарбар карда шудааст.

128. **Ҳусейн ибни Алӣ** — дар соли 61 ҳ. (680 м.) ба қатл расонда шудааст.

129. **Ҳусайн ибни Алии Марврудӣ** — яке аз тарғиботчиёни ҳаракати қарматия ва сипаҳсолори намоёне буда, дар соли 306 ҳ. (918 м.) аз тарафи Сомониён ҳабс карда мешавад. Гӯё дар ҳабсхона дар соли 930 м. вафот кардааст.

130. **Ҳорунаррашид** — панҷумин халифаи Аббосӣ, ки дар соли 148 ҳ. (765 м.) таваллуд ёфта, дар соли 193 ҳ. (809 м.) вафот кардааст.

131. **Ҳошим ибни Ҳаким** — бо лақаби Муқаннаъ машҳур буда, ба муқобили хилофати арабҳо мебароянд. Ба шӯриши дар соли 776 м. ба амал омада сардорӣ мекунад. Соли 783 м. лашкари Муқаннаъ пароканда мешавад ва ӯ бо роҳи худкушӣ ҳаёташро ба охир мерасонад.

132. **Ҳотами Той** — қаҳрамони афсонавии тоисломӣ, ки бо доду диҳиш машҳур гаштааст.

133. **Ҷаъфари Бармакӣ** — вазири Сулаймон ибни Абдулмалик буда, дар соли 187 ҳ. (803 м.) дар синни 38-солагӣ ба қатл расонда шудааст.

134. **Ҷуғро (Чағро)** — бародари Туғрал ва падари шоҳ Алпарслон будааст.

135. **Ҷомосп** — ҳакими қадими эронзамин, ки дар давраи каёнии Гуштосп зиндагӣ карда, мазҳаби зардуштиро қабул намудааст.

# ЛУҒОТ

**Авон** — посбон, маъмур; **авонон** — яъне маъмурони кори давлатӣ.

**Азаб** — муҷаррад.

**Азл** — аз кор боздоштан, ҷудо кардан.

**Азъоф** — дучандон, беш, зиёдтар.

**Акнод** — канорҳо.

**Акосира** — ҷамъи кисро, яъне хусравон.

**Алавиён** — алипарастон.

**Алам** — байрақ.

**Алассабоҳ** — пагоҳии барвақт.

**Алвон** — ҷамъи лавн, гуногун, ҳар навъ.

**Алиёзубиллоҳ** — худо нигоҳ дорад.

**Алония** — ошкор.

**Алқоб** — ҷамъи лақаб.

**Амал** — орзӯ.

**Амвол** — ҷамъи мол, дорой, боигарӣ.

**Амири Одил** — лақаби Исмоил ибни Аҳмади Сомонист.

**Амм** — амак.

**Амри маъруф ва наҳйи мункар** — яъне корҳои карданӣ ва нокарданӣ.

**Амсила** — ҷамъи мисол; фармонҳо.

**Анф** — дуруштӣ.

**Арз дод** — дар матн ба маънии ошкор сохт, намоиш дод омадааст.

**Арзоқ** — ҷамъи ризқ.

**Асас** — шабгард.

**Афаллаҳ** — худо нигоҳ дорад.

**Аъмол** — ҷамъи амал.

**Айёр** — зирак, доно.

**Аййма** — пешвоён, имомон, авлоди пайғамбар.

**Айюҳалқозӣ** — ҷаноби қозӣ.

**Ақор** — асбоби хона, чизу чораи хона, мулк.

Акрон — ҷамъи карин, ҳаммонандон.

Аҳли байт — суннатиён.

Аҳли зимма — мардуми ғайриисломиро меномиданд, ки онҳо дар мамлакати исломиён зиндагӣ мекунанд.

Аҳли ситр — занон.

Аҷал — бузургвор, замон; муддат, мӯҳлат.

Аҷзу нармгардонӣ — заифу нотавон вонамуд сохтан ва инчунин мулоиматӣ кардан, хушмуомилай.

Аҷр — музд.

Ба байъат машғул шудан — аҳду паймон кардан.

Бавотина — ботиниён.

Бадра — кисаи пулгузорӣ, ҳамьён.

Бадрақа — раҳбарӣ; нигаҳбонӣ; посбон.

Байъат — хонавода.

Байёъ — фурӯшанда, савдогар, байгузор.

Байтулмол — ганҷина; хазинаи мамлакат.

Балиғ — расо, дурустакак.

Бар вай фитна шуд — яъне ба вай ошиқ шуд.

Барг — захираи сарбозон, захира.

Барда — ғулом, асир.

Барзгар — деҳқон.

Барид — қосид, чопор.

Баридон бардоштанд — яъне қосидон хабар оварданд.

Бармекашид — яъне месанҷид.

Барот — ҳуҷҷат.

Бар сабили...— барои, баҳри...

Бар саҳро — дар байн.

Ба саҳро — яъне ба майдони кор.

Басиҷидан — муҳайё, омода.

Бастат — васеъ, беш, ҳудуди зиёд.

Ба таг хост — тез давид.

Ба тариқи бародар равад — яъне мисли Яъқуб қасди халифа кунад.

Баттолат — ҳарзагӯӣ, ёвагӯӣ.

Ба фол гирифтан — дӯст доштан, нек шумурдан.

Баҳр — гурӯҳ-гурӯҳ.

Беш наёмада — яъне дер накарда.

Бизоат — сармоя, дороӣ.

Бикушод — забт кард.

Бодофра — азобу шиканҷа.

Бор додан — рӯзи қабул оростан, таклиф кардан, маҷлиси қабул оростан.

Борик — дақиқ, эҳтиёткорона.

Ботинният — тоифае аз шеимазҳабон.

Ботинӣ кардан — ба мазҳаби ботинӣ даровардан.

Беяд кӣ қуззоти подшоҳ ба тани хеш кардан — яъне қозиёни шоҳ бояд шахсан ҳукм бароранд.

Бурок — як навъ асб.

Буш — ёли асб.

Бӯқ — наи калоне, ки дар қадим ҳангоми лашкаркашӣ менавохтанд.

Вадиат — амонат.

Вазеъ — нокас, паст.

Вараъ — парҳезгор, порсо, нек.

Вом — қарз.

Вусоқ — хона.

Вуҳуш — ҷамъи ваҳш, яъне ваҳшиҳо.

Вуҷӯҳ — ҷамъи ваҷҳ, ҷиҳат.

Гавз — чормағз.

Ганҷақабо — ҷомаи аз матои шаҳри Ганҷа дӯхташуда.

Гаргин — ба касалии гар гирифторшуда.

Гул — яъне май.

Гӯи маро — ҷавоби маро, пурсиши маро.

Хизлон — дармондагӣ, хорӣ, бебаҳрагӣ.

Дабус (даббус) — гурзи оҳанӣ, оҳанин.

Дамоъ — ҷамъи дамъ, хун.

Дарамна — гиёҳи биёбонӣ, ки буттаи онро ҳамчун ҳезум истифода мебаранд.

Дари дӯкон барниҳодан — дӯконро пӯшондан, маҳкам намудан, қулф кардан.

Дафина — ганҷ, пул ё чизи дигар, ки пинҳон карда бошанд.

Даҳ падари ӯ — яъне даҳ пушти вай.

Дег бирасид — яъне хӯрок пухт.

Димор — ҳалок, қасд.

Диранг — суботу оромӣ.

Донге — чаҳорьяки дирамро мегуфтанд; ҳиссаи ночизе.

Доӣ — тарғибкунанда, унвони тарғибкунандаи мазҳаби исмоилиро гӯянд.

Дувол — тасма, чарм.

Забиб — мавиз.

Забони фузулиён — суханони маддоҳона; лофзанон.

Заим — раис, бузург.

Зайъ — нобудшавӣ, зарар.

Зайъат — замини зироатӣ.

Замон — ӯҳдадорӣ.

Замонаи бемор — яъне замонаи номусоиду пурошӯб.

Занданиҷӣ — порчае, ки дар деҳаи Занди Бухоро мебофтанд, матоъ.

Занн — фикр, андеша, гумон.

Занодиқа — ҷамъи зиндиқ, бединҳо.

Зароиф — зебо, хуш, чизу чораи хуб.

Заҷр — манъ.

Зиёъ — ҷамъи зайъат, замини ғаллахез, замини ҳосилхез.

Зония — дашном, бадгӯй.

Зуасл — боасл, асилзода.

Ибоҳат — муштарак донистани чизу чора, якҷоя; мазҳаби маздакиёнро меноманд.

Ибра — хироҷи мулк.

Ибқо кардан — боқӣ гузоштан.

Идрор — харҷ; вазифа, рутба; такаллуф.

Изоъ — азият, танбеҳ.

Икроҳ — маҷбурӣ, қатъӣ.

Илзом — ӯҳдадор, вазифадор.

Имтиноъ — худдорӣ, саркашӣ.

Инбисот — ҳуқуқдорӣ, ихтиёрдор, наздикӣ.

Иртифоъ — бузургӣ; Дар матн ба маънии тарз омадааст; ҳосил ҳосилғундорӣ.

Исбот — ба маънии қабила, хонадон омадааст.

Истабл — аспхона.

Истеҳқоқ — бузургӣ, ҳуқуқдор.

Истизҳор — пушту паноҳ; ёрдам.

Истихфоф — гирифтан, фатҳ намудан; сабукӣ, хорӣ; шармандагӣ: сабукрафторӣ; беэътиноӣ; беэътиборӣ, беадабӣ.

Истишъор — ҳарос, тарсу бим.

Истиғфор — омурзиш хостан, афв пурсидан.

Истиқомат — ростӣ.

Итлоқ — раҳм, муайян.

Ифрот — зиёд, бисьёр.

Ифшо ёбад — ошкор шавад, фош гардад.

Иғмоз — чашмпӯшӣ, нодида.

Иқтоъ — ҷамъи қитъа. Замине, ки дар қадим подшоҳон ба касон вогузор мекарданд.

Қалим — ҳамсӯҳбат.

Қам мин фиатин қалилатин ғалабат фиатан касиратан бизниллоҳи вааллоҳу маассобирина — Бисьёр дида мешавад, ки лашкари кам бар лашкари беш ғолиб омадааст.

Қароҳат — нохуш, норозӣ, нописанд.

Қасир — бисьёр, беш.

Каффора — он чи ба василаи он гунохро бипӯшонанд, боздоранда.

Қаҳл — марди миёнсол.

Кеш — порчаи катонӣ, ба маънии ягон навъ либос омадааст.
Қозур — ҷомашӯй.
Кори гил — ба маънии кори паст омадааст, гилкорӣ.
Кунният — лафзе, ки бад-он шаҳсро хонанд.
Курроса — дафтар, навиштаҷот.
Курҳ — нописандӣ: Ин ҷо ба маънии ба зӯрӣ омадааст.
Кӯчибулуч — номи ҷой, маҳалла.
Лағв — ҳарза, лофзанӣ.
Лаҷоҷ — ситеза кардан.
Ликуллӣ аммалин риҷолу — ҳамаи бузургони амал дошта бошанд.
Лобуд — ногузир, ночор.
Мабзул — бахшидашуда.
Мавоҷиб — ҳақ, музди моҳона ё солона.
Маврус — моле, ки ба тариқи мерос мемонад; мерос.
Мадҳал — дохил.
Мазаррат — зарар, газанд, зиён.
Мазид — афзунӣ.
Мазлама — гуноҳ.
Мазолим — яъне додгоҳ; рӯзи додхоҳӣ.
Мазореъ — заминҳои киштукор, заминҳои зироатӣ.
Макҳур — шикастхӯрда.
Маллоҳ — дарьёнавард.
Мало — ошкоро, равшан.
Малъун — рондашуда, нафриншуда.
Манзалат — мақом, дараҷа.
Манот — номи бутест дар Ҳиндустон. Ҳангоме ки инглисҳо соли 1842 Ғазнаро фатҳ намуданд, ин бутро баргардонданд, то ки дили бараҳманонро ба даст оранд.
Маншур — фармони подшоҳӣ.
Марой — чарогоҳ.
Марсум — фармон; музд, ҳақ.
Маснаъ — обанбор.
Масоф — ҷамъи масаф, майдони ҷанг, саф оростан.
Матвоъ — фармонбардор.
Матраҳ — ҷои нишаст, ҷои барои нишастан оросташуда.
Махуф — хавфнок, воҳиманок.
Маъзул — бекор, аз кор рондашуда.
Маъзул кардан — рондан, аз вазифа пеш кардан.
Маъсият — гуноҳ.
Мағфират — бахшоиш.
Мақрима — қолинча.

Мекандам — Дар матн ба маънии тороҷ мекардам, ҳукмронӣ менамудам омадааст.

Месиголид — яъне фикр мекард.

Меҳин — бузург; падари меҳин — падаркалон.

Меҳрҷон — Меҳргон: номи ҷашни қадимии тоҷикон, ки дар фасли тирамоҳ қариб панҷ рӯз ид мекарданд.

Меҳтардеҳ — сарвари деҳа, раиси деҳа.

Мисол — яъне фармон.

Моддати эшон — ҳастию асли онҳо; ба маънии тухми онҳо омадааст.

Мозеҳ — масхарабоз.

Мозу — чормағз.

Мозӣ — гузашта.

Молихӯлиё — навъе аз касалӣ.

Моҳазар — хӯроки дар бисот буда, чизи хӯрданӣ: ғизо, хӯрок.

Муаввал — устувор, пойдор.

Мубтадеъ — яъне бидъаткор, аҳли бидъат.

Мубтадӣ — тозакор, навомӯз, ибтидокор.

Мудбар — бадбахт.

Муддаӣ — даъвокунанда.

Музахраф — беҳуда, назарфиреб, бардурӯғ.

Музаҳҳаб — тиллокорӣ кардашуда.

Музояқат — сахтгирӣ.

Муид — омода, комилан омода, тайёр.

Муил — оиладор.

Мукавкаб — навъе аз лагом.

Мукобара — изҳори кибр кардан; Дар матн ба маънии зӯран, ба зӯрӣ омадааст.

Мулаббас — либосдор, ҷомадор; ороста.

Мулотифа — лутфу меҳрубонӣ изҳор кардан.

Мултафа — лутфхоҳӣ.

Мулҳид — бедин, зидди худопарастӣ.

Мункар — нохуш, бад.

Мунодӣ — нидокунанда, ҷорзананда.

Мунсиф — боинсоф.

Мунтааззир — узроваранда; ба маънии камбудӣ, норасоӣ омадааст.

Мунқод — фармонбардор.

Мунҳазим — шикастхӯрда.

Мунҳасир шудан — барқарор гирифтан, таъин шудан.

Мунҳӣ — хабардиҳанда, огоҳкунанда.

Муоянда — бо чашм, айнан.

Мурассаъ — ҷавоҳирнишон, гавҳарнишон, ороиш.

Муракқаъ — ҷомаи дарвешона.

Муроот — нигоҳбонӣ кардан, риоят кардан.

Муртафеъ — олӣ, қиматбаҳо.

Мусаллат — ғолиб; чира, фармонфармо.

Мусалло — ҷойнамоз, ҷои намозхонӣ.

Мусаххар — рому фармонбардор; мутеъ; мағлуб.

Муслеҳ — некӯкор.

Муставлӣ — ғолиб.

Муставфӣ — ҳисобдори хазина.

Муставҷиб — сазовор, лоиқ.

Мустазҳар — дилгарм.

Мустаъсал — бенаво, бечора.

Мустағал — ҷои ғаллакорӣ; дӯкон; хона.

Мустаҳиқ — сазовор; эҳтиёҷманд, муҳтоҷ.

Мусҳаф — китоб, ба маънии «Қуръон» низ меояд.

Мутавотир — паёпай, пайҳам, доимӣ.

Мутазаллим — гирифтори зулм гардида; мазлум.

Мутанаккир — ношинос, шинохтанашаванда.

Мутаарриз — нақшу нигордиҳанда, ҷомадӯз.

Мутасарриф — мулкдор.

Мутаҳаввир — бебок, нотарс, далер.

Мутаҳҳар — пок, покшуда, покиза.

Мутолиа — аз мутталеъ — хабардорӣ, ба маънии нигаҳдорӣ, ҳокимӣ омадааст.

Муфоракат — ҷудо шудан, ҷудоӣ, дурӣ.

Муфрад — яккачин, посбонони махсус.

Муфсид — табоҳкунанда, бадкор, фасодкор.

Мӯшаъбидӣ — маккорӣ, найрангбозӣ.

Мушир — машвараткунанда.

Мушофаҳат — бо ҳам рӯ ба рӯ сухан гуфтан, гуфтугӯ кардан.

Мушоҳара (мушоҳира) — моҳона, маош, музди кор.

Мушрик — ягонагии худоро эътироф намекунад.

Муқаттаъ — ба қитъаҳо ҷудошуда; тақсимшуда. Дар матн ба маънии борҳо, гашта-баргашта омадааст; соҳиби маҳалла, соҳиби қитъа.

Муқбил — соҳибиқбол, хушбахт.

Муқир — иқрор.

Муқовимат — зиддият.

Муҳаззиб — пок. хушахлоқ.

Муҳосаб — ҳисобкунанда.

Муҷовир — ҳамсоя, наздикон.

**Муҷрим** — гуноҳкор.
**Мӯътамад** — соҳибэътимод, боваринок.
**Мӯътариф** — эътирофкунанда.
**Мӯҳдас** — нав пайдошуда, чизи маъруф набуда.
**Мӯҳтасиб** — нигоҳбон, маъмур, ҳоким.
**Мӯҳтол** — ҳилагар.
**Навбат** — мартаба, навохтани кӯсро низ гӯянд, ки дар замони Искандар дар як шабонарӯз се навбат мезаданд ва дар замони Султон Санҷар ба панҷ навбат расонда шудааст.
**Нагаштандӣ** — яъне нагардондӣ, накардӣ.
**Назъ** — ҷон кандан, ҷон додан.
**Накол** — сазо.
**Насақ** — тартиб.
**Наузабиллоҳ** — худо нигоҳ дорад, худо накунад.
**Нафазауллоҳу таоло** — фармудаи худо.
**Нақиб** — сарпараст, сардор.
**Наҳй** — боздоштан, манъ кардан аз кори бад.
**Наҳс** — бадбахтӣ.
**Нишон** — нома, иншо.
**Новакиён** — яъне лашкариён.
**Номзад кардан** — ҳамроҳ намудан.
**Ноқид** — нақдсоз, хазинадор; заршинос, пулшинос.
**Нудамо** — надимон; ҳамнишинон, мусоҳибон.
**Нузл** — эҳсон.
**Нусхат** — навишта, хат.
**Нуҳусат** — шумӣ, бадахтарӣ,
**Одоби наҳв** — қонуну қоидаи забон, грамматика.
**Озарм** — ба маънои иззату эҳтиром омадааст.
**Омили садақот** — ба маънии андозғундор омадааст.
**Орӣ** — бараҳна. Ба маънии холӣ омадаст.
**Оҷур** — хишт.
**Ракик** — беҳиммат, бахил.
**Ранг** — макру ҳила.
**Раоё** — ҷамъи раият.
**Рафеъ** — баланд.
**Раъно** — худбин; гӯл.
**Раъюлайн** — мушоҳида, чашми ақл.
**Раҷъат** — бозгашт.
**Рикоб** — пиёла, ҷом; асби савора; ӯзангу.
**Риоят** — нигаҳдорӣ, посбонӣ.
**Рифъат** — бузургворӣ, баландқадрӣ.
**Росих** — устувор.
**Ротиб** — намдор, тар, ченак, миқдор, андоза.

Руасо — ҷамъи раис, сарвар, сардор.
Рукӯй (рукӯк) — карбос, латта.
Рутбат — бузургвор, болаёқат.
Руфӯ — дӯхтан, ямоқ андохтан.
Рӯзбон — дарбон, посбон.
Сабте — фарзандзода, набера.
Савб — навъ, хел.
Савоъ — ғайр, ҷуз; шаҳр.
Садид — устувор, рост, дуруст.
Саду сию ҳафти ҳиҷрӣ — мутобиқи 754 милодӣ.
Сайёф — шамшерзан:
Салим — солим, дуруст, ҳақ; некӯфикр.
Самар — афсона.
Самоъ кашидан — навохтан.
Сардоба — хонаи зеризаминӣ.
Сарир — тахт.
Сарро ба ҳадья фиристодан — нобуд сохтан, нест кардан.
Саршақбон — яъне роҳзанон.
Сафоҳат — нодонӣ, беақлӣ.
Сахтан — баркашидан.
Саъд — хушбахтӣ.
Сағр — сарҳад.
Сақат гуфтан — бад гуфтан, дашном додан.
Саҳоба — ҳамроҳӣ, ёрӣ, ёрон.
Сиддиқа — меҳрубон, дурусткор.
Силлат — ҷоиза, тӯҳфа, инъом.
Ситр — парда, хона.
Сияр — роҳу равиш; оину суннат.
Собот — долон, ғорҳое, ки роҳзанон месохтанду ҳамчун паноҳгоҳ истифода мебурданд.
Соил — гадо; пурсанда.
Соли 162 ҳиҷрӣ — мутобиқи соли 778 милодӣ.
Соли 212 ҳиҷрӣ — мутобиқи соли 828 милодӣ.
Соли 218 ҳиҷрӣ — мутобиқи соли 833 милодӣ.
Соли 280 ҳ. — яъне соли 893 м.
Соли 295 ҳиҷрӣ — мутобиқи соли 908 милодӣ.
Соли 317 ҳиҷрӣ — мутобиқи соли 930 милодӣ.
Соли 485 ҳиҷрӣ — мутобиқи соли 1092 милодӣ.
Судоъ — дарди сар.
Сулаҳо — (ҷамъи солеҳ) некӯкорон.
Сулб — мустаҳкам, боимон, устувор.
Суннат — одат.
Сунъ — яъне сунъӣ; сохта.

Сурра — ҳамьён.

Сутудон — мақбара.

Сутур — ҳайвон, чорпо; асб, хар.

Сутӯҳидан — бетоқат шудан, ба танг омадан.

Суюф — ҷамъи сайф — шамшерҳо.

Сӯманот — номи буткадае дар Ҳиндустон.

Тааммул — андеша.

Тааҳҳуд — ӯҳдадорӣ, нигаҳбонӣ.

Тавлият — парасторӣ, волӣ, ӯҳдадор.

Тавозеъ — фурӯтанӣ, фармонбардорӣ.

Тавоф — гардиш.

Тавфиз кардан — супоридан.

Тавфир — тафовут; зиёдаравӣ.

Тавфир намудан — афзудан, ба маънии ташвиқ намудан омадааст.

Тавъ — фармонбардорӣ, ихтиёрӣ; чизҳои зарурӣ.

Тадорук — тайёр кардан, омода сохтан, чорабинӣ.

Тазаллум — додхоҳӣ, шикоят.

Тазаррӯъ — зорӣ кардан.

Тай — гарданда.

Тайиб — пок, покиза.

Тайласон — ҷомаест, ки ҷанговарон дар қадим мепӯшиданд. Қифтпӯшак; чодар.

Так — зуд, тез.

Такаллуф — бомашаққат; душвор.

Такаллуф кардан — меҳмондорӣ кардан.

Талофӣ — подош, иваз додан.

Талоя — пешравон ё дидбонони лашкар.

Тамарруд — гарданкашӣ, саркашӣ.

Танаббӯҳ — ҳушьёрӣ, огоҳӣ.

Тароиф — молҳои қиматбаҳо, зару зевар.

Тарфатулайн — ба як ҷашмак задан, ба маънии асло, заррае омадааст.

Тасвиғ — равон кардан; ба маънии хароҷот омадааст.

Тафаҳҳус — тафтиш.

Тафаҳҳус кардан — донистан.

Тафвиз — супурдани кор ба касе, бахшидан.

Тафзил — бартарӣ.

Тафриқа — пароканда сохтан, тақсим.

Тафҳим — фаҳмондан.

Тахлит кардан — дар ҳам омехтан, якҷоя шудан.

Ташвир (ташвирзада) — парешонӣ, ошуфтагӣ; шарм.

Таъбия — оростан, омода кардани лашкар; омодагӣ, тайёрӣ.

Таъдиб — адаб, танбеҳ, ҷазо.

Т а ғ о б у н — афсӯс, пушаймонӣ.

Т а қ а р р у б ӣ — наздикӣ пайдо намудан.

Т а қ р и р  к а р д а н — қарор додан.

Т а ҳ а в в у р — густохӣ, бепарвоӣ.

Т а ҳ в и л — супоридан.

Т а ҳ л и л  х о н д а н — лоиллоҳу илаллоҳ гуфтан.

Т а ҷ а м м у л — ороста, худоройӣ.

Т а ҷ а с с у с — тафтиш кардан.

Т и б а т — шӯхӣ, хуштабъӣ.

Т и б о ъ — табиат; аҳли тибоъ — табиатшиносон.

**Т и р о з** — равиш, тариқ.

Т у ю р — ҷамъи тайр, яъне паррандаҳо.

Т ӯ з — тохту тороҷ; пӯсти дарахте, ки аз он нах, ришта мебофтанд.

У д у л — ҷамъи одил, одилон.

У л в ӣ — бузургону фозилон.

У м м о л — коркунон, коргузорон, пешкорон; гумоштагон, ҷамъи омил, амалдорон.

У м м о ш  м у а т т а л — амалдори бекормонда.

У н ф — қаҳр, зӯрӣ.

**У р ф** — некӣ.

У ю н — ҷамъи айн, чашмҳо.

Ф а б и ҳ о  в а  н и а м о — хубу шоиста.

Ф а в о и д — манфиат.

Ф а р и з а — ӯҳдадор, хайр.

Ф а р м о н  ё ф т а н — Дар матн ба маънии фавтидан, мурдан омадааст; дар ҷои дигар ба маънии ҳукмрон шуд омадааст.

Ф а р о д о р — баландсоз, ғолиб.

Ф а р о з — ҷамъ, фароҳам.

Ф а р ъ — шоха; ба маънии ғайри асл омадааст.

Ф а с а д — ранг задан.

Ф а т в о — ҳукми ҳокими шаръ, ҳуҷҷат.

Ф и т р о к — тасмае, ки аз пасу пеши зини асб овезанд; тасмаи борики зин, ки ба он ҳар чизро мебанданд.

Ф у з у л ӣ — худсарӣ.

Х а б б о з — нонво, нонпаз.

Х а в о р и ҷ — мазҳаби шеӣ ва номи гурӯҳи мусулмононе, ки зидди хилофат баромадаанд, ҷамъи хориҷа, хориҷиён.

Х а з л о н — дармондагӣ, хорӣ кашидан.

Х а й л — лашкар; ҷамоат: авлод.

Х а л а д а л л а ҳ у  м у л к а ҳ у — мулкаш бардавом бод.

Х а л а қ — кӯҳна, жанда, халақ шудааст — яъне нест шудааст.

Х а м с у  х а м с и н  в а  м а ъ т и н — яъне 255 ҳиҷ. (869 м.)

Х а с ӣ — ахта.

Хошимӣ — яъне шахсеро гӯянд, ки аз қабилаи араб, Хошим, бошад. Хошим ном қабилаи машхуре дар арабон вуҷуд дорад.

Хоҷиб — дарбон.

Ҷазм — устувор, қатъӣ.

Ҷазъ — мӯхраи ямании, сангест сиёҳ ва дорои холҳои сафед.

Ҷаммоз — даванда, шутури тезгард, шутурсавор.

Ҷарас — занг, амири ҷарас — амири махбусон, амири зиндониён.

Ҷибол — ҷамъи ҷабал, кӯҳҳо.

Ҷоҳилият — давраи пеш аз исломии мардуми арабро гӯянд.

Ҷубба — ҷома, ҷелак, яктаг.

Ҷуллоб — шарбат, гулоб.

Ҷурм — гуноҳ.

*Низомулмулк*

**СИЁСАТНАМЕ**

*(на таджикском языке)*

Ороиши *М. Собиров*
Муҳаррири ороиш *А. Муҳаммадиев*
Муҳаррири техникӣ *М. Саидова*
Мусаҳҳеҳ *О. Исматӣ*

**БИ № 322**

Ба матбаа 29. 09. 88 супурда шуд. Ба чопаш 04. 04. 89 имзо шуд. Формати 84×108$^{1}/_{32}$. Қоғази типографии № 2. Гарнитураaш адабӣ. Чопаш барҷаста. Ҷузъи чопии шартӣ 10,5. Ҷузъи рангаи шартӣ 10,71. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 11,04. Адади нашр 25000. Супориши № 1800. Нархаш 1 с. 10 тин.

Душанбе, нашриёти «Адиб», кӯчаи Рӯдакӣ, 33.

Комбинати полиграфии Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб.

Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.